**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН**
**ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ**

**ISSN 2617-5320**

# ПАЁМИ
# ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ

# ВЕСТНИК
# ИНСТИТУТА РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ

# BULLETIN
# OF THE INSTITUTE OF DEVELOPMENT OF EDUCATION

***Силсилаи илмҳои педагогӣ ва психологӣ***
***Серия педагогических и психологических наук***
***Series of pedagogical and psychological sciences***

***Маҷаллаи илмиву методӣ соли 2012 таъсис ёфтааст***
***Научно-методический журнал основан в 2012 году***
***Scientific and methodical journal was founded in 2012***

***2019, №2 (26)***

**ПАЁМИ ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ**

(Маҷаллаи илмиву методӣ)

***Муассис:*** *Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**ВЕСТНИК ИНСТИТУТА РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ**

(Научно-методический журнал)

***Учредитель:*** *Институт развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана Министерства образования и науки Республики Таджикистан*

**BULLETIN OF THE INSTITUTE OF DEVELOPMENT OF EDUCATION**

(Scientific and methodical journal)

***Founder:*** *Institute for educational development named after Abdurrahman Jami of the Academy of Education of Tajikistan of Ministry of Education and Science of the Republic of Tajikistan*

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.
Журнал издается на таджикском, русском и английском языках.
The journal is published in Tajik, Russian and English.


| | | | |
|---|---|---|---|
| **Сармуҳаррир**<br><br>**Главный редактор**<br><br>**Chief editor** | **Зиёӣ Хуршед Махшулзода**, доктори илмҳои фалсафа, профессор, директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ | **Зиёи Хуршед Махшулзода,** доктор философских наук, профессор, директор Института развития образования имени А. Джами АОТ | **Ziyoi, Khurshed Makhshulzoda,** doctor of philosophical Sciences, Professor, Director of Institute of development of education named by A. Jomi AET |
| **Муовини сармуҳаррир**<br><br>**Зам. главного редактора**<br><br>**Deputy editor** | **Туронов Султонмурод Шарофович,** номзади илмҳои педагогика, муовини директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ | **Туронов Султонмурод Шарофович,** кандидат педагогических наук, зам. директор Института развития образования имени А. Джами АОТ | **Turonov Sultonmurod Sharifovich,** candidate of pedagogical Sciences, Deputy Director of the Institute of development of education named by A. Jomi AET |
| **Котиби масъул**<br><br>**Отвественный секретарь**<br><br>**Responsible Secretary** | **Каримзода Мирзобадал,** номзади илмҳои филология, муовини директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ | **Каримзода Мирзобадал,** кандидат 7филологических наук, зам. директор Института развития образования имени А. Джами АОТ | **Karimzoda Mirzobadal,** candidate of philological Sciences, Deputy Director of the Institute of development of education named by A. Jomi AET |


***Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.03.2019 ворид шудааст.***
***Журнал входит в Перечень рецензируемых научных журналов ВАК при Президенте Республики Таджикистан от 28.03.2019 г.***
***The journal is included in the List of reviewed scientific journals of the higher attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan from 28.03.2019.***

*Маҷалла ба манбаи маълумоти Индекси иқтибосҳои илмии Россия ворид карда шудааст.*
*Журнал включён в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).*
*The journal is included in the database Of the Russian science citation index*

ISSN 2617-5320

**Индекси обуна: Индекс подписки: Subscription index:** **77772**

© ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ, 2019
©ИРО имени Абдурахмона Джоми, 2019
© IDE named Abdurahmon Jomi, 2019

**Ҳайати тахририя: Члены редколлегии: Members of the editorial Board:**

| | | | |
|---|---|---|---|
| **Зиёӣ Х. М.** 09.00.00 | доктори илмҳои фалсафа, профессор | доктор философских наук, профессор | doctor of philosophy, Professor |
| **Каримова И. Х.** 13.00.01 | доктори илмҳои педагогӣ, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор | доктор педагогических наук, академик Академии образования Таджикистана, профессор | doctor of pedagogical Sciences, academician of the Academy of education of Tajikistan, Professor |
| **Лутфуллозода М.** 13.00.02 | доктори илмҳои педагогӣ, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор | доктор педагогических наук, академик Академии образования Таджикистана, профессор | doctor of pedagogical Sciences, academician of the Academy of education of Tajikistan, Professor |
| **Шарифзода Ф.** 13.00.01 | доктори илмҳои педагогӣ, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор | доктор педагогических наук, академик Академии образования Таджикистана, профессор | doctor of pedagogical Sciences, academician of the Academy of education of Tajikistan, Professor |
| **Нуъмонов М.** 13.00.02 | доктори илмҳои педагогӣ, узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор | доктор педагогических наук, член-корр. Академии образования Таджикистана, профессор | doctor of pedagogical Sciences, corresponding member of the Academy of education of Tajikistan, Professor |
| **Шербоев С.** 13.00.02 | доктори илмҳои педагогӣ, узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор | доктор педагогических наук, член-корр. Академии образования Таджикистана, профессор | doctor of pedagogical Sciences, corresponding member of the Academy of education of Tajikistan, Professor |
| **Маҷидова Б.** 13.00.01 | доктори илмҳои педагогӣ, профессор | доктор педагогических наук, профессор | doctor of pedagogical Sciences, Professor |
| **Неъматов С.** 13.00.02 | доктори илмҳои педагогӣ, профессор | доктор педагогических наук, профессор | doctor of pedagogical Sciences, Professor |
| **Гулмадов Ф.** 13.00.01 | доктори илмҳои педагогӣ | доктор педагогических наук | doctor of pedagogical Sciences |
| **Туронов С.Ш.** 13.00.01 | номзади илмҳои педагогӣ | кандидат педагогических наук | candidate of pedagogics Sciences |
| **Амонов Н.** 19.00.01 | номзади илмҳои психологӣ, дотсент | кандидат психологических наук, доцент | candidate of psychological Sciences, Dosent |
| **Маҳкамов Д.** 13.00.01 | номзади илмҳои педагогӣ | кандидат педагогических наук | candidate of pedagogics Sciences |

*Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон номнавис шудааст, Шаҳодатномаи № 027/МҶ-97, аз 13 ноябри соли 2017.*

*Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан, Свидетельство № 027/МҶ-97, от 13 ноября 2017 года.*

*The journal is registered in the Ministry of culture of the Republic of Tajikistan, certificate No.027/МҶ-97, dated November 13, 2017.*

***Маҷалла мақолаҳои илмиро аз рӯи самтҳои 13.00.00 - илмҳои педагогика ва 19.00.00 - психология ба чоп қабул менамояд.***

***Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: 13.00.00 – педагогические науки и 19.00.00 - психологические науки.***

***The journal accepts scientific articles on the following branches of science: 13.00.00 – pedagogical sciences and 19.00.00 – psychological sciences***

**Матни комили маҷалла дар сомонаи** www.prmatt.tj, http://www. prmatt.tj /index.php/2018-02-27-07-45-25/2017-02-15-09-54-42 **ҷой дода шудааст.**

**Полнотекстовая версия журнала размещена на сайте** www.prmatt.tj, http://www. prmatt.tj/index.php/2018-02-27-07-45-25/2017-02-15-09-54-42

**The full-text version of the journal is available on the website** www.prmatt.tj, http://www.prmatt.tj/index.php/2018-02-27-07-45-25/2017-02-15-09-54-42

**Суроғаи идора:** 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Садриддин Айнӣ, 45, тел: 2271729, 2271747, 2270629, e-mail: nuriddinovna95@bk.ru

**Адрес редакции**: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Садриддина Айни, 45; Тел: 2271729, 2271747, 2270629, E-mail: nuriddinovna95@bk.ru

**Editorial address:** 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Sadriddin Aini Avenue, 45; Tel: 2271729, 2271747, 2270629, E-mail: nuriddinovna95@bk.ru

## ПЕДАГОГИКА ВА ПСИХОЛОГИЯ
## ПЕДАГОГИКА И ПСИХОЛ ОГИЯ
## PEDAGOGY AND PSYCHOLOGY

**Х. ЗИЁӢ**
**Ф. АҲРОРОВА**

# ТАҲСИЛОТИ МУТТАСИЛ ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАЪМИНИ САЛОҲИЯТНОКИИ МУТАХАССИСИ ЗАМОНИ МУОСИР

Чунонки маълум аст, бо қарори дахлдори Созмони Милали Муттаҳид аз 25 сентябри соли 2015-ум 193 кишвари олам 17 ҳадафи глобалиро дар доираи «Ҳадафҳо дар соҳаи рушди устувор» (ин санад ба таври расмӣ чунин номгузорӣ шудааст - «Таҳаввули ҷаҳони мо: реҷаи рӯз дар соҳаи рушди устувор то давраи соли 2030») муайян намуданд. Дар байни онҳо ҳадафи чорум – «Таъмини таҳсилоти умумифарогир ва босифат ва ҳавасмандсозии имконият барои таълим дар тӯли тамоми ҳаёт» [**10**] яке аз муҳимтаринҳост.

Бо мақсади бадастории таҳсилоти бефосилаи шаҳрвандон ва дастрасӣ ба ҳадафҳои дар санади боло зикргардида дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ як қатор тадбирҳо амалӣ гардиданд. Аз ҷумла, ҳанӯз дар соли 2016 дар Паёми хеш Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъулони соҳаи маорифро вазифадор карда буданд, ки консепсияро оид ба таҳсилоти муттасил омода карда, барои роҳандозӣ намудани чунин шакли таҳсилот тадбирҳои зарурӣ андешанд [**8**]. Санади мазкур бо номи «Консепсияи таҳсилоти муттасил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2023", ки омӯзиши шаҳрвандонро дар тамоми тӯли ҳаёт тақозо мекунад ва барои омода будани аҳолии қобили меҳнат ба талаботи рӯзафзуни бозор нигаронида шудааст, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 январи соли 2017, № 28 тасдиқ гардида, ҳоло аз ҷониби мақомоти дахлдор мавриди татбиқи амалӣ қарор дорад.

Бояд қайд намуд, ки таҳсилоти муттасил ин дар тӯли ҳаёт гирифтани таҳсилот ва мукаммал гардонидани донишу ҷаҳонбинӣ мебошад. Ҳамзамон, "тахти мафҳуми таҳсилоти муттасил таҳсилоти иловагии расмӣ ё ғайрирасмӣ, ҳамчунин таълими ғайринақшавии (спонтании) кормандон ва таълимгирандагон фаҳмида мешавад, ки ба талаботи бозори меҳнат ба таври фаврӣ мутобиқ гардонидани салоҳиятҳоро таъмин месозанд" [**4**].

Таҳсилоти муттасил дар таҷрибаи маорифи ҷаҳонӣ ҷавоб ба талаботи бозори муосири меҳнат аст. Ин бозор имрӯз асосан ба тавсеаи фаъолияти соҳибкорӣ такя намуда, хосияти муҳимтарини он рақобапазирӣ аст, ки такмили мунтазами ихтисос ва мутаҳаррикӣ ё мобилиятро тақозо мекунад (**7**). Дар шароити кишвари мо бошад, такмили ихтисос ва мутаҳаррикӣ на танҳо ба эътибор гирифтани талаботи бозори миллии меҳнат, бакли мамлакатҳои дигар, аз қабили Россия, Қазоқистон ва ғайраро ба миён мегузорад.

Чунонки мебинем ва аз номи он ҳам бармеояд, таҳсилоти муттасил аз тамоми шаҳрвандон таҳсилоти доимӣ, бе фосиларо тақозо мекунад ва ин ба талаботи арзишҳои мо, ки яке аз ҷавҳарҳои он "Аз гаҳвора то гӯр илм биёмӯз" ба ҳисоб меравад, ба куллӣ мувофиқат дорад. Ин принсип дар замони муосир, ки навшавии босуръати технологияҳо сурат гирифта, иқтисодиёти инноватсионӣ татбиқ мегардад, аҳаммияти тоза пайдо карда, рушди ҳамаҷонибаи шаҳрвандонро дар тамоми тӯли ҳаёт, беист талаб мекунад. Ин омил бошад, ташкил намудани инфрасохтори зарурииро барои таҳсилоти муттасил ҳам аз ҷониби давлат, ҳам корхонаву ташкилоти алоҳидаи давлатию хусусӣ ва муҳимтар аз ҳама, аз ҷониби худи аҳолӣ ба миён мегузорад.

Қобили қайд аст, ки барои таҳсилоти муттасил мавҷудияти шаклҳои таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ зарурат дорад. Сохтори муосири таҳсилоти расмӣ имрӯз зина, сатҳ ва соҳаҳои мухталифро фаро мегирад, ки барои таъмини таҳсилоти муттасил созгоранд.

Аз ҷумла, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло чунин зина ва шаклҳои таҳсилоти расмӣ - таҳсилоте, ки сохтори он аз рӯйи ҳадафҳо, давомнокӣ ва кумак дар ҷараёни таълим муайян шуда, бо додани ҳуҷҷат дар бораи таҳсилот хотима меёбад (**4**), барои таълими бефосилаи шаҳрвандон фаъоланд:

- таҳсилоти томактабӣ ва марказҳои рушди кӯдак. Дар ин зина аз ҷониби дояҳо (дар хонаи худи шаҳрванд ё хонаи доя) парвариш ёфтани кӯдакон низ, ки дар кишвари мо ва баъзе мамлакатҳои собиқи шӯравӣ хеле маъмул аст, ҳамчун як шакли таълиму тарбия маҳсуб меёбад;
- таҳсилоти умумӣ, ки зинаҳои ибтидоӣ, умумии асосӣ, миёнаи умумиро дар бар мегирад. Дар ин зина ҳамчунин таҳсилоти иловагӣ, ки дар марказҳои махсус дар тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ барои хонандагон дастрас мебошад ва таълими иловагӣ назди омӯзгори репетитор ҳам як шакли таҳсилоти муттасилро таъмин месозад;
- таҳсилоти ибтидоии касбӣ, ки ҳамзамон гирифтани таҳсилоти миёнаи умумиро таъмин менамояд;
- таҳсилоти миёнаи касбӣ;
- таҳсилоти олии касбӣ;
- таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ - аспирантура, докторантура аз рӯйи ихтисос (PhD), докторантура ва постдокторантура.

Дар зинаи таҳсилоти касбӣ инчунин таҳсилоти иловагӣ, такмили ихтисос, бозомӯзӣ, табодули донишҳои касбӣ ва таҷрибаи таълимӣ, таълим дар марказҳои омӯзиши калонсолон, курсҳои кӯтоҳмуддати забономӯзӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва касбҳои коргарию кишоварзӣ ва ғайра ба шаҳрвандон дастрасанд. Ҳамзамон, иштирок дар семинару тренингҳо бо додани шаҳодатнома ё бе гирифтани он низ як шакли таҳсилоти муттасил мебошад. Ба ҳайси шогирд фаъолият намудан дар назди ягон мутахассис ё корхонаву ташкилот ҳам, аз чунин шакли таҳсилот метавонад маҳсуб бошад.

Барои таҳсилоти муттасил новобаста аз синну сол ва мақоми иҷтимоии шаҳрванд худомӯзӣ аҳаммияти хосса дорад. Ин навъи таҳсилотро таҳсилоти ғайринақшавӣ (спонтанӣ, ғайрирасмӣ) меноманд ва он чунин навъи омӯзиш мебошад, ки дар рафти ҳаёти муқаррарии инсон сурат гирифта, бо кор, ҳаёти оилавӣ ё фароғат алоқамандӣ дорад ва сохтори он аз рӯйи ҳадафҳо, давомнокӣ ва кумак дар ҷараёни таълим муайян нагардидааст [**4**].

Бояд таъкид намуд, ки шароит барои таҳсилоти муттасил бо тамоми зина ва сатҳу соҳаҳои он, ки зикр гардид, барои шаҳрвандони Тоҷикистон имрӯз ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷи кишвар таъмин гардидааст.

Суханони боло ҳама шаҳодат аз он медиҳанд, ки дар кишвари мо заминаи муайяни таҳсилоти муттасил барои шаҳрвандон, омодагии онҳо барои раҳоӣ аз бӯҳронҳо, ки хосияти ногусатании ҷомеаи муосир дар тамоми ҷаҳон дониста мешавад, инчунин барои таъмини салоҳиятнокии шахсони ҳавасманд вуҷуд дорад. Вале дар ин самт бояд як қатор тадбирҳои иловагӣ амалӣ карда шаванд, ки доир ба онҳо дар поён чанд ақидае иброз мегардад.

Дар бораи таҳсилот дар тамоми тӯли ҳаёт сухан ронда, ривояти маъмулеро дар бораи Ибни Сино ёдовар шудан аз аҳаммият холӣ нест. Чунонки дар баъзе маъхазҳо омадааст, кӯдакеро, ки нав ба шашмоҳагӣ расида буд, ба назди ин ҳаким оварданд, то ӯро тарбият намояд. Ибни Сино иброз дошт, ки шаш моҳ дер шудааст. Вале чун амиқтар назар андозем, тарбия ва таълими шахс на танҳо аз рӯзи мавлуди ӯ, балки аз омода сохтани волидайни кӯдак барои ҳаёти оилавӣ, таваллуди кӯдакон ва таълими тарбияи фарзандон оғоз меёбад. Аз ин рӯ, дар кишвари мо, ки таълиму тарбия, мутаассифона, дар шароити оила дар алоҳидагӣ сурат гирифта, дар он бештар ба тарбия таваҷҷӯҳ карда мешавад, на ба саводноксозию таълими фарзандон, пешниҳод менамудем, ки омодагии ҷавонон барои хонадоршавӣ бояд як қисмати таҳсилоти муттасили шаҳрвандон шинохта шавад. Дар ин самт бояд ба тарбияи падару модари ҷавон таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, муассисаҳо ва мутахассисони соҳаи маориф, фарҳанг, тиб ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, махсусан ҷамоатҳои деҳот дар якҷоягӣ бо маҳалла, падару модарон ва оила ҷавононро ба

хонадоршавӣ ва таълиму тарбияи минбаъдаи фарзандон қаблан омода намоянд. Дар ин самт омода ва бо теъдоди назаррас паҳн сохтани маводи хотирнишонсозӣ бо зикри вазифаҳои оила, вазифаи падару модар дар таълиму тарбияи фарзандон, фишурдаҳо аз қонунгузории дахлдор, инчунин машварату маслиҳат ва суҳбату вохӯриҳо пеш аз бастани ақди никоҳ ва таваллуди кӯдак муфид хоҳад буд.

Дар ҷомеаи муосири мо зимни таъмини таҳсилоти муттасили шаҳрвандон ба самти коучинг низ бояд таваҷҷӯҳи бештаре зоҳир карда шавад. Коучинг (аз калимаи англисии «машқ додан, тамрин кардан», «роҳ нишон додан», «илҳом бахшидан) ин чунин методи машваратӣ ва тамрин ё тренинг мебошад, ки дар раванди он шахсе, ки «коуч» - тренер номида мешавад, ба таълимгиранда роҳи бадастории ягон ҳадафи ҳаётӣ ё касбиро меомӯзонад. Дар соҳаи варзиш пайдо шуда, техника ва методологияи коучинг аз психологияи когнитивӣ, ташкилӣ ва позитивӣ гирифта шудаанд. Коучинг ҳамчун методе, ки присипҳои машваратдиҳӣ ва тренингро муттаҳид месозад, на ба сабақдиҳӣ, балки ба ҳавасмандсозии шахси омӯзанда барои тағйир пазируфтан такя мекунад. Коуч (тренер) тавсияҳои ҳатмӣ намедиҳад, ӯ дар якҷоягӣ бо омӯзанда ба саволҳое ҷавоб меҷӯяд, ки дар рафти машваратдиҳӣ ба миён меоянд. Тибқи принсипҳои коучинг эътироф мегардад, ки касе хубтар аз худи шахс мушкилот, проблемаҳои шахсии ӯро намедонад, аз ин рӯ, ӯ бояд худ роҳи дурусти ҳалли ин мушкилотро пайдо кунад. Коуч (тренер) дар ин раванд нақши роҳнаморо иҷро мекунад [**1; 80**]. Аз ин нуқтаи назар, омода сохтани коуч - тренерҳо ва таъмини фаъолияти низоми коучинг дар кишвари мо метавонад яке аз роҳҳои ояндадори рушди таҳсилоти муттасил бошад.

Ҳамзамон, мушкилоти таъмини кадрҳо дар ҷумҳурӣ тақозо мекунад, ки ба тамоми ташкилотҳое, ки таълимӣ нестанд, ҳуқуқ ба таълим, бозомӯзӣ ва такмили дараҷаи тахассус дода шавад. Зимни ин бояд ба эътибор гирифт, ки ҷаҳони зудтағйирёбанда аксуламали фавриро ба бозори меҳнат ва технологияҳои рушдёбанда талаб дорад. Аз ин рӯ, бояд дар тамоми самту равияи ихтисосҳо, дар тамоми вазорату идораҳо такмили ихтисос ва бозомӯзӣ ташкил карда шуда, муҳлати гузаштан аз такмили ихтисос бозбинӣ ва на камтар аз як маротиба дар се сол муқаррар карда шавад.

Мушкили дигар дар самти таҳсилоти муттасил эътирофи расмии дараҷаи тахассус, ки зимни таҳсилоти ғайрирасмӣ ва таълими ғайринақшавӣ (спонтанӣ) гирифта шудааст, ба шумор меравад. Бо ин мақсад, зарур аст, ки низоми сертификатсиякунонии тахассусҳо ташкил гардида, он барои ҳар як шаҳрванд дастрас бошад ва мутобиқи талаботи ояндадори тахассусӣ ё стандартҳои касбӣ, ки бо иштироки корфармоён таҳия шудаанд, гузаронида шавад.

Ба сохторҳои дахлдор ҳамчунин зарур аст, ки барои аз ҷиҳати илмӣ муайян кардани салоҳиятҳое, ки зимни таҳсилоти муттасил ташаккул меёбанд ва ё барои он заруранд ва асоснок кардани онҳо корҳои мушаххасро ба анҷом расонанд. Дар ин самт қобили зикр аст, ки салоҳияти омӯзиш дар тамоми тӯли ҳаёт аз ҷониби Шӯрои Аврупо чун асоси таҳсилоти муттасил шинохта шудааст. Вале дар баробари ин, дар таҳсилоти муттасил ба салоҳиятҳои умумӣ - салоҳиятнокии сиёсӣ ва иҷтимоӣ, салоҳиятнокие, ки бо ҳаёт дар ҷомеаи бисёрфарҳангӣ алоқаманд аст, салоҳиятнокие, ки бо донистани муоширати шифоҳию хаттӣ алоқамандӣ дорад, салоҳиятнокие, ки бо тавсеаи иттилоотикунонии ҷомеа алоқаманд аст ва чунонки зикр гардид, ба салоҳияти омӯзиш дар тамоми тӯли ҳаёт чун асоси таҳсилоти муттасил бояд таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шавад. Инунин, барои таҳсилоти муттасил салоҳиятҳои инструменталӣ, салоҳиятҳои муносибати байнифардӣ ва **салоҳиятҳои системавӣ** ҳамчун салоҳиятҳои умумӣ хеле муҳимманд (**1; 11-1**2). Вале бори дигар таъкид месозем, ки таҳсилоти муттасил худ салоҳияти ягонаи дархӯри замони муосир шинохта шуда, бояд ҳатман ба чунин принсипҳо такя намояд ё чунин хосиятҳоро доро бошад: таълими беохир; суръатнокии омӯзиш, ки ба суръати тағйирот ва инноватсияҳо мувофиқ бошад; омӯзиши технологияҳои навтарин; ҳавасмандии шахсӣ ва худназораткунӣ; татбиқи амалии назарияҳо мустақиман, бе фосила; фарогирии васеи масъалаҳо ва мушкилот; мутаҳаррик, динамикӣ будан; истифодаи муштарак аз воситаҳо

ва натиҷаҳо; риояи меъёри натиҷабахшӣ дар тамоми намудҳои фаъолият; қабули қарорҳо танҳо бо такя ба додаҳо, далелҳо ва ғайра [**9**].

Ва ниҳоят, бо мақсади рушди минбаъдаи таҳсилоти муттасил иҷрои Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалӣ намудани Консепсияи таҳсилоти муттасил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2023 бояд таҳти назорати ҷиддӣ қарор гирифта, махсусан дар баъзе самтҳо тадбиру чорабиниҳои мушаххас татбиқ карда шаванд.

Аввалан, талаботи умумии санадҳои зерини байналмилалӣ бояд ба ҳисоб гирифта шавад: 1) "Таълим дар тӯли тамоми ҳаёт. Сиёсат ва стратегия" (ЮНЕСКО, Маърӯзаи Институти таълим дар тамоми тӯли ҳаёт, 2014). Дар ин самт бо Институти таълим дар тӯли тамоми ҳаёт, ки сохтори ЮНЕСКО буда, ба кишварҳои гуногуни олам дар таҳия, татбиқ ва таҳлили сиёсат дар соҳаи маориф, аз ҷумла таҳсилоти муттасил, кумаки техникӣ мерасонад, бояд ҳамкориҳо тавсеа дода шаванд (**6**); 2) "Қувваи кории соҳибтахассус – асоси болоравии бошиддат, устувор ва ботавозун. Гурӯҳи бистгона: стратегия дар соҳаи омодагии касбии кадрҳо" (Маърӯзаи Созмони байналмилалии меҳнат, СММ, 2011). Маърӯзаи мазкур роҳҳои муайянсозии омилҳои ба таҳсилоти касбӣ таъсиррасонанда, ҳадафҳои сиёсати миллӣ дар ин зинаи таҳсилот ва робитаи он бо шароити ҳозира ва дурнамои талабот ба мутахассисони касбӣ, инчунин унсурҳои асосии стратегияи дахлдорро дар омодасозии касбӣ дар бар мегирад (**3**); 3) "Эъломияи Форуми таҳсилотии ЮНЕСКО" (19-25.05.2015, Инчхон, Ҷумҳурии Корея). Дар санади мазкур ухдадории давлатҳо барои таъмини имконият барои таълими босифат дар тамоми тӯли ҳаёт, эътирофи тахассусҳое, ки бо роҳи ғайринақшавӣ, спонтанӣ гирифта шудаанд ва амсоли он таъкид ёфтаанд (**2**) ва ғайра.

Сониян, дар самти иҷрои Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалӣ намудани Консепсияи таҳсилоти муттасил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2023 фаъолият дар чунин самтҳо хеле муҳим аст:

- бо мақсади баланд бардоштани таълими кормандон тамоми корхонаву ташкилот бояд дар хароҷоти худ арзиши омӯзишро тибқи барномаҳои таълимии такягоҳӣ ва иловагии касбӣ, омодагии касбӣ ва бозомӯзии кормандон, дар маҷмӯъ, барои таҳсилоти муттасили шаҳрвандон пешбинӣ намоянд;
- рушди муҳити таълимии рақобатпазир ва ғанигардонии он бо хизматрасониҳои гуногунсоҳаи таълимӣ;
- ҷорӣ намудани технологияҳои муосири таълимӣ дар таҳсилоти муттасил, ки барои ташаккули салоҳиятҳои касбӣ нигаронида шудааст;
- таъсиси сомона ва порталҳои махсус оид ба таҳсилоти муттасил, хазинаи миллии модулҳои таълимӣ ва захираҳои таълимии электронӣ, ҷорӣ намудани таҳсилоти фосилавӣ оид ба таҳсилоти муттасил;
- таъсиси марказҳои худмаблағгузори сертификатсиякунонӣ оид ба таҳсилоти муттасил;
- дар якҷоягӣ бо шарикони байналмилалии рушд ташкил кардани доираи миллии тахассусҳо ва таҷдиди мунтазами он аз ҷониби вазорату кумитаҳо ва идораҳои дахлдор [**4**] ва ғайра.

Вобаста ба доираи миллии тахассусҳо қобили таъкид аст, ки он бояд сатҳҳои гуногун ва талабот ба онҳоро (дониш, маҳорат ва малака, салоҳиятҳои шахсӣ ва касбӣ, роҳҳои бадастории онҳо) фаро гирад. Дар ин санад бояд донишҳои заминавӣ, касбӣ, татбиқи онҳо дар фаъолияти касбӣ, инчунин донишҳои консептуалӣ, амалӣ ва методологӣ дар соҳаи фаъолияти инноватсионии касбӣ ва амсоли он тафсири худро ёфта бошанд (**5**). Дар ин робита, дар ҷумҳурии мо дар якҷоягӣ бо шарикони байналмилалии рушд таҳия намудани доираи миллии тахассусҳо зимни роҳандозии таҳсилоти муттасил ва тасдиқи расмии онҳо яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа ба шумор меравад.

**АДАБИЁТ**

1.Зиёӣ Х. М. Муносибати босалоҳият ба таълим: масъалаҳои умуминазариявӣ ва роҳҳои татбиқи амалӣ.- Душанбе: «Нигор», 2018.

2. Инчхонская декларация и рамочная программа действий по осуществлению цели 4 в области устойчивого развития // https://gcedclearinghouse.org/sites/default/files/resources/245656r.pdf (санаи муроҷиат: 28.05.2019).

3. Квалифицированная рабочая сила - основа интенсивного, устойчивого и сбалансированного экономического роста // http://sibfrontier.ru/library/kvalifitsirovannaya-rabochaya-sila-osnova-intensivnogo-ustoychivogo-i-sbalansirovannogo-ekonomicheskogo-rosta/ (санаи муроҷиат: 27.05.2019).

4. Консепсияи таҳсилоти муттасил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2023. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 январи соли 2017, № 28.

5. Национальная рамка квалификаций // file:///C:/Documents%20and%20Settings/ User/ Рабочий%20стол/NRK_16_03_2016_ru.pdf (санаи муроҷиат: 29.05.2019).

6. Обучение в течение всей жизни. Политики и стратегии // https://ru.unesco.org/themes/sistemy-obucheniya-na-protyazhenii-vsey-zhizni

7. Особенности современного рынка труда // https://studfiles.net/preview/1003443/page:2/ (санаи муроҷиат: 26.05.2019).

8. Паёми Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 январи соли 2016 // 20.01.2016 // http://www.president.tj/node/10585 (санаи муроҷиат: 20.05.2019).

9. Салливан Дж. Непрерывное обучение как единственно важная компетенция http://praktiks.com/nepreryvnoe_obuchenie_kak _edinstvennaya_kompetenciya/ (санаи муроҷиат: 27.05.2019).

10. Цели в области устойчивого развития до 2030 года // https://scientifically.info/publ/5664 (санаи муроҷиат: 25.05.2019).

**Зиёӣ Хуршед**
**Аҳророва Фарзона**

## ТАҲСИЛОТИ МУТТАСИЛ ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАЪМИНИ САЛОҲИЯТНОКИИ МУТАХАССИСИ ЗАМОНИ МУОСИР

Дар мақола моҳияти мафҳуми таҳсилоти муттасил ҳамчун таҳсилоте, ки ба талаботи бозори меҳнат ба таври фаврӣ мутобиқ гардонидани салоҳиятҳоро таъмин месозад, шарҳ ёфта, нақши зина ва шаклҳои таҳсилоти расмӣ барои таълими бефосилаи шаҳрвандон кушода шудааст. Муаллиф омода сохтани волидайни кӯдакро барои ҳаёти оилавӣ, таваллуд ва таълиму тарбияи фарзандон ҳамчун оғози таҳсилоти муттасил шинохта, моҳияти коучингро чун методи машваратӣ ва тамрин, эътирофи расмии дараҷаи тахассус ё низоми сертификатсиякунонии тахассусҳоро чун роҳи рушди ин навъи таҳсилот асоснок намудааст. Дар мақола инчунин оид ба таҳсилоти муттасил чун салоҳияти ягонаи дархӯри замони муосир, хосиятҳои он сухан рафта, зарурати иҷрои пурраи Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалӣ намудани Консепсияи таҳсилоти муттасил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи доираи миллии тахассусҳо таъкид ёфтааст.

**Калидвожаҳо:** таҳсилоти муттасил, бозори меҳнат, таҳсилоти расмӣ, таҳсилоти ғайрирасмӣ, дараҷаи тахассус, сертификатсиякунонӣ, коучинг, салоҳият, доираи миллии тахассусҳо.

**Зиёи Хуршед**
**Ахророва Фарзона**

## НЕПРЕРЫВНОЕ ОБРАЗОВАНИЕ КАК ФАКТОР ОБЕСПЕЧЕНИЯ КОМПЕТЕНТНОСТИ СОВРЕМЕННОГО СПЕЦИАЛИСТА

В статье раскрыта сущность понятия непрерывного образования как вида обучения, обеспечивающего адаптацию комптенций к запросам рынка труда в ускоренном порядке, а также показана роль форм и уровней официального образования в непрерывном обучении граждан. Подготовка родителей ребенка к семейной жизни, рождению, обучению и воспитанию детей автором признана как начало непрерывного образования, им обоснованы сущность коучинга как консультативного метода и тренинга, официальное признание квалификаций или сертификация квалификаций как путь развития данной формы образования. Наряду с этим непрерывное образование в статье проанализировано как единственная компетенция, соответствующая современной эпохе, и подчеркнута необходимость полного выполнения Плана мероприятий по

реализации Концепции непрерывного образования в Республике Таджикистан и разработки национальной рамки квалификаций.

**Ключевые слова:** непрерывное образование, рынок труда, официальное образование, неофициальное образование, квалификация, сертификация, коучинг, компетенция, национальная рамка квалификаций.

**Ziyoi Khurshed**
**Ahrorova Farzona**

## CONTINUING EDUCATION AS A FACTOR IN ENSURING THE COMPETENCE OF MODERN SPECIALIST

In this article is analyzed the essence of the concept of continuous education as a type of training, that provides adaptation of the competencies to the demands of the labor market in an accelerated manner, as well as the role of the forms and levels of official education in the continuous training of citizens. Preparation of the child's parents for family life, birth, education and upbringing of children is recognized by the author as the beginning of continuous education, also the essence of coaching as a consulting method and training, official recognition of qualifications or certification of qualifications is recognized as a way of development of this form of education. In addition, in this article is analyzed continuing education as the only competence corresponding to the modern era, and emphasizes the need for full implementation of the action Plan for the implementation of the Concept of continuing education in the Republic of Tajikistan and the development of national qualifications' framework.

**Keywords:** continuing education, labor market, formal education, informal education, qualification, certification, coaching, competence, national qualifications' framework.

**Сведения об авторах: Зиёи Хуршед Махшулзода** (Зиёев Хуршедджон Махшулович) – 1963 г.р., доктор философских наук, профессор, директор Института развития образования имени Абдурахмана Джами, адрес: 734024, г. Душанбе, ул. Айни, 45, тел. (992 37) 2271729. E.mail: kziyoev@yandex.ru.

**Ахророва Фарзона Джамшедовна** – 1993 г.р., старший научный сотрудник Института развития образования имени Абдурахмана Джами, адрес: 734024, г. Душанбе, ул. Айни, 45, тел. (992 37) 2275844. E.mail: farzonai.chamshed@mail.ru

**Information about the authors: Ziyoi Khurshed Makhshulzoda** (Ziyoyev Khurshedjon Makhshulovich) – d.b. 1963, Doctor of Philosophy, Professor, Director of Institute of development of education named after Abdurahman Jami, address: 734024, Dushanbe, 45 Ayni str., tel: (992 37) 2271729. E. mail: kziyoev@yandex.ru.

**Ahrorova Farzona Ghamshedovna** – d.b. 1993, Senior researcher of Institute of development of education named after Abdurahman Jami, address: 734024, Dushanbe, 45 Ayni str., tel: (992 37) 2275844. E. mail: farzonai.chamshed@mail.ru

**С. ТУРОНОВ**

# ТАРБИЯИ ХУДОГОҲИИ МИЛЛӢ ВА ВАТАНДӮСТИИ ХОНАНДАГОН

*Осорхона ин шиносномаи таърихи миллат аст.*

***Эмомалӣ Раҳмон***

Таълим ва тарбияи мақсаднок рушди шахсро таъмин карда, дониш, малака, қобилият, ҷаҳонбинии хонандагонро равнақ бахшида, одобу ахлоқашонро ташаккул медиҳад.

Тавре, ки дар «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикисгон» баён шудааст, «Ватанпарастӣ арзиши муқаддас ва аз ҳама унсури муҳимми тарбия маҳсуб меёбад, ки он дар мафҳумҳои зодгоҳ, диёр, кишвар, сарзамин, Ватан ифода мегардад. Унсурҳои дигари тарбия ба ҳамин унсури тарбия иртибот дошта, садоқатмандии шаҳрвандро ба Ватани хеш ифода менамояд».

Дар ин замина Асосгузори сулҳу Вахдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба дӯст доштани Ватан, худшиносии миллӣ ва ифтихори ватандорӣ таъкидҳои бамаврид ва судманд кардаанд. Аз ҷумла, «Вазифаи аввалиндараҷаи ҳамаи мо истиқлолияти давлатамонро мустаҳкам карда, насли наврасу ҷавонро дар рӯҳияи ватандӯстиву ифтихори миллӣ, садоқат ба анъанаву суннатҳои таърихиву фарҳангии миллат ва эҳтиром ба арзишҳои умумибашарӣ тарбия намудан аст. Онҳо бояд шахсони сохибмаърифат, бофарҳанг, мутамаддин, эҷодкор, номбардори миллати қадима ва давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон гарданд. Тоҷикистонро ҳамчун зодбум ва Ватани азизи хеш дӯст доранд, аз он ифтихор кунанд ва ҳамчун гавҳараки чашм ҳифз намоянд».

Ба андешаи Сардори давлат тарбияи эҳсоси ватандӯстӣ шурӯъ аз он мешавад, ки насли оянда, шаҳрванди фардо шодии зиндагиро дар эҳтирому гиромидошт, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва хидмат ба мардум бубинад.

Академик Ф. Шарифзода Ватану Модарро тавъам шуморида, чунин менависад: «Ватан сарфарозию сарбаландӣ бахту иқбол ва орзую умеди инсонҳост. Ватан ва модар ҳамрадифанд, Он тавр ки инсон як Модар дорад, ҳамин тавр як Ватан дорад. Аз ин рӯ, «ВАТАН - МОДАР» ё «МОДАР - ВАТАН» (5. с.209).

Ватанпарастӣ арзиши муқаддас ва аз ҳама муҳим буда, мафҳумҳои диёр, макон, кишвар, сарзамин, Ватанро дорад.

Тарбияи худшиносии миллӣ ва ватандӯстӣ дар низоми маориф ба муайян кардан ва ҳифзи расму оин ва анъанаҳои милливу давлатӣ дар тарбияи насли наврас, таҷдиди мазмуни он ва ҷорӣ намудани технологияи навин алоқаманд аст. Мақсади асосии тарбияи миллӣ ҷалб ва равона кардани таваҷҷуҳи насли наврас ба арзишҳои фарҳангӣ, таърихӣ миллӣ, умумибашарӣ, гиромидошти мафҳуми Ватан ва мероси таърихиву фарҳангӣ мебошад. Зеро ватандӯстӣ аз муҳаббат ба зодгоҳ ва Ватан, эҳтиром ба гузаштаи таърихӣ ва таърихи пурғановати миллӣ сарчашма мегирад ва дар ин замина беиштибоҳ нақши муҳим мебозад. Осорхона воситаи ҳифзи хотираи инсоният буда, ҳамчун муассисаи фарҳангӣ мероси таърихӣ-фарҳангиро ҷамъоварӣ, ҳифз, муаррифӣ ва тарғиб менамояд. Таваҷҷуҳи хонандагонро ба олами фарҳангӣ меафзояд. Барои осорхонаи мактабӣ фаъолияти фарҳангӣ-таълимӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад.

Осорхонаи мактабӣ яке аз омилҳои таъсиррасон, пешбаранда ва вусъатбахши фаъолияти эҷодӣ, ҷамъиятии хонандагон маҳсуб ёфта, дар рушди хонандагон нақши бориз дорад. Осорхона маълумотро дар бораи гузашта ва имрӯзи маҳал, шаҳру ноҳия, вилоят, билохира миллат, давлат ҷамъоварӣ намуда, ҳамчун воситаи ташаккули шахсияти насли наврас хизмат мекунад. Осорхона муносибати хонандагонро ба таъриху фарҳанг муайян месозад. Вобаста ба ин фаъолияти осорхонаҳо бояд ба таври зерин ба

роҳ монда шавад:

**- ҷустуҷӯӣ, пажӯҳишӣ ва ҷамъоварӣ-**зимни ҷустуҷӯ, пажӯҳиш ва ҷамъоварии маводи мавриди назар хонандагон имкон пайдо мекунанд, ки бо шахсони алоҳида, шоҳидон, сокинони маҳалҳо ё иштирокчиёни бевоситаи воқеаҳо, суҳбат мулоқот воҳӯрӣ доир намоянд, ба бойгонӣ, осорхонаи давлатӣ, марказҳои кишваршиносӣ, ташкилот, муассисаву корхонаҳо рафта, иттилооти зарурӣ пайдо кунанд.

Дар ин раванд аъзои осорхона, хонандагон ҷиҳати мураттаб намудани маълумот ва иттилоот рӯзнома тартиб дода, навор мебардоранд ё сабти овоз мекунанд. Воқеаҳои омӯхташударо бо равандҳои умумитаърихӣ алоқаманд карда, онро мушаххас, муайян ва дурустии иттилооти бадастомадаро собит месозанд. Бо ин амал онҳо тасаввуроти воқеии хешро дар бораи рӯйдодҳои таърихӣ, ёдгориҳои таърихиву фарҳангии кашфшуда тақвият мебахшанд. Зикр менамоем, ки ҳамаи ҳуҷҷату дафтарҳо, сабту наворҳо, ҳикояҳо, аксҳо, ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангии гирдовардашуда ба фонди намоиш ва фонди осорхонаи мактаб супорида мешаванд, ки ба сифати таҷассумгари мероси таърихию фарҳангии миллат хизмат мекунад.

Вобаста ба ин осорхонаи мактабӣ фаъолияташро бояд чунин ба роҳ монад:

**- намоишӣ-** бо ин намуди фаъолият хонандагон ҳамаи ҳуҷҷату дафтарҳо, сабту наворҳо, воқеа, рӯйдоди табиӣ ва ё иҷтимоӣ, ҳикояҳо, аксҳо, ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангии ҷамъовардаро, ки маводи намоишии осорхона маҳсуб меёбад, тавассути воситаҳои техникию ҳунарӣ аз ҷумла, (компютер, тахтаи электронӣ, видеопроектор, графапроектор) инъикос ва манзури тамошобинон мегардонанд. Мавриди зикр аст, ки хонандагон дар ин замина амалҳои рассомӣ, тарроҳӣ баъзан меъмориро анҷом медиҳанд. Масалан,

- ҳангоми баргузории дарсҳои фанни таърих консепсияи илмӣ - таърихии қисмҳои алоҳидаи намоишро таҳия кунанд;
- дар машғулиятҳои нақшакашӣ нақша ва тарҳи деворгӯшаҳо, рафҳо, минбар ва дигар таҷҳизоти намоиширо омода созанд;
- дар машғулиятҳои таълими меҳнат тайёр ва сохтани таҷҳизоти намоиширо ба роҳ монанд;
- дар машғулиятҳои расмкашӣ намунаҳои матнҳои ташреҳиро тартиб диҳанд;
- дар дарсҳои математика ҳисобу китоб, муайян кардани нархи ашёи омодашударо муайян созанд;
- дар дарсҳои технологияи иттилоотӣ тарроҳии компютерӣ ва ороиши намоишро анҷом диҳанд.

**- сайёҳӣ-** бо ин фаъолият хонандагон сайри осорхона карда, дар ин раванд суолу ҷавоб, бозиҳои маърифатӣ, намоишҳои хурди театрикунонидашуда ва фаъолияти эҷодии мақсаднок аз ҷумла, расмкашӣ ва моделсозиро анҷом медиҳанд. Намоиш ва нақл асоси сайри осорхонавӣ мебошад.

Фаъолиятҳои зикршуда имкон медиҳанд, ки муносибати хонандагон ба мероси пурғановати фарҳангиву таърихии кишвар дигаргун шуда, эҳтирому муҳаббаташон ба гузаштаи хеш дучанд афзояд.

Муҳаққиқ Шарипов А. дар робита ба фаъолияти осорхона ва мақсадноку самарабахш ташкилу баргузор намудани сайри осорхона чунин баён кардааст: «Сайри осорхонавӣ шакле аз фаъолияти омӯзишӣ - фарҳангии осорхона мебошад, ки бо мақсади боздиди дастаҷамъона таҳти сарпарастии мутахассис қаблан оид ба мавзӯи муайян ва хатсайри махсус ташкил мешавад» **(5.18 ).**

Осорхонаи мактаби имкон медиҳад, ки хонандагон дар ҳамаи намудҳои фаъолияти илмӣ, техникӣ ва чамъиятӣ ширкат намуда, соҳиби дониши таҷрибавӣ гарданд ва малакаҳои тавсиф намудани сарчашмаҳои таърихӣ, таҳиясозии ҳуҷҷатҳо, баҳои воқеӣ додан ба аҳамияти осори ниёгон ва таърихи гузаштаи миллат онҳо ташаккул ёбад. Ёдгорӣ ва нигораҳои дар намоиш гузошташудаи осорхона худ шиносномаи таърихи миллатанд.

Баргузории ҳар гуна чорабиниҳо аз қабили шиносоӣ ва саёҳат бо осорхонаҳои муассисаҳои таълимии ҳамсоя, осорхонаҳои шаҳриву ноҳиявӣ ва вилоятиву ҷумҳуриявӣ, суҳбату воҳӯриҳо бо пирони рӯзгордидаи деҳа, маҳалҳо, шахсони маъруф, таърихнигорон

ва мавзеъҳои таърихӣ ба манфиат кор хоҳад буд.

Осорхонаи мактабӣ на танҳо як шакли ташкили фаъолияти таълимӣ- фаҳмондадиҳӣ ба шумор меравад, балки он воситаи рушди тарбияи маънавӣ, худшиносии миллӣ ва ватандӯстии хонандагон аст. Иштироки хонандагон дар корҳои ҷустуҷӯйӣ, омӯзиш ва ҷамъоварии ёдгориҳову нигораҳои осорхонавӣ, ташкили намоишҳо, гузаронидани шабнишинӣ, конференсияҳо ва сайрҳои таърихӣ малакаҳои фаъолияти таҳқиқотӣ, кишваршиносии онҳоро ташаккул медиҳад. Аз ин рӯ, омӯзгор ва масъулони осорхонаи мактабиро мебояд тавассути хонандагон ва ҳайати осорхона тадбирҳои зеринро амалӣ намоянд:

- бо куҳансолон, пирони хирад, шахсони барӯманд, қаҳрамонон, хизматчиёни давлати суҳбату мулоқот доир намоянд;
- оид ба мавзеъ, ёдгорӣ, нигораҳои таърихӣ, либос, ҳаргуна зару зевари ороишӣ, олот, дастгоҳҳои қадима ва ашёи рӯзгор тавассути суҳбату пурсишҳо маълумот ҷамъ оваранд;
- муҳтаво ва моҳияти маълумот, ёдгориҳоро байни хонандагон ташвиқ созанд;
- мавод ва маълумоти бадастомадаро, коркард ва ҳифз намоянд.

Аз мушоҳидаҳои педагогӣ бармеояд, ки имрӯз насли наврас мутаассифона ба таърихи кишвари худ кам таваҷҷуҳ доранд ё дошта бошанд ҳам қаноаткунанде нест. Қисме аз хонандагон таърихи зодгоҳи худро намедонанд ва хуб дарк намекунанд, ки бояд бидонанд. Дар шиносоӣ ва азбар намудани осори ниёгон ва таърихи гузаштаи миллат осорхонаи мактабӣ нақши бориз дорад. Зимнан зарур мешуморем, ки калонсолон, аз ҷумла, падару модарон низ дар ин ҷода саҳм бигиранд. Ба фарзандонашон аз ҳаёту таърихи кишвар нақлҳо кунанд.

Вазифаи осорхонаи мактабӣ ташаккули ҳисси масъулиятшиносии хонандагон дар ҳифзи бозёфтҳои фарҳангию таърихии зодгоҳ, ифтихор аз мероси ниёгон, Ватан, эҳтиром гузоштан ба гузаштаву имрӯзи кишвар, расму оин, урфу одатҳои миллӣ, васеъ намудани ҷаҳонбинии онҳо оид ба арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ буда, дар ин раванд бояд тадбирҳои зеринро амалӣ намояд:

1. Байни хонандагон омӯзиши осори пурарзиши илмӣ, адабӣ, таърихӣ ва асарҳои Асосгузори сулҳу Вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба тарбияи насли фаъолу эҷодкор ва худогоҳу ояндасоз ваватандӯсту хештаншинос ба роҳ монад.
2. Доир ба ташаккули тарбияи ҳисси ватандӯстии хонандагон, ки он аз муҳаббат ба Ватан, ифтихор аз гузашта ва имрӯз сарчашма мегирад, чораҳо андешад.
3. Ҷиҳати дар ниҳоди хонандагон парваридани ҳифзи сарчашмаҳои таърихӣ, бозёфт ва нигораҳои осорхонавии арзиши баланди таърихидошта тадбирҳо амалӣ созад.
4. Дар ҷараёни дарсҳо маводи осорхона дар ҷараёни таълим вобаста ба мавзӯъ мунтазам ва мақсаднок истифода барад.
5. Аҳамият, нақш ва мавқею манзалати таърих, осори ниёгонро дар шинохти Ватани азизу маҳбуб Тоҷикистон байни хонандагон тарғиб намояд.
6. Хонандагонро ба фаъолияти эҷодӣ ва таҳқиқот роҷеъ ба омӯзиши таърихи Ватан ва гиромидошти арзишҳои миллӣ ҳидоят намояд.
7. Тарғиб ва ташвиқи унсурҳои зеринро ба роҳ монад:
- мероси таърихиву фарҳангии ниёгон, ки хотираи таърихии халқро инъикос менамояд;
- урфу одат, анъанаҳо ва тарзи зиндагии миллат, ки дар он хусусиятҳои миллии мафҳуми кишвар инъикос ёфтанд.
8. Маҳсулот ва арзишҳои миллӣ, аз қабили: асбобҳои мусиқӣ, зарфҳои сафолӣ, кулолӣ, сӯзанӣ, қолину атлас, гиёҳҳои ватанӣ, гӯштини миллӣ, бозиҳои миллӣ, боигарии миллӣ миёни хонандагон таблиғ намуда, ҳифзи онҳоро ба роҳ монад.
9. Оид ба ташаккули тарбияи маниши (характери) миллӣ ва тафаккури миллии хонандагон чорабиниҳои маърифатӣ доир намояд.
10. Вобаста ба тарбияи худшиносӣ, ваҳдат ва ифтихори миллӣ миёни хонандагон корҳои тарғиботӣ анҷом диҳад.

Хулоса, осорхонаи мактабӣ омили рушд ва яке аз шаклҳои пешбурди фаъолияти эҷодӣ, ҷамъиятӣ ба шумор рафта, дар тарбияи насли наврас нақши муассир мегузорад. Осорхона маълумотро дар бораи гузашта ва имрўзи ҷомеа ҷамъоварӣ намуда, ҳамчун воситаи ташаккули худогоҳии насли наврас фаъолкунандаи идроки ҳиссии хонанда, соҳибмаърифату донишманд, масъулиятшиносу ватандўст тарбия шудани хонандагон хизмат мекунад.

**АДАБИЁТ:**

1.Васюткин Д.В. Школьный музей средство патриотического воспитания школьников // Современные проблемы образования: опыт и перспективы. - Ставрополь: Издательство СГУ. 2001.

2.Кудрина Т.А. Музей и школа /Т.А.Кудрина. - Москва: «Просвещение», 1985.

3. Шарипов А. Сайри осорхонавӣ ва се усули асосии он. Ахбори Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод // Душанбе. Нашриёти «Адиб» - 2011. № 9. - с. 3-18

4.Туронов С. Роҳнамои тарбияи ватандўстӣ ва худшиносии миллӣ. - Душанбе Ирфон,- 2014. 206с.

5.Файзулло Шарифзода, Ҷумахон Файзалиев. Ҳикмати афкори педагогии ниёгон / /Душанбе. Нашриёти «Ирфон»- 2012. 398с.

**Туронов С.**

## ТАРБИЯИ ХУДОГОҲИИ МИЛЛӢ ВА ВАТАНДЎСТИИ ХОНАНДАГОН

Дар мақолаи зерин оид ба тарбияи худшиносии миллӣ ва ватандўстӣ дар низоми маориф ба муайян намудан ба ҳифзи расму оин ва анъанаҳои милливу давлатӣ дар тарбияи насли наврас қайд гардидааст. Ба ақидаи муаллиф осорхона яке аз омилҳои таъсиррасон, пешбаранда ва вусъатбахши фаъолияти эҷодиву ҷамъиятии хонандагон маҳсуб ёфта, дар ин самт арзиши баланди тарбиявӣ дорад. Зеро маълумот дар бораи гузашта ва имрўзи миллату давлат танҳо дар осорхона ҷамъоварӣ шуда, худогоҳиву хештаншиносии насли наврасро ташаккул медиҳад.

**Вожаҳои калиди:** ватан, таълим тарбия, осорхона, таърихӣ, фарҳангӣ, хонандагон.

**Туронов С.**

## ВОСПИТАНИЕ НАЦИОНАЛЬНОГО САМОПОЗНАНИЯ И ПАТРИОТИЗМА УЧАЩИХСЯ

В данной статье говорится о развитии национального самопознания и патриотизма учащихся в системе образования. По мнению автора, музеи одни из влияющих факторов способствующих и расширяющих литературную и социальную деятельность учеников. Потому что данные прошедших и сегодняшних национальных достижений сохраняются только в музее, формируя самосознание молодого поколения.

**Ключевые слова:** родина, обучение, воспитание, музей, история, культура, ученики.

**Turonov S.**

## EDUCATION OF NATIONAL SELF-KNOWLEDGE AND PATRIOTISM OF STUDENTS

This article talks about the development of national self-knowledge and patriotism of students in the education system. According to the author, museums are one of the influencing factors contributing to and expanding the literary and social activities of students. Because the data of past and current national achievements are preserved only in the museum, forming the self-consciousness of the younger generation.

**Key words:** homeland, teaching, education, museum, history, culture, pupils.

**Сведения об авторе: Туронов Султонмурод Шарофович** – научный сотрудник Института развития образования имени Абдурахмона Джоми Академии образования Таджикистана, адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С.Айни, 45.

**Information about the author: Turonov Sultonmurod Sharofovich** - Researcher of the Institute for Educational Development named after Abdurahmon Jomi of the Academy of Education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 45 C. Aini St.

**М. Б. КАРИМЗОДА**

# МАЙЛОНИ ИДЕОЛОГӢ ДАР ТАҲСИЛОТИ ШӮРАВӢ – МОНЕАИ АФКОРИ ПЕШҚАДАМИ ПЕДАГОГӢ ВА РУШДИ ҲАМАТАРАФАИ ШАХСИЯТИ ТОЛИБИЛМОН

Дар тамоми тӯли рушди таърихиаш Ҳукумати Шӯравӣ ба масоили такмили таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ, дар навбати аввал, ба тарбияи ғоявии ҷавонон таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамуд. Системаи таҳсилот вазифаи омили муҳимми пешрафти фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеаро иҷро мекард.

Дар ҷаҳон аз ҷониби умум эътироф шудааст, ки сармоягузорӣ ба соҳаи маориф на танҳо иқдоми башардӯстона, балки амали аз ҳама бештар самаровар ва манфиатнок мебошад. Маблағгузориҳои калон ба соҳаи мазкур ба мамолики мутараққии капиталистӣ имконият фароҳам сохтанд, ки тӯли солҳои 60-80-ум дар иқтисодиёт як ҷаҳиши назаррасе карда, ба комёбҳои бузург ноил шаванд. Дар Иттиҳоди Шӯравӣ бошад, дар ин давра маблағгузории соҳаҳои фарҳанг, тандурустӣ ва маориф аз рӯйи «принсипи боқимонда» амалӣ мешуд. Масалан, агар дар ШМА ҳиссаи даромади миллӣ, ки ба маориф ҷудо мегардид, солҳои 80-ум ду баробар зиёд гардида, ба 12% расида бошад, ҳамзамон ин нишондиҳанда дар Иттиҳоди Шӯравӣ баръакс, нисбатан ихтисор карда шудааст ва он камтар аз 6%-ро ташкил медод.

Дар мамолики мутараққии капиталистӣ соли 1985 хароҷот барои таҳсили як нафар хонанда дар муассисаи таҳсилоти умумӣ аз ин гуна хароҷот дар Иттиҳоди Шӯравӣ 5-8 баробар зиёд буд. Агар музди миёнаи маоши моҳонаи корманди соҳаи маорифро баррасӣ кунем, вай аз нишондиҳандаи миёна дар хоҷагии халқ 21% кам буд. Низоми роҳбарии соҳаи маориф, ки дар мамлакат роиҷ буд, қарору санадҳои дар ин ҷода қабулшуда роҳбарони мактаб ва омӯзгоронро аз бюрократия ва маъмуриятчигӣ, муқаррароти сахт ва иҷрои вазоифи хосси мактаб набуда, халос накарда, барои эҷодкорӣ ва озодии интихоб имкон намедоданд [9].

Солҳои 50-ум ҷиҳати ба таҳсилоти миёнаи умумӣ гузаштан вазифа гузошта шуда буд, ки аз талаботи инқилоби илмӣ-техникӣ ва зарурати объективӣ бар меомад ва ин вазифа ба кори аҳамияти давлатидошта табдил ёфта буд.

Пешбинӣ шуда буд, ки дастрасӣ ба ин вазифа ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар такони сахт мебахшад. Ин гуна пешгӯйиҳоро таҷрибаи мамолики мутараққии капиталистӣ тасдиқ мекарданд. Қарорҳои директивии солҳои 60-70-ум қабулшуда ба масъалаи гузариш ба таҳсилоти миёнаи умумӣ нигаронида шуда буданд. Дар қарорҳои анҷумани XXV ҲКИШ (с. 1976) ва баъдан дар Конститутсияи ИҶШС (с. 1977) махсус таъкид шуда буд, ки дар Иттиҳоди Шӯравӣ дар маҷмӯъ гузариш ба таҳсилоти миёнаи умумӣ анҷом пазируфтааст. Дар назар буд, ки баъди синфи 8-ум барои дарёфти таҳсилоти миёна се роҳи асосӣ: омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, муассисаҳои миёнаи махсус ва синфҳои 9-10-уми мактабҳои маълумоти умумӣ арзи вуҷуд мекунанд. Дар натиҷа дар миёнаи солҳои 70-ум беш аз 90%-и ҷавонон ба таҳсилоти миёна фаро гирифта шуданд.

Таҳсилоти миёнаро беистисно тамоми насли ҷавон бояд соҳиб мешуд ва ин масъала дар назди соҳаи маориф зарурати ҳаллу фасли мушкилоти ҷиддиро вогузор намуд. Ду самти асосии ҳалли ин масъала ба нақша гирифта шуда буд. Самти аввал ҷиҳати ноилшавӣ ба натоиҷи хуб имконият фароҳам сохт, вале нисбатан мураккаб буд: нигоҳ доштан ва дар баробари ин, мувофиқи имкон баланд бардоштани талабот ба сатҳи дониши хонандагон.

Зимнан, ҳалли ин масоил тағйироти назаррас дар усули таълим, бозсозии асосии тафаккур ва фароҳамсозии шароити зарурии кориро барои омӯзгорон тақозо дошт. Интихоби роҳи нисбатан осон консерватсияи муносибатҳои кӯҳна ба таълим, паст кардани талабот ба сифати дониш ва маҳорату малакаи хонандагон, ноилшавӣ ба нишондиҳандаҳои олии азхудкунӣ дар рӯйи коғазро пешниҳод мекард.

Гузариш ба низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ дар солҳои 70-80-ум якбора ба ихтисори мактабҳои миёнаи нопурраву ибтидоӣ ва афзоиши миқдори мактабҳои миёна боис шуд. Нишондиҳандаҳои миқдории якбора афзоишёфта, мутаассифона, ба косташавии сифати таҳсилот оварда расониданд. Пастшавии назарраси сатҳи тайёрӣ ва раванди аз даст додани зеҳнияти хонандагони мактабҳои миёнаи маълумоти умумӣ ба вуқуъ пайваст. Мактаб, бар хилофи умеду орзуҳо, на танҳо ба талаботу ниёзи мавриди зарурати иқтисод ва ҷомеа наздик нашуд, балки, баръакс, тафовуту рахнаи байни онҳо то рафт зиёд шуд [1].

Дар натиҷа обрӯ ва эътибори маориф ба якборагӣ паст шуда, ба ҷойи аввал аз ҷиҳати маъруфият касбҳое баромаданд, ки мавҷудияти дониши амиқро талаб намекарданд, ба монанди касбҳои соҳаи хизматрасонӣ ва савдо.

Тарбияи коммунистии хонандагон ва ташаккули ақидаҳои ба фалсафаи марксистӣ-ленинӣ асосдоштаи донишҷӯён самти афзалиятнок дар кори муассисаҳои таҳсилотӣ гаштанд. Ин вазифа дар назди соҳаи маориф ҳанӯз дар солҳои аввали ҳокимити шӯравӣ гузошта шуда буд. Талабот ба тадриси илмҳои ҷомеашиносӣ махсусан хеле зиёд шуда, таъсири ғоявӣ, илмӣ ва ҷаҳонбинии кафедраи илмҳои ҷамъиятӣ ба тамом соҳаҳои дигари фаъолияти муассисаҳои таҳсилотӣ ҳар чи бештар гашт. Идеологҳо ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ҳангоми ташкили раванди таълим ба андешаи афзалиятнокии илмҳои ҷомеашиносӣ дар сохтори маорифи халқ такя мекарданд.

Дар Тоҷикистон он вақт дар ин соҳа таҷрибаи муайян ғун шуда буд. Дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ тахти роҳбарии ректорон шӯрои кафедраи илмҳои ҷомеашиносӣ таъсис дода шуда буд, ки дар кафедраҳо тамоми корҳои илмӣ, методӣ ва тарбиявӣ таҳти роҳбарии онҳо амалӣ мешуданд. Супориш шуда буд, ки ин кафедраҳо ба мутахассисони соҳибихтисоси варзида пайваста таъмин бошанд. Аз тарафи кумитаҳои партиявӣ ва роҳбарият ба интихоб ва ҷобаҷогузории ҷомеашиносон таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешуд. Таъсиси гурӯҳҳои ҳизбӣ дар кафедраҳо, ки дар як ташкилоти ҳизбӣ муттаҳид карда шуда буданд, ба коммунистон имконият фароҳам сохтанд, ки назорати раванди интихоби кадрҳоро таҳким бахшанд. Ба вазифа таъин намудани омӯзгорони кафедраҳои фанҳои ҷомеашиносӣ танҳо тавассути тасдиқи онҳо дар бюрои ҳизб ва кумитаи ҳизби муассисаҳои таҳсилоти олӣ сурат мегирифт [4].

Омӯзгорони ҷомеашинос ҳар сол аз аттестатсия мегузаштанд. Дар кафедраҳо нақшаҳои омодасозии рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ, нақшаҳои дурнамои ҳаракати кадрҳо, нақшаҳои интиқоли омӯзгорон ба вазифаи ходими пешбари илмӣ ва тавсияномаҳо оид ба фиристонидан ба аспирантура коркард мешуданд. Таҷрибаомӯзӣ ва такмили ихтисос дар шаклҳои гуногун системаи ягонаи такмили тахассуси омӯзгоронро ташкил медоданд.

Аз ҷониби ҷомеашиносон ҷиҳати баланд бардоштани нақши ҷамъиятӣ ва тарбиявии имтиҳоноти давлатии коммунизми илмӣ, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба сифати аттестатсияи хатмкунандагон баррасӣ мешуд, корҳои зиёд амалӣ карда мешуданд. Кафедраҳои илмҳои ҷомеашиносӣ матни намунавии лексияҳоро таҳия карда, лексияҳои кушод ва иштрок дар машғулиятҳои якдигарро ташкил менамуданд. Тадбирҳое ба монанди ҷаласаи муштараки комиссия ва кафедраҳои фанҳои ҷомеашиносӣ ва баромаду гузориши олимони маъруф оид ба проблема ва омилҳои охирини пешрафти илмӣ-техникӣ бисёр манфиатнок буданд.

Тадбирҳои дар боло зикршуда имконият муҳайё сохтанд, ки сатҳи ғоявӣ-назариявии таълими илмҳои самти ҷомеашиносӣ балан бардошта шавад ва алоқаи байни омӯзиш ва таҷриба, омодасозии мутахассисон таҳким ёбад. Ин давра аз ҷиҳати афзоиши махсуси талабот ба такмили нақш ва сифати тадриси фанҳои ҷомеашиносӣ дар низоми таҳсилоти олӣ махсус тавсиф карда шудааст.

Ҳамин гуна вазифаро Пленуми июнии КМ ҲКИШ (с. 1983) гузошта, зарурати тақвияти аслии омодасозии мутахассисони ҷавонро дар техникум ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ барои соҳаҳои калидии иқтисодиёт ва баландбардории сатҳи ғоявӣ-сиёсии донишҷӯён таъкид карда буд. Аз ин рӯ, дар назди кафедраҳои фанҳои ҷомеашииносӣ вазоифи ҷиддӣ оид ба мунтазам баландбардории сифати таълим меистод.

Бояд қайд кард, ки тибқи нақшаи маҷмӯии Вазорати маориф кафедраи таърихи ҲКИШ-и Институти давлатии педагогии Кӯлоб вазифаи заминавиро аз рӯйи мавзӯи «Нақши ҲКИШ дар фароҳамсозии асосҳои моддӣ-техникии системаи маорифи халқ» иҷро намуда, кафедраи философия ва иқтисоди сиёсии ин муассиса ба коркарди проблемаи комплексии «Инқилоби муосири илмӣ-техникӣ ва ҷанбаҳои иҷтимоӣ-сиёсии он» мшғул буд. Ба коркарди ин мавзӯъҳо ҷомеашиносони баъзе аз институтҳои Академияи илмҳои Чумҳурии Тоҷикистон низ шуғл доштанд [11].

Котибони ҳизбӣ ва кафедраҳои ҷомеашиносии муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар байни донишҷӯён пайваста корҳои тарбиявӣ гузаронида, ба раванди таълимӣ-тарбиявӣ таъсири ҷиддӣ мерасониданд. Кафедраҳо фаъолиятро оид ба расонидани ёрӣ ба котибони ҳизбӣ ҷиҳати мураттабсозии нақшаҳои ягонаи комплексии тарбияи коммунистии толибилмон тақвият бахшида, дар ташкили таҷрибаомӯзии ҷамъиятӣ-сиёсии донишҷӯён бевосита кумак мерасонданд.

Бояд махсус таъкид сохт, ки сатҳи идеологиякунонии соҳаи таълиму тарбия хеле баланд буд. Нақшаҳои ягонаи комплексии тарбияи коммунистӣ ба такмил сахт ниёз доштанд. Мутаассифона, сатҳи тарбия ва таълим дар он солҳо ба талаботи замон ҷавобгӯ набуданд. Бисёр масоили ҳалталаб, ҳам дар масоили банақшагирӣ, ҳам дар баҳодиҳии меҳнат ва баҳисобгирии омӯзгорон дар кафедраҳои фанҳои ҷомеашиносӣ, мавҷуд буданд. Сарфи назар аз ин, кормандони ин кафедраҳо барои фаъолсозии раванди тарбия ва таълим бо истифода аз тамоми имконот заҳмат мекашиданд.

Бояд нақши муҳимми кафедраҳои фанҳои ҷомеашиносиро дар кори бароҳмонии тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии насли ҷавон дар ин давра махсус қайд кард [8]. Вазифаи асосии машғулиятҳои фанҳои ҷомеашиносӣ ташаккули ҷаҳонбинии марксистӣ-ленинӣ ва тарбияи сифатҳои олии ахлоқӣ дар ҷавонон буд. Омӯзиши саҳм ва нақши қаҳрамононаи халқи шӯравӣ дар Ҷанги дуюми ҷаҳон, ки нақши ҳизби коммунистиро дар Ғалабаи бузург бар фашизм ба таври барҷаста ошкор месохт, ба насли ҷавони шӯравӣ таъсири бағоят бузурги тарбиявӣ мерасонд. Дар семинар ва лексияҳо аз қаҳрамониҳои тоҷикистониён дар ин ҷанги хонумонсӯз, таърихи қаҳрамонӣ ва корномаи ҷангии онҳо бештар мисолҳо оварда мешуд. Махсусан, машғулиятҳое, ки дар осорхонаҳои кишваршиносӣ баргузор мешуданд, мароқангез ва таъсирнок буданд.

Дар ҷараёни дарсу семинар ва лексияҳо омӯзгорони кафедраҳои ҷомеашиносӣ бештар дар бораи афзалиятҳои сотсиализм, инсодӯстии воқеӣ ва демократизми он, дар бораи бузургии армонҳои коммунизм нақл мекарданд. Дар раванди машғулиятҳои ба мавзӯи мубориза и идеологӣ дар шароити муосир бахшидашуда омӯзгорон ба донишҷӯён роҷеъ ба ҳуҷумҳои идеологии пайгиронаи империализми амрикоӣ ба идеологияи марксистӣ-ленинӣ мисолҳои сершумор меоварданд. Дар вақтҳои беруназдарсӣ низ бо ҷавонон пайваста чорабиниҳои ҳарбӣ-ватандӯстӣ ба монанди вохӯриҳо бо иштирокчиёни ҷанг, намоиши филмҳои ҳуҷҷатӣ ва таърихӣ ва ғ. гузаронида мешуд.

Илова бар ин, дар тамоми муассисаҳои таълимӣ гӯшаҳои махсуси Шараф ва стендҳо бо акси тоҷикистониёни ҳаёташонро барои Ватан қурбонкарда ташкил ва муҷаҳҳаз шуда буданд [6]. Кумитаи комсомол дар ҳамкорӣ бо кафедраҳои ҷомеашиносӣ фаъолона кори ҳарбӣ-ватандӯстӣ мебурд. Зери сарпарастии ташкилоти комсомолӣ маҳфилҳои ҳарбӣ-ватандӯстии шарафи меҳнатӣ ва ҷангӣ, кошифону пайравони шарафи ҷангӣ ва ғ. пайгирона амалӣ мешуд.

Тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи анъанаҳои ҷангиву инқилобӣ имкон фароҳам месохт, ки робитаи қавии воқеаҳои солҳои ҷанг ва вазифаҳои айни замон дар назди халқи шӯравӣ истода барҷаста намоиш дода шавад.

Маорифи шӯравӣ давраҳои осону оромро ҳеҷ ёд надорад. Ҳар як давраи рушди вай бо мушкилоти ба худ хос маълум аст. Масалан, дар давраи солҳои 1965-1985 аксари проблемаҳо бо тағйироти кадрӣ дар роҳбарияти мамлакат ва давраи карахтии бардавом, ки таваҷҷуҳро ба соҳаи иҷтимоӣ, аз он ҷумла ба мактабу маориф хеле кам карда буд, вобаста буданд.

Таъсири ҳодисаву воқеаҳои нисбатан маълуми он давра ба маорифро баррасӣ мекунем. Қабл аз ҳама, оид ба усули ба ном директивии роҳбарӣ, ки аз доираҳои олии

давлатӣ ва ҳизбӣ ба «поён» дода мешуд: ҳам Вазорати маориф ва ҳам мақомоти поёнӣ амру супоришҳои «болоро» бечунучаро иҷро мекарданд, аз ҷониби дигар, ташаббусҳои маҳаллӣ аксаран маъқул дониста намешуданд. Мутаассифона, ин гуна вазъият аксариятро «қонеъ» мекард ва нафаре тавони сар боло карда мухолифат ва изҳори назар карданро надошт.

Имрӯз роҳу усули беҳдошти сифати тарбия ва таълимро дар солҳои 60-80-уми асри гузашта ба ҳар навъ тавсиф ва арзёбӣ мекунанд. Дар ин давра мазмуни таҳсилот аз вазоифе бармеомад, ки ба бунёди давлати сотсиалистӣ ва вобаста ба он, ба вижагиҳои мактаби меҳнативу политехникии ягона нигаронида шуда буд. Онро Ҳукумати Шӯравӣ ба сифати шакли нисбатан муносиби таълиму тарбияи насли наврас интихоб карда буд ва он имрӯз аз ҷониби бисёре аз рақибон мавриди танқид қарор дорад.

Сарфи назар аз ин, дар муқоиса бо аксар давлатҳо ҳокимияти шӯравӣ ба сифати таҳсилот таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир менамуд. Аз як тараф, Ҳизби коммунистӣ соҳаи маорифро сахт назорат мекард ва аз тарафи дигар, маорифро ҳаматарафа дастгирӣ менамуд.

Соҳаи маорифро аз идеология ҷудо кардан ғайриимкон аст, чуноне ки дарки олам, ҷаҳонбинӣ, системаи ақидаҳо ба шахсият, ҷамъият ва табиатро бе идеология тасаввур кардан душвор аст. Идеология ҷузъи ҷудонашавандаи мазмуни тарбия ва таълим буд, ҳаст ва хоҳад монд.

Дар ин ҳолати матраҳшаванда мо догматизм дар мазмуни идеологии таҳсилот, бештар ба як масъала – ба идеологияи расмӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудани муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии шӯравӣ, манъ кардани омӯзиши ақидаву андешаҳои идеологии алтернативиро дар назар дорем [7], ки идеологикунонии таълиму тарбия ном дорад. Идеологикунонӣ ин раванди ба таври зӯрӣ мутеъсозии шуури ҷамъиятӣ ба консепсияҳои расмии идеологӣ ва амру фармоиши сохторҳои ҳукуматӣ мебошад.

Дар натиҷа, гуногунандешӣ ба сифати норозигӣ аз сиёсат, напазируфтани идеологияи расмӣ ва дигарандешӣ арзёбӣ шуда, бевосита ба хонандагону донишҷӯён, махсусан ба онҳое, ки дар муассисаҳои таҳсилотии аз нигоҳи идеологӣ муҳим ё дар ба ном ихтисосҳои «пӯшида» таҳсил мекарданд, таъсири манфӣ мегузошт. Саъю талошҳои ҷавонон ба ягон навъ созмону иттиҳодияҳои ғайрирасмӣ зери назорат ё сарпарастии комсомол расмӣ кунонида мешуд ё тавассути тадбирҳои маҳдудкунӣ-монеагузорӣ бартараф ё «безарар» гардонида мешуданд.

Фаъолияти ташкилоти комсомолиро дар ин давра таҳлил ва баррасӣ намуда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки он дар воқеъ мактаби коллективизм ва ташаббускорӣ будааст. Вале, аз ҷониби дигар, комилан мақбул набудани ҳама гуна зуҳуроти гуногунандешӣ ва мавҷуд набудани таҳаммулпазириро, ки дар ин муҳит ҳукмфармо буд, махсус бояд қайд кард. Ҳамин тариқ, омӯзиш ва таҳлили ҳаматарафаи масъала аз он шаҳодат медиҳад, ки ба ном иштироки донишҷӯён дар раванди идоракунии муассисаи таълимӣ – ин, асосан, ба эътибор гирифтани фикру пешниҳоди котиби ташкилоти комсомолӣ будааст [3].

Аз ҷониби дигар, донишҷӯён баъзан имконияти таъсиргузорӣ ба ҳаёти донишҷӯйии худро доштанд. Мумкин аст, ба дараҷаи кофӣ нақши бузурги шӯроҳои донишҷӯёнро дар хобгоҳҳо, дар комиссияҳо оид ба таълим ва оид ба идрорпулӣ ва ғ., дар рушди заминаҳои худидоракунӣ дар дастаҳои сохтмонии донишҷӯён ва дар ҷамъиятҳои варзишӣ махсус қайд кард. Аммо, дар як вақт, донишҷӯёни шӯравӣ аз озодии академӣ маҳрум буданд, яъне наметавонистанд ба унсурҳои мазмуни таҳсилот таъсир расонанд.

Раванди таълим ба стратегияи мақомоти давлатӣ, ки роҳбарии таҳсилоти олиро амалӣ ва барномаҳои намунавию нақшаҳои таълимии муайянсозандаи мазмуни раванди омӯзишро ба таври амалӣ то дараҷаи машғулиятҳои амалӣ ва лексияҳо тасдиқ мекарданд, сахт вобастагӣ дошт. Иштирок дар лексия вазифаи донишҷӯ буд. Ҳуқуқ ба иштироки озодро танҳо гурӯҳи «интихобиён», амсоли фаъолони иттифоқи касаба ва комсомол, варзишгарони номдор ва ғ. соҳиб буданд [5].

Мақсад ва роҳу равиши идеологии таҳсилот дар ҷумҳурӣ дар тамоми санадҳои давлативу ҳизбӣ – қарорҳои КМ ҲКИШ ва анҷуманҳои ҳизб, Конститутсия,

қонунгузории соҳаи маориф ва ғ. инъикос шуда буд. Тамоми санадҳои нобаршуда ва ҳуҷҷатҳои дигари ба онҳо монанд муқаррарот оид ба «омодасозии мутахассисони ихтисосманд, ки назрияи марксистӣ-ленинирo азхуд кардаанд» ва «тарбияи шуурнокии коммунистӣ ва сифатҳои олии ахлоқӣ»-ро ҳамчун вазифаи асосии муассисаҳои таҳсилотӣ дар бар гирифта буданд [2].

Барои мактаби тоҷикӣ ин гуна ҳукмфармоии идеологӣ оқибатҳои бениҳоят бадро дар пай дошт. «Ба туфайли вай» дар низоми таҳсилоти миёна ва олӣ ихтилофҳои ҷиддӣ гузошта шуданд, соддакунӣ ва якмаромсозии раванди дидактикии бо вай алоқаманд ба вуқӯъ пайвастанд. Дар натиҷа ширкати мутахассисон, омӯзгорон ва олимон дар мураттабсозии барномаҳои таълим то ба ҳадди минимум расонида шуда буд. Дар шароити тоталитаризми шӯравӣ даст кашидан аз тағйирпазирӣ (гунанокӣ, қобилияти дар навъҳои мухталиф мавҷуд будан) ва гуногунии ҳаёти фарҳангӣ ба гумшавии шавқу завқ ба омӯзиш, ба илм ва аз байн рафтани соҳаҳои томи илм, ки бешубҳа дурнамои хуб доштанд, боис шуд [10].

Дар нимаи дуюми асри XX савияи донишҳои нав дар системаи куҳнаи таҳсилот «ҷойгир» намешуданд. Сол аз сол вазъият ҳеҷ тағйир намеёфт. Омилҳои институтикунонии таҳсилот, ки дар шароити ватанӣ шакли идеологикардашуда (ҳизбӣ +давлатӣ)-ро ба худ касб карда буданд, то рафт таҳким меёфтанд. Яке аз хусусиятҳои асосиву фарққунандаи таҳсилоти шӯравӣ на танҳо «мавҷудияту амали баробар» («параллелизм»)-и тарбия ва таълим, балки равонсозӣ ё нигаронида шудани тарбия ба «ташаккули инсони ахлоқи коммунистидошта», «инсони нав», ба ибораи дигар – нигаронида шудан ҷиҳати ба як шакл даровардан (унификатсия)-и маънавиёт ва ҳастии шахсияти фард (индивид) маҳсуб меёфт.

Бояд эътироф намуд, ки шиори «ташаккули рушди мутаносиби шахс» тарбияи маҳсули фарҳанги тоталитариро, ки муқарраротҳи институтсионалии мамнуъкунандаи интихобро афзалиятнок месохт, дар худ ниҳон дошт. Дар даврони шӯравӣ на танҳо фанҳои гуманитарӣ, балки фанҳои табиӣ низ сиёсатикунонида шуда буданд.

Бо вуҷуди ин, бояд дар хотир дошт, ки мактаби миёна ва олии шӯравӣ хориқа (феномен)-е мебошад, ки дар натиҷаи азнавсозии ҷомеа ба вуҷуд омадааст. Заминаи онро доктринаи муайяни марксистӣ-ленинӣ ташкил дода, он миёни таҳсилоти шӯравӣ ва ҷаҳон рахна эҷод намудааст, ки ин меросро имрӯз мебояд дар кишвар аз пеши роҳ ва дар мазмуни таҳсилоти муосир бартараф сохт, аз он бояд сабақ гирифт ва аз он зиёдтар онро такрор набояд кард, зеро собит шудаст, ки идеологикунонии таълиму тарбия ҳеҷ гоҳ оқибату натиҷаҳои дилхоҳро ба бор наовардааст ва минбаъд низ нахоҳад овард.

**ЛИТЕРАТУРА:**


1. Абдуллаев М.Х. Из истории развития народного образования в Таджикистане в годы восьмой пятилетки на селе (1966-1970 гг.)//Материалы по истории и истории культуры Таджикистана. - Душанбе, 1981.-С.291-300.
2. АИ ПИ ЦК КП РТ. -Ф.36. -Оп.25. -Д 8. -л..9.
3. Амаков М. Комсомол Таджикистана - активный помощник партии в строительстве объектов Южно-Таджикского территорально-производственного комплекса (!971-1980 гг.): Канд. дисс. на соискан. уч. ст. канд. ист. наук. - Душанбе., 1984.
4. Бобокалонов Т. О переходе к всеобщему среднему образованию в Таджикистане (1966-1970 гг.) // Материалы по истории и истории культуры Таджикистана. - Душанбе, 1981 .-С.3 01 -311.
5. Волохин И.С. Профессиональная подготовка молодежи Таджикистана в учебных заведениях РСФСР и Украинской ССР. //Обзорная информация. - Душанбе, 1984.
6. Горюнов С.П., Лев Ф.М., Общественное мнение о производственной ситуации // Социологические исследования. -1986. -№2. -С. 123-124.
7. Давлятов И., Муллоев Ш. Проблемы финансирования и бюджета системы образования в Таджикистане. - Париж, ЮНЕСКО, Международный институт прогнозирования образования (МИЛО), 2000.-85 с.
8. Зайцев Ю.В. Народное образование и будущее общества// Драма обновления. - М., 1990. -С. 537.
9. Народное хозяйство СССР в 1989 году. - М., 1990. -С. 99-100.

**10.** ТА Союза молодежи Таджикистана: Справка отдела рабочей и сельской молодежи об итогах комплектования вечерних (заочных) общеобразовательных школ республики в 1984/85 учебном году. - л.3.

11. ЦГА РТ.-Ф. 360.- Оп. 15.-Д.859.-Л.11-12.

**М. Б. Каримзода**

## МАЙЛОНИ ИДЕОЛОГӢ ДАР ТАҲСИЛОТИ ШӮРАВӢ - - МОНЕАИ АФКОРИ ПЕШҚАДАМИ ПЕДАГОГӢ ВА РУШДИ ҲАМАТАРАФАИ ШАХСИЯТИ ТОЛИБИЛМОН

Дар мақола муаллиф вазъи моддиву маънавӣ ва натиҷаҳои фаъолияти таҳсилот дар Иттиҳоди Шӯравӣ ва як идда давлатҳои мутараққии капиталистиро дар муқоиса таҳлилу баррасӣ намуда, сабаб ва омилҳои ба пешрафти маориф, афкори пешқадами педагогӣ ва рушди бемайлони шахсияти донишҷӯён монеаэҷодкунандаро дар таҳсилоти шӯравӣ аз рӯйи омӯзишу таҳлил аз назари хеш мавриди арзёбӣ қарор додааст.

Муаллиф собит сохтааст, ки идеологикунонӣ ва сиёсатикунонии таълиму тарбия ҳеҷ гоҳ дар ташаккули инсони комил ва рушди озодонаи инсон самаровар набудааст ва ҳамеша баръакс дар ин ҷода халал эҷод кардааст.

Аз ин рӯ, аз он ки идеологикунонии таълиму тарбия миёни таҳсилоти шӯравӣ ва таҳсилоти ҷаҳон рахна эҷод намуда буд ва он дар баъзе маворид ҳоло ҳам побарҷост, муаллиф пешниҳод дорад, ки ин меросро имрӯз дар кишвар бояд ҳар чи зудтар аз пеши роҳ ва дар мазмуни таҳсилоти муосир бартараф созем, аз он сабақ гирем ва аз он зиёдтар онро такрор накунем, зеро оқибату натиҷаҳои дилхоҳро ҳеҷ гоҳ ба бор наовардааст ва нахоҳад овард.

**Калидвожаҳо:** майлони идеологӣ, таҳсилоти шӯравӣ, афкори педагогӣ, рушди бемайлони шахс, идеологикунонӣ, муассисаи таҳсилотӣ, институтикунонии таҳсилот, тоталитаризми шӯравӣ, ташаккули инсони комил, назарияи марксистӣ-ленинӣ, унификатсияи маънавиёт.

**М. Б. Каримзода**

## ИДЕОЛОГИЧЕСКИЙ КРЕН В СОВЕТСКОМ ОБРАЗОВАНИИ - ТОРМОЗ ПЕРЕДОВОЙ ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ МЫСЛИ И ГАРМОНИЧНОГО РАЗВИТИЯ ЛИЧНОСТИ ОБУЧАЕМЫХ

В статье автор рассматривая в сравнении материально-духовное положение и результаты образовательной деятельности в Советском Союзе и ряде развитых капиталистических стран, определяет и анализирует причины и факторы, мешавшие в советском образовании развитию образования, передовой педагогической мысли и гармоничному развитию обучаемых.

Таким образом, автор доказывает, что идеологизация и политизация воспитания и образования никогда не были полезными и эффективными инструментами в формировании совершенного человека и в свободном развитии личности обучаемых и, наоборот, всегда становились тормозом для развития образования.

В связи с тем, что идеологизация воспитания и образования вызвала разрыв между советским и мировым образованием, и сегодня, во многом, она ещё в действии, автор предлагает, что нам необходимо преодолеть это наследие, извлекать из этого уроки, не повторить никогда подобное, потому что идеологизация никогда не имела за собой желаемых последствий и результатов.

**Ключевые слова:** идеологический крен, советское образование, педагогические мысли, гармоничное развитие личности, идеологизация, образовательное учреждение, институтиализация образования, советский тоталитаризм, формирование совершенного человека, марксистская-ленинская теория, унификация нравственности.

**M. B. Karimzoda**

## IDEOLOGICAL BIAS IN THE SOVIET EDUCATION - A BRAKE ON THE FOREFRONT OF EDUCATIONAL THOUGHT AND HARMONIOUS DEVELOPMENT OF PERSONALITY OF STUDENTS

In the article the author considering in comparison the material and spiritual situation and the results of educational activities in the Soviet Union and a number of developed capitalist countries, defines and

analyzes the causes and factors that prevented the development of Soviet education, advanced pedagogical thought and harmonious development of students.

Thus, the author proves that the ideologization and politicization of education have never been useful and effective in the formation of a perfect person and in the free development of the personality of students and, conversely, has always been an obstacle to education.

Due to the fact that the ideologization of education and training has caused a gap between the Soviet and world education, and today, in many ways, it is in action and suggests that we need to overcome this legacy, to learn from this, not to repeat ever like, because ideologization has never had the desired consequences and results.

**Key words:** ideological roll, Soviet education, educational thought, the harmonious development of the personality, ideological, educational institution, institutialization education, Soviet totalitarianism, the formation of the perfect man, the Marxist-Leninist theory, a unification of morality.

**Сведения об авторе: Каримзода Мирзо Бадал** - кандидат филологических наук, заместитель директора Института развития образования имени Абдурахмона Джоми Академии образования Таджикистана, адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С.Айни, 45. Тел:. (992) 90 085 35 35, E.mail: takmil-bbk@mail.ru

**Information about the author: Karimzoda Mirzo Badal** - Candidate of Philology, Deputy Director of the Institute for Educational Development named after Abdurahmon Jomi of the Academy of Education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 45 C. Aini St.. tel:. (992) 90 085 35 35, E.mail: takmil-bbk@mail.ru

**Д. МАҲКАМОВ**
**С. УСМОНОВ**

# ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНӢ - ОМИЛИ ПЕДАГОГИИ РУШДИ ТАҲСИЛОТ

Фаъолияти инноватсиониро дар асоси тағйироти солҳои охир дар соҳаи маориф рӯйдода дар кадом ҷабҳаҳои фаъолияти педагогӣ ворид намудан мумкин аст: пеш аз ҳама дар ҳадаф ва мақсади таълим, дар мазмуни таҳсилот, дар шакл, усул, технология ва воситаҳои таълим, дар низоми идоракунӣ ва ғайра.

Фаъолияти касбии омӯзгор беарзиш аст, агар дар болои методҳои як вақтҳо аз барнамуда сохта шуда бошад. Агар дар он аз имкониятҳои мавҷуда баҳри ба даст овардани натиҷаҳои баланди таълим истифода набарем ва ба инкишофи маҳорати касбии шахсии омӯзгор таъсир нарасонад, ҳама ин гуфтаҳо ба суханбозии хушкуи холӣ табдил меёбанд.

Маҳорати касбии омӯзгор маҳсули эҷодкорӣ ва пайваста ворид намудани навгонӣ ба таълиму тарбия мебошад. Бе муносибати эҷодкорона ва фаъолияти инноватсионӣ ба таълим омӯзгор дар кори хеш мумтоз гардида наметавонад.

Дар Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «*Диққати асосӣ ба таҳким бахшидани иқтидори илмии кишвар, ҷорӣ кардани ихтироот дар истеҳсолот, устувор гардонидании пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ҷалби боз ҳам васеи истеъдодҳои ҷавон ба омӯзиши технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникӣ равона карда шудааст».* [1,25].

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми апрели соли 2011, зери № 227 «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» тасдиқ гардид, ки мақсаду муҳтавои он ҳавасманд гардонидани ҷавонон ба фаъолияти илмию техникӣ ва миллию инноватсионӣ, ташаккули заминаи меъёрӣ ҳуқуқии фаъолияти инноватсионӣ, ҷалби имкониятҳои илмию техникии мамлакат дар раванди инноватсионӣ, истифодаи самараноки коркарди илмию технологӣ ва ихтироот, таъсис ва равнақи сохторҳои инноватсионӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот мебошад.

Мақсади асосии Барномаи давлатӣ ташаккули низоми самараноки инноватсионӣ мебошад, ки ба баланд бардоштани сатҳи технологӣ ва рақобатпазирии истеҳсолот, ба бозори дохилию хориҷӣ баровардани маҳсулоти инноватсионӣ, афзоиши молҳо ба ивази молҳои воридотӣ, суръатбахшии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва ноилшавӣ ба ҳадафҳои стратегияи миллӣ мебошад. [2,25].

Пас, дар тамоми зинаҳои таҳсилот дар Тоҷикистони соҳибистиқлол таваҷҷуҳи бештар ба ворид намудани ҷараёни инноватсионӣ, навоварию ихтироъкорӣ дар мазмуни таълиму тарбия ва баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот меравад, ки ин омил аз мо ҳалли масъалаҳои зеринро талаб менамояд:

1. Коркарди ҳуҷҷатҳои меъёрӣ баҳри бунёди тартибе, ки пеш дар муассисаҳои таълимӣ вуҷуд надошт (низомнома дар бораи таъсис додани комиссияи равонӣ- тиббӣ-педагогӣ, ҷамъияти илмии хонандагон, гурӯҳҳои проблемавӣ ва омода намудани омӯзгорон ба фаъолияти инноватсионӣ).

2. Коркарди ҳуҷҷатҳои методии таъминкунандаи навгониҳо ва фаъолияти таҷрибавӣ- озмоишӣ дар таълим (дастур дар бораи роҳандозии фаъолияти инноватсионӣ, дастур барои мураттаб сохтани барнома, омода намудани ҳуҷҷатҳои нашрӣ, тавсияҳо дар бораи паҳн кардани таҷрибаи пешқадам).

3. Шинос намудани иштирокчиёни фаъолияти инноватсионӣ бо талаботи дуруст пур кардани журналҳо ва ҳуҷҷатҳои шахсӣ (гузоштани баҳо, санҷиш, тақсим кардани хонандагон ба зергурӯҳҳо).

4. Коркарди низомномаи назорат аз болои раванди фаъолияти инноватсионӣ дар муассиса ва натиҷаи экспертӣ оид ба инноватсияи педагогӣ. [3,112].

Дар ин раванд ва барои ҳалли ин масъала ва рафти татбиқшавии он ҷамъоварӣ ва коркарди ахбор дар бораи навгониҳо дар ҷойи асосӣ меистад. Фаъолияти инноватсионӣ дар муассисаҳои таълимӣ анҷом додани амалҳои зеринро талаб менамояд:

1. Иштирок дар таълими фанҳои нав ҷоришуда бо мақсади мушоҳида намудани рафти амалӣ гардидани дастуру супоришҳое, ки дар Барномаи инноватсионӣ дарҷ гардидаанд. Бо ин роҳ муайян намудани инкишофи дониш, малака ва маҳорати хонандагон имконпазир мегардад.

2. Назорати рафти татбиқи барномаҳои инноватсионии таълим дар муассисаҳои таълимӣ (тафтиши журналҳо ва робита пайдо намудани таълим бо воситаҳои технологияи ахборотӣ- коммуникатсионӣ).

3. Ҷамъбаст ва хулосабарорӣ аз натиҷаи фаъолияти инноватсионӣ дар муассиса ва пешниҳод намудани маълумотнома ба маҷлису машварат ва шӯрои педагогӣ.

4. Назорати раванди иҷроиши нақшаи кории иттиҳодияи методӣ ва шуъбаи таълим, ки дар он фаъолияти инноватсионӣ дарҷ гардидааст.

5. Фаъолияти инноватсиониро, ки дар муассисаҳои таҳсилотӣ роҳандозӣ мегардад, бояд муовини директор оид ба корҳои таълимӣ- тарбиявӣ бо фармони директори муассиса роҳбарӣ ва назорат намояд.

6. Интихоби омӯзгорон барои фаъолият дар роҳандозии фаъолияти инноватсионӣ озодона ва бе маҷбуркунӣ бояд сурат гирад . [4,121].

Бояд дуруст фаҳмид, ки дар марҳилаи аввал на ҳама омӯзгорон хоҳиши ба фаъолияти инноватсионӣ ворид гардидан доранд. Барои майл пайдо намудани онҳо, бояд бештар корҳои фаҳмонидадиҳӣ бурда шаванд. Дар байни омӯзгорон коршиносон семинару мизҳои мудаввар гузаронида, онҳоро бо мақсаду муҳтавои фаъолияти инноватсионӣ шинос намоянд, то тарсу ваҳм аз онҳо дур гардад.

Аз рафти сафари хидматӣ, ки бо мақсади ошкор сохтани раванди татбиқи «Барномаи давлатии инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии ноҳияи Ёвон, шаҳри Бохтар ва ноҳияи Ҷ.Балхӣ, Қубодиёну Шаҳритуз баргузор намудем, маълум гашт, ки баъзе роҳбарон ва омӯзгорон дар куҷо ва чӣ тавр татбиқ намудан инноватсия ва шакли таъсис додани комиссияро барои фаъолияти инноватсионӣ намедонанд.

Дар баъзе муассисаҳо ҳатто «Барномаи давлатии инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» вуҷуд надошт ва дар бораи он ва талаботаш аъзои коллектив фаҳмиши умумӣ надоштанд. Кор дар ин самт танҳо дар коллеҷи тиббии ноҳияи Ёвон беҳтару хубтар ба роҳ монда шуда буд. Фаъолияти инноватсионӣ аз рӯйи давраҳои банақшагирифта ё нимсола, ё дар охири сол натиҷабардорӣ, ҷамъбаст ва хулосагирӣ карда мешавад.

Дар ин раванд вазифаи асосии муовини директор оид ба корҳои таълимӣ- тарбиявӣ аз таъсис додани комиссия, интихоби ҳайати ширкатчиён, муҳайё сохтани шароит, ҳамоҳанг сохтани маҳорати касбӣ, ҷамъбаст ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ иборат мебошад. Ин амал дар фаъолияти навҷӯйӣ дар чунин шакл бояд сурат гирад:

1. Гузаронидани озмунҳои касбӣ (озмуни барнома, озмуни дарсҳо, «муаллими сол», мақолаю маърӯзаҳои беҳтарин ва ғайра);

2. Гузаронидани конференсия ва семинарҳои методӣ оид ба мақсад ва моҳияти фаъолияти инноватсионӣ;

3. Ҳавасманд гардонидани иштирокчиёни фаъолияти инноватсионӣ аз рӯйи натиҷаи ба даст овардаи муассиса дар озмунҳои ноҳиявӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ.

**Ба танзим даровардан ва паҳн намудани таҷрибаи фаъолияти инноватсионӣ** пеш аз ҳама ба воситаи дарсҳои телевизионӣ, ба табъ расонидани мақолаҳо, дастурҳои методӣ, маърӯзаҳо, баромадҳо, гузаронидани дарсҳои кушод, ширкат дар олимпиадаҳо, ҳисоботи эҷодӣ, устои- синф (мастер класс) амалӣ мегардад. Дар шароити муосир омӯзгорон ба

тамоми навгониҳои таълимӣ хешро мутобиқ намуда тавонанд, ки ин талаботи ҷаҳонишавии таҳсилот мебошад.

**Аз рӯйи таҳлили проблемавӣ – равонасозии натиҷаҳои фаъолияти инноватсионӣ,** муовини директор оид ба корҳои таълим ва тарбия ҳамчун самти асосии таҳлили мушкилотӣ- равонасозиро дар нақшаи солонаи муассиса бояд дақиқ дарҷ намояд. Фаъолияти самараноки инноватсионии муассиса ва муовини директор аз рӯйи ҳуҷҷатҳои зерин дар фаъолияти инноватсионӣ баҳогузорӣ карда мешавад:

1. Аз рӯйи мавҷуд будани низомнома дар бораи фаъолияти инноватсионӣ;
2. Фармони роҳбари муассисаи таълимӣ дар бораи ташкили гурӯҳи корӣ дар фаъолияти инноватсионӣ;
3. Барномаи муаллифӣ оид ба ин ё он паҳлуи фаъолияти инноватсионӣ;
4. Харитаи фаъолияти инноватсионии омӯзгорон;
5. Тавсия ва пешниҳодҳои методӣ барои тартиб додани барномаҳо оид ба фаъолияти инноватсионӣ;
6. Ҳисобот оид ба натиҷаи корҳои озмоишӣ;
7. Маълумотномои таҳлилӣ, ки вазифаи назоратчигии муовини директор оид ба корҳои таълим ва тарбияро тасдиқ намояд;
8. Ҳисоботи даврии омӯзгорон оид ба корҳои инноватсионии анҷомдодашуда;
9. Муайян сохтани сабаби иҷро нагардидан ва ба давраи дигар пешниҳод намудани иҷроиши вазифаҳои гузошташуда;
10. Муайян сохтани сабаби иҷро нагардидани вазифаҳои инноватсионӣ ва андешидани чора нисбат ба сабабгорон;
11. Хулоса аз натиҷаи фаъолияти инноватсионӣ. [7,112].

Корҳои инноватсионӣ дар шароите самаранок мегарданд, ки **агар:**

- дониш ва маърифати роҳбарони муассиса ба ҳалли масъалаҳои касбӣ, талаботи воридшавӣ ба фазои ҷаҳонии таҳсилот, дарки мушкилоти омӯзгорон, дараҷаи касбӣ, мутобиқати маҳорати омӯзгорон ба фаъолияти инноватсионӣ мусоидат намояд;
- ташкил ва зери назорат қарор додани фаъолияти инноватсионии омӯзгорон аз ҷониби маъмурияти муассиса;
- танзими инкишофи касбии омӯзгорон, дастгирии кӯшиш ва ҳаракатҳои шахсии онҳо дар самти татбиқи навгониҳои педагогӣ;
- ворид намудани омӯзгорон ба ҳалли мушкилоти муассисаи таълимӣ тавассути фаъолияти инноватсионӣ.
- бедор намудани майлу хоҳиши омӯзгорон ба ворид гардидан ба навгониҳо дар мазмуни таҳсилот, дар омӯзиши фан, дар сохтори дарс ва дар барномаю китобҳои дарсӣ ва ғайраҳо.

Дар ин ҷо бояд эътироф кард, ки мушкилоти мавҷударо дар муассиса аз омӯзгори муассиса дида, касе беҳтару хубтар намедонад. Ҳар як муассиса аз рӯйи мавқеи ҷойгиршавӣ, шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маданӣ, экологӣ мушкилоти объективию субъективии ба худаш хосро ноил мебошад.

Хулоса, ҳалли мушкилоти ташаккули омодагии баланди иштирокчиёни фаъолияти инноватсионӣ аз маҷбуран ба гардани касе бор кардани талаботи инноватсионӣ иборат намебошад. Ба омӯзгорон кор бурдан зарур аст, то дарк намоянд, ки мақсаду муҳтавои Барномаи давлатӣ аз чӣ иборат аст? Аз омӯзгор дар ин раванд чӣ талаб карда мешавад? Инноватсияро дар педагогика дар куҷо татбиқ намудан мумкин аст? Агар дар муассиса ин корҳо дуруст анҷом дода шаванд, омӯзгорон худашон озодона самти фаъолияташонро муайян намуда, харитаи фаъолияташонро пешниҳод менамоянд.

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати милӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: *«Бояд гуфт, ки дар соҳаи маориф ду проблемаи асосии ҳалталаб вуҷуд дорад. Якум, норасоии кадрҳои соҳибкасби омӯзгорӣ ва дуюм, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти кишвар».* [1,26].

Ин ду мушкилот робитаи канданашавандаи фалсафӣ дошта, дар охир омада ба як нуқтаи ибтидо мепайванданд, ки ин ҳам бошад, паст будани сатҳи музди меҳнати

омӯзгорон мебошад. Паст будани музди меҳнати омӯзгорон ҳавасмандии онҳоро дар самти соҳибкасб гардидани онҳо ва баланд бардоштани сатҳу сифати таълим коҳиш медиҳад.

Мақсади фаъолияти инноватсионӣ низ аз ҳалли ҳамин ду мушкилот сахт вобастагӣ дорад. Ба таври хулоса гуфтан мумкин аст, ки тавассути роҳандозии фаъолияти инноватсионӣ соҳибкасб гардонидани омӯзгор ва дуюм, тавассути ворид намудани навгониҳо дар таълиму тарбия баланд гардидани дониш, маҳорат ва малакаи хонандаю донишҷӯён рӯй медиҳад.

Аммо дар шароити муосир бисёр омӯзгорони ҷавон бо ин музди меҳнати ночиз барои сайқал додани маҳорати касбӣ дилгарм набуда, мушоҳидакорона таҳлил менамоянд, ки оянда дар куҷо фаъолият намоянд, ки зиндагияшон беҳтару хубтар гузарад. Аксари онҳо хешро дар кори омӯзгорӣ муваққатӣ ҳис менамоянд ва ба кори худомӯзию сайқал додани маҳорати касбӣ камтар таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Онҳоро дар кори омӯзгорӣ танҳо маҳдуд будани ҷойҳои корӣ нигоҳ медорад, агар ҷойҳои корӣ фаровон мебуд, онҳо ҳеҷ гоҳ дар ин вазифа фаъолият наменамуданд. Ҳамин омил, таъсиррасони асосӣ дар рушди сифати таҳсилот мебошад.

## АДАБИЁТ:

**1.** Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷииҶумҳурии Тоҷикистон».-Душанбе, 26.12.2018

2. «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020».

*3.***Атутов П.Р.** Технология и современное образование // Педагогика. – 1996. - №2.

4.**Бабанский Ю.К.** Оптимизация процесса обучения. – М., 1977.

**5. Бабенко О.А.** Особенности применения метода проектов в начальной школе. – Реализация инновационных педагогических технологий в условиях модернизации образования. – Новокузнецк, 2007.

**6. Беспалько В.П.** Слагаемые педагогической технологии. М.,1989.

**7. Беспалько В.П.** Педагогика и прогрессивные технологии обучения. – М., 1995.

**8. Болотов В.А., Сериков В.В.** Размышления о педагогическом образовании // Педагогика, 2007, №10.

**9.Бордовская Н.В., Реан А.А.** Педагогика: Учебник для вузов. СПб, 2000.

**10.Бордовский Г.А., Извозчиков В.А.** Новые технологии обучения: Вопросы терминологии // Педагогика. – 1993. - №5.

**Маҳкамов Д.**
**Усмонов С.**

# ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНӢ - ОМИЛИ ПЕДАГОГИИ РУШДИ ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи раванди татбиқи "Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020" дар таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ меравад. Диққати асосӣ ба ҳавасмандгардонии фаъолияти илмию техникӣ ва миллию инноватсионӣ, ташаккули заминаҳои меъёрии ҳуқуқии фаъолияти инноватсионӣ, ҷалби имкониятҳои илмию техникии мамлакат дар раванди фаъолияти инноватсионӣ, истифодаи самараноки коркарди илмию технологӣ ва ихтироот, таъсис ва равнақи сохторҳои инноватсионӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот меравад.

Мақсади асосии Барномаи инноватсионӣ ташаккули низоми самараноки инноватсионӣ мебошад, ки ба баланд бардоштани сатҳи технологӣ ва рақобатпазирии истеҳсолот, ба бозори дохиливу хориҷӣ баровардани маҳсулоти инноватсионӣ, афзоиши молҳо ба ивази молҳои воридотӣ, суръатбахшии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегияи миллӣ мебошад.

**Калидвожаҳо:** навгонӣ, фаъолияти илмӣ- таҳқиқотӣ, миллӣ иноватсионӣ, илиию технологӣ,ихтироот, рақобатпазири бозори ҷаҳон, стратегияи миллӣ, ҳуҷҷатҳои методӣ.

**Махкамов Д.**
**Усмонов С.**

## ИННОВАЦИОННАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ – ПЕДАГОГИЧЕСКИЙ ФАКТОР РАЗВИТИЯ ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ

В данной статье разговор ведётся о внедрении «Программа инновационной деятельность Республики Таджикистан в период 2011-2020 года» в системе начального и среднего профессионального образования. В данной статье, основное внимание уделяется, вознаграждение участников инновационной деятельности за научно- технической и национально инновационной деятельности. В статье речь ведётся вокруг развитие нормативно правовых документов инновационных деятельности, использование эффективной научно технологических разработки и изобретение, создание и развитие инновационный деятельность во всех ступенях образования.

**Ключевые слова:** инновация, научно- исследовательской деятельность, национально инновационной, научно технологический, изобретения, конкурентоспособный рыночной требование, национальная стратегия, методические документы.

**Makhkamov D.**
**Usmonov S.**

## INNOVATIVE ACTIVITY METHOD OF DEVELOPMENT OF PROFESSIONAL EDUCATION

In this article, the conversation is about the introduction of the “Program of innovative activities of the Republic of Tajikistan in the period 2011-2020” in the system of primary and secondary vocational education. This article focuses on remuneration of participants in innovation activities for scientific, technical and national innovation activities. The article focuses on the development of regulatory documents of innovative activities, the use of effective scientific and technological developments and the invention, the creation and development of innovative activities at all levels of education.

**Key words:** innovation, research activities, national innovation, scientific technological, inventions, competitive market requirement, national strategy, methodological documents.

**Сведения об авторах: Махкамов Д. -** кандидат педагогических наук, Зав. отделом начального и среднего профессионального образования Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. Айни 45. 93.502.15.64

**Усмонов Субхон** - кандидат педагогических наук, и.о дотсент кафедры языков и гуманитарных предметов Таджикского государственного института изобразительного искусства и дизайна.

**Адрес:** 734019,Таджикистан, г.Душанбе, Сино улица Яккачинар 142/2 тел: 987259899

**Information about the authors: Makhkamov D**. - Candidate of Pedagogical Sciences, Head. Department of Primary and Secondary Vocational Education of the Institute of Development of Education named after Abdurakhman Jami of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, Ayni 45. 93.502.15.64

**Usmonov Subhon -** Candidate of Pedagogical Sciences, and acting docent of the Department of Languages and Humanities of the Tajik State Institute of Fine Arts and Design.

**Address:** 733019, Tajikistan, Dushanbe, Sino Yakkachinar Street 142/2 tel: 987259899

**И. ФАЙЗУЛЛОЕВА**

# ЗАРУРАТИ СИЁСӢ, ЗЕҲНӢ, ПСИХОЛОГӢ, ИҚТИСОДӢ ВА ФАРҲАНГИИ ГУЗАРИШ БА МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМ

Дар таърихи бани башар аз шаклҳои шуури ҷамъиятӣ танҳо илм бартарии худро нишон дод ва дар хизмати инсоният буд. Маҳз илм инсонро аз ғор баровард, манзилу шаҳр офарид, қонунро офарид, ки ба ҷомеаи инсонӣ низом бахшид, давлат бунёд намуд, фарҳанг эҷод кард, ки тарафи маънавии ҳаёти инсонро офарид ва ӯро аз фарти ҳайвонӣ дур кард ва дар шинохти мақом ва манзалати худ ва асли худ инсонро раҳнамо шуд.

Илм дар пояи рушди маориф пеш меравад ва маориф барои тайёр кардани мутахассисони илм хизмат мекунад. Баъди ҷанги дуюми ҷаҳон бисёр кишварҳо аз ҷангҳои беамон хаста шуданд, ақлу хирад онҳоро ба суйи инкишофи маориф ва илм равон намуд. Имрӯз абарқудратмандтарин давлатҳо аз ҷиҳати иқтисодиёт ба монанди Чин, Олмон, Ҷопон, Кореяи ҷанубӣ, Амрико бо такя ба рушди маориф ва илм имрӯз хоҷагони зеҳн шудаанд ва барои мардуми худ зиндагонии шоистаро муҳайё намуданд.

Имрӯз Тоҷикистон бо ташабуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар раванди инкишофи маориф ислоҳот гузаронида, гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълимро амалӣ карда истодааст. Ин ташаббуси бузурги сардори давлат дар самти инкишофи соҳаи маориф ва илм мебошад.

Мақсад аз иқдоми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илм дар гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим ворид намудани низоми таҳсилоти Тоҷикистон ба системаи ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ мебошад, ки асоси назарияи ин гузаришро тарбияи инсони комили аз ҷиҳати сиёсиву фарҳангӣ ва маърифатӣ такоммулёфтае, ки зӯроварӣ ва фишорро инкор карда метавонад, ҳуқуқи ба таври ихтиёрӣ таҳсил намуда аз бар кардани донишҳои дилхоҳи худро дорад, ифода менамояд. Воқеан, асоси ҳар як ислоҳотро дар ҳаёти сиёсиву иқтисодии ҷомеа соҳаи маориф ва дигаргуниҳои босифати он ташкил медиҳад. Зарурат ва сабабҳои гузариш ба таҳсилоти бо салоҳият нигронидашуда низ маҳз ҷорӣ намудани рӯҳияи комили таълимоти гумманитаристӣ ва инкишофи худшиносию худмаърифатии шахсиятро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, гузариш ба таҳсилот дар пояи муносибати босалоҳият як қатор заминаҳои объективию субъективиро ба миён меорад. Дар идомаи гузориши худ, мо зарурияти сиёсӣ, зеҳнӣ, иқтисодӣ, психологӣ ва фарҳангии гузаштан ба муносибати босалоҳият ба таълимро равшан карданием.

**- зарурати сиёсӣ.** Тоҷикистон кишвари кучак аст, он қадар бойгариҳои зиёде надорад, пас чаро ин қадар душманҳои пуриқтидор дорад. Сабаби асосӣ дар бузургони мост, ки илму фарҳанги ҷаҳонгир офарида буданд. Тоҷикон миллати тамаддунофар буданд. Абармардони илму фарҳанг, шоирони тоҷик дар рушди тамаддуни умумибашарӣ хизматҳои бузурге кардаанд. Хасудони миллати тоҷик дастовардҳои илмӣ, фарҳангӣ ва адабии мо аз худ карданд.Туркия кишвари абарқудрат ва пешрафта аст. Дар маркази Истамбул пайкараи бузурги Ибни Синоро бо унвони олими бузурги турк гузоштаанд. Танҳо ба хотири аз Ибни Сино ифтихор кардан қудрати таҳаммули мавҷудияти моро надоранд.

Мо ғараз ва амали воқеиро дар фаъолияти Ҳизби наҳзати ислом худ шоҳид гаштем. Дар ҷанги шаҳрвандӣ фаъолияти ин ҳизб бузург буд, баъд аз мусолиҳаи миллӣ дар давраи осоишта ҳадаф ва симои аслии худро нишон дод. Дар ҳалли ягон мушкилоти ҷомеа кумаке намекард ва баръакс мушкилоте меофарид, ки аз Президенти кишвар сар карда, хадамоти қудративу маориф, шаҳрвандони оддӣ ҳама гирифтори нигаронӣ буданд.Муносибати онҳо ба бузургони илму фарҳанги мо ҳадафи ғаразнок ва пинҳонии онҳоро нишон дода

буд. Рӯдакӣ, Қарматӣ, Ибни Сино кофир ва бидъат, Носири Хисрав кофири муртад, Ҳофизу Хайём ринду бехудо ва ғайра. Агар мо дунёи маънавӣ, афкори фалсафӣ ва андешаҳои инсондӯстии бузургони форсу тоҷикро аз Ислом ҷудо намоем, дар ислом фақат шамшер, афсонаҳою ривоятҳо мемонад. Пас ин ҳизб аз исломи мутаммадин чизеро пешниход накард. Масҷидҳо ба "тарабхонаҳо" мубаддал гаштанд. Ҷиҳати донишу илм сухан аз афсонаву ривоятҳои асримиёнагии хурофотӣ мерафт. Воизоне, ки хеле маҳорат доштанд, дар масҷид, кӯчаҳо, бозорҳо, маъракаҳо мардумро дар зери фазоҳои хурофот ва ҷаҳолат нигоҳ медоштанд. Дар иқтисод ва фарҳанг низ пешниҳоде надоштанд ва фарҳанги асримиёнагиро тарғиб менамуданд. Арзишҳои илмии башардӯстонаи бузургони мо барои онҳо нозарур буданд ва нобуд кардани он ҳадафи сиёсии эшон буд. Пирӯзӣ аз болои ин ҳизби террористӣ ин пирӯзии сиёсии ҳақиқии давлат аст ва минбаъд ҳадафи сиёсии ҳукумат, таълими рушди маориф дар такя ба арзишҳои миллӣ, фарҳангӣ, ақоиди таҳаммулпазирӣ, башардӯстӣ, ки онро бузургони мо офаридаанд, асоси рушди маорифро ташкил медиҳад.

**- зарурати зеҳнӣ.** Зарурияти зеҳнии гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим асосан дар пояи истифода ва амалӣ кардани се рукни маърифат – дониш, маҳорат ва малака асос меёбад. Таърихи истифодаи муносибати босалоҳият ба гузаштаи дур меравад. Ҳанӯз Конфутсий дар ин маврид гуфта буд, ки 200 ҳазор мисраъ достонҳои қадимаро аз ёд карда, қобилияти ҳалли оддитарин масъалаи ҷомеаро надошта бошӣ, ин аҳмақӣ ҷузъ беш нест.(9,88).

Дар системаи маориф ва илми Юнони бостон инкишоф ва дастовардҳои асосӣ дар заминаи амал кардани дониш, маҳорат ва малака равона шуда буд ва онҳо асоси рушди илмро поя гузошта буданд. Олимони барҷастаи тоҷик низ бо амалӣ кардани ҳама рукнҳои маърифат ба бузургтарин дастовардҳо ноил гаштанд.

То ислоҳот дар системаи маориф омӯзиш танҳо дар пояи азхудкунии дониш ба охир мерасид. Яъне, хонанда дар бораи трактор ҳама чизро медонад, вале дар амалия на онро таъмир карда метавонад ва на ронда метавонад. Донишро дар бораи компютер дорад, вале чӣ гуна дар амалия истифодаи онро намедонад. Дар замони инқилоби иттилоотӣ ва зеҳнӣ ҳамон донише зарур аст, ки ҷомеаро суде орад. Дар замони шӯравӣ тамоми натиҷаи пажӯҳишҳои илмӣ рӯйи коғаз мемонданд ва касе намедонист бо ин кашфиёт чӣ кор кунад. Дастоварди бузурги пайғамбари технология Бил Гейтс дар пояи истифода бурда тавонистани дониш, маҳорат ва малака дар назарияи амалия муяссар гашт. Ҷаҳони дониш беканор аст ва дониши судмандро аз худ карда, дар пайвастагӣ бо инкишофи маҳорату малака ва дастовардҳои мавҷуда ҳал намудани мушкилоти ҷомеа зарурати гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълимро.

**- зарурати психологӣ.** Зарурияти психологии гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълимро пеш аз ҳама инкишофи босуръати илму технология ва ҷаҳони иттилоот тақозо мекунад. Равандҳои суръатноку пурталотуми рушди иттилоот симои ҷаҳони муосирро ҳамарӯза дигаргун сохта истода, зиндагӣ муошират ва тафаккури моро ба куллӣ тағйир дода, талаботи махсусро дар назди низоми таълим пешниҳод мегузорад. (6,166). Агар имрӯз гуфтанӣ бошем, ки мо бачаҳоро барои зинадгӣ дар ҷаҳони муосир бояд омода созем, ба онҳо маҳорати дар вазъиятҳои зиндагӣ чӣ тавр самт гирифтан, кор карданро омӯзем. Дар ин низом таълиму омӯзиш бояд пай дар пай бо мақсади аз бар намудани донишҳову иттилооти нав ба нав бо суръати пешрафти ҷомеа мутобиқ гардонида шавад. Хонандагон он иттилоотеро, ки бархурдоранд, барои мустақилона ҳал намудани мушкилот дар вазъияти наву ногаҳонӣ истифода бурда тавонанд. Муҳаққиқи соҳа Зиёӣ Х. иброз намудааст, ки "салоҳияти иттилоотӣ дар худ раванди азхудкунии технологияҳои иттилоотии муосирро аз ҷониби донишҷӯён дар бар мегирад, яъне мо бояд дар машғулиятҳо чун ҳамеша ба таври ғайримақсаднок ба онҳо тарзи кор бо технологияҳои иттилоотиро омӯзонем. Аз як машғулият ба машғулияти дигар бояд сатҳи сарчашмаҳои

аввалияро боло бардорем ва бо чунин тарз догнишҷӯёро ба мутобиқшавӣ ба фазои иттилооти ҷаҳони муосир омода намоем (3,13). Бояд зикр намуд, ки дар чунин муносибат ба таълим мақсад ба даст овардани дониши судмандест, ки мушкилоти замонро ҳал кунад ва бояд дар раванди таълим ҳолати азхудкунии психологии дониш ба назар гирифта шавад. Чунин истифодаи васеи технология дар таълими азхудкунии дониш ба хонанда бе таъсир намемонад.

**- зарурати иқтисодӣ**. Дар рафти гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим зарурати иқтисодии он ногузир аст. Дар ҷаҳони муосир масъалаи асосии манфиати дониш ва илм дар madди нахуст меистад. Ин ба қобилияти дар ҷомеа худро аз ҷиҳати иқтисодӣ таъмин карда тавонистан ва ҳамчун шахсияти ахлоқӣ қудрати дар ҷомеа зистанро доштани хонанда вобаста буда, мақсад ва ҳадафи асосии таълим қарор мегирад. Хонанда бояд дарк кунад, ки ҳар як дониш, маҳорат ва малакаи бадастоварда ба кадом самт тааллуқ дорад ва ин донишу маҳорату малака чи мушкилотеро ҳал мекунанд ва хонанда ҷомеаро чӣ суде меорад.

Муҳақиқ Мирсаидов А.Б. таъкид намудааст, ки иқтисодиёти нав тасаввуроти анъанавиро оид ба манбаи рушди ҷомеа тағйир додааст ва сармояи инсониро чун омили афзалияти рушду инкишофи ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ эълон намудааст. Ин сармоя ба туфайли таҳсилоту рушди комили маориф ташаккул мeёбад ва маҳз маҳсули он ҳам мебошад.(6,167.) Воқеан ҳам, сармояи инсонӣ ба унвони комили истеҳсолот ва пешбарандаи иқтисодиёт субъекти даромад мебошад.

**-зарурати фарҳангӣ.** Дар замони муосири бархӯрди тамаддунҳо ва умумибашаришавии онҳо хоҳу нохоҳ зарурияти гузаштан ба муносибати босалоҳият дар таълим ба миён меояд. Имрӯз ҳар як давлат ва ҷомеаро зарурияте ба миён омадааст, ки стратегяи оқилонаеро доир ба рушди фарҳанги миллӣ ва умумибашарӣ истифода намояд. Он ангезандаҳои фарҳангие, ки ба ҷомеа мушкилиҳои равонӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ меоранд, бояд бартараф шаванд ва мубориза барои рушди фарҳанги солим ва пешбарандаи ахлоқӣ пурзӯр гардад. Шабакаи ягонаи иттилоотӣ имрӯз имконият медиҳад, ки ҳама гуна ангезандаҳои фарҳангӣ датсраси ҳар як узви ҷомеа шавад ва ҳукумат қодир нест аз ҷиҳати технология пеши роҳи онро бигирад. Бинобар зарур аст роҳҳои нав ва муфидро барои мубориза алайҳи ҳалли чунин воридшавии таблиғи зӯроварӣ, фисқ ва ғайра ҷуста, амалӣ намуд ва он бояд дар рафти таълим васеъ мавриди истифода қарор бигирад.

Ин ҷо қайд кардан бамаврид аст, ки вақте ки мо фарҳанг мегӯем, пеш аз ҳама хирадеро дар назар дорем, ки поягузори сохтори ҷамъиятӣ, сармояи иҷтимоӣ ва омили муҳимми инкишофи шахсиятҳо дар ҷомеа мебошад. Парвариш ва тарбияи инсон, сиришти нек ҷавҳари асосии мафҳуми фарҳангро ифода менамоянд. Фарҳанг муайянкунанади асосии вазъи ҳаёт, арзишҳои миллӣ ва иҷтимоӣ, тамаддуну адабиёти пурғановату забони бойи мо мебошад. Мафҳуми фарҳанг ва таҳсилот бо ҳам ҳамбастагии ногусастанӣ доранд ва аз ин ҷост, ки дар муносибати босалоҳият ба таълим салоҳиятҳои фарҳангӣ калидӣ маҳсуб ёфта, омили асосии ташаккули шахсияти таълимгирандагон дониста мешавад. Пас, маориф ва таълиму тарбияи насли наврас пояи бунёдии фарҳанги ҷомеа ва густариши он мебошад.

Гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим зарурияти замон аст ва сиёсати хирадмандонаю бунёдкунандаи пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти рушди маориф ва баланд бардоштани маърифати ҷомеа қобили дастгирист. Бояд ҳар як фарди ҷомеа барои иҷрои ин амали нек, саҳми сазовори худро бигузорад.

## АДАБИЁТ:

1.Дубова М.В. О возможностях реализации компетентностного подхода в начальном общем образовании//Современная педагогика. 2015.№3.

2. Зиёӣ Х.М. Муносибати босалоҳият ба таълим: Масъалаҳои умуминазариявӣ ва роҳҳои татбиқи амалӣ. Душанбе, 20018.-110 с.

3. Зиёӣ Х.М. Роҳҳои татбиқи таҳсилоти босалоҳият дар зинаи касбӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таълимӣ. Душанбе, "Ирфон", 2018.

4. Зимняя И. Ключевые компетеции как компонент личностно-ориентированной парадигмы образования. Народное образование-2003.№2.

5. Зимняя И.А. Ключевые компетентности как результативно-целовая основа компетентностного подхода в образовании. Авторская версия.: Исслдедовательский центр проблем качества подготовки специалистов, 2004.

6. Мирсаидов А.Б. Таҳсилот ва омӯзгор дар фазои ҷомеаи иттлоотӣ-индустриалӣ.// Илм ва инноватсия.№3-4 2013 (5-6).

7.Муносибати босалоҳият ба таълим(дастури методӣ). Мураттибон: Ғ.Бобизода, Д.Имомназаров, Ш.Исрофилниё, А.Байзоев.-Душанбе: "Ирфон" 2018.-72 с.

8.Туронов С.Муносибати босалоҳият дар таҳсилоти касбӣ.Душанбе, 2018.126с

9.Ҷумъаев Р. Парвоз дар дунёи хиради Машриқ. Душанбе, Эр-Граф, 2016.120 с.

10.http://festival.1september.ru/articles/570643/

**Файзуллоева Иноят**

### ЗАРУРИЯТИ СИЁСӢ, ЗЕҲНӢ, ПСИХОЛОГӢ, ИҚТИСОДӢ ВА ФАРҲАНГИИ ГУЗАРИШ БА МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМ

Дар мақола роҷеъ ба заравурияти гузариш ба муносибати босалоҳият сухан рафта, ҷиҳатҳои сиёсӣ, зеҳнӣ, психологӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ин гузариш мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф иброз намудааст, ки асоси ҳар як ислоҳотро дар ҳаёти сиёсиву иқтисодии ҷомеа соҳаи маориф ва дигаргуниҳои босифати он ташкил медиҳад. Зарурат ва сабабҳои гузариш ба таҳсилоти ба босалоҳият нигронидашуда низ маҳз ҷорӣ намудани рӯҳияи комили таълимоти гумманитарӣ ва инкишофи худшиносию худогоҳии шахсиятро дар бар мегирад.

**Калидвожаҳо**: таълим, муносибати босалоҳият, зарурат, иқтисод, ҷомеаи муосир, фарҳанг, маърифат, маориф, илм, гузариш, тарбия.

**Файзуллоева Иноят**

### ПОЛЕТИЧЕСКАЯ, ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНАЯ, ПСИХОЛОГИЧЕСКАЯ, ЭКОНОМИЧЕСКАЯ И КУЛЬТУРНАЯ НЕОБХОДИМОСТЬ ПЕРЕХОДА К КОМПЕТЕНТНОСТНОМУ ПОДХОДУ В ОБУЧЕНИИ

В данной статье речь идет о необходимости перехода в компетентностному подходу к обучению, и рассматриваются политическая, интеллектуальная, психологическая, экономическая и культурная стороны этого перехода. Автор отмечает, что в политической и экономической жизни общество основу каждой реформы составляет сфера образования и ее качественные изменения.

**Ключевые слова**: образование, компетентностный подход, необходимость, экономика, современная общество, культура, познание, знание, просвещение, наука, переход, воспитание.

**Fayzulloyeva Inoyat**

### POLITICAL, INTELLECTUAL, PSYCHOLOGICAL, ECONOMIC AND CULTURAL NECESSITY OF TRANSITION IN A COMPETENT APPROACH TO TRAINING

This article deals with the need for a transition in the competence-based approach to learning, and examines the political, intellectual, psychological, economic and cultural aspects of this transition. The

author notes that in the political and economic life of society, the basis of each reform is the sphere of education and its qualitative changes.

**Keywords:** education, competence-based approach, necessity, economy, modern society, culture, cognition, knowledge, education, science, transition, education.

**Сведения об авторе: Файзуллоева Иноят –** старший научный сотрудник Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. Айни 45.

**Information about the author: Fayzulloeva Inoyat.** - Senior Researcher, Institute of Development of Education named after Abdurakhman Jami of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, Ayni 45.

**Б. БУРИЕВ**

# ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКА

Дар ҷараёни таълими математика ҷиҳати ташаккули салоҳиятҳои эҷодии хонандагон ва ҳосил намудани малакаҳои мустақилона фаъолият намудани онҳо, омӯзгор бояд аз кадом восита ва усулу методҳо истифода намояд?

Сараввал, ҳар як омӯзгор дар раванди фаъолияти хеш бояд ба ҷиҳатҳои таъсирбахшии дарсҳояш эътибор диҳад. «*Математика ҳамчун санъати тасвирӣ ва назм зебогии худро дорад*», - қайд намуда буд олими рус Н. Е. Жуковский.

Ҳамин нукта, яъне дарёфт ва кушодани ҳамин «*зебоӣ*» ҳангоми ҳалли масъалаҳои математика ба хонандагон аз ҷониби омӯзгор пешниҳод карда мешавад. Дар интихоби мавзӯи дарс бо назардошти дониш, қобилият ва бедор намудани андешаи хонандагон барои ҳар як синф масъала ва мисолҳо алоҳида интихоб намуда мешаванд. Масалан, ифодаи $(a^3-2a^2+4a-8)\cdot(a+2)$-ро ба намуди бисёраъзогии стандартӣ овардан лозим аст. Ба хонандагон ёфтани «*аҷоибот*»-ро дар ин мисол пешниҳод менамоем. Хонандагон онро бо завқ ҳал менамоянд ва дар натиҷа бисёраъзои аъзояш камтарин $a^4-16$-ро ҳосил менамоянд.

Дар таълими мавзӯҳои гуногуни алгебра ва геометрия ҳамеша кӯшиш менамоем, ки дар онҳо далелҳои аниқро истифода намоем ва дар ҳалли мисолу масъалаҳо аз ҷумла, айёният ва воситаҳои гуногунро истифода менамоем.

Ҳангоми омӯзиш дар синфҳои 9–10, ба хонандагон интихоби суратҳо ва инчунин дар рӯйи онҳо гузаронидани симметрияи тирӣ ва симметрияи марказӣ пешниҳод мегардад. Аз натиҷагириҳои мавзӯъ маҳсули эҷодии хонандагон – албоми аксдор аз рӯйи мавзӯъи «Симметрия»-ро пайдо кардан мумкин аст.

Дар раванди таълими масъалаҳо доир ба ҳаракат ба хонандагон акси мошинҳо намоиш дода мешавад. Пас аз муҳокима маълум мегардад, ки хонандагон доир ба ин мавзӯъ андешаҳои гуногун доранд. Ва аён мегардад, ки хонандагон оид ба суръати автомашинаҳо маълумоти гуногун доранд. Дар хонандагон андешаи ҷамъоварии суратҳои ранга ва маълумоти мухтасар дар бораи автомобилҳо пайдо мегарданд.

Масалан, автобуси мусофиркаши «ЛАЗ-699» барои 43 нафар мусофир пешбинӣшуда, 11750 кг мебошад. Ҳар як мусофир имконияти дар ин автомобил бо худ гирифтани 20 кг борро дорад. Суръати баландтарини он 100 км/с мебошад. Автомобили сабукрави «Волга» барои панҷ нафар мусофир пешбинӣ гардидааст. «Волга» бо бор ба баландии 15° баромада метавонад. Суръати баландтарини сабукрави «Волга» 140км/с мебошад.

Дар ҷараёни дарсҳо маълумоти бештар дар бораи дигар автомобилҳо, кран ва воситаҳои борбардор, тайёраҳо, киштиҳо ва ғайраҳо муҳокима карда мешаванд. Дар ҷамъоварии чунин маълумот бештар писарбачагон фаъол буданд. Онҳо оид ба таърих ва нишондиҳандаҳои нақлиёти гуногун маълумот зиёд ҷамъоварӣ намуданд. Маълумот дар албоми бо номи «Автомобилҳо ва суръати онҳо» ҷойгир карда шуданд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки машғулияти амалие, ки дар ҷараёни омӯзиши мавзӯи нав гузаронида мешавад, диққати хонандагонро ба худ ҷалб менамояд. Масалан, пеш аз исботи мантиқии теорема дар бораи суммаи кунҷҳои секунҷа дар синфи 7 аз геометрия амалиёти ченкунӣ гузаронида мешавад. Қариб ҳамаи хонандагон вобаста ба кунҷҳо се намуди секунҷаҳоро ҳосил менамоянд ва дар сумма 180°-ро ҳосил карда метавонанд.

Пас аз ин, хонандагон секунҷаҳои аз коғаз сохтаашонро бо роҳи қатъкунӣ аз кунҷҳои секунҷа кунҷи кушодро ҳосил менамоянд (нақшаи 1).




***Нақшаи 1.***

Ба хонандагон пас аз иҷрои ин супориш, чунин супоришро пешниҳод кардан мумкин аст: *бо ёрии паргор ва хаткашак аз як кунҷи секунҷа ба тарафи муқобили он хатти мувозӣ гузаронед.*




***Нақшаи 2.***

Хонандагон дар иҷрои нақшаҳо аз аломати якуми параллелии хатҳои рост истифода мебаранд. Пас аз ин амал, хонандагон бе ягон мушкилӣ теоремаро бе саволҳои ёрирасон исбот карда метавонанд.




***Нақшаи 3.*** ***Нақшаи 4.*** ***Нақшаи 5.***

Дар дарсҳои минбаъда ба хонандагон нақшаҳои 3, 4 ва 5 пешкаш мегарданд. Дар онҳо гузаронидани хатти рост аз қуллаҳои А-и секунҷаҳо ва исботи теорема пешниҳод карда мешавад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар иҷрои чунин супоришҳо хонандагон бетарафӣ зоҳир наменамоянд. Ҳар яки онҳо хоҳиши иҷрои супоришро дар назди лавҳаи синф изҳор мекарданд.

Дар ташаккули салоҳияти мустақилона эҷод намудани хонандагони синфҳои болоӣ иҷрои супоришҳои (синфӣ ё хонагӣ) тадқиқотӣ нақши муҳим доранд. Иҷрои чунин супоришҳоро хонандагон хуш мепазиранд. Масалан, ҳангоми омӯзиши мавзӯи «Бисёркунҷаҳои мунтазам» барои хонандагони синф супоришҳоро ба қисмҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

1) тавассути кадом бисёркунҷаҳои мунтазами якҷинса фарши хонаро ҳисоб кардан мумкин аст?

2) аз якҷояшавии чӣ гуна бисёркунҷаҳои мунтазам чунин фаршро ҳосил кардан мумкин аст?

Дар натиҷаи иҷрои супориш хонандагон имконияти аз чунин густара (развёртка) аз якҷояшавии ғулачӯбҳои чортароши асосаш секунҷаи мунтазам, квадрат ё шашкунҷаи мунтазам ҳосил кардани фаршро дарк менамоянд.

Пайвастагиҳои квадратҳо, ҳаштрӯяҳои мунтазам, секунҷаҳои мунтазам ва дувоздаҳрӯяҳои мунтазам низ ҳалли масъала буда метавонад. Вобаста ба иҷрои кор оид ба диди бадеӣ хулоса баровардан мумкин аст. Ба ин тарафи масъала ҳамеша эътибори махсус додан лозим аст. Натиҷаи амалиёти бомуваффақият анҷом додашударо мо дар албоми

махсус, ки «Пайвастаҳои бисёррӯяҳо дар чидани паркет ва кошинҳо» номгузорӣ намудем, ҷойгир намудем.

Ин ҷо муҳим он аст, ки хонандагон фаъолияти босамари омӯзгорро, ки аз рӯйи мазмуни фан ва мавзӯи дарс ҳис намоянд. Ба хонандагони синфҳои болоӣ (с. 9-11) омода намудани маълумотнома, гузориш ва рефератҳоро оид ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии алломаҳои нотакрори илми риёзӣ ҳамчун кори эҷодии мустақилона бо нишон додани муҳлати иҷроиш супориш медиҳем. Дар ин ҳол, ба хонандагон ҳатман номгӯи адабиёти зарурӣ низ тавсия дода мешавад.

Дар омода намудани гузориш ва маълумотномаҳо хонандагон фаъолияти хуб нишон медиҳанд, дар онҳо хоҳиши мустақилона ё ин ки дар гурӯҳҳои хурд фаъолият намудан пайдо мегардад. Гузориш ва маълумотномаҳои омоданамудаи хонандагон дар ҷамъбасти мавзӯҳои калон ва бобҳои алоҳидаи барнома шунида мешаванд.

Ҳамзамон, дар дарсҳо гуфтаҳои олимон, шоирон ва шахсиятҳои намоёни давлатиро оид ба аҳамияти бузурги фанни математика хотиррасон намудан заруараст. Аз қабили:

«*Аввало, математика ақлро ба тартиб оварда, фикр карданро ёд медиҳад. Дуюм, соҳаи татбиқи амалии математика хело бузург аст. Шумо кадом фанро наомӯзед, дар кадом донишкадаи олӣ таҳсил нанамоед, дар кадом соҳа фаъолият накунед ва агар дар ҷо ягон нақши худро гузоштани бошед, барои ин математикаро донистан зарур аст*».

«*Агар шумо хоҳад, ки рӯзгори босаодат ва зиндагии ободдошта бошед, майнаи худро бо математика пур намоед*». (М. И. Калинин.)

«*Дар омӯзиши табиат математика сарчашмаи хуб ва ҳатто ягона мебошад*». (Д. И. Писарев.)

«*Математикаро барои он омӯхтан лозим аст, ки он ақлро ба тартиб меорад*». (М. В. Ломоносов.)

«*Парвоз – математика аст*». (В.Чкалов.)

«*Илҳом дар назм ҳам, чун дар геометрия низ лозим аст*».

(А. С. Пушкин.)

Омӯзгор дар хонандагон ҳангоми азхудкунии фанҳои мактабӣ барои фароҳам овардани *завқ* кӯшиш менамояд.

Ба мақсад мувофиқ мебуд, агар дарс бо маводе, ки хонандагон дар хона омода кардаанд, масалан, бо истифода аз варақчаҳои супоришдор гузаронида шавад, зеро ҳангоми омода намудани чунин варақчаҳо аз хонандагон маҳорат ва эҷодиёти алоҳида талаб карда мешавад. Масалан, ҳангоми омӯзиши мавзӯи «Масоҳати росткунҷаҳо» аз варақҳое, ки дар рӯйи онҳо нақшаҳо (нақшаи 6) омода карда шудаанд, истифода кардан мумкин аст. Беҳтар мебуд, агар хонандагон ченакҳои шаклҳоро мустақилона муайян намоянд ва санҷиши мушоҳидаҳояшонро оид ба таркиби шакл бо роҳи рӯи нақша гузоштани коғазҳои алоҳида, ки дар рӯйи онҳо квадрат, нимдоира ва дигар шаклҳо тасвир шудаанд, иҷро намуда, пас аз он ба ҳисоб намудани масоҳати фигураҳои додашуда шурӯъ намоянд.



***Нақшаи 6.***

Барои ёфтани масоҳати фигураҳо ба хонандагони синфҳои 8 кашидани фигураи дилхоҳ ва дар рӯйи фигурае, ки масоҳати онро ёфтан мехоҳанд, кашидани хатти рах-рах супорида шуда мешавад. Дар ин ҳол таъкид карда мешуд, ки ҳисобкунӣ бо роҳи сода ва қулай гузаронида шавад. Дар ҷамъбаст, аз ин гуна қисмҳо албом тартиб дода шуд ва он

барои истифодаи минбаъда ҳамчун маводи дидактикӣ истифода мегардад. (ниг. ба нақшаи 7).



***Нақшаи 7.***

Бояд таъкид намуд, ки дар ташаккули салоҳияти фаъолияти мустақилонаи хонандагон, мавқеъи супоришҳои фардӣ ва корҳои санҷишҳои назоратии хонагӣ мавқеъи муҳим доранд.

Супоришҳои фардӣ, аз рӯйи ягон боби омӯхташуда, ҳамчун вазифаи хонагӣ ба хонандагон супорида мешавад. Иҷрои чунин супоришҳои мустақилона, хонандагонро ба ҷустуҷӯйӣ роҳҳои гуногуни ҳал водор месозад. Аз баски барои иҷрои супоришҳои фардӣ хонандагон вақти кифоя доранд, барои ноил шудан ба муваффақият онҳо имконияти бештар доранд ва аз натиҷаи меҳнати худ қаноатманд гашта метавонанд, ки ин нукта хело муҳим аст.

Масалан, хонандагони синфҳои 11 аз рӯйи мавзӯҳои «Бисёррӯяҳо», «Ҳаҷми бисёррӯяҳо», «Интеграл ва истифодаи он ҳангоми ёфтани масоҳат», хонандагони синфҳои 10 аз рӯи мавзӯҳои «Муодилаҳои тригонометрӣ», «Ҳосила ва татбиқи он», «Координатаҳо ва векторҳо», хонандагони синфҳои 9 аз рӯи мавзӯҳои: «Бо усули графикӣ ҳал кардани системаи муодилаҳо», «Прогрессияҳо», «Дараҷаи нишондиҳандааш ратсионалӣ» ва ғайраҳо санҷиши назоратии хонагиро иҷро карда метавонанд.

Аз рӯйи мавзӯи «Бо усули графикӣ ҳал кардани системаи муодилаҳо» ба ҳар як хонанда системаи муодилаҳои алоҳида супорида мешавад. Дар ин супоришҳо чунин системаҳоро интихоб бояд намуд, ки ҳангоми ҳалли муодилаҳо хонандагон оид ба хусусиятҳои графикҳои онҳо нақл карда тавонанд.

Хонандагон тадқикро аз рӯйи схемаи зерин бояд ичро кунанд:

1). Ёфтани соҳаи муайянии функсия;

2). Ёфтани фосилаҳои афзуншавӣ ва камшавии функсия;

3). Ёфтани қиматҳои максималӣ ва минималии функсия;

4). Сохтани графики функсия;

5). Муайян намудани ишораи функсия (дар кадом фосила мусбат, манфӣ ва нул аст).

Ҳангоми омӯзиши мавзӯи «Бо усули графикӣ ҳал кардани системаи муодилаҳо» ба ҳар хонанда системаи муодилаҳои алоҳида супорида мешавад. Дар супоришҳо чунин системаҳо интихоб мешаванд, ки ҳангоми ҳал онҳо ба намуде овардан мешаванд, ки хонандагон оид ба хусусияти графики онҳо нақл карда метавонанд.

Намунаи системаи муодилаҳо:

$$\begin{cases} x^2 = 9 - y^2 \\ y = -\frac{20}{9}x^2 + \frac{20}{9}x + \frac{40}{9} \end{cases}$$

Пас аз содагардонӣ, система ба чунин намуд оварда мешавад:

$$\begin{cases} x^2 + y^2 = 9 \\ y = -\frac{20}{9}(x - \frac{1}{2})^2 + 5 \end{cases}$$

Дар ташаккули салоҳияти фаъолияти эҷодии хонандагон натанҳо ба дарсҳо ҳаматарафа омода будани омӯзгор зарур аст, балки роҳандозии дуруст ва ҳаматарафа

омода шудани корҳои беруназсинфӣ дар мавзӯҳои гуногуни риёзиёт таъсири бештар ва муҳим дорад. Мавриди зикр аст, ки чорабиниҳои беруназсинфӣ дар мавзӯъи «Аз таърихи инкишофи риёзиёти Осиёи Миёна ва Шарқи Наздик» дар тафаккурри математикии хонандагон нақши муҳим мегузоранд.

Ҷараёни омодагӣ ба чунин чорабиниҳо собит месозад, ки фаъолии хонандагон бештар ба назар мерасад ва онҳо ба чунин тадбирҳо хуб омодагӣ мегиранд, бо маводи гуногун шинос мегарданд, барои ҷамъоварии маводи хотирмон ва диққатҷалбкунанда бештар кӯшиш ба харҷ медиҳанд.

Маълумоти дар боло зикргардида, намунаи усул ва методҳои ташаккули салоҳияти мустақилона эҷод кардани хонандагон дар ҷараёни таълими математика мебошанд. Чунин намуди фаъолият ба омӯзгорон дар тарбияи маънавиёти хонандагон имконияти бештарро фароҳам оварда, дар инкишофи тафаккури математикӣ ва мантиқии насли оянда заминаҳои устувор мегузорад.

### АДАБИЁТ:


1. Гнеденко Б.В. Формирование мировоззрения учащихся процессе обучения математике. «Просвещение». М: 1982.144 с.
2. Из опыта работы по математике в средней школе. Сборник статей. Издательство Академии педагогических наук РСФСР. М:1949.135с.
3. Қодиров Б. Межпредметные связи: инновация и творческое мыщление учащихся. Душанбе-2006.172 с.
4. Ҳабиб Р.А. Организация учебно-позновательной деятельности учащихся. М: Педагогика, 1979.
5. Кудрявцев Т.В. Якиманская И.С. Развитие технического мышления учащихся. «Высшая школа».М:- 1964, 96 с.
6. Из опыта работы проведения внеклассной работы по математике. Сборник статей под редакцией П.В. Стратилатова.М:- 1955, 197 с.
7. Аҳадова М. Ӯрта Осиёлик машҳур олимлар ва уларнинг математикага доир ишлари (VIII - XV асрлар).-Т: «Ӯқитувчи», 1983.-216 с.
8. Алиев Б. Китоби дарсии Алгебра синфи 11,«Собириён»Д: 2006,183 с.
9. Алиев Б. Китоби дарсии Геометрия синфи 11,«Полиграф Груп»Д:-2006,127 с.
10. Усмонов Н, Пиров Р. Алгебра. Китоби дарсӣ синфи 9.Д:-2013, 224 с.
11. Погорелов А.В. Геометрия. Китоби дарсӣ барои синфҳои 7-11.Т:- «Ӯқитувчи» 1993. -366 с.


**Буриев Б.**

### ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКА

Ташаккули салоҳияти эҷодии хонандагон, яъне мустақилона фаъолият намудани онҳо аз ҳадафҳои таълими математика дар зинаҳои гуногуни таҳсилоти миёнаи умумӣ ба ҳисоб меравад. Дар мақола муаллиф барои ташаккули салоҳияти эҷодии хонандагон аз таҷрибаи хеш восита ва роҳу усулро ҳамчун намуна овардааст. Таъкид мегардад, ки самаранокии ташаккули салоҳияти мустақилона эҷод намудани хонандагон, ташаккули тафаккури математики онҳо натанҳо аз маҳорати касбии омӯзгор вобаста аст, балки аз интихоби дурусти намудҳои гуногуни фаъолияти эҷодӣ низ вобастагӣ дорад.

**Калидвожаҳо:** *маҳорат, фаъолият, эҷод, салоҳият, тафаккури мантиқӣ, тафаккури математикӣ, мустақилият, шаклҳои гуногун, супоришҳои фардӣ, санҷишҳои хонагӣ, реферат, гузориш, маълумотнома.*

**Буриев Б.**

### ФОРМИРОВАНИЕ ТВОРЧЕСКОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ УЧАЩИХСЯ В ПРОЦЕССЕ ПРЕПОДАВАНИЯ МАТЕМАТИКИ

Формирование творческой компетентности учащихся является одной из целей преподавания математики на разных уровнях общесреднего образования.

В статье автор приводит практические примеры использования средств и методов, необходимых для создания самостоятельной творческой компетентности учащихся в различных

уровнях преподавания математики. Формирование творческой компетентности учащихся и развития математического мышления учащихся зависит не только от мастерства учителя, но и от правильного выбора различных видов творческой деятельности.

**Ключевые слова:** мастерство, работа, компетентност, логическое мышление, математическое мышление, творчество, самостоятельность, различные формы, личные задания, домашняя контрольная работа, рефераты, отчет, справка.

**Buriev B.**

**FORMATION OF CREATIVE COMPETENCE OF STUDENTS IN THE PROCESS OF TEACHING MATHEMATICS**

Formation of creative competence of students is one of the goals of teaching mathematics at different levels of general secondary education.

In the article, the author gives practical examples of using the tools and methods necessary to create independent creative competence of students in various levels of teaching mathematics. Formation of creative competence of students depends largely on the skill of the teacher and the correctness of the choice of various types of their creative activity.

**Keywords:** skill, work, competence, creativity, independence, mathematical thinking, logical thinking, various forms, personal tasks, home test, essays, report, certificate.

**Сведения об авторе: Буриев Бахтиёр** - научный сотрудник Института развития образования имени Абдурахмона Джоми Академии образования Таджикистана, адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С.Айни, 45.

**Information about the author: Buriev Bakhtiyor** - Researcher of the Institute for Educational Development named after Abdurahmon Jomi of the Academy of Education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 45 C. Aini St.

**А. АҲМАДБЕКОВА**

# МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМ – ОМИЛИ МУҲИМИ ТАҚВИЯТИ СИФАТИ ДОНИШ, МАЛАКА ВА МАҲОРАТИ ТАЪЛИМГИРАНДАГОН ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ

Тахсилот равандест, ки моҳиятан ба манфиати шахс, ҷамъият, давлат ва табиат нигаронида шудааст. Соҳибмаълумот инсонест, ки дар рӯҳи суннату анъанаҳои халқи худ, фарҳанги миллӣ, арзишҳои умумибашарӣ тарбия гирифта, муттасил дар бораи ҷамъият, тафаккури инсон, табиат ва ҳифзи он, техника, технология ва тарзи ҳаёти солим, дониш, малака ва маҳорати муназзаму зарурӣ ҳосил карда, кори шахсӣ ва давлатию ҷамъиятии хешро ба дараҷаи баланд саришта мекунад, эҳтироми худ ва халқҳои дигарро ба ҷо меорад, зиндагии хешро бошуурона ва мустақилона эҷод карда, фарзандону пайвандони хешро дар ҳамин рӯҳия тарбия мекунад.

Вазифаи асосии тахсилот дар маҷмӯъ иборат аз мунтазам қонеъ гардондани талаботи инсон ба инкишоф, равона кардани қобилиятҳои ӯ ба ҷустуҷӯ ва дарёфти тарзи ҳаёти солим, таъмини рушди иҷтимоии чамъият, давлат ва ҳифзи табиат мебошад.

Ҳаҷми иттилоот дар ҳар 10 сола дар дунё меафзояд. Дар кӯдакон дар шароити бааммаломада маҳорати дарёфт ва интихоб карда тавонистани иттилооти асосиро такмил додан зарур аст, на пешниҳоди иттилооти зиёд дар шакли дониши тайёр.

Дар таърихи таҳсилот се раҳёфт ба коркарди стандартҳо қайд карда шудааст:

• Шахсӣ-тамоилӣ ба гирифтани дониш, малака ва маҳорати ҳар як таълимгиранда нигаронидашуда шудааст.

• Такмили салоҳиятнокӣ –рушди салоҳиятҳои куммуникативӣ ва иттилоотиро амалӣ месозад.

• Фаъолияти системавӣ- такмили салоҳиятҳои ҳар як таълимгиранда дар асоси фаъолияти таълимӣ.

Салоҳиятнокӣ – маҷмӯи сифати шахсияти алакай ташаккулёфтаро ифода намуда, ба шахс имконияти ҳалли проблемаҳои мураккаб ва масъалаҳои ҳалталабро дар ҳаёти воқеӣ бо истифода аз дониш, таҷрибаи таълимию зиндагӣ, арзишҳо ва тамоилҳои шахсӣ таъмин месозанд. Бо ибораи дигар агар гӯем, салоҳиятнокӣ ин қобилияти пайваст ва барқарор намудани алоқаи мутақобила байни «дониш – малака» ва арзёбӣ мегардад. И. Хасан қайд мекунад, ки салохият ин мақсадҳои дар назди шахс гузошташуда мебошанд, вале салоҳиятнокӣ бошад- натиҷаи амал дониста мешвад.

Мутахассиси босалоҳият, инсони салоҳиятнок – ҳамчун дорои ояндаи нек ва натиҷабахш пазируфта мешавад. Формулаи салоҳиятнокӣ пешниҳод гардидааст. Мазмуни асосии ҷузъҳои ташкилдиҳандаи он кадомҳоянд?

• дониш, на фақат иттилооти одӣ, балки иттилооти тез тағйирёбанда ва гуногуншакл маҳсуб ёфта, шахс бояд маҳорати дарёфт, ҷудо намудани он аз дигар иттилооти сершумор ва истифода бурда тавонистани онро дар таҷрибаи шахсӣ ташаккул дода тавонад.

• истифодаи дониши мазкур дар вазъияти мушаххас; фаҳмиш, бо кадом роҳ дониши мазкурро гирифтан мумкин аст.

• арзёбии мувофиқ кардани фаъолияти – худ, ҷаҳон, мавқеи худ дар ҷаҳон, дониши мушаххас, зарурият ва нолозим будани онҳо барои фаъолияти хеш, инчунин усули гирифтан ва истифода намудани онҳо.

**Ин формулро бо чунин тарз ифода кардан мумкин аст:**

**Салоҳиятнокӣ =** муҷаҳҳазии дониш + устувориии усул+сатҳи тафаккури интиқодӣ

Салоҳиятнокӣ ҳамчун сифати калидӣ метавонад хусусиятҳои ояндаи аломатҳоро ифода кунад, агар сифатҳои зеринро дошта бошад:

• гуногунҷабҳагӣ – имконият медиҳад мушкилоти ҳаррӯза, касбӣ ва ҳаётӣ ё иҷтимоиро ҳаллу фасл намояд;

• болоифаннӣ ва байнифаннӣ - дар вазъияти гуногун на фақат дар муассисаи таълимӣ, балки дар оила, касб, сиёсат ва ғайра низ истифода бурда мешавад;

- бисёрсоҳавӣ - мувофиқакунонии гуногуниро дар ҷараёни фикрӣ ва психологӣ дар қобилияти зеҳнӣ, фикронии абстрактӣ, худбаҳодиҳӣ, тафаккури интиқодӣ ва ғайраҳо ифода мекунад.

**Сохтори салоҳиятҳои калидӣ ба қисмҳои зерин ҷудо карда мешавад:**

- салоҳиятнокӣ дар соҳаи фаъолияти маърифатиҷӯйӣ мустақилона( азхудкунии намудҳои донишомӯзӣ аз сарчашмаҳои гуногун);
- салоҳиятнокӣ дар соҳаи фаъолияти ҳуқуқӣ- шаҳрвандӣ (омодагӣ ба иҷрои нақши иҷтимоӣ: шаҳрвандӣ, истеъмолкунанда, оиладорӣ, интихобкунанда ва ғайра);
- салоҳиятнокӣ дар соҳаи хоҷагии комуналӣ (ба даст овардани таҷрибаи ҳамкории судманд, маҳорати муоширати созанда);
- салоҳиятнокии иттилоотӣ (маҳорати ҷустуҷӯ, таҳлилкунӣ, табдилдиҳӣ, истифодаи иттилоот барои ҳалли мушкилот, масъалаҳо);
- муносибати босалоҳият дар соҳаи фаъолияти фарҳангӣ (интихоб ва воситаҳои истифодаи вақти холӣ, таъмини рушди шахсияти фарҳангӣ ва маърифатӣ);
- салоҳиятнокӣ дар ҳаёти маишӣ ( интихоби тарзи ҳаёти солим, муносибати мусбӣ ба оила ва зиндагӣ;

Салоҳиятҳои асосӣ барои ҳар як намуди фаъолият заруранд ва онҳо ба комёбиҳои шахсият дар ҷаҳони зуд тағйирёбанда алоқаманд мебошанд. Онҳо дар қобилияти ҳалли масъалаҳои гуногун дар асоси истифодаи иттилоот, коммуникатсия, асосҳои иҷтимоию ҳуқуқӣ рафтори шахсият дар ҷомеаи шаҳрвандӣ муайян мегарданд.

Шакли муайян гардидани салоҳиятҳо гуногун мебошад, Ҷудо намудани салоҳиятҳои мазкур характери шартӣ доранд. Ҳамаи намуди салоҳиятҳо барои худбаҳодиҳӣ дар раванди инкишофи синнусолии одам заруранд ва онҳо байни худ алоқаи мутақобила доранд.

Муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ин, пеш аз ҳама, равона намудани фаъолияти толибилмон ба комёб гардидан ба натиҷаҳо (амалигардида ва субъективӣ)-и мушаххас баҳри ташаккули шахсӣ тавассути азхудкунии барномаҳои таълимии иловагӣ маҳсуб меёбад.

Мантиқан таҳияи лоиҳа ва барномаҳои таълимии иловагӣ дар асоси интихоби масъалаҳое, ки ба ташаккули салоҳиятҳои калидии таълимгирандагон равона шудаанд, амалӣ мегардад. Дар ин сурат барномаҳо вобаста ба зарурати замон ва афзалиятҳои воқеӣ таҳия мегарданд.

Дар madди аввал тавсифоти салоҳиятҳо ҳамчун мақсади барнома, баъдан роҳу усули ташаккули онҳо пешниҳод карда мешаванд ва баъдан интихоби иттилоот, ки ба ҳалли масъалаҳои мушаххас ва ташаккули салоҳиятҳо мусоидат мекунанд, амалӣ мешавад.

**Моҳияти воқеии тавсифоти муносибати босалоҳият ба таълим инҳоянд:**

1.Пурзӯр намудани самти тамоилҳои шахсии таҳсилот, таъмини фаъолии таълимгирандагон дар ҷараёни таълим ва тақвият додани доираи имкониятҳо.

2.Самти тамоилҳои рушдёбанда ва ба эътибор гирифтани хусусиятҳои синнусолии таҳсилот. Дониш, маҳорат ва малака на ҳамчун ҳадаф, балки воситаҳои ба он комёб гардидан дар раванди таҳсилот пазируфта мешаванд.

3.Тамоилҳои худташаккулдиҳии шахсият, ки таҳти мафҳумҳои зерин асоснок карда мешавад:

- дарки худбаҳодиҳии ҳар як шахсият ва арзиши он;
- имконияти беохири ташаккули ҳар як шахсият, аз ҷумла, худташаккулдиҳии эҷодӣ;
- афзалиятҳои озодии ботинӣ – озодӣ барои хукдташаккулдиҳии эҷодӣ

4.Талаботи омӯзиши ҳалли проблемаҳои иҷтимоӣ – шахсии аҳамиятнок ва масъалаҳои муҳимми ҳаётии дар ҳар як синну сол, ки ба воситаи роҳҳои зерин амалӣ карда мешаванд:

- дарки шаклҳои нави фаъолият, ки толибилмон метавонанд мушкилотро мустақилона дар доираи муайяншуда ҳал намоянд;
- азхудкунии шаклҳои нави ҳалли мушкилот дар намудҳои гуногуни фаъолият.

**Муносибати босалоҳият ба таълим дар раванди муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ:**

5.Бо дар назар доштани имкониятҳо ҳар як кӯдак метавонад босалоҳият гардида дар доираи васеъ машғулиятҳои дилхоҳро интихоб намоянд. Инчунии омӯзгор бояд аз нуқтаи назари шахсӣ мушоҳида карда тавонад, ки кӯдак дорои кадом сифатҳои беҳамто мебошад ва дар кадом сатҳ мувафақ мегардад.

**Таҷдиди назар намудани ҳадафҳо:**

▪ дар мадди аввал гузоштани масъалаи рушди шахсият тавассути инфиродикунонии таҳсилот;

▪ тағйир додани методи таълим, ки дар муайян намудан ва ташаккул додани салоҳиятҳои хонандагон вобаста ба тамоилҳои инфиродӣ ва шавқу завқ мусоидат менамоняд, бояд ба назар гирифта шавад; ба сифати воситаи дидактикии пешбаранда методи корҳои лоиҳавӣ пешниҳод карда мешавад;

▪ даст кашидан аз раванди арзёбии анъавии таълимгирандагон.

**Роҳнамоӣ намудани таҳсилоти иловагӣ бо ёрии муносибати босалоҳият ба таълим:**

▪ Тағйир додани технология, метод, шаклҳои таълим, ки барои муайян намудан ва ташаккули салоҳиятҳои таълимгирандагон вобаста ба тамоилҳои инфиродӣ ва шавқу завқ бояд мусоидат менамоянд;

▪ Тағйир додани мавқеи омӯзгор, ки дар бисёр мавридҳо ҳамчун «раҳнамо» ё «ҳамоҳангсоз» фаъолият менамояд, нисбат ба сарчашмаи дониш ва иттилоот;

▪ Ташкили муҳити озоди таълимӣ- таъминкунандаи тамоюли таҳсилот ба ҳар як таълимгиранда, ки ба қонеъ сохтани ниёзи пурраи ӯ ба гирифтани таҳсилот равона карда мешавад, мусоидат мекунад.

**Хулоса**

Хусусияти асосии фарққунандаи муносибати босалоҳият ба таълим характери амалидошатаи он арзёбӣ мегардад. Меъёри муайянкунандаи дараҷаи салоҳиятҳо ноил шудан ба натиҷаҳои мусбии таълимгирандагон ба шумор меравад.

Таҳлил карда тавонистан, муқоиса кардан, ҷудо кардани мафҳумҳои асосӣ, худбаҳодиҳӣ воқеӣ ба фаъолияти хеш, масъулиятшиносӣ, мустақилият, эҷодкорӣ ва ҳамкорӣ карда тавонистан, бе роҳбари доимӣ мустақилона фаъолият кардан, дарёфт намудани мушкилот ва ҷустуҷӯ намудани роҳҳои ҳалли онҳо дар асоси фикрронии солим- салоҳиятҳои калидие мебошанд,ки дар ҷомеаи муосир мавқеи устувор доранд.

Вазифаи асосии омӯзгор ҷараёни таълиму тарбияро тавре ба роҳ монад, ки қувваи маърифатии кӯдакро бедор намояд ва андешаи солим ва маҳорати амалии ӯро рушд диҳад.

## АДАБИЁТ:

1.Вербицкий А.А., Ларионова О.Г. Личностный и компетентностный подход в образовании. М., Логос, 2009.

2.Дополнительное образование: Словарь-справочник /Д.Е. Яковлев. – М.: АРКТИ, 2002.

3.Евладова Е.Б., Логинова Л.Г., Михайлова Н.Н. Дополнительное образование детей: Учеб. пособие для студ. учреждений сред. проф. образования. – М.: ВЛАДОС, 2002.

4.Хуторской А.В. Ключевые компетенции как компонент личностно – ориентированной парадигмы образования.//Народное образование, №2, 2003.

5.Хуторской А.В. Ключевые компетенции. Технология конструирования. Народное образование.- М.2003 №5.

**Аҳмадбекова Аълобону**

## МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМ – ОМИЛИ МУҲИМИ ТАКВИЯТИ СИФАТИ ДОНИШ, МАЛАКА ВА МАҲОРАТИ ТАЪЛИМГИРАНДАГОН ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ

Дар мақола муносибати босалоҳият ба таълим дар раванди кори муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ оварда шудааст. Муаллиф хусусиятҳои асосии фарққунандаи онро аз фаъолиятҳои маъмулии амалкунанда нишон додааст. Инчунин меъёрҳои интихоби салоҳиятҳо барои ноил шудан ба натиҷаҳои мусбии таълимгирандагон пешниҳод карда шудааст, ки тавассути ин

салоҳиятҳо онҳо метавонанд мустақилона таҳлил, муқоиса, арзёбӣ, эҷод ва ҳамкорӣ барои мустақилона дарёфт намудани мушкилот ва ҷустуҷӯ кардани роҳҳои ҳалли онҳо дар асоси фикрронии хеш амалӣ менамоянд.

**Калидвожаҳо:** дониш, малака, маҳорат, салоҳиятҳои калидӣ, ташаккули шахсият, меъёрҳо.

**Ахмадбекова Аълобону**

### КОМПЕТЕНТОСТНЫЙ ПОДХОД К ОБУЧЕНИЮ – ОСНОВНОЕ СРЕДСТВО РАЗВИТИЯ ЗНАНИЙ, НАВЫКОВ И СПОСОБГНОСТЕЙ УЧАЩИХСЯ В УЧРЕЖДЕНИЯХ ДОПОЛНИТЕЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ

В статье компетентностный подход к образованию представлен в процессе работы учреждений дополнительного образования. Автор характеризует его отличительные черты в сравнения с обычными проводимыми действиями. Кроме того, предложен критерии выбора компетенций для достижения положительных результатов учащимися, в результате чего можно анализировать, развивать, оценивать, создавать и сотрудничать независимо друг от друга, чтобы находить проблемы и искать способы их решения на основе умственного похода.

**Ключевые слова:** знаний, навыка, умение, ключевые компетенции, развития личность, критерии.

**Ahmadbekova Ahlobonu**

### COMPENENCY –BASED LEARNING APPROCH-MAJOR MEANS OF DEVELOPING PUPILS KNOWLEDGE, SKILLS AND LEARNING CAPABILITIES IN EXTRA CURRICULAR EDUCATIONAL INSTITUTIONS

In this article, the qualitative approach introduced into the education process in the supplementary education institution. Author had described its main characteristics and current used approached characteristic. It also sets the criteria for selection of competencies for achieving, evaluating, creating and collaborating to find out the problems and seek ways to resolve them based on their thinking.

**Keywords:** knowledge, skill, ability, core competency, personally development, criterion.

**Сведения об авторе: Ахмадбекова Аълобону** – кандидат педагогических наук, научный сотрудник Института развития образования имени Абдурахмона Джоми Академии образования Таджикистана, адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С.Айни, 45.

**Information about the author: Ahmadbekova Alobonu** - Candidate of Pedagogical Sciences, Researcher of the Institute for Educational Development named after Abdurahmon Jomi of the Academy of Education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 45 C. Aini St.

**Б. ЗУЛФОНОВ**

## ҲАМКОРИИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ, ОИЛА ВА АҲЛИ ҶОМЕА ДАР ТАРБИЯИ НАСЛИ НАВРАС

Алоқаи мустаҳками байни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, оила ва аҳли ҷомеа дар тарбияи насли наврас бо роҳҳо ва воситаҳои гуногун ба амал бароварда мешавад.

Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар фаъолияти худ ба оила ва аҳли ҷомеа такя намуда, бо падару модарон дар шакли фардӣ ва коллективӣ кор мебарад. Муассиса бо падару модарон дар шакли фардӣ ва коллективӣ кор мебарад. Кори муассисаи миёнаи умумӣ бо падару модарон дар шакли инфиродӣ аз ҷумла ба хонаи талабагон рафтани омӯзгорон, роҳбарони синф ва ё ба муассисаҳои таълимӣ омадани падару модарон сурат мегирад. Омӯзгорон ба ин восита бо падару модарон алоқа баста, хусусиятҳои психологии онҳоро фаҳмида мегирад ва баъд аз он дар кори тарбияи оилавӣ ба онҳо ёрии инфиродӣ мерасонад.

Кори омӯзгорон бо падару модарон дар шакли коллективӣ -маҷлиси умумӣ ва синфии падару модарон, ташкил ва гузаронидани лексия, маърӯза, конференсияи барои падару модарон ва ғайраҳо баогузор мешавад. Ин кори асосӣ мебошад.

Кори омӯзгорон бо падару модарон ҳамон вақт самарабахш мешавад,ки мешавад, ки фаъолияти онҳо аниқтар намудани сифати таълиму тарбия, дониши чуқуру мустаҳкам, интизоми бошуур равона карда шавад.

Омӯзгорон ва роҳбарони синф ба хонаҳои падару модарон рафта, бо реҷа, муносибати байни аъзои оила, рафтори, онҳо ошно шуда, фаҳмида мегиранд, ки талаба гӯшаи дарстайёркунӣ дорад ё не, китобу анҷомҳои таълимӣ чӣ хел нигоҳ дошта мешаванд, падару модарон ва талаба чӣ хел китобҳои адабӣ, рӯзномаю маҷаллаҳо мехонанд, дарстайёркунии хонандагон дар хона чӣ хел ташкил карда шудааст, дар мавридҳои даркорӣ чӣ хел ёрӣ расонида мешавад.

Роҳбари синф метавонад анкета (саволнома) ташкил карда, аз рӯйи ҷавоби падару модарон хусусиятҳои талабаро фаҳмида гирад.

Роҳбарони синф ва омӯзгорони пуртаҷриба бо мақсади беҳтар ба роҳ мондани корҳои таълиму тарбия талабагони худро пешакӣ омӯхта мебароянд. Ба дарсҳои ҳамкасбонашон даромада, рафтори талабагонро мушоҳида мекунанд, бо омӯзгорону падару модарон сӯҳбат мегузаронанд, хуҷҷатҳои шахсии талабагонро меомӯзанд. Бо ин роҳ хусусиятҳои фардӣ, шавқу ҳаваси талабагонро дониста гирифта, дар ҷараёни таълиму тарбия онҳоро ба эътибор мегиранд.

Омӯзгорон, ва роҳбарони синф бояд бо падару модарон аз рӯйи нақша мунтазам кор баранд. Ба маъмурияти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ зарур аст, ки аз болои ин кор мунтазам назорат намояд ва дар мавридҳои даркорӣ ёрии амалӣ расонад.

Нақшаи тарбиявии роҳбари синф бояд мухтасар, равшан, ҳамаи талаботи замон ва масъалаҳои муҳимми тарбиявиро дарбар гирад.

Ҳар як омӯзгор, роҳбари синф бо мақсади ба роҳ мондани ташвиқоти педагогӣ дар нақшаи худ гузаронидани суҳбат, лексияро пешбинӣ намояд. Мавзӯъҳои ингуна сӯҳбату лексияҳо гуногунанд, -масъалаҳои сиёсӣ, педагогӣ, психологӣ, гигенӣ; - реҷаи бача дар оила;-хусусиятҳои психологии кудакони сини мактабӣ;-тарбияи софдилӣ ва ҳақгӯӣ;-тарбияи меҳнатӣ дар оила;-масъалаи интихоби бошууронаи касбу ҳунар ва вазифаи падару модар;-тарбияи ватандӯстӣ;-тарбияи ҷисмонӣ дар оила;- тарбияи дустӣ ва рафоқат дар оила ва ғайраҳо.

Ҳеҷ як кор бе мақсад ва бемуддао намешавад. Бинобар он, ба омӯзгорон ва роҳбарони синф лозим аст, пеш аз он, ки ба хонаи хонандагон раванд, мақсад ва вазифаҳои худро муайян кунанд, дар кадом масъала суҳбат мекунанд, аниқ намоянд.

Вақте , ки талаба дар таълим ақиб мемонад ва ё рафтораш бадаст, бояд омӯзгор, роҳбари синф бо якҷоягии падару модар сабаби онро омӯхта, бароиислоҳаш чораҳои мушаххас андешад.

Дар фаъолияти роҳбари синф маҷлиси синфӣ бо падару модарон мавқеи муҳимро ишғол менамояд.

Дар вақтҳои ҷудогона баъзе роҳбарони синф бамавриду бемаврид дар маҷлиси падару модарон ва ё ҳангоми вохӯрӣ бо онҳо аз рафтори хонанда шикоят мекунанд. Кушоду равшан гуфтан лозим аст, ки ин гуна шикоят ба падару модар намефорад. Беҳтараш, бисёр нанолида, бо падару модарон суҳбат карда, бо маслиҳат роҳи ислоҳи камбудии ин ва ё он хонандаро муайян карда, аз рӯйи он амал кардан лозим аст.

Вохӯрии роҳбари синф бо падару модарон бояд дар шакли маслиҳат ва дӯстона бошад.

Маҷлисҳои синфии падару модарон бояд дар вазъияти оромӣ, бо нияти хайрхоҳӣ, боварӣ, иззату эҳтиром, ҳамчун мактаби тарбияи кӯдакон гузаранд. Дар ин ҳолат падару модарон ба маҷлисҳо бо дилу ҷон иштирок мекунанд.

Ба ҳар як маҷлиси падару модарон ҳаматарафа тайёрӣ бояд дид. Мавзӯъҳои онҳоро аниқ кардан лозим. Одатан дар ингуна маҷлисҳо пешрафт, интизом, рафтор, иштироки хонандагон дар корҳои ҷамъиятӣ, дар меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ, иштироки падару модарон дар корҳои берун аз синф, ёрии онҳо ба таъмири мактаб ва ғайраҳо муҳокима меёбанд. Ва ниҳоят, муайян кардан даркор аст, ки оид ба кадом мавзӯъ омӯзгор, роҳбари синф, падару модарон ва ё аз аҳли ҷамъият баромад мекунанд, ё кадом падар, модар аз таҷрибаи худ нақл менамояд.

Ба таври мушаххас ба падару модарон фаҳмондани мақсад, вазифа ва проблемаҳои муҳити тарбия вазифаи ҷонии омӯзгорон ва роҳбарони синфи ҳар як муассиса мебошад.

Дар байни шаклҳои гуногуни ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо падару модарон ва аҳли ҷомеа ҳамкории мактаб, оила ва ҷомеа мавқеи муҳимро ишғол менамояд.

Фарҳанги педагогии омӯзгорон падару модарон ва аҳли ҷомеа масъалаҳои ташкили гузаронидани сӯҳбатҳои индивидуалӣ, шабҳои саволу ҷавоб, таҷрибаомӯзии падару модарон оид ба масъалаи тарбияи оилавӣ, ошно шудани падару модарон бо навигариҳои педагогика, тамошо ва таҳлили кинофилмҳои характери педагогидошта, шунавонидан ва таҳлили видиозаптҳо, маҷлисҳои падару модарон, конфренсияҳои падару модарон оид ба масъалаҳои тарбияи оилавӣ ва вазифаҳои минбаъда беҳтар намудани сифати таълиму тарбияи хонандагон ва ғайраро дар бар мегирад.

Мақола масъалаҳои ҳамкории педагогию иҷтимоии муштаракаи педагогон, падару модарон ва аҳли ҷомеаро ҷиҳати минбаъд беҳтар намудани сифати таълиму тарбияи хонандагон дар бар гирифта, роҳи ҳали онҳоро дар ташкили гузаронидани сӯҳбатҳои индивидуалӣ, шабҳои саволу ҷавоб, таҷрибаомӯзии падару модарон оид ба масъалаи тарбияи оилавӣ, ошно шудани падару модарон бо навигариҳои педагогика, тамошо ва таҳлили кинофилмҳои характери педагогидошта, шунавонидан ва таҳлили видиосабтҳо, маҷлисҳои падару модарон, конфренсияҳои падару модарон оид ба масъалаҳои таълиму тарбия

Дуруст ба роҳ мондани кори кумитаи падару модарон яке аз омилҳои муҳимтарини мустаҳкам намудани алоқа ва ҳамкории мактаб, оила ва аҳли ҷомеа мебошад.

Падару модарон, аҳли ҷомеа дар байни шаклҳои гуногуни ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо падару модарон ва аҳли ҷомеа фарҳанги педагогӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд.

Онҳо натанҳо дар мустаҳкам намудани базаи таълимӣ-моддӣ, балки инчунин дар соҳаи баланд бардоштани дараҷаи идеявӣ-сиёсии таълиму тарбияи хонандгон ҳам кӯмаки амалӣ мерасонанд.

Кумитаи падару модарон ва фаъолони ӯ дар гузаронидани корҳои берун аз синф ва берун аз муассиса бевосита роҳбарӣ менамоянд. Маҳфилҳо ташкил мекунанд, хонандагонро ба экскурсияҳо (саёҳат) мебаранд, сӯҳбатҳо мегузаронанд.

Ташкили навбатдории падару модарон дар МТМУ барои беҳтаршавии таълиму тарбия аҳамияти калон дорад. Падару модарони навбатдор бо тартиботи муассиса аз наздик шинос шуда, дар мавридҳои ҷудогона дар маҷлисҳои падару модарон баромад мекунанд, ҷиҳатҳои мусбат ва манфии соҳаи кори тарбиявиро ба маълумоти иштирокчиён

расонида, дар роҳи минбаъда беҳтар намудани сифати таълиму тарбия фикру мулоҳиза ва таклифҳои мушаххаси худро пешниҳод менамоянд.

Дар масъалаи минбаъда беҳтар намудани тарбияи хонандагон ва мустаҳкам кардани кори якҷояи МТМУ, оила ва аҳли ҷомеа дар таълиму тарбияи хонандагон омӯхтан, ҷамбаъст кардан ва паҳн намудани таҷрибаи оилаҳои пешқадам аҳамияти калон дорад. Бо ин мақсад дар муассисаҳои беҳтарин баромади падару модарони пуртаҷрибаро дар маҷлисҳои синфӣ ва умумимактабии падару модарон ташкил мекунанд.

Падару модарон тарбияи оилавии худро бо тарбияи ҷомеа, бо тарбияе, ки МТМУ ба амал мебарорад, вобаста медонанд.

Беҳтар шудани кори кумитаи падару модарон ба он вобаста аст, ки роҳбари муассиса чӣ гуна кори кумита роҳбарӣ мекунад, кумита ва комиссияҳои он чӣ гуна нақша сохта, аз рӯйи он амал мекунанд ва ниҳоят аъзои кумита чӣ гуна бо роҳбарони синф алоқа пайдо карда, бо падару модарони хонандагони муассиса кори амалӣ мебаранд.

МТМУ дар шароити имрӯза тамоми бори масъулияти таълиму тарбияро ба ӯҳда гирифта наметавонад. Ба вай лозим аст бо ҳамаи тарафҳои ба ин кор ҳавасманд, чӣ дар дохил ва чӣ дар беруни муассиса, созиш ба даст оварда, оид ба зарурияти фаҳмиши ягона ва ҳамкории якҷоя барои расидан ба мақсадҳо ҳаракат намояд. Аммо тамоми ин корҳоро бе иштироки волидон амалӣ кардан ғайри он аст.

**АДАБИЁТ:**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» Д. 2011.
2. Ансиферова Л.И Психологические исследования социального развития личности. Сб. науч. работ ЛИ ССС.-М., 1991.
3. Раҳимзода Х. Оила ва ҷомеа. -Д., 1999
4. Искандаров Х. ва диг. Ба ёрии роҳбарону омӯзгорони муассисаҳои таълимии маълумоти ҳамагонӣ. -Д., 2003
5. Гребенщиков И.В. Основы семейной жизни. -М.,1991
6. Гуров В.Н. Социальная работа в школе. -М.,2003
7. Кон И.С. НТР и проблемы социализации молодёжи. -М.,1988
8. Макаренко А.С. Книга для родителей. -М., 1969
9. Макаренко А.С. Семья и воспитание детей. - Избр.пед.соч., т.2, М., 1977
10. Классному руководителю о воспитательной системе класса. Методическое пособие под ред. Е.Н.Степанова., -М.,2001

**Зулфонов Б.**

## ҲАМКОРИИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ, ОИЛА ВА АҲЛИ ҶОМЕА ДАР ТАРБИЯИ НАСЛИ НАВРАС

Дар мақола муалиф нақши оила дар ҳаёти инсон, бахусус, хонандагон калон аст. Вай ба одам эҳсосоти пурраи ҳаёти мебахшад, ки бе он бахту саодати ҳақиқии инсон имконпазир аст. Оила дар мустаҳкам намудани саломатӣ ва тарбияи насли наврас, муҳим мебозад. Дар оила асосҳои феълу атвори инсон, муносибати вай ба меҳнат, ба сарватҳои маънавӣ, идеявӣ ва маданӣ ташаккул меёбад. Тарбияи оила ба ташаккули хонанда басанда нест.

**Вожаҳои асосӣ :** оила, ҷомеа, МТМУ, хонандагон, тарбия, омӯзгорон, ҷомеа, маърӯза, роҳбари синф, сӯҳбат.

**Зулфонов Б.**

## СОТРУДНИЧЕСТВО МЕЖДУ УЧЕБНЫМИ ЗАВЕДЕНИЯМИ, СЕМЬЁЙ И ОБЩЕСТВЕННОСТЬЮ В ВОСПИТАНИЯ ПОДРАСТАЮЩЕГО ПОКОЛЕНИЯ

В статье автор утвердил, что роль семьи в жизни человека особенно учащихся велика. Это даёт людям полное чувство жизни, без которого возможно истинная человеческая душа. Семья играет решающую роль в укреплении здоровья и образования молодого поколения, содействуя экономическому и политическому развитию общества. В семье формируются основные принципы человека, их отношение к труду, духовное, идеологическое и культурное богатство.

**Ключевые слова**: семья, общество, СОУ, учащихся, доклад, воспитание, учителя, классный, руководитель, беседа.

**Zulfonov Bahron**

## RELATIONSHIPS BETWEEN SCHOOLS, FAMILIES AND THE PUBLIC IN TEACHING THE YOUNGER GENERATION

The role of the family in the life of a person, especially students, is great. It gives people a complete sense of life, without which the true human soul is possible. The family plays a crucial role in promoting the health and education of the younger generation, contributing to the economic and political development of society. The family forms the basic principles of man, their attitude to work, spiritual, ideological and cultural wealth. Since family education is not enough to shape the reader, the JMA introduces the reader to other students who are far away, showing the friendship of the reader.

**Keywords:** family, amyl, society, SOU, student, report, education, teacher,, classroom, leader, conversation.

**Сведения об авторе:** Зулфонов Бахрон – заведуюший отделом воспитания Института развития образования имени Абдурахмона Джами Академия образования Таджикистана, г. Душанбе, ул.Айни 45.

**Information about the author**: Zulfonov Bahron - Head of the Education Department of the Institute for Educational Development named after Abdurakhmon Jami, Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, Aini 45 street.

**Х. КАЮМОВА**

# ВОСПИТАНИЕ ПОДРОСТКОВ В ДУХЕ ПАТРИОТИЗМА, ТОЛЕРАНТНОСТИ И МИРОЛЮБИЯ

Мир – это священное слово, которое очень дорого людям всего мира. Это слово произносят взрослые и дети на собраниях, мероприятиях, кружках. Теории этого слова посвящены стихи и песни. Как всем известно, развитие общества, культуры зависит от существования мира и безопасности. Но война и сражение (битва) вредит обществу, приносит только страх и ужас. Потому что зловещая война в один момент приводит к разрушению тысячи городов и сел, садов и цветников, всего того, что было создано человечеством. Прогрессивный миролюбивый трудовой народ мира мечтает о благополучии своего очага, о счастье своих родных, детей и стремится к этому. Поэтому идея мира – это могучее движение, которое объединяет все народы.

Таджикские воины в рядах Красной Армии дошли до свергнутого Берлина. После завершения второй мировой войны для восстановления мира они вернулись на Родину, совместно с народом на полях и долинах Таджикистана основали электрические станции, чтобы стало ещё ярче жизнь, строи каналы, чтобы оросить землю. Воин в сердце хранил священное желание благоустроить землю, чтобы человек жил на ней счастливо. У него и в мыслях не было воевать, только думал о благополучии в мирной жизни. Поэтому он был сторонником мира и толерантности.

Мы, таджики, этим доказали, что мы сторонники мира и демократии. Прогрессивный народ разных стран и все кто трудится, обосновывается, почему они объединены одним путём мира и толерантности? Потому что мир и толерантность, даёт возможность жить , работать, любить, учиться, расти детей, быть любимым, быть счастливым, довольствоваться изобилием земли, поэтому мы сторонники мира.

Война – это противозаконно. И для людей послевоенного времени она чужда, и когда еще во всех странах на глазах матерей не просохли слезы, не заросли раны. Ещё не забыты беды и разрушения, только в такой момент могут призывать к войне только плохие люди.

Матери воспитывают своих детей ради счастья и освоения жизни, но никогда для того, чтобы они стали жертвой пули. Народы мира не хотят войны. Наш народ потерпел от войны, которая нанесла огромный ущерб, поэтому плоды мира и толерантности они считают ценными. Таджикский классик Сайидо Насафи сказал: «Народ – это как большая река. И каждый, кто подойдет против течения, может попасть в водоворот и исчезнуть в нём.»

Пусть враги народа, поджигатели войны, по этому поводу задумаются хорошенько. Тот, кто намерен воевать обязательно должен быть уничтожен в этой войне. Так как народная сила всего мира, является сторонником мира и спокойствия и очень могущественна.

Национальная концепция воспитания – это нынешнее политическое в решение и охватывают широкую общественность и населения, особенно подрастающего поколения. Сущность, цели, задачи и содержание национального воспитания в новый исторический этап приведены в норму. Оно определяет роль, своё место в формировании личности человека.

Термины самопознания, союз, сплоченность, сам мир и толерантность, безопасность священны и почитаемы. Лица, народ и нация, которая осмысляет содержание этих терминов, может достигнуть многого. Познания родных корней нашего народа имеют глубочайший смысл, но всё равно мы до сих пор не познали себя. До сих пор теми признаками, которые были указаны выше, мы полностью не обладаем. По нынешним условиям перед школой и просвещением стоит задача, чтобы в гражданине формировали признаки высокой нравственности, миролюбию и толерантности, национальной сути, человеколюбию, свободе мысли, твердой гражданской позиции и инициативности.

Гражданину нужно, чтобы он продолжал деятельность на основе национального блага, на отрицательные стороны общества смотрел критические. Должен любить свою Родину и защищать её интересы и как собственник национального познания должен внести свой вклад в развитие общества. События, происходящие в сегодняшнем мире, каждую личность заставляет задуматься, чтобы все его старания должны быть направлены для благополучия мира и толерантности. Если представить перед глазами все события, происходящие в мире и хорошо подумать, то можно заметить удивительное противоречие. Можно ощутить, как некоторые страны, чтобы приобрести сырое сырьё некоторых маленьких государств, используют силу и угрозу. Не позволяют, чтобы это государство использовало своё сырьё в пользу развития своей страны. Часть народов нашей планеты стараются быть связанными с жителями других стран, которые живут ради спокойствия и мира на земле. Другой части народов суждено сохранять сегодняшнее мировое спокойствие. С другой точки зрения некоторые хотят для осуществления своих грязных целей призывать людей к ссорам и конфликту. Такие идеи были несколько лет тому назад и в нашей стране, и как мы уже знаем, что происходило у нас, и какие мы понесли потери.

Таким образом, XX век – это годы, когда все мы упали духом, рассеялись все мечты и желания, идеи и в эти годы бедствий и горя таджикский народ проявил мудрость в деле прекращения гражданской войны.

И благодаря усилиям Основателя мира и национального единства Лидера Нации президента Республики Таджикистан Уважаемого Эмомали Рахмона, произошел мир в нашей стране.

Если бы гражданская война не закончилась миром, если бы наш Президент Эмомали Рахмон не воссоединил народ нашей страны, тогда бы до сих пор матери проливали слёзы.

В истории, на арене политики и властвования, появление Э. Рахмона оказалось очень кстати в решении судьбы таджикского народа. С первых дней деятельности президент страны говорил : «До момента, пока хоть один таджик находится за пределами республики в качестве беженца, я не могу быть спокоен».

Он дал народу надежду на жизнь, счастье, хорошее будущее. Он пробудил в наших душах, как и тысячах других наших соотечественников искру веры, он осветил путь возрождения нации. Лидер Нации Эмомали Рахмон сумел усмирить джина войны, которого враги освободили, и поместить его обратно в заточение. В начале нового столетия Таджикистан сумел выпрямиться и благодаря этому, зажглись яркие цвета нашей мечты:

День нашего примирения – это мирное сосуществование,
Праздник независимости – наше счастье и величие.

В настоящее время Таджикистан независимое государство. От существующего мира мы получили независимость.

Независимость – это жизненное могучее благо. Прежде всего, она показывает народам мира о праве существования нации в процветающей свободной стране.

9 сентября 1991 года на политической карте мира появилось самостоятельное, суверенное государство – Таджикистан.

Таджики относятся к древнейшему народу, имеют отношение к истории цивилизованного человечества и имеют культурное наследие. Но эта нация после распада династии Саманидов на протяжении тысячелетий была лишена государства. Поэтому 9 сентября 1991 года для нас это не только День Независимости, но и дата восстановления исторической справедливости. Как в своем выступлении подчеркнул руководитель нашей страны Лидер Нации Эмомали Рахмон, во время встречи с интеллигенцией и активной молодежью нашей страны, на празднование 1100-летия государства Саманидов и 90-летие сына великого народа Бободжона Гафурова –независимость это символ продления нации и самостоятельного Таджикистана. Хотя в великой семье советского народа таджики тоже наслаждались плодами своего труда, также развивалась наука, техника, промышленность, строительство и другие сферы сельского хозяйства, но республика не была абсолютно самостоятельной. Но сегодня, хотя и трудно, Таджикистан шагает по пути к миру,

толерантности, примирению, единству, к развитию народного хозяйства, развитию науки и культуры.

Таджикистан, когда был объявлен независимым государством, к сожалению, в момент роковой судьбы, началась война, была сорвана экономическая и культурная связь в Таджикистане, было много жертв и потерям имущества, что привело тысячи людей к бегству, в результате чего привело республику к экономическому кризису.

Как сказал один из воспевателей мира и спокойствия Мирзо Турсунзаде:

Люди от мира счастье находят,
Вражда приносит несчастье народу.

Лидер Нации Эмомали Рахмон с высокой трибуны ООН выразил своё мнение, что сейчас настало время, чтобы мы не были игрушкой в руках стран, которые ищут выгоду. Исламскую религию, особенно экстремистскую, нельзя ставить выше собственных интересов, которые приводят к войне и служат для исчезновения нации. Страна должна идти вперед, выбрав путь справедливости и терпения.

Сегодня мы являемся владельцами независимости, поэтому каждая достойная личность Таджикистана должна стремиться к счастью и процветанию нашей республики и народа.

Для существования мира и толерантности, прежде всего, нужно понимание. Если бы народ Таджикистана не распрощался с обидой и не простил все унижения, принесенные ему, и если мы сами не пришли бы к согласию и не подумали о благоустройстве Таджикистана, и не взялись бы за руки, и не трудились бы от души, то Таджикистан сегодня не числился бы государством в мировом пространстве.

«Рассеянность, групповщина , соперничество и ненависть еще не привели ни одну страну и нацию к цели» - такими были высказывания руководителя нашего государства во время выступления.

Именно ради мира и толерантности, безопасности, единства народа Таджикистана и всей страны появилось соглашение о национальном согласии, которое было подписано руководителями некоторых организаций и партий.

Это был нужный шаг и благое намерение, который соединял некоторые политические силы, имеющие одну цель – благоустройство дорогого Таджикистана.

Вследствие чего, каждый гражданин нашей республики независимо от национальной принадлежности всем существованием должен понимать, что судьба Таджикистана – это его судьба.

Сегодняшняя школа, прежде всего, должна обращать внимание на проблему мира, толерантности, потому, что первый шаг общества в любой момент и в любое время нуждается в нём. Это точка зрения является аксиомой для процесса обучения. Об этом пишет в своём основании Академик педагогических наук Махмадулло Лутфуллозаде:

«Образование, патриотизм – суть примирения и национальную гордость надо воспитывать. Это формирует нравственность, миролюбие и толерантность между народами других наций».

Самостоятельность Таджикистана нельзя назвать результатом развала Советского Союза.

Независимость Таджикистана – это закономерность формирования общества.

Внутренние и внешние враги, пользовались переменой в связи с развалом Союза и появления на свет нового государства, которое еще не формировалось.

Молодому государству в момент отсутствия своей армии враги нанесли свой удар.

Таджикистан был вовлечен в гражданскую войну. И достойные сыны, почувствовав опасность исчезновения страны, стали бороться против бессмысленной войны.

Горький урок событий 1991 – 1997 годов показал, что нарушения закона, к чему привело таджикский народ, и какие страдания он перенес.

После долгих совещаний и скрупулёзной работы лучших умов, наконец, наступила возможность проведения 16 ноября 1992 года в древнем Худжанде 16-й сессии Верховного Совета. На этом Совете прозвучало обращение о единстве и примирении таджикской нации. В истории Таджикистана начался новый период. Окровавленный Таджикистан

выбрал в своё руководство человека, которому народ доверил этот пост. Эмомали Рахмон стал руководителем государства, которое находилось в состоянии войны, глубокого экономического кризиса. Он стал руководителем государства, которое после бессмысленного кровопролития, было в безнадёжном положении.

По словам Хабиба Юсуфи:

Спокойная и миролюбивая наша Родина,
Прочна и крепка, как тяжеловесная гора.

Лидер Нации Эмомали Рахмон с первых дней, когда выступил с трибуны Сессии как выбранный председатель Верховного Совета , обещая жаждущему народу мир -«Или я в Таджикистане восстановлю мир, или я отдам жизнь на этом пути».

В этот момент большая часть народа не верила этим словам. Потому что в этом огромном семействе шла борьба между братьями и между сынами и отцами. Часть народа выбрала путь бегства. Другая часть, потерявшая детей, жила в объятии сгоревших до пепла домов, которые раньше были благоустроены и уютны. Они жили скромно и ждали, что может, настанет момент, когда будет восстановлен мир.

Но Лидер Нации Эмомали Рахмон сдержал свое обещание. Он сумел в этом великом очаге восстановить мир и собрать за одним столом раздорных братьев и накормить обедом примирения.

Весь Таджикский народ и жители Таджикистана под руководством Э. Рахмона достигли мирного существования и завершили большую работу по восстановлению страны. Было проведено большое количество работ как: открытие магистрали Куляб-Калъаи Хумб, Кульма- Карокурум, железные дороги Курган-Тюбе – Куляб, Вахдад – Яван, Гидроэлектрическая станция Памир-1,туннели «Истиклол» и через перевал Чормагзак, ,построили новые дороги Душанбе- Турсунзаде, Айни-Пенджикент, торжественно отметили 1100-летие государства Саманидов. В честь которого был установлен памятник Исмоилу Сомони в столице, отметили также 80-летие столицы нашей Родины – города Душанбе, 2700-летие города Куляба и 3000-летие г.Гиссара. Сады и цветники стали цвести. Новые школы и больницы были оборудованы новой и современной аппаратурой. Была построена новая библиотека и стала украшением столицы. Был возведен флаг республики в столице на флагштоке высотой 165м.

Таджикское телевидение оснащено спутниковой системой, такие каналы, как: «Сафина», «Бахористон» (детский развлекательный канал) и «Первый канал», теперь смотрят народы всего мира.

В результате достигнутого мира Таджикистан на международном уровне достиг определенного авторитета. Политическая, экономическая, социальная деятельность граждан стала обширнее. У них появилась надежда в будущее общества. Общий наставник ООН Кофи Аннан, увидел достижения президента Лидера Нации Эмомали Рахмона, был удивлён и сказал: «Таджикистан в решении внутренних споров и раздоров показал хороший пример многочисленным странам: будем считать, что это вклад Таджикистана в решении вопросов примирения». Таджикский народ доказал, что мы сторонники мира и за принципы демократии. Прогрессивный народ разных стран и все кто трудится, не желают войны. Потому что мир и патриотизм народа, даёт возможность жить. работать, любить, учиться, расти детей, быть любимым, быть счастливым, довольствоваться изобилием земли, поэтому мы сторонники мира. И воспитание подрастающего поколения в духе мира и патриотизма является важным в просвещении и образовательном процессе.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1. Каримова И.Х. Теоретические основы гуманизации гуманитарного образования учащихся таджикских школ: автореферат дис. … док-ра пед. наук: 13.00.01 / Каримова И.Х. – Душанбе, - 2000, - С 185

2. Каюмова Х.Т. «Обучение и воспитание миролюбия на уроках таджикского языка». Методические пособие: /Каюмова Х.Т. Душанбе : Ирфон, 2006 С-38

3. Каюмова Х.Т. Социальная сущность воспитания миролюбия. Журнал //Маърифати омӯзгор// №6 / Каюмова Х.Т. Душанбе - 2008, - С 21.

4. Каюмова Х.Т. Мудрость никогда не приведёт к войне. журнал //Школа и общество// №1 (4) // Каюмова Х.Т. Душанбе: -2004. С- 43.

5. Каюмова Х.Т., Воспитание миролюбия наша цель журнал //Маърифати омӯзгор// №7-8 / Каюмова Х.Т. Душанбе: – 2002. С.- 56

6. Каюмова Х.Т. Произведения из наследия предков по проблемам миролюбия для учащихся. / Каюмова Х.Т. Журнал //Известия Академии Наук Республики Таджикистан // отделение общественных наук. - 2010. - №3. – С. 61.

7. Лутфуллоев М. «Дидактикаи Муосир», Воситаи таълимӣ, / Лутфуллоев М. Душанбе: Ирфон , 2001. – С 336

8. Лутфуллоев М. Сулҳпазирии халки точик, тарбия ва ташаккули он. Дар мачмуаи «Илми педагогика – пояи устувори мактабу маориф» /Лутфуллоев М.// материалы республиканской конференции (г.Душанбе, 3-4 сентября 2004 г.) -Душанбе, 2004. –С . 101 - 107.

9. Лутфуллоев М. Эҳёи педагогикаи аҷам. Воситаи таълимӣ, /Лутфуллоев М. Душанбе: Ирфон , 1997. – С. 150.

10. Дж. Шарифов, Ш. Исрофилниё. М.Мулллоаҳмадов. Рудаки (стихи), книга сост. /Дж.Шарифов, Ш.Исрофилниё, М. Муллоахмадов. -Душанбе: изд. Ирфон, 2008. - С. 176

11.Сухомлинский В.А. –Педагогика, Методическое пособие /Сухомлинский В. А. изд. Педагогика. Москва - 1980. - С. 348

**Каюмова Х.Т.**

## ВОСПИТАНИЕ ПОДРОСТКОВ В ДУХЕ ТОЛЕРАНТНОСТИ, МИРОЛЮБИЯ И ПАТРИОТИЗМА

В данной статье проанализирована важная и актуальная тема миролюбия и патриотизма в воспитании не только подростков, но и всего человечества, так как развитие любой страны и общества зависит от существования мира и человеколюбия его граждан. Таджикистан является демократическая и независимая республика, которая в своей истории пережил гражданскую войну и его последствия принесли огромный вред обществу и стране. Поэтому идея мира и и патриотизм не только таджикского народа, но и для всех народов мира это залог его развития и счастливое будущее его детей.

Автор статьи описал заслуги вклад Лидера нации- Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона, его вклад в дело мира и единства таджикского народа и таджикистанцев. Также автором проанализированы участие и героизм таджикского народа во время второй мировой войн*ы,* роль образования и учебных заведений в современном обществе, где проводят воспитание детей и подростков в духе миролюбия и патриотизма**.**

Таджикский народ доказал, что мы сторонники мира и за принципы демократии. Прогрессивный народ разных стран и все кто трудится, не желают войны. Потому что мир и патриотизм народа, даёт возможность жить. работать, любить, учиться, расти детей, быть любимым, быть счастливым, довольствоваться изобилием земли, поэтому мы сторонники мира. И воспитание подрастающего поколения в духе мира и патриотизма является важным в просвещении и образовательном процессе.

**Ключевые слова:** миролюбие, патриотизм, воспитание, образование, развитие страны, счастливое будущее.

**Қаюмова Ҳ.Т.**

## ТАРБИЯИ НАСЛИ НАВРАС ДАР РУҲИЯ ТАҲАММУЛПАЗИРӢ, СУЛҲДУСТӢ ВА ВАТАНПАРАСТӢ

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи яке аз масъалаҳои муҳим - тарбияи сулҳдустӣ ва ватанпарварии на танҳо наврасон, балки тамоми инсоният меравад. Зеро рушди мамлакат ва чомеа аз сулҳ ва инсондӯстии шаҳрвандони он вобастагии қавӣ дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати демократӣ ва мустақил мебошад, ки дар таърихи худ ҷанги шаҳрвандӣ, зарар ва оқибатҳои онро аз сар гузаронид. Бинобар ин масъалаи сулҳ ва ватанпарварии на танҳо масъалаи халқи тоҷик, балки масъалаи тамоми халҳои ҷаҳон ва кафили рушд ва ояндаи хушбахтонаи кӯдакон мебошад.

Муаллифи мақола хизмати Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро дар таъмини сулҳ ва ваҳдати халқи тоҷик ва тоҷикистониён инъикос мекунад., инчунин иштирок ва қахрамонии халқи тоҷикро дар замони ҷанги дуюми ҷахон қайд менамояд, вазифаи

маориф ва муассисаҳои таълимиро дар замони муосир дар самти тарбияи наврасон дар рӯҳияи сулҳдӯстӣ ва ватанпарварӣ баррасӣ мекунад.

Халқи тоҷик исбот намуд, ки мо тарафдори сулҳ ва тарафдори принсипҳои демократия мебошем. Халқҳои пешрафтаи кишварҳои гуногун ва ҳамаи меҳнаткашон зидди ҷангу ҷидолҳост. Зеро сулҳу ороми барои кор кардан, пойдории муҳаббат, омӯзиш, тарбияи кӯдакон, дӯст доштан ва хушбахтӣ муфид аст. Бинобар ин мо тарафдорони сулҳ буда, тарбияи насли наврасро дар рӯҳияи сулҳдӯстӣ ва ватанпарастӣ дар пешрафти маърифат дар раванди таълим зарур мешуморем.

**Калидвожаҳо:** *с*улҳдӯстӣ, ватанпарварӣ, тарбия, маориф, рушди мамлакат, ояндаи хушбахтона.

**Kayumova Kh.T.**

## UPBRINGING OF THE YOUNG GENERATION IN THE SPIRIT OF TOLERANCE, PEACE AND PATRIOTISM

This article noted that the development of society, culture depends on the existence of peace and security. But war and battle harms society, brings people only fear and horror. Because the war leads to the killing of people, the destruction of thousands of cities and villages, gardens and flower beds, all that was created by mankind. The progressive peace-loving labor people of the world dream of the well-being of their home, of the happiness of their relatives and children, and they are striving for it. In our country in 1962–1997, the fraternal war continued. Therefore, the idea of peace is a powerful movement that unites all peoples. Our Leader of the Nation, Emomali Rahmon, kept his promise. In this great hearth, he managed to stop the war and restore peace and gather at the same table disunited brothers.

Tajik warriors also fought in the ranks of the Red Army and reached Berlin. After the end of the Second World War, to restore peace, they returned to their homeland, together with the people in the fields and valleys of Tajikistan, they established electric stations to make life even brighter, build canals to irrigate the land. The warrior in his heart kept the sacred desire to equip the earth so that a man lived on it happily. He didn't have a war in his mind, only thought about well-being in a peaceful life.

Therefore, he was a supporter of peace and patriotism. The Tajik people have proved that we are supporters of peace and for the principles of democracy. Progressive people of different countries and all who work do not want war. Because the world and the patriotism of the people, gives the opportunity to live to work, to love, to learn, to grow up children, to be loved, to be happy, to be content with the abundance of earth, therefore we are supporters of peace. And the education of the younger generation in the spirit of peace and patriotism is important in the enlightenment and educational process.

**Key words**: supporters of peace, contented brothers, glorifiers of peace and tranquility, senseless bloodshed,

**Сведения об авторе:** Каюмова Хурлико Тагайевна - кандидат педагагических наук, начальник отдела высшего профессионального образования и последипломного образования Института развития образования имени А.Джами АОТ, индекс- 734024 г. Душанбе, улица Айни 45, E-mail: prmatt@ mail.ru. Телефон 227-05-13 +(992) 904406690

**Information about the author:** Kayumova Hurliko Tagayevna - candidate of pedagogical sciences, head of the department of higher professional education and postgraduate education of the Institute of Education Development named after A. Jami AOT, index -734024 Dushanbe, Aini Street 45, E-mail: prmatt @ mail.ru. Phone 227-05-13 + (992) 904406690

**Қ. ВОҲИДОВА**
**С. ҚУРБОНОВ**

# НАҚШИ ОМӮЗГОР ДАР ТАШККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ КАЛИДИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*
***Абдураҳмони Ҷомӣ***

Гузариш ба муносибати босалоҳият дар таълим яке аз самтҳои муҳимми ислоҳот дар соҳаи маориф маҳсуб меёбад. Аз ин ҷост, ки бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Вазорати маориф дар пиёда кардани ислоҳот саъю кӯшиш дорад ва зина ба зина гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълимро дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ амалӣ намуда истодааст. Муносибати босалоҳият ба таълим падидаи нав нест ва он танҳо таҷрибаи пешқадамест, ки маҳз ба ташаккули инсон, инсоне, ки дар ҷамъият қобилияти озодона ва фароҳмандона зистан, таҳсил ва меҳнат, муоширaт ва мубодила карданро дошта бошад, равона карда шудааст. Ин масъала бояд ҳанӯз аз зинаи аввали таълимгирӣ ҳамчун ҳадафу мароми омӯзгор қарор дошта бошад. Омӯзгор бояд дар таълимгирандагон сифатҳову арзишҳои волои инсонӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодиро, ки дар ташаккули минбаъдаи шахсият чун асоси зиндагӣ боқӣ мемонад, тақвият диҳад. Инҳо сифатҳоеанд, ки танҳо тавассути тарбия дар хонандагон инкишоф дода мешаванд ва воситаи асосии тарбия ин таълим аст ва маҳз таълими босалоҳият хонандагонро соҳиби бузургтарин сарват-донишу ҳунар мегардонад ва ин сарвати боэътимод онҳоро аз гирдоби ҳамагуна мушкилот дар зиндагӣ раҳо месозад. Барои ба ин ноил гардидан омӯзгорони ҳамаи зинаи таҳсилоти умумиро зарур аст, ки пеш аз ҳама дониши худро мустаҳкам ва пурра намоянд, дар дарсҳо аз усулҳои фаъоли таълим ва технологияи навини таълими муосир истифода бурда, ба тадриҷ аз шеваҳои анъанавии таълим дур шаванд. Бо ибораи дигар гӯем, омӯзгор аввал дар худ салоҳиятҳои асосиро ташаккул диҳад, яъне нисбат ба таълим худаш муносибати босалоҳият дошта бошад ва сипас, ба таълими босалоҳияти хонандагон омодагӣ бигирад. Дар ин замина ӯ бояд:

- мустақил, ташаббускор, масъул бошад;
-фаҳмад, ки кадом маҳоратҳо барои хонандагон дар зиндагӣ лозиманд;
-маводи омӯхташавандаро бо ҳаёти ҳаррӯза ва манфиатҳои хонандагон, ки хоси синну соли онҳо бошад, алоқаманд карда тавонад;
-дониш ва маҳорати худ ва хонандагонашро тавассути дарс ва корҳои беруназдарсӣ мустаҳкам кунад.
- дарсро бо истифода аз шаклу усули гуногуни фаъолияти таълимӣ ва пеш аз ҳама, ҳама намудҳои кори мустақилона (гурӯҳӣ ва фардӣ), усули мусоҳибавӣ ва лоиҳавӣ-тадқиқотӣ ба нақша гирад.
-пешрафти синф ва хонандагони алоҳидаро на танҳо аз рӯйи фан, балки аз рӯйи рушди ин ё он хусусиятҳои муҳими ҳаётӣ арзёбӣ кунад;
-комёбиҳои хонандагонро на танҳо бо баҳо-холҳо, балки бо тавсифномаҳои пурмазмун низ, арзёбӣ кунад;
- нуқсонҳову норасоиҳоро на танҳо дар сатҳи дониш, балки дар омодагӣ ба ҳаёт низ мушоҳида намояд.

Омӯзгори ҳақиқӣ он аст, ки худаш дорои дониши зарурӣ, ҳунар ва фарҳанги воло бошад ва мақому манзлати ин сарвати доштаи худашро дарк кунад, барои боз ҳам ғанӣ гардонидани он ҳамеша дар ҷустуҷӯ бошад. Омӯзгор бояд дарк кунад, ки замони муосир ташаккули инсони нав, ба ибораи дигар гӯем, шахсияти навро талаб менамояд, ки дар ин

сохтмон меъмори асосӣ омӯзгор аст. Омӯзгор аввал худ бояд барои хонандагон шахсият бошад. Агар омӯзгор нерӯи зеҳниашро ба хонандагонаш талқин карда тавонад, малакаву таҷрибаи худашро барои баланд бардоштани сифати таълиму тарбияи хонадагон равона кунад, онҳоро бо донишҳои ҳархелаи замонавӣ таъмин карда тавонад, пас шигардонаш ҳама гуна рӯйдодҳои ҷамъият ва зиндагиро пайхас намуда, онҳоро як ба як таҳлил карда метавонанд, дар бораи онҳо хулосаи мантиқӣ мебароранд ва дар зиндагӣ роҳи дурустро интихоб мекунанд. Дар ин ҷо ёдовр шудан аз суханони сарвари давлат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле ба маврид аст, ки ӯ мегӯяд: " Вақте ки инсон аз донишҳои гуногуни замона баҳра мебардорад, дар навбати аввал худро мешиносад ва баъдан ба фалсафаи зиндагӣ ва арзишҳои фарҳангиву башарӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамояд (7,9).

Пас, сатҳи ташаккули салоҳиятҳои хонанда ба фаъолияти омӯзгор вобаста аст. Чуноне ки муҳаққиқони назарияи муносибати босалоҳият қайд менамоянд ва мо низ дар боло зикр намудем, "муносибати босалоҳият дар таълим ба муносибати ба шахсият нигаронидашуда ва амалкунанда алоқаманд аст, зеро ки он ба шахсияти хонанда тааллуқ дошта, танҳо дар ҷараёни аз тарафи хонанда аниқ иҷро шудани маҷмӯи амалҳои муайян ҷорӣ шуда метавонад"(6,33). Ташаккули шахсияти хонандагон маҳз дар асоси ташаккули салоҳиятҳои зерини ба ном калидӣ сурат мегирад, яъне:

-салоҳиятҳои арзишӣ- маънавӣ. Рушди ин салоҳиятҳо дар хонандагон дарки арзишҳои миллӣ, қобилияти дидан ва ҳис кардани муҳити атроф, муайян кардани нақши худ дар ҷомеа, маҳорати интихоб кардани касбу ҳунар, маҳорати қарор қабул намуданро ташаккул медиҳад;

-салоҳиятҳои фаннӣ, ки қобилияти таҳлил намудан ва амал намуданро рушд медиҳанд;

-салоҳиятҳои умумифарҳангӣ. Рушди ин салоҳиятҳо дарк намудани хусусият ва аҳамияти фарҳанги милӣ ва умумибиашарӣ, фарҳанги ахлоқӣ, хусусиятҳои расму оинҳои оилавӣ, арзишҳои иҷтимоиву миллӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ ва фарҳангии мардуми худ ва дигар халқҳо, дарк кардан ва фарқ гузоштан байни нақши илм ва дин ва ғайраҳоро дар бар мегирад. Инҳо салоҳитятҳое ҳастанд, ки хонандагони ҳамаи синну солҳо бояд аз он бохабар бошанд ва дар таҷрибаи зиндагии худ истифода бурда тавонанд.

-салоҳиятҳои омӯзишӣ-маърифатӣ. Ин салҳиятҳое ҳастанд, ки хонандаро барои фаъолияти мустақилилона, маърифатнокӣ, таҳлилкунӣ, хулосабарорӣ, худбаҳодиҳӣ, ба нақша гирифтани ҳар як амали худ, дар ҳар вазъият муқобилат нишон дода тавонистан, рафтори худ ва дигаронро назорат карда тавонистан, дар назди худ мақсад гузоштан равона менамояд. Дар раванди ташаккули ин салоҳиятҳо дар хонандагон қобилияти эҷодкорӣ, аз ҳаёти воқеӣ донишу таҷриба гирифтан, дар вазъияти ногувор ягон хулса баровардан ва роҳи дурусти ҳалли мушкилотро ёфтану хулоса баровардан ба вуҷуд меояд. Барои ташаккули ин салоҳиятҳо саҳми омӯзгор басе муҳим аст. Ӯ бояд дар доираи дарсҳо дар хонандагон маҳорату малакаи воқеиятро аз чизҳои бофтаву хаёлӣ фарқ карданро омӯзонад. Ба ин хотир аз методу усули гуногун истифода барад. Худ ҷӯянда бошад. Дар раванди дарсҳо вазъиятҳое ташкил кунад, ки хонандагон роҳҳои аз он баромаданро фикр кунанду барои ба мақсад расидан талош намоянд.

-салоҳиятҳои иттиллотӣ. Ин салоҳиятҳо, ки аслан бо ёрии воситаҳои техникӣ-компютер, принтер, телефон, телевизор, технологияи иттилоотӣ- асбобҳои сабти овоз, фитаҳо, интернет ва ғайра ташаккул меёбад. Дар ин самт омӯзгор бояд худ истифодаи ин асбобҳоро донад ва ба хонанда омӯзонад, ба хонанда барои интхоб намудани иттилооти лозима ёрӣ расонад.

-салоҳиятҳои иртиботӣ. Мувофиқи ин салоҳиятҳо хонанда бояд забонҳои зарурииро донад, бо одамони худиву бегона ҳамкорӣ карда тавонад, дар гурӯҳ кор бурда тавонад, барои иҷрои нақшаи уммуии коллектив мусоидат карда тавонад.Омӯзгор зимни

ташаккули ин салоҳиятҳо хонандагонашро ба он равона кунад, ки ҳар яки онҳо худро муаррифӣ карда тавонанад. Дар онҳо қобилияти саволу ҷавоб кардан, мубоҳиса намудан, мусоҳиба додан , фикру хулосаи худро озод баён карданро ташаккул диҳад.

Бояд қайд кунем, ки воситаи асосии ташаккули ин салоҳиятҳо дар хонандагон донишомӯзӣ мебошад, ки он дар хонандагон, махсусан хонадагони синфҳои ибтидоӣ, тавассути дуруст дарк кардани маводи таълим дар раванди дарс ва маҳорати онро аз худ карда дониш гирифтан зоҳир мегардад. Салоҳиятмандии омӯзгор бошад, дар ин ҷода дар дуруст интихоб намудани роҳу усули самарабахши баёни маводи таълим ифода меёбад. Яъне дар ин муносибат салоҳиятнокӣ ва масъулиятнокии омӯзгор барои беҳтари гаштани натиҷаҳои таълим ба маротиб зиёд мешавад. Ин иншон медиҳад, ки пешрафти ислоҳоти ҷорӣ ба дарки масъулият, ташаббусу эҷодкорӣ ва маҳорату малакаи омӯзгор вобаста аст. Дар ташаккули ин салоҳиятҳои таълимгирандагон ва самаранокии барномаҳои фаннӣ омӯзгор шахси калидӣ ба шумор меравад. Дар ин замина аз тарафи ӯ бояд амалҳои зерин анҷом дода шаванд:

- шаклҳо ва усули гуногуни фаъолияти таълимро, ки барои ошкор кардани таҷрибаҳои субъектии хонандагон имкон медиҳад, истифода барад;
-барои ҳар хонанда ба хотири шавқманд кардан барои иштирок дар корҳои синфӣ шароит муҳайё намояд;
-хонандагонро барои мулоҳизаронӣ, истифода бурдани тарзҳои иҷрои супоришҳо бидуни биму тарсе, ки иштибоҳ мекунаду ҷавоби манфӣ мегирад, ҳавасманд намоянд;
- кори хонандаро на танҳо аз рӯйи натиҷаи ҷамъбастӣ, балки аз ҷиҳати чи тавр ба он муваффақ гаштанаш низ арзёбӣ намояд;
- дар рафти дарс кӯшишу рағбати хонандаро дар вакти фаъолияти дигар ҳамдарсонашро таҳлил намудан қадрдонӣ намояд;
- бо мақсади ба хонандагон додани имконияти ташаббус нишон додан, мустақилона кор кардан, фароҳам овардани шароит барои фикрашонро баён намудан дар дарсҳо вазъҳои педагогии муошират ташкил кунад. (ниг. 1,2,6,8).

Ҳамаи ин нишондодҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки омӯзгор дар баробари ташаккул додани салоҳиятҳои касбии худ, ба роҳ мондани тарзу усули самараноки таълим, ҳамзамон барои ташаккули инсони нав, яъне шахсияти ҳаматарафа тарбия гирифтаву аз ҷиҳати донишу маҳорату малака инкишофёфта замина мегузорад. Дар назди омӯзгор масъулияти хеле ҷиддӣ барои бунёди ҷомеаи пешрафтаву миллати тавоно вогузор аст, ки он танҳо тавассути шогирдони донишманду масъул, боинтизому бомаърифату бофарҳанг тарбия намудаи ӯ амалӣ мегардад. Чуноне ки устод М. Лутфуллоев таъкид мекунад: “Ҷомеа ба муаллим бовар карда, насли наврасро ба ӯ месупорад ва худи ӯ ҳам наздаш вазифа мегузорад, ки дар талабаҳо сифатҳои одамиро тарбия намояд. Вазифаи муқаддас ва шарафнок! Вале барои ин худи муаллимро лозим аст, ки ин сифатҳоро доро, инсони рушду камолёфта бошад. Албатта, муаллим на фаришта аст ва на малак. Ӯ пеш аз ҳама инсони заминист. Инсоне, ки барои ғановати маънавӣ, ахлоки ҳамидаи инсонӣ, рафтори шоиста, хулқу одоб, хаққу ҳақнигорӣ, шарафу шарафнокӣ, некию некбинӣ, химматбаландӣ, хоксорию фурутанӣ, покию покизагӣ, ростию парҳезкорӣ, шарму ҳаё, эътиқод, дӯстию рафоқат, ҳурмати худу дигарон, дӯст доштани зиндагӣ арзише дорад”(5,85).

**АДАБИЁТ:**

1.Зиёӣ Х.М. Муносибати босалоҳият ба таълим: Масъалаҳои умуминазариявӣ ва роҳҳои татбиқи амалӣ. Душанбе, 20018.-110 с.

2.Зиёӣ Х.М. Роҳҳои татбиқи таҳсилоти босалоҳият дар зинаи касбӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таълимӣ. Душанбе, “Ирфон”, 2018.

3. Зимняя И. Ключевые компетеции как компонент личностно-ориентированной парадигмы образования. Народное образование-2003.№2.

4. Зимняя И.А. Ключевые компетентности как результативно-целовая основа компетентностного подхода в образовании. Авторская версия.: Исследовательский центр проблем качества подготовки специалистов, 2004.

5. Лутфуллоев М. Бобизод Ғ. Андешаҳо перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо.ғДушанбе, 2017.с 85.

6. Муносибати босалоҳият ба таълим(дастури методӣ). Мураттибон: Ғ.Бобизода, Д.Имомназаров, Ш.Исрофилниё, А.Байзоев.-Душанбе: "Ирфон" 2018.-72 с.

7. Рузномаи омузгор аз 16 сентябри соли 2011 сах.9).

8. Туронов С.Муносибати босалоҳият дар таҳсилоти касбӣ.Душанбе, 2018.126 с. 9. Туронов С. Тарбияи экологӣ ва ватанпарварии хонандагон. Илм ва инноватсия. №1.2013 (3) с.42-46.

10.Убайдов М. Салоҳиятҳои касбии омӯзгори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. Душанбе, 2018, 27 с.

**Воҳидова Қ.**
**Қурбонов С.**

## НАҚШИ ОМӮЗГОР ДАР ТАШККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ КАЛИДИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Дар мақола сухан дар бораи салоҳиятҳои калидии хонадагони синфҳои ибтидоӣ ва накши омӯзгор дар ташаккули ин салоҳиятҳо сухан меравад. Муаллифон қайд менамояд, ки ташаккул ёфтани салоҳиятҳои калидӣ дар хонандагон заминаи асосӣ барои ҳамчун шахсият тарбия ёфтани онҳо мегардад. Иброз карда мешавад, ки барои ташаккул додани салоҳиятҳои калидии хонандагон омӯзгор бояд дар худ ин салоҳиятҳоро ташаккул диҳад.

**Калидвожаҳо:** салоҳиятнокӣ, муносибати босалоҳият, ташаккул, хонандагон, омӯзгор, шахсият, ҷамъият, дониш,малака, маҳорат, табия.

**Вохидова К.**
**Қурбонов С.**

## РОЛЬ ПРЕПОДАВАТЕЛЯ В ФОРМИРОВАНИИ КЛЮЧЕВЫХ КОМПЕТЕНЦИЙ УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ

В статье речь идет о компетентности учащихся началных классах и роль преподавателя в формирование этих компетенциях. Авторы отмечают, что формирование клчевых компетентности учащихся является основой для воспитания личности. Чтобы формировать компетентность у учащихся, преподаватель должен формировать этих компетентностей у самого себя.

**Ключевые слова**: компетентность, компетентностный подход, формирование, учащихся, учитель, личность, общество, знание,умение навыка, воспитание.

**Vohidova K.**
**Qurbonov S.**

## ROLE OF THE TEACHER IN FORMATION KEY COMPETENCE OF PUPILS OF INITIAL CLASSES

In article it is a question of competence of pupils secondary classes and a role of the teacher in formation of these competences. The authors notices that formation key competence of pupils is a basis for education of the person. To form competence at pupils, the teacher should form these competent at itself.

**Keywords:** competence, the approach, formation, pupils, the teacher, the person, a society, knowledge, ability of skill, education.

**Сведения об авторах: Вохидова Курбоной Худойбердиевна** – преподаватель СОУЗ № 4 имени Буригул Асоевой г. Вахдат

**Курбонов Сулаймон** - научный сотрудник Института развития образования имени Абдурахмона Джоми Академии образования Таджикистана, адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С.Айни, 45.

**Information about the authors: Vokhidova Kurbonoy Hudoyberdievna** - teacher of the Secondary general educational institution № 4 named after Burigul Asoevoy, Vahdat sity.

**Qurbonov Sulaymon** - Researcher of the Institute for Educational Development named after Abdurahmon Jomi of the Academy of Education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 45 C. Aini St.

Н. ГУЛОВА

# САЛОҲИЯТ ВА САЛОҲИЯТНОКИИ ОМӮЗГОР ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ

Дар шароити имрӯза дар амалияи маълумоти касбӣ инкишофи инноватсионӣ зарур аст, ки аз тағйироту дигаргуниҳо дар системаи маориф бармеояд ва бо стратегияи бадастории сиафти баланд алоқаманд аст. Мазмуну мундариҷаи тағйироту дигаргуниҳо намунаҳои таълимии насли нав дар асоси салоҳиятнокӣ, талабот ба салоҳиятҳои умумӣ ва касбии хатмкунандагон ва омӯзгорон аз тарафи корформоён, равандҳои интегратсионии муассисаҳои касбии таълимӣ, ворид намудани технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва педагогӣ дар раванди таълиму тарбия, системаи сифатан нави баҳогузории таълиму тарбия мебошад.

Қайд намудан зарур аст, ки асоси консептуалии тағйироту дигаргуниҳо фаъолияти омӯзгор муносибати салоҳиятнокӣ ба ҳисоб меравад. Муносибати салоҳиятнокӣ имконият медиҳад, ки хонандагон қобилияти муайянро аз худ намоянд, то ин ки дар ҳолатҳои муайян амал намуда, проблемаҳои пайдошударо бартараф намоянд.

Аз ин хотир, дар системаи тайёр намудани омӯзгорон ба салоҳияти касбии омӯзгор диққати махсус равона карда мешавад, зеро маҳз бо чунин восита метавон омӯзгори ояндаро ташаккул дод, ки дорои ғояҳои баланди маънавӣ буда, бо инсондӯстӣ ва сифатҳои баланди маънавӣ, маҳорату қобилият фарқ кунад. Дар давраҳои бӯҳронӣ ва гузариш, талаботи иҷтимоӣ ба тарбияи ҷавонон ва баланд бардоштани самтгирии маънавии раванди педагогӣ зиёд мегардад.

Аз ин хотир, зарурат ба миён меояд, ки ҷиҳатҳои назариявӣ ва амалии унсурҳои асосии салоҳият ва салоҳиятнокӣ, маданияти робитаи педагогӣ, инкишоф ва мукаммал гардонидани сифатҳои шахсӣ, қобилият ва маҳорати омӯзгори оянда, ки муносибати адеквативии психологии ӯро бо хонандагон, волидайни онҳо ва ҳамкорон таъмин менамояд, мавриди дақиқи баррасии илмӣ қарор дода шаванд.

Дар инкишофи ҷамъият ва муносибатҳои ҷамъиятӣ, тайёр намудани кадрҳои баландихтисос, пеш аз ҳама, зарур аст, ки салоҳияти касбии омӯзгорон мувриди баррасии илмӣ қарор дода шавад. Баррасии илмии салоҳияти педагогӣ, ба ақидаи мо, аз таснифоти мафҳумӣ оғоз мегардад, зеро бе муайян намудани мафҳум, фаҳми илмии он ғайриимкон мегардад.

Мафҳуми «салоҳият», «салоҳиятнок», «босалоҳият» аз решаи лотинии «competentis» гирифта шудааст, чунин маъноҳоро дорад:

- қобилияти хуб ва самарабахши иҷро кардани кори мушаххас (амал);
- мутобиқу мувофиқ будан ба талаботи вазифавӣ (касбӣ);
-доро будан ба қобилияти иҷрои вазифаҳои махсуси меҳнатӣ, супоришҳои гуногунсатҳ ва ғайра [5, 18].

Дар забони тоҷикӣ мафҳуми «салоҳият» ва «салоҳиятнокӣ» мафҳумҳои нав нестанд, лекин доираи истифодаи онҳо дар гузашта маҳдуд гардида буд ва ба ҷойи онҳо мафҳумҳои «дониш», «маҳорат», «малака» мавриди истифода қарор дода мешуданд. Маҳз аз ҳамин хотир, аксарияти муҳаққиқон пешниҳод менамоянд, ки истифодаи мафҳумҳои «салоҳият» ва «салоҳиятнокӣ» шарт нест, зеро мафҳумҳои «дониш», «маҳорат», «малака» маънои онро медиҳанд.

Лекин муҳаққиқи тоҷик М. Луфтуллозода қайд менамояд, ки маънои салоҳияту салоҳиятнокиро мафҳумҳои «дониш», «малака», «маҳорат» дар якҷоягӣ дода наметавонанд. Дониш ин маҷмӯи муайяни илмҳост, ки онро аз фанҳои гуногун меомӯзанд, малакаву маҳорат дар натиҷаи машқ ва фаъолияти такрорӣ ҳосил мегардад, доираи салоҳият ва салоҳиятнокӣ бошад, васеъ буда, унсурҳои дигарро низ фарогир аст.

Ба тариқи умумӣ таркиботи салоҳият аз чунин унсурҳо ибрат аст: салоҳияту салоҳиятнокии касбии омӯзгор, маҳорат ва қобилияти омӯзгорӣ, технологияи таълими фан, фарҳанги омӯзгорӣ, маънавиёт ва ахлоқи омӯзгорӣ, сифатҳои касбии омӯзгорӣ, малакаҳои касбии омӯзгорӣ, иштироки фаъол ва шахсияти талабаву донишҷӯ, аҳли ҷомеа,

падару модарон, муҳити созгор, воситаҳои ахбори умум, стандарти давлатии таъмини салоҳиятнокӣ, назорат ва роҳбарии салоҳиятнокии талабаҳо [2, 4].

Ҳамин тариқ, дар забони тоҷики маънои «competentis» -и лотинӣ бо калимаҳои салоҳият, салоҳият доштан, соҳибихтиёрӣ, соҳибҳуқуқ, салоҳиятдор, комилҳуқуқ, кордонӣ, қодир будан, сазовор будан, шоиставу шоистагӣ ифода карда мешавад. Қайд намудан зарур аст, ки баъзе муҳаққиқон мафҳумҳои «тавоноӣ» ва «тавонистан» -ро низ ба салоҳият ворид менамоянд. Лекин М. Лутфуллозада таъкид менамояд, ки ин мафҳумҳо ба маънои салоҳияту салоҳиятнокӣ истифода шаванд ҳам, аз ҷиҳати доираи истифода ҳамарзиши салоҳият ва салоҳиятнокӣ нестанд.

Маҳз чунин муносибат нисбат ба мафҳуми «салоҳият» боиси таснифоти мухталифи ин мафҳум гардидаанд. Барои таҳлил ва баррасии минбаъда якчанд таснифоти мафҳумро пешниҳод менамоем.

Салоҳияти омӯзгорӣ ин дониш ва таҷриба аст, ки дар ҳалли босаводонаи масъалаҳои таълиму тарбия имкон фароҳам меоварад [2, 5]. Салоҳият ин соҳиб будан ба донишҳоест, ки имкони дар бораи чизе муҳокима ронданро фароҳам меоварад. Сохтор ва мазмуни салоҳияти касбӣ асосан ба махсусияти фаъолият ва мансубияти он муайян карда мешавад [2, 6]. Салоҳияти омӯзгор соҳиб будан бо маҷмӯи донишҳо, қобилиятҳо ва малакаҳои касбӣ мебошад, ки фаъолият ва муоширату шахсияти педагогӣ ташаккул меёбанд [2, 6]. Салоҳияти касбӣ доираи ваколатҳои ягон мақомот ё шахси вазифадор, инчунин масъалаҳоест, ки касе хуб огоҳ аст [2, 6].

Дар ин таснифотҳои салоҳияти касбии омӯзгор ба маҷмӯи донишу таҷриба ва малакаҳои касбӣ диққат дода мешавад. Лекин қайд намудан зарур аст, ки як қатор муҳаққиқон ба чунин таснифоти салоҳияти касбии омӯзгор розӣ нестанд. Масалан, муҳаққиқи тоҷик М. Лутфуллозода таъкид менамояд, ки салоҳият на ба маҷмӯи дониш, малакаву маҳорат ва таҷриба, балки ба қобилият ва сазовору шоиста будан равона карда шудааст. Зеро малакаву маҳорат ва таҷриба ин натиҷаи фаъолият аст, на худи фаъолият.

Дар стандартҳои фаннии зинаи таҳсилоти ибтидоӣ мафҳумӣ «салоҳият» чунин шарҳ дода шудааст:

- маҷмӯи дониш, малака, ва маҳоратҳои амалие, ки ба ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ, маърифатӣ ва касбӣ равона карда мешавад;
- маҷмӯи маҳоратҳое, ки шахс онҳоро тавассути маърифат ва таҷрибаи хеш ҳосил мекунад;
- натьиҷаи таҳсили арзёбӣ гардида, ҳамчун қобилияти истифода бурдани дониш, малака, ва маҳорат ҳангоми ҳалли масъалаҳои соҳаи муайян зоҳир мегардад [5, 18].

Бояд зикр намуд, ки маҳз чунин нозукӣ аксариятро ба иштибоҳ бурдааст. Салоҳият ин қобилият, кордонӣ, ба амале қодир будан, сазовор будан аст, ки натиҷаи дилхоҳро таъмин менамояд. Аз ин рӯ, салоҳият ва слоҳиятнокии омӯзгор дар натиҷаи фаъолияти омӯзгор таҷассум мегардад. Ҳамин тариқ, салоҳият бештар ба қобилият наздик аст.

Салоҳият аз салоҳиятнокӣ фарқ дорад. Салоҳият ба омӯзгор дода мешавад, лекин салоҳиятнокӣ дар асоси машаққатҳои зиёд, дар асоси аз худ намудани нозукиҳои касби омӯзгорӣ ба даст оварда мешавад.

Дар асоси муайян намудани мафҳуми салоҳиятнокӣ метавон, таърифи умумии салоҳияти омӯзгорро пешниҳод намуд. Салоҳияти омӯзгор ҷаббидани дониш, маҳорату малака, таҷрибаи амалӣ, технологияи педагогӣ, маънавиет ва фарҳанги ӯст, ки дар мустақилият, иҷтимоӣ-коммуникативӣ, ахбор, тафаккури интиқодӣ, таҳқиқотӣ, тафаккури эҷодӣ, эҳсос, арҷгузорӣ, ва ғайра ифода мегардад.

Ҳамин тариқ, салоҳиятро ба омӯзгор сазовор медонанд, салоҳиятнокиро худи омӯзгор ба даст меорад. Қайд намудан зарур аст, ки салоҳият ва салоҳиятнокӣ дар асоси саъу кӯшишҳои зиёд ба даст оварда мешавад. Маҳз сатҳи баланди салоҳият ва салоҳиятнокӣ ба самаранок гардидани раванди таълиму тарбия мусоидат менамояд. Аз ин хотир зарур аст, ки ба ташаккули салоҳият ва салоҳиятнокии омӯзгор диққати ҷиддӣ зоҳир карда шавад. Қайд намудан зарур аст, ки салоҳият таълим дода намешавад, он дар натиҷаи азхудкунии дониш ва татбиқи амалии он ташаккул меёбад [5, 32].

Дар таърифҳои салоҳият унсурҳои муҳими ҷараёни педагогӣ ҷой доранд, ки ба самаранокии фаъолияти омӯзгор мусоидат менамоянд. Яке аз ин унсурҳо ҷаҳонбинӣ ва доираи назари омӯзгор ба ҳисоб меравад. Омӯзгор муосир барои барои самаранок намудани фаъолияти педагогии худ бояд ба як қатор талабот ҷавобгӯ бошад, ки дар маҷмӯъ сатҳи ҷаҳонбинии омӯзгорро нишон медиҳанд. Метавон чунин талаботро махсусан ҷудо намуд:

- донистани донишҳои касбӣ, педагогика, психология, методика ва технологияи таълим;
- доираи назар ҷаҳонбинии васеи илмӣ –фалсафӣ дошта бошад;
- қонунҳои инкишофи табиат ва ҷамиъиятро донад, тавонад, ки ба онҳо аз диди илмӣ баҳо диҳад;
- панду андарзҳои шахсиятҳои таърихии миллатро ба таври мунтазам омӯзад;
- аз мазмун ва мундариҷаи қарору қонунҳо, консепсияҳо, ки Ҳукумат ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул менамояд, бохабар бошад;
- аз мазмун ва мундариҷаи фанҳои ҷомеашиносӣ ва иқтисодӣ огаҳӣ дошта бошад;
-аз навоварӣ, навгониҳои илму техника, навиду иттилооти ҷаҳону кишвар бохабар бошад;
- дар чорабиниҳои гуногуни сиёсиву ҷамъиятӣ, ба монанди озмунҳо,олимпиадаҳо, семинару конференсияҳо, ки ба ихтисос марбутанд, фаъолона ширкат намояд;
- дар курсу семинарҳои такмили ихтисос, ки мувофиқи нақша гузаронида мешавад, иштирок намояд [2, 9].

Унсури дигари салоҳият ва салоҳиятнокии омӯзгор омӯхтан ва донистани донишҳои касбӣ ба ҳисоб меравад. Қайд намудан зарур аст, ки салоҳияту салоҳиятнокӣ дар асоси заҳмати пурмашаққати ақлии омӯхтан, дидан ва мушоҳида намудан ба даст оварда мешавад.

Бояд зикр намуд, ки омӯхтан дар фаъолияти омӯзгорӣ васеъ буда, маънои васеъро доро мебошад:

- аз худ намудан ва мукаммал намудани донишҳои назариявӣ ва амалии донишҳои касбӣ, ки барои фаъолияти омӯзгорӣ заруранд;
- худомӯзӣ ва бозомӯзии омӯзгорон, ки яке аз омилҳо ва шартҳои асосии инкишоф дониста мешаванд;
- аз худ намудани раванду ҳодисаҳои гуногуни ҷомеа, зиндагӣ ва дархостҳои асосии он;
- омӯхтани матбуоти даврӣ, асосҳои методологии маориф;
- омӯхтани таҷрибаи пешқадам;
- омӯхтани хусусиятҳои психологиву педагогии хонандагон, шароити хонавода ва муносибати калонсолон нисбат ба ҳамдигар ва таҳсили фарзандон;
- омӯхтан ва баҳогузорӣ намудани муҳит, ки хонандагонро фаро гирифтааст;
- аз худ намудан дониш, маҳорат ва малакаҳои касбии худ ва баҳогузории объективии он [2, 9].

Дар муассисаҳои педагогӣ омӯзгорони оянда бояд асосҳои илмиву амалии фанҳоро, ки аз онҳо дарс мегӯянд, омӯзанд. Лекин ин маънои онро надорад, ки омӯзгор танҳо бо донистани асосҳои илмиву амалии фанни таълимии худ омӯзгори хуб мешуда бошад. Омӯзгориояндаро зарур аст, ки асосҳои умумии илмҳои психология, педагогик ва воситаҳои фанни таълимиро омӯзад.

Таҳлил ва мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки раванди омӯзиши омӯзгор бо хатми муассисаи олӣ ба итмом намерасад. Омӯзиши омӯзгор тамоми умри дома меёбад ва дар давраи муайян омӯзгорро зарур аст, ки курсҳои кӯтоҳмуддати такмили ихтисосро гузаранд, ки дар ба роҳ мондани худомӯзии ӯ нақши муҳим дорад.

Дар шароити муосир тамоми одамон худро ба сиёсат ворид намуда, мавқеи худро нисбати ҳодисаву падидаҳои гуногуни ҳаёти сиёсӣ мауйян менамоянд, аз ин рӯ ба масъалаҳои мухталиф мароқ зоҳир менамоянд. Барои фаҳмидан ва муайян намудани шавқу ҳаваси баҷаҳо, барои ба мақсади муайян равона намудани онҳо, омӯзгорро зарур

меояд, ки на танҳо фанни худ, балки донишҳои муайяни ҷомеашиносиро омӯзад. Аз ин хотир, омӯзгорро зарур аст, ки аз сарчашмаҳои гуногуни иттилоотӣ истифода намояд.

## АДАБИЁТ:


1. Байденко А. Компетенция в профессиональном образовании // Высшее образование в России. -2004. № 11. –С. 3-13.
2. Лутфуллозода М., Бобизода Ғ. Андешаҳо перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо. – Душанбе, 2017. -86 с.
3. Лутфуллоев М. Дарс. –Душанбе, «Маориф», 1995. -192 с.
4. Методика воспитательной работы в школе / Сост. Кузнецова Э.С. - М.: Просвещение, 1967.- 413 с.
5. Муносибати босалоҳият ба таълим (дастури методӣ) Мураттибон: Ғ Бобизода, Д.Имомназаров, Ш.Исрофилниё, А.Байзоев: «Ирфон». 2018. -70 с.
6. Педагогика: 100 вопросов – 100 ответов. –М., «Просвещения», 2001.
7. Педагогика. –Питер. 2001..
8. Профессионально педагогическая культура преподавателя. –М., «Академия», 2002. -245с.
9. Шарифов Ф., Каримова И.Х. Педагогика. –Душанбе, «Ирфон», 2008. -284 с.
10. Якиманская И.С. Личностно ориентированное обучение в современной школе / И.С. Якиманская. - М.: Сентябрь, 1996.- 96 с.


**Гулова Н.**

## САЛОҲИЯТ ВА САЛОҲИЯТНОКИИ ОМӮЗГОР ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ


Дар мақолаи мазкур масъалаҳои асосии салоҳият ва салоҳиятнокии омӯзгорон дар раванди таълиму тарбия мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки мазмуну мундариҷаи тағйироту дигаргуниҳо стандартҳои таълимӣ дар шароити муосир дар асоси салоҳиятнокӣ, талабот ба салоҳиятҳои умумӣ ва касбии хатмкунандагон ва омӯзгорон аз тарафи корфармоён, равандҳои интегратсионии муассисаҳои касбии таълимӣ, ворид намудани технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва педагогӣ дар раванди таълиму тарбия, системаи сифатан нави баҳогузории таълиму тарбия ба ҳисоб меравад.

Муаллиф мафҳумҳои «салоҳият» ва «салоҳиятнокӣ»-ро муайян намуда, таснифоти гуногуни онҳоро баррасӣ намудааст. Дар таърифҳои салоҳият ва салоҳиятнокӣ унсурҳои муҳими ҷараёни педагогӣ ҷой доранд, ки ба самаранокии фаъолияти омӯзгор мусоидат менамоянд. Яке аз ин унсурҳо ҷаҳонбинӣ ва доираи назари омӯзгор ба ҳисоб меравад. Омӯзгор муосир барои барои самаранок намудани фаъолияти педагогии худ бояд ба як қатор талаботҳо ҷавобгӯ бошад, ки дар маҷмӯъ сатҳи ҷаҳонбинии омӯзгорро нишон медиҳанд.


**Калидвожаҳо:** педагог, салоҳият, салоҳиятнокӣ, тарбия, таълим, маориф, фаъолияти педагогӣ, омӯзиш, ҷаҳонбинӣ, дониш, маҳорат, малака.

**Гулова Н.**

## КОМПЕТЕНЦИЯ И КОМПЕТЕНТНОСТЬ ПЕДАГОГА В УЧЕБНОМ И ВОСПИТАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ


В статье рассматривается основные проблемы компетенции и компетентности педагогов в учебном и воспитательном процессе. Автор подчеркивает, что предметом изменения учебных стандартов в современности являются компетентность, потребности в общей и профессиональной компетенции педагогов со стороны работодателей, процесс интеграции профессиональных учебных учреждений, внедрения информационно-коммуникационные и педагогические технологии в учебном и воспитательном процессе, новая система оценки учебного и воспитательного процесса.

Автором определены понятия «компетенция» и «компетентность» и рассмотрены их различные определения. В определениях компетенции и компетентности имеют место важные компоненты педагогического процесса, которые способствуют эффективной деятельности педагога. Одним из таких компонентов является мировоззрения и круг точки зрения педагога. Современный педагог для эффективности педагогической деятельности должен отвечать некоторым требованиям, которые, в совокупности, показывают уровень мировоззрения педагога.


**Ключевые слова:** педагог, компетенция, компетентность, воспитания, учеба, образования, педагогическая деятельность, мировоззрения, знания, мастерство, опыт.

**Gulova N.**

**COMPETENCE OF THE TEACHER IN THE EDUCATIONAL PROCESS**

The article deals with the main problems of the competence of teachers in the educational process. The author emphasizes that the subject of changing educational standards in the modern world are competence, the needs for the general and professional competence of teachers by employers, the process of integrating professional educational institutions, the introduction of information and communication technologies in the educational process, a new system for assessing the educational process.

The author defines the concepts of "competence" and considers its various definitions. In the definitions of competence important components of the pedagogical process take place that contribute to the effective work of the teacher. One such component is the world outlook and the circle of the teacher's point of view. The modern teacher for the effectiveness of pedagogical activity must meet certain requirements, which, in combination, show the level of the teacher's worldview.

**Keywords:** teacher, competence, upbringing, education, pedagogical activity, world outlook, knowledge, skill, experience.

**Сведения об авторе: Гулова Наджиба** - Старший преподаватель ДГУ
**Information about the author: Gulova Najiba** – Senior Lecturer at DSU

**С. ДАВЛАТБОЕВА**

# МУШКИЛОТИ СОТСИОЛОГИИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА ВАРЗИШ

Мушкилоти ҳама гуна падида дар ҳаёти ҷомеа, чун қоида, бо он ҷузъу таркибҳое, ки мазмуни онро ташкил медиҳанд, вобаста аст. Аз нуқтаи назари тарбияи ҷисмонӣ онҳо ба фаъолияти одамон дахл доранд, ки асосаш онро майлу рағбат ба қонеъсозии талаботи худ ва, билохира, такмили шароити объективии ҳаёту фаъолият ташкил медиҳад.

**Оммавӣ будан чун қонунияти амалкард ва рушди тарбияи ҷисмонӣ.** Ғояи фарҳанги оммавӣ, аз он ҷумла, фарҳанги ҷисмонӣ, аз он бар меояд, ки бо рушди ҷомеа раванду ҳолати синфӣ лағв шуда, дар раванди таърихӣ нақши аз ҳама асосиро «омма» бозӣ мекунад. Мафҳуми «омма» на танҳо дарбаргирандаи тавсифҳои миқдорӣ (аксарияти ҷомеа) аст, балки тавсифи сифатиро низ дорост (ба монанди берӯйӣ, бартарии эҳсос, аз даст додани ақлу зеҳн ва масъулияти шахсӣ барои амалу кирдорҳои худ).

Фарҳанг – маҷмӯи рамзҳо, ғояҳо, арзишҳо, бовару эътиқодҳо, анъанот, меъёр ва қоидаҳои ахлоқ, ки аз ҷиҳати иҷтимоӣ ба даст омада, аз насл ба насл интиқол шудаанд ва тавассути он одамон ҳаёту фаъолияти хешро ташкил ва ба роҳ мемонанд.

Тибқи таҳқиқоти олимони хориҷӣ ҷомеа: а) ба омма (издиҳом), ки моҳияти тағйироту дигаргуниҳоро сарфаҳм намеравад, б) тамошобин (ё шунаванда), ки баъзе чизҳоро мефаҳмад ва в) аҳли саодат (аъён), ки ба арзишҳои олии фарҳангӣ дастрасӣ доранд, ҷудо мешавад. Аз ин ҷост, ҷомеаеро «оммавӣ» меноманд, ки дар он инсон ба як ҷузъи берӯ (бесимо)-и дастгоҳи иҷтимоӣ ва «мурват» (винтик)-и ба талаботи он мутобиққкунонидашуда мубаддал мешавад. Ва он чиро, ки ба фарҳанги аслӣ мухолифат ва муқовамат дорад, фарҳанги оммавӣ меноманд.

Моҳияти фарҳанги оммавӣ дар он ниҳон аст, ки вай бо мақсади истеъмол офарида мешавад. Вазифаи асосии вай ташкили фарғат ва дилхушӣ дар вақти холӣ мебошад. Ин фарҳангест, ки аз сарчашмаи ботинии рушд маҳрум аст ва дар заминаи фармоиши иҷтимоӣ амал мекунад. Вай аз ҷиҳати ҳаҷм ёвусъат, яъне аз ҷиҳати фарогирии аҳолӣ ва вақт оммавӣ мебошад, зеро ба таври доимӣ ва ҳамарӯза истеҳсол ва интишор мешавад. Ба сифати намунаи барҷастаи фарҳанги оммавӣ сериалҳои беохири телевизиониро меҳисобанд, ки мақсади онҳо пайваста машғул доштани омма аст ва боқӣ ба ҳар чи ки дар ҷомеа рух медиҳад таваҷҷуҳ зоҳир накардан аст. Вазифаи фарҳанги оммавӣ офариниш ва фароҳамсозии тасаввуроту тахайюлоти бахту саодат, хаёлҳои хом ва фиреби назар аст.

Интишори васеи тадбирҳои бемаънии «қолабӣ», тибқи андешаи сотсиологҳои Ғарб, аз тобеияти баръакс ва вобастагии мутақобилаи сатҳи моддӣ ва фарҳангии аҳолӣ шаҳодат медиҳад: афзоиши оммавии нисбатан тези сатҳи зиндагӣ камшавии эҳтиёҷот ва дархостҳои маънавиро пайгир аст.

Тавсифҳои дар боло овардашудаи фарҳанги оммавӣ бо тарбия (фарҳанг)-и ҷисмонӣ ҳеҷ умумияте надоранд, зеро хусусияти хосси фарҳанги оммавӣ вақтгузаронии беҳуда ва бемақсад буда, дар тарбияи ҷисмонӣ ҷои онро иҷрои бошууронаву мақсадноки машқу тамринҳои ҷисмонӣ иваз мекунанд.

Аз ин хотир, тарбияи ҷисмонии оммавӣ ба соҳаи иҷтимоии ҷомеа дахл дошта, асоси онро талаботи иҷтимоӣ ба такомули ҷисмонии одамон, ба ташаккули маҳорату малакаҳои ҳаракат, солимгардонӣ, офиятбахшӣ (барқарорсозии саломатӣ) ва ташкили манфиатноки вақти фориғи онҳо ташкил мекунад. Ин талабот зарурати ташкили ниҳоди махсуси иҷтимоӣ – тарбияи ҷисмониро тақозо кардааст. Зарурат ва майлу рағбати одамон дар қонеъсозии талабот ба фаъолияти ҷисмонӣ неруи асосии пешбаранда ва муайянсозандаи оммавияти тарбияи ҷисмонӣ маҳсуб меёбад.

Рушди фарҳанги ҷисмонии оммавӣ ҳамчун унсури муҳимми тарбияти ахлоқӣ, ҳамчун омили асосии ташкили фароғати одамон ва ҳамчун воситаи тасдиқи меъёрҳои тарзи ҳаёти солим ва, ахиран, дур сохтани одамон аз одатҳои зараровар (тамокукашӣ, истифодаи аз ҳад зиёди машрубот, нашъамандӣ) баррасӣ мешавад.

Оммавӣ будани тарбияи ҷисмонӣ тавассути омилҳои ҷамъиятии интегралии иҷтимоӣ-иқтисодӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ муайян карда мешавад. Зеро дар фарҳанги ҷисмонӣ таъсири ин омилҳо баръало аён ва маълуманд.

Баррасии мушаххаси нақш ва аҳамияти омилҳои пешбаранда имконият баҳо додан ба таъсири онҳо, яъне таъсири ҷомеа ба раванди рушди фарҳанги ҷисмониро ҳамчун ҳодисаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ фароҳам месозад.

**Омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ.** Нақши иқтисодиётро дар ҳаёту фаъолияти ҳар як инсон ва ҷомеа дар маҷмуъ баҳо додан хеле мушкил аст, зеро одамон, пеш аз ҳама, бояд аз ҷиҳати биологӣ (хӯрдан, нӯшидан, либос пӯшидан, хона доштан) зиндагии хешро таъмин созанд. Барои қонеъсозии ин талабот инсон бояд ин неъматҳои моддиро истеҳсол кунад.

Иқтисодиёт ба рушди тамоми унсурҳои ҷамъият ва тавассути онҳо ба паҳлӯҳои дигари ҳаёти иҷтимоӣ таъсир мерасонад. Азнавсозии фаъолияти иқтисодӣ ба иҷтимоӣ дар илми сотсиология номи омили иҷтимоӣ-иқтисодиро гирифтааст. Фарҳанги ҷисмонӣ чун қисми ҷудонашавандаи сотсиум омили иҷтимоӣ-иқтисодӣ низ мебошад.

Иқтисодиёти кишвар бояд барои фаъолияти самараноки ҷисмонӣ шароитҳои мусоид муҳайё созад. Дар ибтидо фаъолияти ҷисмонӣ ташкили шароитҳои махсусро талаб накарда, тавассути ваоити табиӣ – пайроҳаҳо барои давидан, обанбоҳо барои оббозӣ ва ғ. Роҳандозӣ шуда буд. Баъдан васоили махсус, снрядҳои гимнастикӣ, майдонҳои варзишӣ, стадионҳо, ҳавзҳо, толорҳо барои машқ ва бозиҳои варзишӣ, роҳҳои лижаронӣ ва ғ. амри ҳастӣ карданд. Рушди иқтисодиёт барои омодасозӣ ва парвариши мутхассисони самти тарбияи ҷисмонӣ имкониятҳои мусоид фароҳам сохт.

Шарти муҳимтарини фаъолияти ҷисмонии мустақилу фаъол некӯаҳволии иқтисодии одамон ва қаноатмандии онҳо аз маводи мавриди зарурати аввалия мебошад. Иқтисодиёт барои инсон сатҳи некӯаҳволии зарурирo таъмин месозад, омилу шароитро барои фароҳамсозии вақти фориғ ва васоили хушу манфиатнок гузаронидани он муҳайё месозад.

Таҳқиқоти сотсиологӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ, ки ба омӯзиши нақш, мақом ва самаранокии иҷтимоӣ-иқтисодии фаъолияти ҷисмонӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ нигаронида шудаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки кормандони мунтазам ба варзиш машғулбуда барои корхонаи худ дар як сол 440 рубл фоида меоранд (Л.И. Лубышева).

**Омилҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ.** Вазифаи сиёсат дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ аз танзими ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-идеологии ҳаракати тарбияи ҷисмонӣ ва аз муайянсозии мақоми он дар ҷомеа иборат аст. Самти сиёсии ҷомеа барои ташкили фаъолияти тарбияи ҷисмонии одамон шароит муҳайё сохта, ҳуқуқи аҳолиро барои ба он мутобиқ ба шавқу завқ ва талабот машғул шудан таъмин месозад. Ҳамзамон сиёсати давлатӣ метавонад бо пешниҳоди шароити имтиёзнок барои рушди он вазифаҳои иҷтимоии тарбияи ҷисмонӣ, ки барои давлат манфиатноканд, нақши ҳавасмандкунандаро бозад.

Тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш барои мақсадҳои тарғиботӣ ва машҳурсозии пешвоёни сиёсӣ ва ҳизбу ҳаракатҳо дар маъракаҳои пешазинтихоботӣ ва чорабиниҳои дигар васеъ истифода бурда мешаванд.

Ҳамин тариқ, комилан аён аст, ки тарбияи ҷисмонӣ ҳамеша дар хизмати сиёсат низ буда метавонад. Бинобар ин, дар сохторҳои муосири давлатӣ ташкилотҳои расмии идоракунии тарбияи ҷисмонӣ мавҷуданд, ки фаъолияти тарбияи ҷисмониро танзим ва идора карда, фаъолнокии тарбияи ҷисмонии аҳолиро дастгирӣ ва ҳавасманд месозанд.

**Омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ.** Ба омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ шуурнокии ҷамъиятӣ, маҷмӯи арзишҳои маънавии ҷомеа, меъёрҳои ахлоқӣ, нуқтаи назар ва афзалиятҳои бадеӣ, эътиқоди динӣ, илм ва санъат дохил мешаванд.

Вазифаи сотсиология аз омӯзиши омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҳамчун асоси таркибии рушди ҷомеа ва ҷалби аҳолӣ ба машғулиятҳои доимии тарбияи ҷисмонӣ иборат аст. Амали омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар ташаккули муносибати боарзиш ба фаъолияти тарбияи ҷисмонии гурӯҳҳои мухталифи аҳолӣ, дар танзими фаъолияти мазкур ва ба он додани хусусияти ташкилӣ-идоракунӣ зуҳур мееёбад.

Низоми ташаккули муносибати боарзиш аз бисёр ҷиҳат аз сатҳи афкори ҷомеа нисбат ба аҳамияти тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, тарғиб, реклама, сифати таҳсилот ва тарбияи фарҳанги ҷисмонӣ, омӯзиши машқҳои ҷисмонӣ вобаста аст.

Фаъолияти сиёсии давлат дар такмилу тарғиби аҳамияти тарбияи ҷисмонӣ, ташаккули муносибати бошуурона ба тарзи ҳаёти солими насли наврас ва дар маҷмӯъ, ба саломатии миллат нақши асосиро мебозад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ, ки самаранокии таъсири машқҳои ҷисмониро ба саломатӣ, ҳолату омодагии ҷисмонии машққунандагон собит месозанд, мумкин аст ҳамчун роҳнамои муносибати хуб ба фаъолияти тарбияи ҷисмонӣ хизмат кунанд.

Омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ самти ҳаракат ба рушди тарбияи ҷисмониро муайян карда, онро ба мақсад мувофиқ месозанд ва онро бо мундариҷаву моҳияти маънавӣ, идеологӣ ва арзишӣ мукаммал месозанд. Ҳамзамон тарбияи ҷисмонӣ низ ба ҳаёти маънавии ҷомеа таъсир мерасонад. Зебогии бадан дар тамоми давру замонҳо чун яке аз беҳтарин арзишҳо арзёбӣ шудааст, ки ҳаққонияти ин андешаро асарҳои рассомони машҳур ва асарҳои дигари санъат собит месозанд.

Афзоиши теъдоди одамоне, ки ба машқҳои ҷисмонӣ машғул мешаванду тарки одатҳои бад мекунанд ва қобилияти баланди кориро дар тамоми тӯли ҳаёт нигоҳ медоранд, бояд вазифаи афзалиятноки ҳама гуна давлат бошад. Ва вобаста ба ин таъкид бояд кард, ки дар ин ҷабҳа омилҳои номбаршуда нақши аз муҳим хоҳанд бозид.

**АДАБИЁТ:**


1. Виноградов П.А., В.И. Жолдак, В.И. Чеботкевич. Пенза, 1995. - 347 с.
2. Жолдак В.И., Н.В. Коротаева. Социология физической культуры и спорта. Учебн. пос. - Малаховка: МОГИФК, 1994. - 295 с.
3. Лубышева Л. И. Введение в социологию физической культуры и спорта: Курс лекций. – М., 1998.
4. Пономарев Н. А. Основы социологии физической культуры. Ленинград, 1976. - 129 с.
5. Стольяров В. И., Быковская И. М., Любышева Л. И. Концепция физической культуры и физкультурного воспитания (инновационный подход) // Теория и практика физической культуры. – 1998. -№5.
6. Харчева В. Основы социологии. Учебник для средних специальных учебных заведений.- М.: Логос, 1997. - 304 с.


**Давлатбоева С.**

## МУШКИЛОТИ СОТСИОЛОГИИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА ВАРЗИШ

Дар мақолаи мавриди назар муаллиф роҷеъ ба проблемаҳои сотсиологии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ибрози назар намуда, омилҳои рушди фарҳанги ҷисмонии оммавиро ҳамчун унсури муҳимми тарбияти ахлоқӣ, омили асосии ташкили фароғати одамон ва воситаи татбиқи меъёрҳои тарзи ҳаёти солим ва дур сохтани одамон аз одатҳои бад (тамокукашӣ, истифодаи аз ҳад зиёди машрубот, нашъамандӣ ва ғ.) баррасӣ кардааст. Дар иртибот ба ин, муаллиф мафҳуми оммавӣ будани тарбияи ҷисмониро васеъ шарҳ дода, омилҳои ҷамъиятии интегралии он - иҷтимоӣ-иқтисодӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангиро муайян кардааст ва мақсаду муҳтавои онҳоро муфассал тавсиф кардааст.

**Калидвожаҳо:** сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ, омилҳои рушд, унсури муҳим, тарзи ҳаёти солим, одатҳои бад, вақти фориғ.

**Давлатбоева С.**

## СОЦИОЛОГИЧЕСКИЕ ПРОБЛЕМЫ ФИЗИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ И СПОРТА

В данной статье автор, рассказывая о социологических проблемах физкультуры и спорта, подробно рассматривает массовую физическую культуру как важный компонент нравственного воспитания, как существенный фактор организации досуга людей, как способ утверждения норм здорового образа жизни и отвлечения от вредных привычек (табакокурения, чрезмерного употребления алкоголя, наркомании). В зависимости от этого, разъясняет понятие массовость физической культуры и при этом утверждает, что оно определяется интегральными

общественными факторами: социально-экономическими, социально-политическими, социально-культурными, которые очень заметно воздействуют на физическую культуру.

**Ключевые слова:** социология физической культуры, факторы развития, важный компонент, здоровый образ жизни, вредные привычки, свободное время.

**Davlatbaeva S.**

**SOCIOLOGICAL PROBLEMS OF PHYSICAL CULTURE AND SPORTS**

In this article, the author, talking about the sociological problems of physical culture and sports, examines in detail the mass physical culture as an important component of moral education, as an essential factor in the organization of leisure of people, as a way of asserting the norms of a healthy lifestyle and distraction from harmful habits (Smoking, excessive alcohol consumption, drug addiction). Depending on this, explains the concept of mass physical culture and argues that it is determined by the integral social factors: socio-economic, socio-political, socio-cultural, which are very marked effect on physical culture.

**Key words:** sociology of physical culture, development factors, important component, healthy lifestyle, bad habits, free time.

**Сведения об авторе: Давлатбоева Сарвиноз Абдумаликовна** – соискатель Института развития образования им. А. Джоми Академии образования Таджикистана, старший преподаватель кафедры менеджмента и туризма Института физической культуры Таджикистана им. С. Рахимова, адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Лучоб, 45. Тел:. (992) 939 98 11 83, E.mail: sarvinoztj@mail.ru

**Information about the author: Sarvinoz Davletbaeva Abdukalikova** – applicant of Institute of development of education. A. Jomi of the Academy of education of Tajikistan, senior lecturer of the Department of management and tourism of the Institute of physical culture of Tajikistan. S. Rakhimova, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Luchob, 45. Bodies'.: (992) 939 98 11 83, e-mail: sarvinoztj@mail.ru

**Ж. ЗУЛКАРНАЕВА**
**А. ШАЯХМЕТОВА**

# ПЕДАГОГИЧЕСКАЯ РЕФЛЕКСИЯ – ОСНОВА ФОРМИРОВАНИЯ ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКОЙ КУЛЬТУРЫ ПЕДАГОГА

Непрерывное образование в системе высшей школы имеет свои специфические особенности: во-первых, оно является принципом устойчивого развития государства; во-вторых, оно служит средством систематической актуализации полученных в результате обучения знаний, умений и навыков; в – третьих, оно решает важнейшую проблему человечества, заключенной в совершенствовании собственных ресурсов, опыта и творческого потенциала; в – четвертых, оно способствует развитию способности и умений исследовать явления, принимать и осуществлять решения, эффективно общаться и взаимодействовать с другими людьми, постоянно осваивать новые виды и типы деятельности.

Специфика вузовского непрерывного образования: бакалаврит- магистратура – докторантура заключается в формировании понятийного аппарата педагогического мышления, который является регулятором практической деятельности педагога.

Интеллектуальная составляющая педагогического мышления учителя зависит от уровня его теоретической подготовленности и умелом использовании этих знаний в своей практической деятельности. Студенты педагогических специальностей факультета филологии и педагогики КГУ им.Ш.Уалиханова, в количестве 136 человек приняли участие в эксперименте, из них 68 студентов – экспериментальная группа и 68 – контрольная группа. Для экспериментальной группы нами были предложены упражнения по развитию рефлексии. Но прежде, мы провели несколько тестов по определению степени рефлексии, так, согласно методике диагностики индивидуальной меры выраженности свойств рефлексивности (А.В.Карпов). Стимульный материал состоит из 27 утверждений, 15 из которых являются прямыми, а 12 – это обратные утверждения. Испытуемый отмечает степень, в которой каждое утверждение относится к нему по 7 – балльной шкале (от -3 до +3). Степень рефлексивности педагога среди студентов, как в контрольной, так и в экспериментальной группах, следующая (см. диаграмму 1- результаты констатирующего этапа эксперимента)




Таким образом, как видим из диаграммы 1, данные в контрольной и экспериментальной группах не имеют четких отличий в показателях. Высокий процент показателей низкого уровня рефлексии объясняется недостаточной информированностью, слабой профессиональной осведомленностью студентов о педагогической рефлексивности, а также отсутствием системного применения рефлексивных методов в образовательной среде обучаемых. Несмотря на такие показатели, количественные данные указывают, на то, что студенты выражают

склонность к пониманию всех трех компонентов учебно-методической и научно-исследовательской деятельности: личностный, методический и коммуникативный.

Следующим этапом диагностики явилось использование методики исследования локуса субъективного контроля Дж.Роттера, который позволил определить уровень сформированности рефлексивного самоконтроля: интернальные и экстернальные показатели локуса контроля. Интернальная позиция локуса самоконтроля является показателем самоидентификации личности, средний уровень по Дж.Роттеру – это студенты, которые способны к самоанализу и самоконтролю в зависимости от успехов и неудач, экстернальные позиции указывают на тенденцию в поведении человека связывать свои неудачи и неуспехи с внешними факторами (см. Диаграмму 2 – результаты констатирующего эксперимента по Дж.Роттеру)




Как видим из Диаграммы 2, превалирование уровня экстернального локуса контроля указывает на недостаточное принятие самости как основного качества личности взрослого человека и поверхностное осознание потребности в согласовании своей учебной и исследовательской деятельности с собственными результатами.

С целью формирования исследовательской культуры нами была представлена ее теоретическая модель, методологически обоснованными, взаимосвязанными и взаимообусловленными компонентами которой являются: аксиологический, когнитивный, деятельностно-технологический, личностно-творческий [1, 13].

Аксиологический компонент исследовательской культуры формируется на основе горизонтальной и вертикальной системы ценностей, так, И.Ф.Исаев указывал, что горизонтальные – это ценности-цели, ценности-средства, ценности-знания, ценности-отношения и ценности-качества, а вертикальные - общественно-педагогические, профессионально-групповые и индивидуально-личностные [2].

Когнитивный компонент способствует умению не теряться в нестандартных ситуациях, где востребовано продуктивное, преобразующее мышление и активизируется познавательная деятельность обучающегося на протяжении всего курса обучения. Деятельностно-технологический компонент включает совокупность, форм, методов, направлений, принципов и правил работы.

Личностно-творческий компонент педагогической культуры означает наличие творческого начала у педагога, таких личностных качеств как инициатива, индивидуальная свобода, самостоятельность и ответственность, готовность к риску, независимость суждений.

Таким образом, вышеперечисленные компоненты по своим характеристикам призваны обеспечить развитие исследовательской культуры педагога.

В системе высшей школы для студентов педагогических специальностей вводятся такие предметы, как «Основы научных исследований», «Методы научно-педагогического исследования» и т.д., данные дисциплины призваны обеспечивать информирующий этап развития педагогической рефлексии. Основной целью данного этапа является обеспечение осведомленности студентов о значимости педагогической рефлексии в их профессиональном становлении. Цель достигается с помощью применения таких форм

обучения, как мини-лекции, лекции – дискуссии, индивидуальные и групповые семинары, анализ педагогических ситуаций и т.д.

Следующий этап формирования педагогической рефлексии – актуализирующий, реализуется с помощью таких форм деятельности педагога, как «мозговой штурм», конструирование новаций на основе полученных знаний, применением приемов «создание ситуации успеха», «дотошный» и т.д.

Моделирующий этап призван формировать практические умения педагогической рефлексии на основе изученного теоретического знания и умения применять теоретические и практические знания, умения и навыки в прикладном аспекте использования. Формы реализации предлагаем следующие: рефлексивное наблюдение, ведение рефлексивного дневника, рефлексивное письмо, рефлексивный проект и т.д.

После проведения всех этапов развития педагогической рефлексии нами были получены следующие результаты:

- произошли количественные и качественные изменения степени рефлексивности у студентов в экспериментальной группе (см. Диаграмму 3 – результаты формирующего эксперимента);




- изменились показатели интернальности и экстернальности у студентов экспериментальной группы




- активизировалась работа в группах при проведении лекций-дискуссий;

- определены уровни педагогического взаимодействия: трансляционный, направляющий, демонстрационный и деятельностный типы интеракции. Так, трансляционный тип интеракции означает использование таких интерактивных заданий, которые снабжены наглядными средствами, направляющий призван обеспечивать ведение диалога педагогом на основе применения сократического метода ведения беседы, который является мощным механизмом педагогической рефлексии.

Демонстрационный тип интеракции основан на применении моделей научных исследований с тем, чтобы создавать новые образцы прикладных исследований. Деятельностный тип интеракции позволит педагогу и студентам построить, таким

образом, образовательную деятельность, при которой используются принципы обучения через делание, принцип контекстности и принцип самообучения.

Таким образом, педагогическая рефлексия педагога должна быть сформирована на таких этапах профессионального развития: 1) рефлексивный анализ ведущих идей учителя; 2) рефлексивный анализ предметных знаний студента; 3) рефлексивный анализ взаимодействия педагога с обучаемыми.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1.Федосова И.В., Косыгина В.А. Формирование ключевых компетентностей у будущих специалистов в условиях профессионального обучения: монография /Федосова И.В., Косыгина В.А. – Иркутск: Изд-во ГОУ ВПО «ВСГАО», 2010. – 172 стр.

2.Исаев И.Ф. Профессионально-педагогическая культура преподавателя. Учеб. пособие для студ. высш. учеб. заведений. — М.: Академия, 2002. — 208 с.

**Зулкарнаева Ж.А.**
**Шаяхметова А.А.**

**ПЕДАГОГИЧЕСКАЯ РЕФЛЕКСИЯ – ОСНОВА ФОРМИРОВАНИЯ ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКОЙ КУЛЬТУРЫ ПЕДАГОГА**

Педагогическая рефлексия рассматривается в данной статье по теме «Педагогическая рефлексия – основа формирования исследовательской культуры педагога» с точки зрения ее прикладного аспекта. Авторы статьи предлагают решение проблемы формирования исследовательской культуры посредством решения стратегических целей и задач. Также в научной статье частично представлены экспериментальные данные, которые демонстрируют практический и прикладной аспект изучения исследовательской культуры студентов педагогических специальностей.

**Ключевые слова:** исследовательская культура, рефлексия, педагогическая рефлексия, экстернальность, интернальность, аксиологический, когнитивный, деятельностно-технологический, личностно-творческий, компонент, образовательная деятельность.

**Zulkarnayeva Zh.A.**
**Shayakhmetova A.A.**

**PEDAGOGICAL REFLECTION IS THE BASIS FOR THE FORMATION OF THE TEACHER'S RESEARCH CULTURE**

Pedagogical reflection is considered in this article on the topic "Pedagogical reflection - the basis for the formation of a teacher's research culture" from the point of view of its applied aspect. The authors of the article suggest a solution to the problem of forming a research culture by solving strategic goals and objectives. Also in the scientific article are partially presented experimental data that demonstrate the practical and applied aspect of studying the research culture of students of pedagogical specialties.

**Key words:** research culture, reflexion, pedagogical reflection, externality, internality, axiological, cognitive, activity-technological, personality-creative, component, educational activity.

**Сведения об авторах: Зулкарнаева Ж.А. -** Преподаватель **-** Кокшетауский государственный университет им.Ш.Уалиханова, г.Кокшетау, Акмолинская область, Казахстан

**Шаяхметова А.А.** Преподаватель **-** Кокшетауский государственный университет им.Ш.Уалиханова, г.Кокшетау, Акмолинская область, Казахстан, aisulu_sh@mail.ru

**Information about the authors: Zulkarnayeva J.A**. - Teacher Kokshetau State University named after Sh.Ualikhanov, Kokshetau, Akmola region, Kazakhstan

**Shayakhmetova A.A.** Teacher - Kokshetau State University named after Sh.Ualikhanov, Kokshetau, Akmola region, Kazakhstan, aisulu_sh@mail.ru

**Ш. САФАРЗОДА**

# ИСТИҚЛОЛИЯТИ ТОҶИКИСТОН ВА ТАШКИЛИ МАРЗУБУМУ ТАРБИЯИ КАДРҲОИ САРҲАДӢ

Истиқлолият орзуву ормони азалии ҳар миллату халқи сарфароз аст, ки аз оғози таърих тамоми муборизаҳо ва талошҳои башарият баҳри ба даст овардани он сурат гирифтааст. Халқи тоҷик дар таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ аз ҷониби бузургтарин чеҳраҳои сиёсату илм, маърифату ҷомеашиносии дунё ба ҳайси як миллати соҳибхирад ва ватандӯсту озодихоҳ эътирофу шинохта шудааст, ки дар тамоми марҳилаҳои тараққиву пешрафти ҷомеа барои озодӣ ва бунёди давлати соҳибистиқлоли худ пайгирона талош меварзад.

Боиси ифтихору сарбаландии мост, ки гузаштагони шарафманди мо тавонистанд дар тӯли садсолаҳои гузашта бо истифода аз донишу таҷрибаҳои андӯхтаашон давлатҳои бузургу тавоноеро бунёд намоянд ва бо ин васила барои рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ саҳми бузург гузоранд. Аз эъмори давлати хело қадимаи Каёниён, ки таърихи он дар шакли устураҳо ва ривоёти гуногун ва маъхазҳои мухталиф боқӣ мондааст ва дар бузургтарин ҳамосаи ҷаҳонӣ «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ тасвир ёфтааст, сар карда оламиён ба бунёди шукуфони давлатҳои миллии тоҷикон: Ашкониён, Ҳахоманишиён, Сосониён инчунин чандин давлатдориҳои дигар дар гӯшаю канорҳои сарзамини паҳновари Мовароунаҳру Хуросон ошноии комил доранд. Шаҳомату шукӯҳ, тавоноиву қудрати давлатдориҳои гузашта наслҳои минбаъдаро водор мекард, ки ҳамеша дар фикри бунёд ва поягузории давлати комилан миллӣ ва дорои ояндаи равшану неки муосир бошанд ва орзуву омоли пешиниёнро аз лавҳи хотир зудуда насозанд. Истиқлолиятро соҳиб шудан ҳанӯз кам аст, онро ҳамчун арзиши муқаддастарини давлату давлатдорӣ дарк намудан зарур аст. [Эмомалӣ Раҳмон. "Истиқлолият неъмати бебаҳо" саҳ 90].

Барои тоҷикон танҳо пас аз солҳои тӯлонӣ, 9-уми сентябри соли 1991 муяссар гардид, ки ба ҷаҳониён аз оғози марҳилаи нави сарнавиштсозу таърихии худ, яъне эълон гардидани соҳибистиқлолии давлатӣ воқеӣ башорат диҳанд. Бинобар ин санаи мазкур ба ҳар сокини мамлакат азизу муборак маҳсуб меёбад ва ин рӯзест, ки ҷашни бузургу муқаддаси тоҷикон Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рӯҳияи бесобиқаи идона, шодмониву сурури умумимиллӣ, тантанаҳои самимонаи васеъ ва хотирмон ва шукргузорӣ аз замону даврони соҳибистиқлолӣ ва озодиҳои миллӣ истиқбол мегардад. Вале дар ибтидои ин давра кишвар ба гирудори ҷанги шаҳрвандӣ ва муборизаҳои тезу тунди қувваҳои мухталиф мувоҷеҳ гардид, ки аз берун идора карда мешуд. Қурбонов Н., дар мақолаи худ қайд намудааст, ки ба даст овардани Истиқлолият барои ҳар як халқу кишвар кори осон нест, вале муҳофизат ва ҳимояти он мушкилтар аз он аст. Роҳи расидан ба истиқлолият шояд дар тасаввур осон намояд, вале ҳаёт нишон медиҳад, ки ҳифзи истиқлол аз ҳар як сокини кишвар ҷаҳду талошҳои зиёд, маърифатнокӣ ва фарҳанги сиёсии волоро тақозо менамояд. [Қурбонов Н - №8 - 2019 саҳ 4].

Қайд кардан ба маврид аст, ки аз рӯзҳои авали роҳбарии худ Сарвари давлат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон дошт, ки барои ба роҳи демократӣ пеш бурдани кишвар, таъмини сулҳу салоҳ ва осоиштагӣ, сохтмони коргоҳу иншоотҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, бахусус неругоҳи барқӣ ва дигар корхонаҳои саноатӣ ва бо ин роҳ фаровон намудани неъматҳои моддӣ, хӯрокворӣ ва дар маҷмӯъ берун овардани ватани азизамон аз ҳолати вазнину фалокатбор иқдом хоҳад варзид. Пешвои миллат мушкилиҳои сангини давраи аввали соҳибистиқлолиро бо такя бо азму иродаи миллати азизи худ ва тадбирҳои оқилонаву саривақтӣ ислоҳ карда, бо мақсади солим гардидани вазъи ҷомеа ва ба ҷараёни созанда табдил ёфтани зиндагии аҳли мамлакат тадбирҳои судмандро дар амал татбиқ намуд, ки ислоҳоти иқтисодӣ, кишоварзӣ ва соҳаҳои саноату маорифу тандурустӣ, дар маҷмӯъ тамоми бахшҳои иҷтимоиро фаро гирифтанд. Мустаҳкам кардани сохторҳои

давлат, ислоҳоти сиёсиву идоракунӣ, таҳким бахшидани рукнҳои давлати демократии муосир дар сархати тадбирҳои муҳими роҳбарияти кишвар қарор гирифтанд.

Аз ҷумла соли 1994 лоиҳаи нави Конститутсия ба муҳокимаи умумихалқӣ гузошта шуд, ки перомуни фаслу боб ва моддаҳои гуногуни он аҳли ҷомеа назару пешниҳодоти худро иброз дошта, дар такмилу комил гардидани ин санади муҳими давлатдорӣ саҳми муносиб гузоштанд. Дар санаи 6-уми ноябри соли 1994 дар таърихи соҳибистиқлолии Тоҷикистон Конститутсияи нави кишвар қабул карда шуд, ки он Тоҷикистонро ба ҳайси давлати демократӣ, дунявӣ ва сулҳхоҳ муаррифӣ кард. Дар санаи 16-уми ноябри ҳамон сол Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Президенти мамалакат эълон гардид. Таҳия ва қабул шудани садҳо қонуну санадҳои нав, барномаҳои ислоҳоти самтҳои гуногуни ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ ба ҳаёти халқ таъсири нек ва ба дилҳои одамон умеду боварӣ бахшид. Муҳимтарин масъалаи ҷомеаи кишвар ба даст овардани сулҳу оштӣ миёни нерӯҳои даргар маҳсуб меёфт, ки ҳукумат онро дар мадди аввал мегузошт. Моҳи апрели соли 1995 дар Тоҷикистон интихоби парламенти нав – Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд, ки аз рӯйдоди муҳими сиёсӣ ба шумор меомад. То ибтидои соли 1997 ҳукумат бо мухолифин даҳҳо маротиба гуфтушунид анҷом дода, ҷонибҳоро ба сулҳ даъват намуд.

Ниҳоят 27-июни соли 1997 дар шаҳри Маскав бо ширкати намояндагони Созмони Милали Муттаҳид ва кишварҳои кафил Созишномаи умумии Истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид. Шоири шинохтаи мо Лоиқ дар ҳамон вақт барҳақ фармуда буд:

*Раҳми Парвардигори мо омад,*
*Сулҳи деринтизори мо омад.*

Дар воқеъ, Президенти маҳбуби кишвар аз он сарсупурдагони миллат ба ҳисоб меравад, ки барои соҳиб гардидан ба истиқлолияти воқеӣ ҷонбозиҳо карда, барои муттаҳидии мардуми кишвар нақши муассир ва калидӣ дорад. Эшон ҳам дар рафтор, ҳам дар гуфтор ва ҳам дар пиндор барои гулгулшукуфоии кишвари азизамон пайгирона талошу ҷонбозиҳои беназирро ба иҷро расонидаанд. Гузашта аз ин, дар муносибатҳои хориҷӣ низ Сарвари кишвари мо яке аз чеҳраҳои камназир ба ҳисоб рафта, дар ҳалли мушкилоти глобалии минтақавию ҷаҳонӣ бо донишу биниши махсус ва амалҳои некхохонаи худ саҳми муайян мегузоранд. Албатта, ин амали некашон шоистаи дастгирӣ ва пайгирии аҳли ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад.

Бо ташаббус ва иқдомоти бузурги Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои соҳибистиқлолӣ Ватани мо симои наву замонавӣ гирифт, пойтахти мамлакат шаҳри Душанбе дорои биноҳои серошёна, қасрҳои варзишу истироҳат ва коху корхонаҳои бузурги саноатӣ гардид. Қасри миллат, Китобхонаи миллии Тоҷикистон, Осорхонаи миллӣ, боғу гулгаштҳои наву замонавӣ ба таври шинохташаванда ба пойтахт ҳусни нав афзуданд. Дар тамоми манотиқи кишвар, созандагию бунёдкорӣ авҷи тоза пайдо кард.

Ин бунёдкориҳои азиму бесобиқаи зикршуда обрӯи халқи тоҷикро дар минтақа ва ҷаҳон афзуда, кишварро ба сӯйи ояндаи неку шукуфон пеш мебарад. Имрӯз Созмони Милали Муттаҳид ва ҷомеаи ҷаҳонӣ Тоҷикистонро чун кишваре, ки ислоҳоти фарогири иқтисодиву иҷтимоиро муваффақона пеш мебарад, эътироф карда, таҷрибаҳои арзишмандеро, ки дар соҳаҳои мухталиф ба даст омадаанд, ба кишварҳои рӯ ба инкишоф тавсия медиҳад. Таҷрибаи сулҳи тоҷикон чун модели навтарини сулҳофарӣ шинохта шудааст. Бо шукуҳи истиқлол мо ба арзишҳои олии инсонию шаҳрвандӣ ба монанди дӯстию ҳамдилӣ, ваҳдати миллӣ, созандагию сулҳ арҷ мегузорем ва онҳоро чун гавҳараки чашм ҳифз менамоем.

Истиқлолияти кишвар барои рушд ва пешравии ҳамаи соҳаҳо мусоидат намуд. Дар баробари рушди бобарору босамари соҳаҳои маориф ва илму фарҳанг тарбияи насли ҷавону худогоҳу ватандӯст дар нисбати аввал қарор дошт.

Мо ба масъалаи ҷавонон барои он таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоем, ки онҳо ояндаи миллату давлатанд… Бинобар ин, шумо бояд дар маҷмӯъ сиёсати давлатро доир ба тамоми соҳаҳо ҳамчун сиёсати давлатии ҷавонон дастгирӣ карда, дар татбиқи он такягоҳи асосӣ бошед. Ҳар як тадбире, ки дар мамлакат амалӣ карда мешавад, мақсад аз он пеш аз ҳама беҳбуди ҳаёти Шумо – ҷавонон ва ба хотири ояндаи неки Тоҷикистон аст қайд намудааст, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Дар солҳои Истиқлолият бо мақсади боз ҳам ривоҷ ёфтану пешрав гардидани соҳаҳои маорифу илму фарҳанг қариб аксари омӯзишгоҳҳои касбии техникӣ ба литсейҳо ва коллеҷҳо табдил дода шуданд. Барномаҳои васеи таълимӣ бо истифодаи тамоми имкониятҳои барои илмомӯзии ҷавонон муҳайёгашта фароҳам оварда шуданд. Ҳамаи ин ғамхориҳои ҳамарӯзаи Ҳукумати Тоҷикистон ҷавонони кишвари соҳибистиқлолро барои ҳазми ҳамаи барномаҳои таълимӣ ва дар рӯҳияи баланди ватандӯстию қадршиносӣ ба камол расиданашон ӯҳдадор намуд.

Ҷавонон неруи фаъолу боғайрат, қувваи созандаи ҷомеаи моро ташкил медиҳанд. Онҳоро хуб тарбия кардан ва ба роҳи дурусти зиндагӣ ҳидоят кардан вазифаи муқаддаси ҳамаи аъзоёни ҷомеа аст. Зеро ҷавонон ободгарони Ватан, соҳибони ояндаи Тоҷикистони мустақилу демократӣ ва такягоҳи боэътимоди давлати соҳибистиқлол мебошанд. [Эмомалӣ.Раҳмон. “Дар вохурӣ бо зиёиёну аҳли заҳмати ҷумҳурӣ”].

Гуфтан ҷоиз аст, ки ҳеҷ як давлате бе лашкари тавонову размандa вуҷуд дошта наметавонад. Сарчашмаҳои таърихӣ тасдиқ месозанд, ки давлатҳои Ҳахоманишиҳо ва баътар Суғду бохтар, Хоразму Ашкониён дорои лашкарони далеру ҷасур буданд. Дар Конситутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст, ки Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият амният ва иқтидори он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст. [Конситутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе -2014].

Илова бар ин ҳамаи комёбиҳои назаррас дар замони Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои боз ҳам таҳким ва мустаҳкам намудани бехатарии марзу бум ва сарҳади кишвар ва осоиши давлату миллати соҳибистиқлол мувофиқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 11-июни соли 2001-ум бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 256 дар заминаи Курсҳои кӯтоҳмуддати Кумитаи ҳифзи сарҳади давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Омӯзишгоҳи олии сарҳадӣ бо мавқеи ҷойгиршавиаш дар ноҳияи Ҳисор ташкил карда шуд ва бо Қарори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 21 июни соли 2001-ум таҳти № 598, “Оиди дар оянда баланд бардоштани фаъолияти хизматии қисмҳои ҳарбии Кумитаи ҳифзи Сарҳади давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон” тағйироту иловаҳо ворид карда шуд.

Ҳамзамон 15-сентябри соли 2001 маросими ифтитоҳи Омӯзишгоҳи олии сарҳадӣ бо иштироки намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохторҳои қудратии ҷумҳурӣ ва ташкилотҳои байналмиллалӣ баргузор гардид.

- Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №199 аз 03 майи соли 2006-ум дар асоси моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Маориф” ва моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ” Омӯзишгоҳи олии сарҳадӣ ба “Донишкадаи сарҳадии Тоҷикистон” табдили ном кард.
- Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №123/5 аз 19 марти соли 2007-ум “Дар бораи Сарраёсати Қушунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон” Донишкадаи сарҳадии Тоҷикистон бо номи “«Омӯзишгоҳи олии сарҳадӣ (Донишкадаи ҳарбӣ) – и КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон»” номгузорӣ шуд ва маҳалли ҷойгиршавии он дар шаҳри Душанбе муқаррар гардид.
- Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №128-5 аз 31 марти соли 2016 Омӯзишгоҳи олии сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Донишкадаи олии сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфт.
- Бо мақсади мутобиқ сохтани фаъолияти Донишкада ба талаботи имрӯза, таъмини омодагии он барои тайёр намудани мутахассисони соҳибихтисос, сохтор ва штати он

тибқи стандартҳои барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муқарраргардида таҷдиди назар карда шуд.

Айни замон Донишкада олии сарҳадӣ аз аз 2 факултет ва 9 кафедра иборат буда, аз рӯйи 4 ихтисос мутахассисон тайёр карда мешавад.

Дар ин росто, аз 1-уми сентябри соли хониши 2016-2017 машғулиятҳои таълимӣ дар Донишкада тибқи низоми кредитии таҳсилот ба роҳ монда шудааст. Бо ин мақсад нақшаю барномаҳои таълимӣ саривақт таҳия гардида, баъд аз мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди амал қарор дода шуданд.

Инчунин дар соли 2017 тибқи муқаррароти Созишномаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия дар бораи ҳамкорӣ оид ба масъалаҳои сарҳадӣ таҳсили 3 нафар омӯзгорони ҷавон дар заминаи адъюнктураи Академияи сарҳадии Хадамоти федералии амнияти Русия ба таҳсил фаро гирифта шудааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки айни замон Донишкадаи олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзи таъсисёбӣ то имрӯз фаъолияти босамари худро суботкорона дар асоси дастуру супоришҳои бевоситаи Президенти маҳбуби кишвар мухтарам Эмомалӣ Раҳмон вазифаи пуршарафи омода кардани марзбонони воқеии ватанро иҷро карда истодааст. Дар ин замина боиси сарбаландиву ифтихор аст, ки ин боргоҳи илму маърифат дар оянда низ дар тарбияи афсарону марзбонони воқеии кишвар нақши назарраси худро хоҳад гузошт.

## АДАБИЁТ:


1. Бобошароф М. Марзбони Ватан. - Хуҷанд, 2001.
2. Камолов С. Дар ҳифзи марзу буми кишвар. - Душанбе, 2003. 223 с.
3. Қурбонов Н. Рӯзномаи “Шамъи рӯзгор”. №8 - 2019
4. Лутфуллоев М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик (осори педагогӣ, ҷилди 6). Душанбе.- 2015.704 с.
5. Мирбобоев Р. Рушди маориф ва илм дар даврони Истиқлолияти давлатӣ. Душанбе: Маориф. 2016.192 с.
6. Муҳаммад Лутфуллозода. Боғи падар тоҷи-сар (китоби 3) Душанбе-2017-71 с.
7. Оинномаи ДОС КДАМ ҶТ - №60 бих – 2017 с.
8. Файзулло Шарифзода. Масоили мубрами таҳқиқоти педагогикаи муосир. Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.-Душанбе:Ирфон, 2016.- 64 с.
9. Эмомали Раҳмон. Уфуқҳои истиқлол. Душанбе «Ганҷ Нашриёт» 2018, 433 с.
10. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолият неъмати бебаҳо. Душанбе– 2001, 94 с.
11. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқбол аз истиқлол. Душанбе, 2017.- 80 с.


**Сафарзода Ш.**

# ИСТИҚЛОЛИЯТИ ТОҶИКИСТОН ВА ТАШКИЛИ МАРЗУ БУМИ ТАРБИЯИ КАДРҲОИ САРҲАДӢ


Дар ин мақола муаллиф дар хусуси ба даст овардани яке аз арзишҳои муқаддастарини давлату давлатдорӣ - Истиқлолияти миллати тоҷик ва дар ҳамин замина таъсисёбии Донишкадаи олии сарҳадиро, ки дар давраи Истиқлолият таъсис ёфтааст, барои ҳимояи марзу буми кишвар ҳадафи аслии худ қарор додаст.

Ҳимояи марзу буми кишвар дар ҳама давру замонҳо вазифаи муқаддаси ҳар як соҳибватан ба шумор меравад. Бе мустаҳкамии сарҳад осоиштагии кишвар ва ҳаёти хушбахтонаи соҳибватанон ғайри имкон аст. Имруз сарҳади кишвари соҳибистиқлолро марзбоони далеру шуҷоъи миллати тоҷик нигаҳбонӣ мекунунанд. Муаллиф тавонистааст дар ин мақола таъсисёбии ин муассисаи олиро равшану возеҳ нишон диҳад.


**Калидвожаҳо:** истиқлолият, миллат, сарзамин, давлатдорӣ, пешво, марз, донишкадаи олии сарҳадӣ, таълим, кадрҳои сарҳадӣ.

**Сафарзода Ш.**

## НЕЗАВИСИМОСТЬ ТАДЖИКИСТАНА И ОРГАНИЗАЦИЯ ТЕРРИТОРИИ СТРАНЫ, И ПОДГОТОВКА ВЫСОКОПОСТАВЛЕННЫХ ПОГРАНИЧНЫХ КАДРОВ

В этой статье автор сосредоточил внимание на обретение независимости таджикской нации, как одной из священных ценностей государства и государственного управления, и на основе которой в период независимости был создан Высший пограничный институт для защиты территории страны, что является ее главной целью.

Защита территории страны является священной задачей каждого хозяина страны во все времена и периоды. Без укрепления границы мир страны и счастливая жизнь хозяев родины невозможны. Сегодня отважные и храбрые пограничники таджикского народазащищают границу независимой страны. Автор в статье смог четко и наглядно продемонстрировать образование этого высшего учебного заведения.

**Ключевые слова:** независимость, нация, край, государственное управление, лидер, граница, высший пограничный институт, подготовка кадров, пограничный персонал.

**Safarzoda Sh.**

## INDEPENDENCE OF TAJIKISTAN AND THE ORGANIZATION OF THE COUNTRY'S TERRITORY, AND THE TRAINING OF HIGH-LEVEL BORDER PERSONNEL

In this article, the author focused on gaining independence of the Tajik nation one of the sacred values of the state and government, and on the basis of which, during the period of independence, the Higher Border Institute was created to protect the territory of the country, which is its main goal.

Protecting the territory of the country is a sacred task of every host of the country at all times and periods. Without strengthening the border, the peace of the country and the happy life of the owners of the motherland are impossible. Today, the brave border guards of the Tajik people defend the border of an independent country. The author in this article was able to clearly demonstrate the education of this institution of higher education.

**Keywords:** independence, nation, territory, state administration, leader, border, higher border institute, personnel training, border personnel.

**Сведения об авторе:** Сафарзода Шамсиддини Маҳмадраҷаб – соискатель Института развития образования имени Абдурахмона Джоми Академии образовании Таджикистана; адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С. Айни, 45. Тел: (992) 551007979, Safazodash92@mail.com

**Information about the author:** Safarzoda Shamsiddini Mahmadrajab – post graduate student of the institute for Educational Development named after Abdurahmon Jomi of the Academy of Education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 45 C Ayni St. Tel: (992) 551007979, Safazodash92@mail.com

**А. УБАЙДОВ**

# ТАВСИЯҲО РОҶЕЪ БА ТАРТИБ ДОДАНИ САЛОҲИЯТҲО АЗ ФАННИ ФИЗИКА

Муносибати босалоҳият дар таълим муносибатест, ки дар он диққати асосӣ ба ташаккули малакаҳои амалӣ (ҳаётӣ) равона мешавад. Муносибати босалоҳият дар таълим бояд ба саволҳои: «Хонанда чӣ кор карда метавонад?», «Хонанда кадом амалҳоро иҷро карда метавонад?»ҷавоб дода тавонад. Донистан ё дониш дар муносибати босалоҳият дар таълим ҷузъи таркибии малака ҳисоб шуда, барои санҷидан, муқоиса кардан бо намуна, ислоҳи ғалатҳо истифода бурда мешавад.

Муносибати босалоҳият дар таълим, пеш аз ҳама аз таҳияи салоҳиятҳо оғоз мегардад.

Салоҳият–маҷмӯи якҷояшудаи дониш, малака ва маҳоратро дарбар мегирад, ки дар натиҷаи таҷрибаи амалӣ ва фаъолият бо истифодаи ин донишҳо ба даст омадааст. Салоҳият натиҷаи таҳсил буда, ҳамчун қобилияти истифода бурдани дониш, малака ва маҳорат ҳангоми ҳалли масъалаҳои соҳаи муайян зоҳир мешавад. Салоҳият вобаста ба муҳимият ба салоҳиятҳои асосии умумитаҳсилотӣ, умумифаннӣ ва фаннӣ ҷудо мешавад [2].

Боиси зикр аст, ки «салоҳият»-ро таълим намедиҳанд, он дар натиҷаи азхуд кардани дониш, маҳорат ва малакаҳо ташаккул меёбад. Салоҳият натиҷаи амалии дониш, маҳорат ва малака аст.

Дар асоси тафсири боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки шахси босалоҳият амалеро хуб, қобилона ва боэътимодона иҷро карда метавонад.

Босалоҳият - дар мисоли мо хонандаест, ки маҷмӯи дониш, маҳорат ва малакаҳои ба ҳам тавъами дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ андӯхтаашро дар ҳаёти ҳамарӯза истифода карда метавонад.

Босалоҳиятӣ – доштани салоҳият дар соҳа, дар ягон ихтисоси фаннӣ.

Мақсади таҳияи салоҳиятҳо ин банақшагирии пешакии натиҷаҳои таълим, натиҷаҳои чашмдошти фаъолият аст.

Вазифаи салоҳиятҳо ин воситаи арзёбандагӣ будани онҳо мебошад, яъне тавассути истифодаи воситаҳои гуногуни арзёбӣ ба салоҳиятҳо ноил гаштани хонандагон санҷида мешаванд.

Акнун пайдарпайии таҳияи салоҳиятҳоро аз фанни физика нишон медиҳем

Ба андешаи мо пайдарпайии таҳияи салоҳиятҳо ҳангоми омӯзиши физика чунин буда метавонад.

I.Ба эътибор гирифтани вазифаҳои таълими физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

Ба вазифаҳои таълими физика инҳо тааллуқ доранд:

- тарбияи ғоявӣ-сиёсӣ, ватандӯстӣ ва башардӯстии хонандагон дар асоси фаҳмонидани нақши физика дар тезонидани прогресси илмию техникӣ, баён намудани комьёбиҳои илму техника ва пешомадҳои тараққиёти онҳо, саҳми олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар инкишофи физика ва техника;
- ташаккул додани донишҳои илмӣ оид ба далелҳои таҷрибавӣ, мафҳумҳо, қонунҳо, назарияҳо, методҳои илми физика, манзараи муосири илмии олам;
- баёни беинтиҳоии сохторӣ ва ягонагии материя, умумӣ будани қонунҳои муҳимтарини бақо дар физика, хусусиятҳои диалектикии ҳодисаҳои физикӣ, пайдарҳамии назарияҳои физикӣ, таносуби нақши назария ва таҷриба дар инкишофи физика, нақши амалия дар идрок;
- ташаккул додани маҳорати мустақилона азхуд намудан ва татбиқ кардани дониш, мушоҳида ва шарҳ додани ҳодисаҳои физикӣ, инчунин маҳорати истифода бурдани китоби дарсӣ, адабиёти хрестоматию маълумотӣ;

- ташаккул додани баъзе маҳоратҳои таҷрибавӣ: маҳорати истифода бурдани асбобу олат, ҷамъбасти натиҷаҳои ченкунӣ ва хулосабарорӣ дар асоси маълумоти таҷрибавӣ, риоя кардани қоидаҳои техникаи бехатарӣ;

- ташаккули шавқу ҳаваси хонандагон ба физика ва техника, инкишофи қобилияти эҷодӣ, дарк кардани мақсади илмӣ; тайёр кардан ба давом додани маълумот ва бошуурона интихоб намудани касб [3].

II. Муайян намудани самтҳои таълими фанни физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

Самтҳои таълими фанни физикаро чунин муайян намудан мумкин аст.

1. Мафҳумҳо ва бузургиҳои физикӣ:

- ҳодиса ё хосиятҳое, ки бо ин мафҳум ва бузургӣ тавсиф карда мешаванд;
- таърифи мафҳум ва бузургӣ;
- формулаҳое, ки ин бузургиро бо бузургиҳои дигар алоқаманд мекунанд;
- воҳиди ченкунии бузургӣ;
- усули чен кардани бузургӣ.

2. Ҳодисаҳои физикӣ:

- нишонаҳои зоҳирии ҳодиса;
- шароити ба вуҷуд омадани ҳодиса;
- моҳияти ҳодиса;
- робитаи ин ҳодиса бо ҳодисаҳои дигар;
- шарҳи ҳодиса дар асоси назарияи илмӣ;
- тавсифи микдори иҳодиса;
- мисолҳои ба эътиборгирифтан ва татбиқи ҳодиса дар амалия;
- роҳҳои пешгирии таъсири зараровари ҳодиса.

3. Ҳалли масъалаҳои физикӣ

-хондани шарти масъала;

-муайян ва таҳлил кардани ҳодиса, раванд, хосиятҳои ҷисм, ки дар масъала тавсиф шудааст (таҳлили аввал ин ишарти масъала);

-сабти кӯтоҳи шарти масъала бо кашидани расм, нақша ё график, (сатҳи аввали бо рамз ифода кардани шарти масъала);

-сабти додашудаҳои ҷадвали зарурӣ (намерасидагӣ), бузургиҳои доимӣ;

-таҳлили дуюмбораи шарти масъала бо ҷудо кардани назария ва қонунҳое, ки дар шарти масъала зикр гардидаанд;

-интихоби метод ва усулҳои ҳалли масъалаҳои мушаххас;

-сабти ҳолати додашуда тавассути қонунҳои мувофиқи физикӣ, ки дар намуди муодила (формула)-и муайян ифода меёбанд;

-муайян кардани муодилаҳои иловагӣ ва ҳосил кардани системаи муодилаҳое, ки ҳолати додашудаи масъаларо пурра тавсиф мекунанд;

-дар намуди умумӣ ҳал кардани системаи муодилаҳо;

-санҷиши натиҷаҳои ҳал дар намуди умумӣ;

-иҷро намудани ҳисобкуниҳо дар СИ (Системаи воҳидҳои байналхалқӣ);

-санҷиши натиҷаи ҳал;

-таҳлили ҳалли масъала.

4. Асбобҳо, механизму мошинҳо:

- сохт ва таъиноти асбобҳо, механизму мошинҳо;
- асбобҳо, механизму мошинҳо дар асоси кадом ҳодиса ё қонун амал мекунанд;
- нақшаи сохти асбобҳо, механизму мошинҳо (қисмҳои асосии онҳо);
- принсипи амали асбобҳо, механизму мошинҳо;
- татбиқ ва қоидаҳои истифодаи онҳо.

5. Озмоишҳои физикӣ:

- мақсади озмоиш;
- пешниҳод кардани фарзияи озмоиш;
- тартиб додани нақшаи озмоиш;
- интихоб кардани таҷҳизот ва маводи зарурӣ;

- васлкардани дастгоҳ аз рӯйи нақша;
- гузаронидани озмоиш;
- мушоҳида кардан, қайд намудани нишондодҳои асбобҳои ченкунанда, тартиб додани ҷадвали вобастагии бузургиҳо ва сохтани графикҳо;
- ҳисоб карда тавонистани хатоҳои ченкунӣ ва таҳлили онҳо (дар синфҳои боло);
- тартиб додани ҳисоботи мухтасар ва хулоса баровардан аз рӯйй инатиҷаҳои ҳосилшуда;
- риояи ҳатмии техникаи бехатарӣ ҳангоми гузаронидани озмоиш[4].

III. Муайян намудани он, ки хонандагон (мувофиқи синф) аз ҳар як самти таълими физика кадом дониш, маҳорат ва малакаҳоро бояд дошта бошанд. (Дониш, маҳорат ва малакаҳо, ки дар ҳаёти хонандагон барои ҳар як давраи муайян муҳим аст, бояд муайян карда шаванд. Нигаред ба бахши пешина).

IV. Ҳангоми таҳияи салоҳиятҳо мувофиқи самтҳои таълими фанни физика ба меъёрҳои зайл диққат додан лозим аст:

- салоҳиятҳо бояд мушаххас бошанд. Салоҳиятҳо бояд мушаххасан муайян кунанд, ки чиро ба даст меорем ва онҳо маҷмӯи дониш, маҳорат ва малакаҳоро аз самти муайяни таълими фанни физикаи нъикос намоянд;
- қобили санҷиш. Оё басалоҳият ноил гаштанро санҷидан мумкин аст? Набояд салоҳиятҳои зиёдро бо феълҳои «донистан» ва «фаҳмидан (дарк кардан)» истифодашаванд, зеро чен кардани «донистан» қариб ғайриимконаст.
- иҷрошаванда. Салоҳиятҳоро хонандагон бо захираҳои (имкониятҳои ҷисмонӣ ва зеҳнӣ) дастрас, инчунин вақти мувофиқ бояд аз худ карда тавонанд.

V. Таҳияи нишондиҳандаҳо (индикаторҳо).

Нишондиҳандаҳо бояд инҳоро дар бар гиранд:

- дониш – маҳсул ва натиҷаи фаъолияти маърифатии инсон буда, аз фарогирии маънавӣ ва тасвири хаёлии олам дар тафаккур иборат аст. Ҷузъҳои таркибии дониш далелҳои илмӣ, мафҳумҳо, қонунҳо, ҳодисаҳо, нуктаҳои асосии назарияҳои илмӣ, фарзияҳо, принсипҳо, методҳои тадқиқот, инчунин манзараи илмии олам мебошанд. Дар асоси дониш эътиқод, ақида ва маҳорату малакаҳои амалӣ пайдо шуда, қобилияти маърифатии хонандагон инкишоф меёбад;
- маҳорат – ин фаъолияти дар амал татбиқ карда тавонистани дониш буда, фаъолияти фикрӣ мебошад. Ба низом даровардан ва татбиқ кардани дониш, ҳал карда тавонистани машқу масъала ва мисолҳо, гузаронидани таҷриба, ҳисобкунӣ, ченкунӣ, нақшакашӣ, тартиб додану хондани нақшаю график ва ғайра маҳоратҳое мебошанд, ки дар мактаб ташаккул дода мешаванд. Маҳорат кору амали бо шуурона аст, ки дар асоси дониш ва таҷрибаҳои рӯзгори ҷамъиятӣ ба амалмеояд;
- малака – тарзу усулҳои устувори мустаҳкам гардида (автоматӣ)-и иҷрои амаласт, ки дар натиҷаи машқу такрори зиёд ҳосил мешавад. Малака маҳорати такмилёфта, яъне донишҳои борҳо дар таҷри ба озмуда шудааст, ки ба маҳорати устувори доимо амалкунанда табдил меёбад. Ҳосил кардани малака пеш аз ҳама, аз бошуурона омӯхтани ҷузъҳои донишва дар амал татбиқ кардани онҳо сар мешавад. Малака аҳамияти ҳаётӣ ва таҷрибавии калон дошта, он зуд ва босифат иҷро кардани корро таъмин мекунад.

Дар ҳамин замина ва бо назардошти салоҳиятҳои асосӣ -салоҳиятҳои умумифаннӣ аз физика чунин буда метавонанд:

1. Мафҳумҳои физикӣ.
2. Истифодаи мафҳумҳои физикии мувофиқ ҳангоми шарҳи ҳодисаҳо ва равандҳои физикӣ.
3. Ҳал кардани навъҳои гуногуни масъалаҳои физикӣ.
4. Шарҳ додани принсипи амали асбобҳо ва истифодаи баъзеи онҳо.
5. Гузаронидани озмоиш.

Дар ҳамин замина салоҳиятҳои фанни физикаро барои ҳар як синф тартиб додан имконпазир аст.

**Ҷадвали салоҳиятҳои фанни «физика» барои синфҳои 7-11**

| Синфи 7 | Синфи 8 | Синфи 9 | Синфи 10 | Синфи 11 |
|---|---|---|---|---|
| **Мафҳумҳои физикӣ** | | | | |
| Мафҳумҳои «Механика» -ро шарҳ медиҳанд | Мафҳумҳои «Ҳодисаҳои ҳароратӣ», «Ҳодисаҳои электрӣ» ва «Ҳодисаҳои магнитӣ»-ро шарҳ медиҳанд | Мафҳумҳои «Лаппиш ва мавҷҳои механикӣ», «Лаппиш ва мавҷҳои электромагнитӣ», «Ҳодисаҳои рӯшноӣ», «Модели атом ва ядрои атом», ва «Ҷузъиёти астрономия»-ро шарҳ медиҳанд | Мафҳумҳои «Механика, «Физикаи молекулавӣ ва асосҳои термодинамика» ва «Электр»-ро шарҳ медиҳанд | Мафҳумҳои «Электромагнитизм», «Оптика» ва «Физикаи квантӣ»-ро шарҳ медиҳанд |
| **Истифодаи мафҳумҳои физикии мувофиқ ҳангоми шарҳи ҳодисаҳо ва равандҳои физикӣ** | | | | |
| Ҳангоми шарҳи ҳодисаҳои механикӣ мафҳумҳои мувофиқро истифода менамоянд | Ҳангоми шарҳи ҳодисаҳои ҳароратӣ электрӣ ва магнитӣ мафҳумҳои мувофиқро истифода менамоянд | Ҳангоми шарҳи ҳодисаҳои механикӣ, рӯшноӣ (оптикӣ), дохилиатомӣ ва астрономӣ мафҳумҳои мувофиқро истифода менамоянд | Ҳангоми шарҳи ҳодисаҳои механикӣ, ҳароратӣ ва электрӣ мафҳумҳои мувофиқро истифода менамоянд | Ҳангоми шарҳи ҳодисаҳои электромагнитӣ, рӯшноӣ (оптикӣ) ва дохилиатомӣ мафҳумҳои мувофиқро истифода карда метавонанд |
| **Ҳал кардани навъҳои гуногуни масъалаҳои физикӣ** | | | | |
| Бо истифодаи мафҳумҳои «Механика» навъҳои гуногуни масъалаҳои физикиро ҳал мекунанд | Бо истифодаи мафҳумҳои «Ҳодисаҳои ҳароратӣ», «Ҳодисаҳои электрӣ» ва «Ҳодисаҳои магнитӣ» навъҳои гуногуни масъалаҳои физикиро ҳал мекунанд | Бо истифодаи мафҳумҳои «Лаппиш ва мавҷҳои механикӣ», «Лаппиш ва мавҷҳои электромагнитӣ», «Ҳодисаҳои рӯшноӣ», «Модели атом ва ядрои атом», ва «Ҷузъиёти астрономия» | Бо истифодаи мафҳумҳои «Механика», «Физикаи молекулавӣ ва асосҳои термодинамика» ва «Электр» навъҳои гуногуни масъалаҳои физикиро ҳал | Бо истифодаи мафҳумҳои «Электромагнитизм», «Оптика» ва «Физикаи квантӣ» навъҳои гуногуни масъалаҳои физикиро ҳал карда метавонанд |

<table>
<tr><td></td><td></td><td>навъҳои гуногуни масъалаҳои физикиро ҳал мекунанд</td><td>мекунанд</td><td></td></tr>
<tr><td colspan="5">Шарҳ додани принсипи амали асбобҳо ва истифодаи баъзеи онҳо</td></tr>
<tr><td>Принсипи амали:<br>- мошинҳои гидравликӣ;<br>- барометр-анероид;<br>- манометрҳо;<br>- пресси гидравликӣ ва насосҳоро шарҳ дода тавонад.<br>Асбобҳои:<br>- силиндри андозагирӣ (мензурка);<br>- ҳароратсанҷ;<br>- тарозу;<br>- ареометрҳо;<br>- динамометр;<br>- обтарозу;<br>- барометр-анероид;<br>- манометрҳо;<br>- механизмҳоисодда ;<br>- фашангро истифода карда тавонад;<br>- ҳангоми истифодаи ин асбобҳо техникаи бехатариро риоя намояд.</td><td>Принсипи амали:<br>-асбобҳои ченкунандаи нами ҳаво;<br>- муҳаррики дарунсӯз;<br>- муҳаррики электрӣ;<br>- генератори ҷараёни электрии доимиро шарҳ дода тавонад.<br>Асбобҳои:<br>- калориметр;<br>- электроскоп;<br>- батареяихушк;<br>- аккумуляторҳо;<br>- амперметр;<br>- волтметр;<br>- реостат;<br>- асбобҳои электрии гармкунанда;<br>- ҳисобгираки ҷараёни электрӣ;<br>- муҳофизакҳои зудгудоз;<br>- қутбнаморо истифода карда тавонад;<br>- ҳангоми истифодаи ин асбобҳо техникаи бехатариро риоя намояд.</td><td>Принсипи амали:<br>- контури лаппиш;<br>- генератори ҷараёни тағйирёбанда; реактори атомиро шарҳ дода тавонад.<br>Асбобҳои:<br>- камертон;<br>- манбаъҳои рӯшноӣ;<br>- линзаҳо;<br>- фотоэле-ментҳо;<br>- харитаи ситораҳо;<br>- телескоп;<br>- айнак;<br>- суратгирак;<br>- микроскоп;<br>- дурбин;<br>- телескоп;<br>- пурбинро истифода карда тавонад;<br>- ҳангоми истифодаи ин асбобҳо техникаи бехатариро риоя намояд.</td><td>Принсипи амали:<br>мошинҳои ҳароратӣ; конденсатор ҳо; манбаи ҷараён; амперметр; волтметрро шарҳ дода тавонад.<br>Асбобҳои:<br>конденсатор ҳо; манбаи ҷараён; амперметр; волтметр; диоди нимноқилӣ; триоди нимно-қилӣ; транзис-торро истифода карда тавонад;<br>- ҳангоми истифодаи ин асбобҳо қоидаҳои техникаи бехатариро риоя намояд</td><td>Принсипи амали:<br>- генератори ҷараёни тағйирёбанда;<br>- трансфор-матор ва ғайраро шарҳ дода тавонад.<br>Асбобҳои:<br>- электрчен-кунанда;<br>- оптикиро истифода карда метавонанд;<br>- ҳангоми истифодаи ин асбобҳо техникаи бехатариро риоя менамоянд.</td></tr>
<tr><td colspan="5">Гузаронидани озмоиш</td></tr>
<tr><td>- қимати як тақсимоти силиндри андозагирӣ (мензурка)-ро муайян карда, бо ёрии он ҳаҷми моеъро чен мекунанд,<br>- андозаи ҷисмҳои</td><td>- гармиғунҷоиши хоси ҷисмҳои сахтро чен мекунанд;<br>- занҷири электриро васл карда, дар қитъаҳои гуногуни он қувваи ҷараёнро чен</td><td>- лаппиши раққосаки пружиниро мушоҳидаву тавсиф карда тавонад;<br>- лаппиши раққосаки математикиро мушоҳидаву</td><td>- шитоби ҳаракати ҷисмро муайян карда тавонад;<br>- бо ёрии раққосаки математикӣ шитоби</td><td>- нишонди-ҳандаи шикасти шишаро муайян карда мнтавонанд; …<br>- дарозии мавҷи рӯшноиро бо ёрии панҷараи</td></tr>
</table>

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| хурдро муайян мекунанд,<br>- ботарозу массаи ҷисмҳоро чен мекунанд ва ғ..<br>- ҳангоми гузаронидани озмоишҳо техникаи бехатариро риоя менамоянд. | мекунанд;<br>- дар қитъаҳои гуногуни занҷири электрӣ шиддатро чен мекунанд;<br>- ҳангоми гузаронидани озмоишҳо техникаи бехатариро риоя менамоянд. | тавсиф карда тавонад;<br>- суръати мавҷҳои сатҳирочен карда тавонад;<br>- ҳодисаи индуксияи электромаг-нитиро мушоҳидаву тавсиф карда тавонад;<br>- аз қисмҳои тайёр радиопрёмник и оддитаринро насб карда тавонад;<br>- шикасти рӯшноиро мушоҳида ва нишондиҳанда и шикасти шишаро муайян карда тавонад;<br>- масофаи конунӣ ва қувваи оптикии линзаи ҷамъова-рандаро муайян карда тавонад;<br>- боёрии линза тасвири предметро ҳосил карда тавонад;<br>- ҳангоми гузаронидани озмоишҳо қоидаҳои техникаи бехатариро риоя намояд. | афтиши озодро муайян карда тавонад;<br>- яке аз изора-вандҳоро намоиш дода, таҳлил карда тавонад;<br>- ноқилҳоро пайдарпай ва параллелан пайваст карда тавонад;<br>- намии нисбии ҳаворо чен карда тавонад;<br>- ҳангоми гузарони-дани озмоишҳо техникаи бехатариро риоя менамоянд. | дифраксионӣ муайян карда метавонанд; ..<br>- ҳангоми гузаронидани озмоишҳо техникаи бехатариро риоя мена-моянд. |

Ба андешаи мо чунинанд пайдарпайии таҳияи салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳо ҳангоми омӯзиши физика.

**АДАБИЁТ:**

1. Барномаи физика барои мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. –Душанбе: Матбуот, 2004.

2. МухториҚ., Сафин Д.В., Кабиров Н., Умаров У.С., Садурдинов Х., НаҷмиддиновА., Ҳалимов А. Татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои табиӣ ва технологияи информатсионӣ. Дастури таълимӣ-методӣ. – Душанбе: 2018. –76с.

3. Умаров У.С., Бобониёзова Г.А. Муносибати босалоҳият ба таълими физика. Дар маҷмӯаи «Маводи конференсияи илмӣ–амалии ҷумҳуриявии «Проблемаҳои муосири рушди илмҳои табиӣ–риёзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: ДДОТ, 2017, -с. 89-92.

4. Умаров У.С., Ашӯрова А.Ҳ., Ҷумъаев Т. Муносибати босалоҳият ба омӯзиши физика дар синфи X. Дар маҷмӯаи «Маводи конференсияи илмӣ–амалии ҷумҳуриявии «Проблемаҳои муосири рушди илмҳои табиӣ–риёзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: ДДОТ, 2017, -с. 74-76.

**Убайдов А.**

## ТАВСИЯҲО РОҶЕЪ БА ТАРТИБ ДОДАНИ САЛОҲИЯТҲО АЗ ФАННИ ФИЗИКА

Дар мақола тавсияҳо роҷеъ ба тартиб додани салоҳиятҳо аз фанни физика маълумот дода мешавад. Қайд карда мешавад, ки салоҳият ҳамчун натиҷаи таҳсил қобилияти истифода бурдани дониш, малака ва маҳоратро аз тарафи хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳои соҳаи муайян зоҳир мешавад. Таъкид мегардад, ки мақсади таҳияи салоҳиятҳо банақшагирии пешакии натиҷаҳои таълим мебошад. Муаллифон таъкид месозанд, ки тавассути истифодаи воситаҳои гуногуни арзёбӣ ба салоҳиятҳо ноил гаштани хонандагон санҷида мешаванд. Қайд мешавад, ки ҳангоми таҳияи салоҳиятҳо бояд вазифаҳои таълими физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба инобат гирифта шуда, самтҳои таълими фанни физика муайян гардад. Дар мақола зикр карда мешавад, ки салоҳиятҳо бояд мушаххасан муайян кунанд, ки чиро ба даст меорем ва онҳо маҷмӯи дониш, маҳорат ва малакаҳоро аз самти муайяни таълими фанни физика инъикос намоянд. Дар мақола оварда мешавад, ки таълими физика аз рӯйи самтҳои шиносоӣ бо мафҳумҳо ва бузургиҳои физикӣ; шарҳи ҳодисаҳои физикӣ; ҳалли масъалаҳо; тарзи кори асбобҳо, механизму мошинҳо; намоиши озмоишҳои физикӣ муайян намудан мумкин аст. Дар мақола муаллифон салоҳиятҳои фанни физикаро барои ҳар як синф аз рӯйи мавзуъҳои алоҳида пешкаш намудаанд. Дар навиштаи хеш муаллифон баъзе тавсияҳои дигареро пешкаш сохтаанд, ки роҷеъ ба тартиб додани салоҳиятҳо аз фанни физика бахшида шудаанд. Аз маълумоти овардашуда ва ҷадвалҳои замимагардида метавон салоҳиятҳои асосии фанни физикаро ошкор ва дар раванди таълим ба он такя кард.

**Калидвожаҳо:** салоҳият, муносибати босалоҳият, вазифаҳои таълим, салоҳияти педагогӣ, таҳияи салоҳиятҳо.

**Убайдов А.**

## РЕКОМЕНДАЦИИ ОТНОСИТЕЛЬНО СОСТАВЛЕНИЯ КОМПЕТЕНЦИЙ ПО ФИЗИКЕ

В статье приводятся рекомендации, относящиеся компетенции по физике. Отмечается, что компетенция как результат обучения проявляется в способности использования знаний, умений и навыков учащимся при решении задач определённой сферы. Подчёркивается, что целью разработки компетенций является предварительное планирование результатов обучения. Авторы отмечают, что посредством использования различных способов оценивания компетенций проверяется достижение учащихся. Отмечается, что при разработке компетенций учитываются задачи обучения физики в средних общеобразовательных учреждениях, определяется курсы обучения физики. В статье отмечается, что компетенции должны конкретно определить, что мы имеет, и чтобы они отражали комплекс знаний, умений и навыков определенного направления обучения физики. В статье говорится о том, что обучение физики можно определить по ознакомлению с понятиями и физическими величинами; разъяснением физических явлений; решением задач; способами работы приборов, механизмов, машин; показом физических испытаний. В статье авторы предлагают компетенции по предмету физики для каждого класса по отдельным темам. В предлагаемой статье авторы предлагают некоторые другие рекомендации, касающиеся составлению компетенций по физике. По приведённому сведению и приложенным таблицам можно определить основные компетенции физики и опираться на них в процессе обучения.

**Ключевые слова**: компетенция, компетентностный подход, задачи обучения, общеучебные компетенции, разработка компетенций.

инсон аст», «Ақлро аз бозор харидан мумкин нест», «Ақл-либосест, ки ҳеҷ гоҳ кӯҳна намешавад, дониш чашмаест, ҳеҷ гоҳ тамом намешавад». Чунин аст баҳои халқ роҷеъ ба аҳамияти ақлу дониш яъне тарбияи фикрӣ, «Хубтар аз ақл дар ҷаҳон устоде нест», «Одамиро ақл мебояд, на зӯрӣ», «Фаросат дидаи дил баркушояд, ҳар он ҳоле, ки бошад, во намояд», «Аз Луқмони ҳаким пурсиданд, ки тавонотарин кас кист? Гуфт-он кӣ ақлаш комил бошад».

Хусусан, зарбулмасалҳои зерин дар бораи моҳияти тарбияи фикрӣ ба таври ҳозиразамон садо медиҳанд: «Бо либос пешвоз мегиранду бо ақл гусел мекунанд», «На бо сару либос, балки бо ақлу дониш одамонро дар ҳайрат мон». Ин зарбулмасалҳо дар ҳаққи он ҷавононе гуфта шудаанд, ки мехоҳанд на бо ақлу фаросати худ, балки бо либосҳои қимматбаҳо фахр намоянд. Аз ин рӯ, афкори халқ баёнгари замону рӯҳи одамон аст.

- Халқ дар боби **моҳияти таълим** дар инкишофи фикрӣ ва аз худ намудани дониш принсипҳои дидактикии худро ба миён гузошт, ки онҳо ба принсипҳои педагогикаи умумибашарӣ(расмӣ) хеле наздиканд. Аз ҷумла, алоқаи дониш бо ҳаёт яке аз талабҳои муҳимтарини дидактикии халқ ба шумор меравад. Дониши абстрактии аз ҳаёт дур аҳамияти амалӣ надорад. Барои ҳамин ҳам, тоҷикон дуруст ҳисоб мекунанд, ки «Дониши беамал-мисли абри беборон аст» халқ ба донише, ки танҳо аз рӯйи китобҳо аз худ кардашуда аҳамияти амалӣ надорад, муносибати манфӣ дорад. Халқ инчунин онҳоеро, ки дониши худро барои дигарон мерос намегузоранд, маҳкум намуда, чунин гуфтааст; «Касе, ки дониши худро ба дигарон намедиҳад, мисли барфи кӯча аст». Яъне онро касе эътироф ё худ қадр намекунад. Аз ин рӯ, он «Олими беамал-занбури беасал»- ро ба хотир меоварад. Ё худ «Давлатро сарф кунӣ кам мешавад, илмро сарф кунӣ, зам мешавад».
- Дар асоси таҷрибаҳо халқ метавон ба чунин хулоса омад, ки **донишро мунтазам, пай дар пай яъне системанок аз худ кардан** лозим аст. Барои ин маълумотгирӣ бояд тамоми умр давом кунад. Ин ҳам як талаби дидактикӣ мебошад, ки дар педагогикаи умумибашарӣ дар давоми сад солаҳо ба даст омадааст. Ин ақидаро чунин зарбулмасали халқӣ ҳам равшан ифода мекунад: «Омӯхтан мисли муқобили ҷараёни об шино кардан аст: дақикае ист кунӣ, ба қафо мебарад».
- **Аёният** дар таълимро педагогикаи халқӣ ҳеҷ гоҳ сарфи назар накарда буд. «Даҳ забон ба як чашм баробар шуда наметавонад ва даҳ чашм ба як дасте, ки метавонад эҳсос кунад», чунин аст ақидаи халқ. Барои ҳамин ҳам, ифодае мавҷуд аст, ки «Гуфтию садбор чаро, як бор накардӣ».

Унсурҳои дидактикии мустаҳкам аз худ намудани дониш дар чунин афоризмҳои халқӣ ифода ёфтааст. «Илм дар хурдӣ-нақш бар санг», «Илм хоҳӣ, такрор кун, ҳосил хоҳи шудгор кун». «Як дарс гир, ҳазор бор такрор кун», «Дониш такрорро талаб мекунад». «Бо чашм дидан ва бо гӯш шунидан ҳоло ҳақиқат нест, танҳо босаброна омӯхтан ҳақиқат аст».

- **Халқ барои бошуурона аз худ намудани** дониш эътибори махсус дода, дар баробари ҳамин ба дониши ба таври механикӣ, бешуурона бадастоварда муносибати манфӣ дорад. Ин ақидаро халқ хеле ҳадафомезона ва нишонрас ба таври зайл ифода кардааст. «Майнаро бо дониш пур кардан, ҳоло хирадмандӣ нест». Халқ дар асоси таҷрибаи зиндагӣ ба аҳамияти аз хурдсолӣ аз худ намудани дониш, дар даврае ки инсон майли донистани ҳама ҷизро дорад, боварӣ ҳосил кард. Дониши дар ин поя ҳосил шуда, мисли нақши дар санг кандакорӣ шуда тамоми умр дар хотири инсон боқӣ мемонад.
- **Сарчашмаи асосии дониш** ҳамеша китоб буд, ва ба қавли А.Ҷомӣ «Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст», ки дар педагогикаи халқӣ хеле хуб ифода шудааст. «Ба кайфияти китобхонӣ ҳеҷ чиз баробар шуда наметавонад ва муҳимтар аз омӯзондани фарзанд коре нест». «Баромадани офтоб табиатро бедор мекунад, хондани китоб майнаро равшан менамояд». Ба ин маънӣ халқ чунин овардааст: «Ганҷ магир, китоб гир», «Китоб ғизои маънавист», «Китоб калиди илму дониш», «Китоб сарчашмаи дониш», «Як китоби хуб, беҳтар аз як хазинаи бузург аст» ва ғайраҳо.
- **Донистани забон аз нигоҳи халқ**. Донистани забон, воситаи муҳимми донистани олам аст. «Донистани забон ба дилҳо роҳ мекушояд», «Донистани сад забон, баробари сад

ақл аст». Чунин садо медиҳанд, ин зарбулмасалҳои халқӣ:«Ба ширинзабонию лутфи хуш, тавонӣ, ки пиле ба муе кашӣ», «Ҳар кӣ бо забони худ сухандон гардад, омӯхтани сад забон осон гардад», «Забони покро ҳайф аст бисёр, ки аз лафзи дурӯғ олуда созӣ», «Забони сурх сари сабз медиҳад барбод», «Ҳар киро забон ширин нест, сазовори таҳсин нест», «Ҳар кӣ забонаш нармтар, ёраш бештар», «Забон тарҷумони дил аст» ва ғайра ифодагари ҷаҳони бепоёни сухангӯйиву маърифати гаштаанд.

Ҳамин тавр, донистани забони модарӣ ҳамчун омили тарбияи фикрии бачагон таъкид мегардад. Аз ин рӯ, дар ганҷинаи маънавии халқ забони модарӣ ҷавҳари муҳимтарин ба шумор меравад. Дигар хел шуданаш ҳам мумкин нест. Як худи «Алла»-и модар ба кӯдак чигуна ғизои маънавӣ мебахшад. Азбаски садои аллаи модар ба кӯдак як кайфияти махсус мебахшад, хобаш «ширин» ва ба роҳат мегардад. Магар ин ҳамаро кӯдак фаромӯш карда метавонад. Аз аввалин садои модар ӯ чӣ тавр ба ҷунбиш меояд, дилаш лабрези фараҳ, табъаш хуш мегардад. Танҳо аз садои дилнавози забони модарӣ. Кӯдак ҳоло ба маънии суханҳои модар сарфаҳм намеравад, вале садои модар дили уро «лабрез» мекунад ва бо ҳамин ба мағзу устухон ва хуну пӯсти ӯ ҷой мегирад. Баъди ин ҳама ӯ магар метавонад забони модарии худро фаромӯш созад? Албатта не. Бо аллаи худ модар мехоҳад, ки натанҳо ба кӯдак ҳаловат бахшад, хоби ӯро солим гардонад, балки орзуву умеди худро дар бораи ояндаи дурахшони фарзандаш баён намояд, ӯро солиму бардам, далеру пурқувват, чусту чолок, доною хирадманд ва дигар сифатҳои некӣ инсониро бинад. Дар ин ҷо мақсад аз кушода додани паҳлуҳои ниҳоят зиёди аллаи модар моҳияти тарбиявии забони модарӣ ки дар шакл, ё худ жанрҳои гуногун ифода ёфтани онро инъикос мекунад, нишон додан аст.

Ба андешаҳои шодравонТ.Атахонов дар бораи «алла»-и модар мутаваҷҷеҳ бошед: «… тарбияи халқӣ дар оила, аз рӯзҳои ба дунё омадани кӯдак, аз суруди басо пурмазмун, пурэҳсос, пуробуранг, ширинлафз, мавзун, дилнавоз ва форами модар-«Алла» оғоз меёбад.

«Алла»-и тоҷикӣ… матни ягона ё махсусро надорад, дар ҳар минтақаҳои ҷумҳурӣ модарон онро мувофиқи табъу завқи эстетикии худ… замзама мекунанд. Вале бояд гуфт, ки дар суруди «Алла» риояи як чиз ҳатмӣ мебошад. Ин ҳам бошад, лафзи ширин, гуворо ва орзуҳои модарӣ аст. Модарон дар орзуҳои худ ба тифли навзоди худ, пеш аз ҳама, сиҳату саломатӣ, далериву тавоноӣ ва чусту чолокӣ, пурдонӣ ва дигар сифатҳои наҷиби инсониро орзу мекунанд. «Алла»-ро умуман рози дили модарон метавон гуфт, дар он рӯҳия ва эҳсосоти модар, орзую умедҳои ӯ ифодаи худро меёбанд»[3.С.17].

«Алла» инчунин як навъ суруди иҷтимоист. Дар он модар баъзан гузаштаи ноҳамвори худро ба ёд меорад. Нисбат ба ҳаёти пешинаи худ муносибаташро баён мекунад, талхиҳои онро ба ашки сӯзони худ берун мекунад, мегиряд. «... Дар он завқи эстетикии модар инъикос меёбад. Модар тавассути суханони ширину оҳангноки худ дар тифли худ хислатҳои зебопарастиро ҷо мекунад»[3.С.18].

«Ҳангоми иҷрои суруди «Алла» на фақат сифатҳои… зебошиносии модар, балки ҳунари забондонии ӯ низ ошкор мегардад. Модар суруди «Алла»-ро бо кадом шева, лаҳҷа хонад хосиятҳои ҳамон шева ё лаҳҷа дар тафаккури кӯдак нақш мебандад»[3.С.19].

Барои ҳамин ҳам,педагоги даврони Шӯравӣ Н.К.Крупская ба инкишофи нутқи адабии кӯдак эътибори калон дода, таъкид карда буд, ки модарон дар оила, бо фарзандони худ бояд бо забони тоза ва буррои адабӣ гап зананд. Ба ақидаи ӯ «Забони модарӣ барои кӯдак аслиҳаи худифодакунӣ, воситаи баёни фикр ва руҳия мебошад»[3.С.20].

Дар «Алла»-и модар шевоӣ хеле хуб ба назар мерасад. Ба монанди: ҷони оча, тифли хонадони оча, ҷону дили оча, ороми ҷони оча, сарви равони оча, кафтаракам, оҳубаракам банди ҷонам, нури чашмонам, қобилакам, мақбулакам, дӯстрӯякам, қаймоқи рӯйи коса, дастёракам, даврони ҷонам, гандумаки баҳорӣ, дармони ҷонакам, зеби дастонам, чароғи хонадонам, далеру паҳлавонам, донояку кордонам ва ғайраҳо.

Ба ҳамин монанд модарон дар гӯшаву канорҳои гуногуни ҷумҳурӣ вобаста ба завқи эстетикӣ ва орзую омоли худ, дар суруди «Алла»-и худ ин ва ё он сифатҳои беҳтарини инсониро тараннум менамоянд. Чунки халқ боварӣ дорад, ки дар баробари суханони

дилфиребИ модар, ки дар «Алла»-и онҳо ифода меёбад, кӯдак пеш аз ҳама забони модарии худро аз худ менамояд ва ба воситаи онҳисси саховати инсонӣ, фаҳмидани зебоии ҳаёт ва ғайра дар онҳо инкишоф меёбад, ки ҳамаи ин дар якҷоягӣ ба инкишофи фикрии кӯдак мадад мерасонад.

- **Омӯхтан**, яъне азми таҳсил, ҳеҷ гоҳ дер намешавад, таъкид карда мешавад дар бисёр афоризмҳои халқӣ«Донишомӯзӣ охир надорад». Ибни Сино фармуда:

*То бад-он ҷо расид дониши ман,*
*Ки бидонам ҳаме ки нодонам.*

Ин бо ду маъно омадааст. Яке ба маънои он, ки дониш мисли баҳри беканор аст, барои ба гӯшае расидан тамоми умр шино кардан лозим меояд. Дуюм, дониш ҳадду канор надорад. Дар ҳақиқат ҳам ҳамин тавр аст. Вобаста ба пешрафти ҷамъият донишҳои нав ба нав пайдо мешавад. Бе ин пешрафти ҷамъиятро тасаввур кардан душвор аст. Натанҳо хурдсолон аз калонсолон меомӯзанд, балки акси инро ҳам мушоҳида кардан мумкин аст. Бо ақидаи халқ «Аз марди куҳансоле, ки як умр такя ба девор дошт аз ҷавони тамоми дунёро давр зада пурсидан беҳтар аст». «Ҷаҳон бинӣ-олам донӣ» садо медиҳад афоризми халқӣ таъкид мекунад, ки «Пурсидан айб нест», «Агар надонӣ пурсидан айб нест». Бо ҳамин барои тасаввуроти худро бо дониш бой гардондан, аз ҳамаи имкониятҳо истифода бурдан лозим аст. «Надонистан айб нест-напурсидан айб аст», «Аз надонистан ҳазар накун аз наомӯхтан ҳазар кун», таъкид шудааст дар панду маслиҳатҳои халқӣ.

- **Дониш-саховатмандӣ ва олиҳиматист**, агар он ба ҷамъият ва пешрафти инсоният хизмат кунад, (мадад расонад). Дар акси ҳол он бадбахтист. «Дониш дар дасти одами бад, мисли шамшери дар дасти шахси ҷоҳил аст»-садо медиҳад зарбулмасали халқӣ. Дар ҳақиқат, агар шахс бадтинат бошад, дониши ӯ барои одамон бадбахтӣ меорад. Чунки ӯ дониши худро ба муқобили ҳаёти осоиштаи одамон равона мекунад. Магар яроқи қатли Ом ба ин шаҳодат намедиҳад? Наход роҳи дигари наҷот додани одамон аз дигар забткунандагон вуҷуд надошта бошад. Наход барои якеро наҷот додан, дигареро қатл кардан лозим бошад? Дар ҳарду сурат ҳам ин қатл аст.

- **Халқ ақлу хирад, дониш, омӯзиш, маълумотро** тавсиф намуда, бесаводӣ, бемаърифатиро сахт маҳкум кардааст; Мо инро дар зарбулмасалу мақолҳои зерини халқӣ равшан мушоҳида менамоем. «Доно бояд, ки худро нодон шуморад ва он чи надонад, аз омӯхтани он нанг накунад», «Хондаатро магӯ, фаҳмидаатро бигӯ», «Хондан маърифат нахондан ҷаҳолат», «Ҳар кӣ нахонад, чӣ донад? Ва ҳар кӣ надонад, чӣ тавонад?», «Илме, ки ба роҳи рост набарад, гумроҳист» Бо ақидаи халқ: «Хизматгори шахси оқилу хирадманд будан, аз соҳиби коҳилӣ будан беҳтар аст», Чунки шахс аз хирадманд баҳрае бурда метавонад, аз коҳил чӣ? Фақат –ҷоҳилӣ, яъне аз коҳил ҷоҳилӣ меомӯзӣ. Ё худ «Аз ноқисақлу фаросат ва аз ҳардамхаёл шарму ҳаё умед макун», «Як рӯз бо доно будан, аз тамоми умр бо нодон будан беҳтар аст». Ва ё «Ҳаёти якрӯзаи доно, аз ҳаёти солиёни нодон беҳтар аст».

Умуман халқ симои шахси аблаҳро хеле устодона тасвир кардааст. «Одами бад чун каждум, заҳр медиҳад ба мардум», «Ба каримон овез, аз лаимон гурез», «Бад ба ситоиши аблаҳоннек нагардад ва нек ба накуҳиши (сарзаниши) муонидон бад нашавад» Ё худ:

*Он бувад аблаҳтарини мардон,*
*К-аз паи нафсу ҳаво бошад равон.*

* * *

*Эй бехабар, аз бехирадон шиква чӣ лозим?*
*Одам набувад он, ки зи ҳайвон гила дорад.*

* * *

*Айби худ аблаҳ набинад дар ҷаҳон*
*Бошад андар ҷустани айби касон.*

* * *

- **Халқ дар бораи мақоми муаллим дар тарбияи фикрӣ**суханҳои шоиста дорад. Зеро халқ шаъну шарафи муаллимро ҳимоя намуда, холисона мегӯяд: «Баҳри муаллим ҳатто ханҷарро ҳам фурӯ бурдан мумкин», «Касе, ки бо муаллими худ каҷ менигарад чашмонаш

пурхун мешавад». Халқ ба ҷойгоҳ ва мақоми муаллим дар таълиму тарбия баҳои баланд дода мефармояд, ки: «Равшании чароғ ба равған, дониши талаба ба муаллим вобастааст», «Ними қобилият аз таваллуд дода мешавад, ними дигараш ҳиссаи муаллим аст». Ё худ:

***Фаромӯш макун ҳаққи устоди илм,***
***Ки бар ҳиммати ӯст, бунёди илм.***
***Агар дар дилат меҳри устод нест,***
***Ба дасти умеди ту ҷуз бод нест.***

Ба андешаҳои зерини Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шароити имрӯзаи Тоҷикистони соҳибистиқлол таваҷҷуҳ намоед: «Мо заҳмати устодону омӯзгоронро ҳамеша баланд арзёбӣ мекунем ва ғамхориро дар ҳаққи онҳое, ки дар ин соҳа хизматҳои шоиста кардаанд, идома медиҳем»[2.С.6].

Ҷомеа ҳамеша хостгори муаллими серталабу ҳақҷӯ буда, ҷомеаи инсонӣ дар тулии ҳазорсолҳои таърих меҳнати омӯзгорро қадршиносӣ менамояд. Ба ҳамин маънӣ фармудаанд, ки «Серталабии муаллим аз навозиши падару модар беҳтар аст». Муносибати байни хонанда ва муаллим бошад дар афоризмҳои халқӣ хеле хуб ифода ёфтааст: «Талабаро дар ҳузураш, муаллимро дар ғоибаш» таъриф мекунанд». Мардум ҳамеша тайёр аст, ки баъзе нуқсони амали муаллимро бахшад, чунки муаллими ботаҷриба ҳам баъзан аз камбудӣ эмин буда наметавонад. Ба шарте, ки ин камбудӣ на аз рӯйи ҷоҳилӣ, балки камтаҷрибагӣ ва ногоҳ аз эҳтиёт накардан рух дода бошад, яъне ногаҳон содир шуда бошад. Вале рафтору кирдор ва гуфтори муаллим бояд бе нуқсон бошад. Чунки ӯ барои хонандагон намунаи ибрат аст, хонандагон кӯшиш менамоянд, ки ба муаллим пайравӣ намоянд. Аз ҷумла, ба донишдӯстӣ ва бомаърифатии ӯ, ба меҳнатдӯстиву серталабии ӯ ба ҳақиқатпарастӣ ва ҳақҷӯии ӯ ва ғайраҳо.

Дар системаи тарбияи фикрии хонандагон, дар педагогикаи халқӣ донистани анъанаҳои халқӣ, ки ба ҳаёт, ба амал, хусусан ба фаъолияти инсон, ба касбу кори ӯ вобаста аст, мақоми хосса дорад. Аз ҷумла, аз рӯйи боду ҳаво тахмин карда тавонистан ва вобаста ба он амал кардан. Чунки он аз таҷриба ва мушоҳидаҳои дуру дарози халқ ба вуҷуд омадааст. Дар асоси он халқ муайян кардааст, ки дар кадом вақт ба кадом кор машғул шудан муҳиму ва фоидаовар аст. Аз рӯйи ақидаи А.Э.Измайлов[4.С.189-190]. Халқ тақвими хосси худро маҳз ба ҳамин ҳадаф ба вуҷуд овардааст.Яъне саршавӣ ва ба охир расидани фаъолияти инсон ё худ дар кадом моҳ ба кадом кор машғул шуданро. Ин нишондодҳоро ӯ аз рӯйи тадқиқоти этнографии Н.А.Кисляков овардааст, ки донистани он дар тарбияи фикрии хонандагон аз аҳамият холӣ нест. Моҳҳо аз рӯи фаслҳои сол оварда шудааст. Чунончи, ба фасли баҳор инҳо рост меоянд: Ҳамал, Савр ва Ҷавзо ва муқоисаи онҳо ботақвими ҳозира (саршавии моҳҳо) Ҳамал 19 март, Савр 19 апрель, Ҷавзо - 20уми моҳи май рост меояд. Моҳҳои тобистон: Саратон, Асад ва Сумбула: Саратон 21 июн, Асад - 22 июл ва Сумбула- 22 август рост меояд. Моҳҳои тирамоҳ: Мизон, Ақраб ва Қавс. Мизон - 22 сентябр ,Ақраб- 22 октябр ва Қавс - 21 ноябр рост меояд. Моҳҳои зимистон Ҷаддӣ- 20 декабр Далв - 18 январ ва Ҳут ба 17 феврал рост меояд.

- **Дар системаи тарбияи фикрӣ дар педагогикаи халқӣ** ҷои муайянро **чистонҳо** ишғол мекард. Ҳанӯз аз сини 7-8 солагӣ бачагон чистон мегуфтанд ва ҷавоби чистонҳоро меёфтанд, хусусан доир ба растаниҳо, ҳайвонотҳо, доир ба олами кишвари худ, доир ба асбобу анҷоми маишӣ ва дигарҳо. Мисол, «об дар об чи бошад, ҳавзи гулоб чӣ бошад, оташ занад ях кунад, ӯро ҷавоб чи бошад» (тухм). Роҳ рави-роҳ меравад, исти-меистад, дар обтар намешавад, дар ҷари –ҷар намешавад» (сояи одам) ва ғайра.

- **Дар инкишофи нутқи кӯдакон тезгӯякҳо** мақоми муҳим доштанд. Хусусан тез ва бехато такрор кардани калимаҳои мураккаб, ки даҳҳо бор такрор карда мешуд. Агар ҳангоми такрори он хатое содир мекард, яъне калимаеро нодуруст талаффуз менамуд, ҷарима андохта мешуд. Дар асоси он ӯ хоҳиши дӯстон-рафиқонашро бояд иҷро мекард. Мисол дастонашро паси пушт гирифта хам шуда бо даҳонаш чӯбчаро мебардошт. Яъне кореро иҷро мекард, ки боиси хандаи иштирокчиён мешуд. Ғайр аз тезгӯякҳо боз ҳисобкунакро ба кор мебурданд.

Мисол: як бача, ду оча (модар), се хоҳар, чор бародар, панҷ абера, шаш набера, ҳафт пойафзол, ҳашт ҷома, нуҳ рӯймол, даҳ коса-муайян кунед, ки ҳама чандто мешаванд.

Чунин буданд баъзе нишонаҳо, расму одат, ки ҳангоми тарбияи фикрӣ истифода бурда мешуданд. Қисме аз онҳо равияи содалавҳонаи реалистӣ дошта,ҳанӯз дар сатҳи донишҳои ниҳоят сода қарор гирифта, илмӣ набуданд. Яъне фақат то андозае бо ҳақиқати илмӣ наздикӣ доштанд. Вале онҳо дар таълим ва инкишофи фикрии наврасон мақоми муайян доштанд.

- Халқ хеле хуб тасавур мекард, ки **инкишофи ақл (фикр)** на танҳо ба дониш, балки дар амал истифода карда тавонистани он ҳам вобаста мебошад. Дар асоси мушоҳидаҳои худ инсон дар бораи ягонагии ақл, ҳис ва шуур боварӣ ҳосил менамояд. Халқ боварӣ дошт, ки ақли (фикри) инсон аз маҷмӯи ақидаҳои ӯ иборат аст (ё таркиб меёбад). Шахси хирадманд ба воситаи ақлу хиради худ тамоми тамоилҳои ҳодисаҳои ҳаётро, фаро гирифта, роҳҳои ба мақсади наҷиби худ расиданро пайдо менамояд. Халқ ба қувваи ақлу хирад ва таҷрибаи худ такя намуда, приёмҳои хоси худро дар боби тарбияи фикрии наврасон ба вуҷуд овард, ки онҳо аз рӯйи моҳият ва маънои худ аз ақидаҳои мутафаккирони бузург мондани надошт.
- **Тарбияи фикрӣ дар системаи инкишофи ҳаматарафаи шахсият**яке аз вазифаҳои муҳимми мактабу оила ба шумор меравад. Ба тарбияи меҳнати диққати махсус додани мактаб, рӯ оварда ба алоқаи меҳнат бо таълими истеҳсолӣ боиси чуқур аз худ намудани дониш аз тарафи хонандагон мегардад. Яъне моҳияти донишро баланд мебардорад. Бе дониш инкишофи пуравҷи истеҳсолотро ба худ тасаввур кардан мумкин нест. Инчунин инкишофи илму техника ва технологияи муосир ҳам ба дониш вобастааст. Тарбияи фикрӣ ба тарбияи ахлоқӣ, меҳнатӣ, ҷисмонӣ, эстетикӣ ва дигарҳо алоқаи ногусастанӣ дорад.

Барои хуб таҳсил кардани насли наврас ва ҷавонон пеш аз ҳама қобилияти дарккунии онҳоро муайян карда дар онҳо нисбат ба фаъолияти интеллектуалӣ (фикрӣ) шавқу ҳавасро бедор намудан лозим аст. Дар заминаи он дар онҳо малакаҳои иҷрои кори мустақилонаро бояд ҳосил намуд. Ҳамин тавр, мақсади аз худ намудани дониш ин на муносибати формалӣ ба дониш, балки ҳаматарафа ва мустаҳкам аз худ намудани донишро дорад. Ин ҳоло кам аст. Аз худ намудани дониш моҳияти калони ҳаётӣ дорад. Аз ҷумла, методҳои аз худ намудани дониш, дар амал истифода бурда тавонистани он, ба эътиқоди чуқур ва ба аслиҳаи тафаккуру фаъолияти амалӣ табдил додани он чизи асосӣ мебошад.

Дар ҳозира дар шароити бетаҳхир васеъ шуда истодани ахбори илмӣ, на бо он муайян карда мешавад, ки чӣ қадар ҳаҷми донишро аз худ кардааст, балки бо маҳорати аз худ намудани донишҳои барои ӯ лозим, маҳорати истифода бурда тавонистани воситаҳои ёрирасони илмӣ-техникӣ, барои ҳалли вазифаҳои ҳаётӣ ва истеҳсолӣ муайян карда мешавад.

Танҳо бо ҳамин тавр эҷодӣ аз худ намудани дониш, имконият медиҳад, ки насли наврас ва ҷавонон бошуурона аз як шакли фаъолият ба шакли дигараш гузаранд ба ҳодиса ва воқеаҳои табиӣ ва ҷамъиятӣ дуруст сарфаҳм раванд ҳалли нави вазифаҳоро пайдо намоянд, аз тасаввуроти одӣ ба дарёфтҳои илмӣ қадам гузоранд.

**АДАБИЁТ:**

1. Х.Афзалов., Б.Раҳимов. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик. Душанбе, «Маориф» 1994.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Газ. Минбари Халқ. (26 декабри соли 2018).
3. Т.Атахонов., М.Лутфуллоев, Ф.Шарифзода. Очеркҳои афкори педагогӣ. Душанбе, 2005.
4. Б.Раҳимов., А.Нуров. Педгогикаи этникӣ ва халқии мардуми тоҷик. Душанбе, «Шарқи озод» 2008.
5. Н.К.Крупская. Педагогические счинения. Москва, 1959.

**Нуров А.**
**Нурзода М.**

## НАҚШИ ПЕДАГОГИКАИ ХАЛҚӢ ДАР ТАРБИЯИ ФИКРИИ НАСЛИ НАВРАС ВА ҶАВОНОН

Дар мақола нақши педагогикаи халқи (педагогикаи миллии тоҷик) дар тарбияи фикрии насли наврас ва ҷавонон дар асоси анъана, расму одат, арзишҳои миллию маънавӣ ба воситаи истифодаи зарбулмасалу мақол афсонаҳои халқӣ, чистон ва достонҳои халқӣ бо далелҳо возеҳ таҳлил шуда, муҳимияти мавзӯъ инъикос ёфтааст. Чунки дар давоми ҳазорсолаҳо педагогикаи халқӣ дар тарбияи инсон нақши калидӣ дошт ва имрӯз низ дар шароити ҷаҳонишавии тамаддунҳо боз ҳам мақому эътибори бештарро соҳиб аст. Бомаврид аст зикр намоем, ки дар педагогикаи халқӣ пеш аз ҳама ба тарбияи меҳнатӣ, ахлоқӣ, фикрӣ, зебоипарастӣ, ватандӯстӣ ва ҷисмонии наврасон ва ҷавонон диққати махсус дода мешуд. Дар мақола омадааст, ки барои мақом ва манзалати қувваҳои фикриро баланд бардоштан, моҳияти тарбияи фикриро дар ҳаёти инсон ва ҷамъият нишон додан лозим аст. Аз ҷумла, афкори халқ дар бораи мақоми тарбияи фикрӣ, ки дар шакли «ақлу хирад», «илму дониш» ифода шудааст, ки ба воситаи зарбулмасалу мақол, афоризмҳои халқӣ, анъана, расму одат, афсона, чистон, достонҳои халқӣ, арзишҳои миллӣ инъикос ёфтааст, ки ин ҳама дар ташаккули тафаккур ва ғани сохтани афкори маънавии мардум саҳмгузор шудаанд. Маҳз ҳамин боис гардид, ки педагогикаи халқӣ роҳҳои нави тарзи тарғиби тарбияи фикриро ҷустуҷӯ намояд, пайдо кунад, то ки дар кори таълиму тарбия, самараи кори падару модар, мураббиён, омӯзгорону устодоне, ки ба таълиму тарбияи насли наврас ва ҷавонон машғуланд, самараи бештар ба бор орад.

**Вожаҳои калидӣ:** Педагогикаи халқӣ сарчашмаи асосии тарбияи фикрӣ, ақлу хирад, илму дониш, моҳияти таълим, бошуурона азхуднамудани дониш, китоб сарчашмаи дониш, забон, омӯхтан, тарбияи фикрӣ дар системаи инкишофи ҳаматарафаи шахсият.

**Нуров А.**
**Нурзода М.**

## РОЛЬ НАРОДНОЙ ПЕДАГОГИКИ В УМСТВЕННОМ ВОСПИТАНИИ ПОДРАСТАЮЩЕГО ПОКОЛЕНИЯ И МОЛОДЁЖИ

В статье анализируя с фактами роль народной педагогики (таджикская национальная педагогика) в умственном воспитании подрастающего поколения и молодёжи на основе традиции, обычаев, национально - нравственных ценностей путём использования пословицы и поговорок, народных сказок, загадки и народных легенд отображена актуальность темы. Так как в течение тысячелетия народная педагогика имела в воспитании человека ключевую роль, и сегодня тоже в условиях глобализации цивилизаций ещё больше имеет место и уважение.

Считаем своевременным подчеркнуть, что в народной педагогики, прежде всего, давалось особое внимание на трудовое, моральное, умственное, эстетическое, патриотическое и физическое воспитание подрастающего поколения и молодежи.

В статье говорится, что для повышения роли и достоинства уместных сил, необходима, показать сущность умственного воспитания в человеческой жизни и обществе. В том числе выражена народная мысль о роли умственного воспитания в форме «разум», «наука и знания», которая посредством пословиц и поговорок, народных афоризмов, традиций, обычаев, сказки, загадки и народных ценностей, всё это, всё этот оставил вклад в формировании сознания и обогащения нравственной мысли народа именно это позволяло народной педагогике искать новые пути и способы пропаганды и определения умственного воспитания, чтобыприносили результат в деле обучения и воспитания, в пользу работы родителей, воспитателей, учителей и наставников, которые занимаются обучением воспитания подрастающего поколения и молодежи.

**Ключевые слова:** Народная педагогика, основной источник, умственного воспитания, разума, знания, сущность обучения, разумное изучения, умственное воспитания в системе всесторонней личности.

**Nurov A.**
**Nurzoda M.**

## THE ROLE OF NATIONAL PEDAGOGIC IN INTELLECTUAL EDUCATION OF RISING GENERATION AND YOUTH

In the article analyzing with the facts the role of national pedagogic (the Tajik national pedagogic) in intellectual education of rising generation and youth on the basis of tradition, customs, national - moral

values by use of a proverb and sayings, national fairy tales, a riddle and national legends is expressed the actuality of a theme. As within a millennium the national pedagogic had a key role in education of the person, and today in the conditions of globalization of civilizations also it has a considerable respect and place.

We consider that it is high time to underline, that in the national pedagogicfirst of all paid the special attention to the labour, moral, intellectual, aesthetic, patriotic and physical educationof rising generation and youth.

In article it is said, that for increase of a role and advantage of intellectual forces, it is necessary to show essence of intellectual education in a human life and a society. Including the national idea about the role of intellectual education in shape "mind" is expressed, «science and knowledge» which by means of proverbs and sayings, national aphorisms, traditions, customs, a fairy tale, a riddle and the national values and all these has contributed to the formation of consciousness and enrichment of moral thought of the people and namely this directed national pedagogic to search for new ways and ways of propagation and definition of intellectual education that brought result in training and education sphere, in favour of work of parents, tutors, teachers and instructors which are engaged in training of education of rising generation and youth.

**Key words:** national education, the main source of mental education, intelligence, knowledge, nature of learning, rational learning, mental education in the comprehensive system of personality.

**Сведения об авторах:**

**Нуров Абдулбоқӣ -** доктор педагогических наук, профессор кафедры педагогики и психологии, Таджикский государственный педагогический университет имени С.Айни, A.Nurov.53@mail.

**Нурзода Мехрафруз -** ассистент кафедры европейского исследования, Таджикский национальный университет

**Information about the authors:**

**Nurov Abdulbok**i - doctor of pedagogical Sciences, Professor of the Department of pedagogy and psychology, Tajik state pedagogical University named after S. Aini A. Nurov.53@mail.

**Nurzoda Mehrafruz** - assistant Department of European studies, Tajik national University.

**С. УСМОНОВ**

# НАҚШИ МУҲИТ ДАР ТАШАККУЛИ ТАРБИЯИ ҶАВОНОН

Тадқиқоти илмӣ ва таҷрибаҳои зиндагӣ собит мекунанд, ки омилҳои инкишоф ва ташаккулёбии тарбияи наврасону ҷавонон – аломатҳои биологӣ (ирсият), муҳит (табиӣ ва иҷтимоӣ) ва таълиму тарбия буда, ин омилҳо на фақат байни ҳамдигар алоқамандии зич доранд, балки ба ҳамдигар таъсири худро мерасонад. Бояд дар хотир дошт, ки асоси ташаккули тарбия вобаста ба муҳити тарбия аст.

Таълим ва тарбия яке аз рукнҳое мебошанд, ки дар ҳамбастагӣ амалӣ мегарданд ва дар доираи муҳит ва талаботи ҷамеа сурат мегиранд. Масъалаи ташаккул додани ҳисси худшиносӣ, накӯӣ ва муносибати нек ин амали якҷояи се ниҳоди асосӣ оила, мактаб ва аҳли ҷомеа мебошад.

Мавриди зикр аст, ки дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи ташаккули шахсият хусусан тарбияи наврасону ҷавонон эътибори махсус дода мешавад. Аз ҷумла қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” (17-майи соли 2004, №34), “Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон” (аз 3-юми майи соли 2002, №200), “Консепсияи миллии тарбия” (3-юми марти соли 2006) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» моро вазифадор менамояд, ки нисбат ба кори таълиму тарбияи наврасону ҷавонон муносибати ҷиддӣ намоем. Қонуни мазкур на танҳо падару модар, балки роҳбарони муассисаи таълимии ҳама зинаҳои таҳсилот, омӯзгорон,ҷомеа ва давлатро вазифадор менамояд, ки ба масъалаи таълиму тарбияи насли наврас диққати махсус диҳанд.

Тарбия падидаи иҷтимоӣ, рӯҳӣ, фарҳангӣ ва педагогӣ буда, барои танзими ҳаёти инсон ва пешрафти ҷамъият хизмат мерасонад. Вай ҳамчун фаъолияти мақсадноки инсон барои рушди ҳади аксари шахс ва ворид шудани ӯ ба ҷараёни зиндагии воқеӣ ва бунёди ҳаёти маданӣ, ки худ субъекти он қарор мегирад, равона карда мешавад.

Инсон, ки ҷузъи таркибии ҷамъитят ва табиат аст, наметавонад аз он берун бошад. Худи муҳит, ё ҳаёти фаъоли ҷамъият мактаби бузурги тарбия аст. Инсон дар ҳолате аз муҳит меомӯзад, ки худаш фаъол бошад. Таъсири тарбия ба ҳамин гуна шахс бештар аст. Дар ин сурат муҳит чунин шахсро ҳам ташаккул медиҳад, ҳам зиндагиашро мақсадноку пурмазмун мегардонад. {1- саҳ. 52}

Дар баробари тараққиёти истеҳсолоти ҷомеа ва мураккаб гаштани муносибатҳои иҷтимоӣ нақши тарбия меафзояд. Дар ҷараёни тарбия фосила ва фориғболӣ буда наметавонад. Мунтазам дар шароити кунунӣ бидуни таълиму тарбияи бардавом ва махсус дар зиндагӣ иштирок намудани инсон мушкил аст. Тарбия ба сифати воситаи ҳалкунанда баромад мекунад, тавассути он барномаи инкишофи иҷтимоии шахсият, рушди қобилият ва аломатҳои модарзодии такмил меёбад.

Инсон аз ибтидо роҳҳои мураккабу тӯлониро тай намуда, рушду камол меёбад. Инкишофи шахсият, ин ҷараёни дигаргунии миқдорӣ ва сифатӣ буда, он бо ду намуд зоҳир мегардад – тағйироти анатомӣ – физиологӣ, яъне инкишофи ҷисмонӣ: қад, мушакҳо, вазн, сохти бадан, гардиши хун ва ғайра. Дигар ин ки тағйирёбии рӯҳӣ – психологӣ: инкишофи тафаккур, ҳофиза, диққат, хотира, захираи луғавӣ, нутқ, ва ғайра. мансубанд. Дар ин ҳарду намуди инкишоф ва ташаккулёбии шахсият омилҳои номбурда нақши муайяне мебозанд. Аз тарафи дигар ташаккулёбии шахсият аз омилҳои ирсият, муҳит ва тарбия сахт вобастагӣ дорад. {8- саҳ. 35}

Инҳо сифатҳои маънавии шахсанд, ки баробари тарбия гирифтан ҳамзамон рушд ва ташаккул меёбад.

Ҳамин тавр таҷрибаи сиёсӣ, амалӣ, ҳаётӣ ва маданию маънавӣ низ модарзодӣ нестанд. Ин сифатҳо дар тӯли ҳаёти шахс ба даст меоянд ва унсурҳои таркибии фаъолияти ӯро ташкил медиҳанд.

Ирсият (наслият). Хусусият ва аломатҳои ҷисми зинда, ки таърихан ва тадриҷан аз насл ба насл гузариш мекунанд, ирсият ном дорад. Ирсият хусусиятҳои генетикии дар

инсон вуҷуддоштаро инъикос намуда, аз волидон ба фарзандон гузаштани хусусият ва аломатҳоро ифода мекунад. Ген (аз калимаи юнонӣ ген гирифта шуда, маъноаш – таваллудёбӣ) – омили таъмини ирсият аст. Илми муосир исбот кардааст, ки организм ба худ хосси рамзи генӣ гирифта, он хислати нигоҳдорӣ ва ба насл гузарониро дорад. Далелҳое ба даст оварда шуданд, ки бисёр ҷойҳои нофаҳми педагогика дар бораи инкишофи шахсият ба таври нав фаҳмиданро талаб мекунад.

Барномаи инкишофи ирсияти инсон ба худ қисми муқарраркунӣ ва дигаргуншавии умумиро мегирад, ки одамро одам мегардонад. Аз волидон аломатҳои зоҳирӣ: хусусиятҳои андом, қаду баст, ранги пӯст, мӯй, чашм; аз хусусиятҳои ботинӣ: системаи асаб, гурӯҳи хун ба фарзандон мегузарад. Аз волидон боз касалиҳо (саратон, касалии хун, диабети қанд, майзадагӣ, нашъамандӣ) низ ба насли наврас сироят мекунад.

Ҳар одами солимақл бо муғҷаҳои муайяни қобилият (баъзеҳо бо аломатҳои истеъдод) тавлид меёбад, ки шукуфонидани он муғҷаҳо аз шароити зиндагӣ, муҳити тарбия, талабот ва саъю кӯшиши худи шахс вобаста аст. Шароиту имконияти мусоид бошаду худи шахс кӯшиш накунад, қобилият ва истеъдод нашукуфта мемонад.

Аммо ақлу шуури инсон, маданияту фарҳанги ӯ аз ирсият вобастагӣ надошта, маҳз ба барномаи инкишофи ҷомеа ва тарбия тааллуқ дорад.

Дар зери таъсири муҳит ва атрофи солим инсон ба тағиротҳои фарҳангӣ ва маданию маишӣ дохил гардида, заминаҳои инкишофи шахсияти ӯ пайдо мегардад.

Дар бобати муайян кардани аломатҳои истеъдоди баланд байни намояндагони гуногуни соҳаи педагогӣ мухолифате вуҷуд надорад.

Баъзеҳо махсусан бо аломатҳои истеъдоди баланди табиӣ ба олам меоянд ва исбот карда шудааст, ки шахсиятҳои дорои истеъдоди муайян ба натиҷаҳои хеле баланд ноил мегарданд ва ба соҳаи интихоб кардаи фаъолияташон бо суръати тез пеш мераванд. Онҳое, ки ниҳоят чунин аломати баланди истеъдод ва маҳорат доранд, хеле бармаҳал қобилияташонро зоҳир менамоянд. Истеъдоди махсус дар фаъолияти мусиқӣ, бадеӣ, риёзиёт, физика, кимиё, варзиш ва ғайра зоҳир мегардад ва рушду нумӯи онҳо дастгирӣ ва ҳамкории педагогиро мехоҳанд.

Пайдо кардани истеъдод, маҳорат, малака ва ташаккули шахсияти ҷавонон, алалхусус хонандагону донишҷӯён аз муҳити таълимгоҳ ва маҳорати касбии омӯзгорон ниҳоят вобастагии зиёд дорад. Вале афсус, ки на ҳама омӯзгорон дилсӯзу ғамхор ва аз уҳдаи касби боифтихори худ баромада метавонад.

Аз тарафи дигар, паст будани масъулияти қисман падару модарон дар таълиму тарбияи фарзанд мушоҳида мешавад. Ҳол он ки падару модарони арҷманд аз рӯйи рисолати муқаддаси худ- фарзанди худро дар рӯҳияи поктинативу зебопарастӣ, худогоҳӣ, башардӯстӣ, инсонпарварӣ ва ободкорӣ тарбия намояд.

Инсон маҳз дар ҷараёни муҳити иҷтимоӣ, яъне равобит ва ҳамкорӣ бо дигар одамон шахсият мегардад. Одамро ҷомеа одам мегардонад ва берун аз муносибатҳои ҷамъиятӣ инсон вуҷуд дошта наметавонад.

Ба ташаккулёбии тарбияи ҷавонон шароити гуногуни берунӣ, аз ҷумла муҳити географӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, мактабӣ, оилавӣ таъсир мерасонад.

Муҳити географӣ, муҳити табиӣ, маҷмӯи шароити табиӣ, ғайри дахолати инсон, барои ҳаёти тамоми мавҷудот, аз он ҷумла инсон, мусоидат мекунад.

Муҳити табиӣ дар инкишофи рӯҳии шахсият омили ҳалкунанда шуда наметавонад, зеро дар байни тамоми ҷонзот танҳо инсон қобилияти ақлона инкишофёбӣ дорад, ки инро муҳити иҷтимоии солим ва омили тарбия уҳда карда метавонад.

Дар фаҳмиши муҳити иҷтимоӣ сохти оммавӣ, муносибатҳои системаи истеҳсолот, шароити моддии зиндагӣ, хусусиятҳои ҷараёни истеҳсолот, раванди иҷтимоӣ ва дигарҳо дохил мешаванд.

Инсон аз муҳити иҷтимоӣ дар робита бо дигарон, тарзи муомила, ҳарфзанӣ, тафаккуру ақидаронӣ ва амсоли инҳоро ёд мегирад.

Аммо муҳити иҷтимоӣ ҳам тавассути гурӯҳҳои носолим метавонад таъсири манфии худро ба монанди қиморбозӣ, майзадагӣ, нашъамандӣ, ғоратгарӣ, мардумозорӣ, бесаводӣ, шомил гардидан ба гурӯҳҳои ифродгаро ва ғайра расонад.

Бояд дар хотир дошт, ки яке аз омилҳои асосии тарбияи ҷавонон ва ташаккули шахсият вобаста ба муҳити тарбия аст.

Инсон, ки ҷузъи таркибии ҷамъитят ва табиат аст, наметавонад аз он берун бошад. Худи муҳит, ё ҳаёти фаъоли ҷамъият мактаби бузурги тарбия аст. Таъсири тарбия ба ҳамин гуна шахс бештар аст, вай дар ин сурат инсонро ҳам ташаккул медиҳад, ҳам зиндагиашро мақсадноку пурмазмун мегардонад.

Бо баробари тараққиёти истеҳсолоти ҷомеа ва мураккаб гаштани муносибатҳои иҷтимоӣ мунтазам нақши тарбия меафзояд. Тарбия ҷараёнест, ки аз батни модар оғоз ёфта то рӯзҳои вопасини ҳаёт давом мекунад.

Ҳамин тавр, дар инкишоф ва ташаккулёбии тарбияи наврасону ҷавонон аломатҳои инфиродӣ таъсири омилҳои ирсият ва муҳит накши асосӣ мебозад. Таълим ва тарбия бо мурури замон мамониятҳои муҳити табиӣ, таъсири манфии гурӯҳҳои носолими иҷтимоӣ ва ҳамчунин дар тарбияи фарзандон саҳву хатоҳои оилавиро низ рафъ ва ислоҳ мекунад.

Умуман тарбия ин пур кардани камбудиҳои барномаи инкишофи инсон аст. Дар шароити имрӯза раванди таълиму тарбия ниҳоят пеш рафтааст ва яке аз вазифаҳои басо муҳими он ин муайян кардани майл ва қобилияти фитрӣ, инкишоф додани хусусиятҳои инфиродӣ, қобилияту имкониятҳо мебошад.

Тамоми тадбирҳоро бояд андешид, то ки насли наврас, алалхусус ҷавонон, ҳамчун шахсиятҳои арзанда, созандаю бунёдкор ташаккул ёбанд ва дорои маърифати баланд ба камол расанд.

**АДАБИЁТ:**

1. Лутфуллоев М. Педагогикаи башар. Душанбе, 2008.
2. Лутфуллоев М. Дидактикаи муосир. – Душанбе, 2001.
3.Луғати тафсирии истилоҳоти педагогика. – Душанбе, 1988.
4.Раҳимов Х. Педагогика. – Душанбе, 1997.
5.Раҳимов Х., Нуров А. Педагогика. – Душанбе, 2000.
6.Филонов Г. Н. Формирование личности: проблема комплексного подхода в процессе воспитания школьников. – Москва, 1983.
7.Лутфуллоев М Истиқлолияти Тоҷикистон ва Маорифи навин Душанбе 2006
8.Усмонов С Тарбия ва рушди ҷомеа. Душанбе, 2015.

**Усмонов С.**

## НАҚШИ МУҲИТ ДАР ТАШАККУЛИ ТАРБИЯИ ҶАВОНОН

Дар мақола сухан дар бораи он меравад, ки тадқиқотҳои илмӣ ва таҷрибаҳои зиндагӣ собит намудааст, ки омилҳои инкишоф ва ташаккулёбии тарбияи наврасону ҷавонон – аломатҳои биологӣ (ирсият), муҳит (табиӣ ва иҷтимоӣ) ва таълиму тарбия буда, ин омилҳо на фақат байни ҳамдигар алоқамандии зич доранд, балки ба ҳамдигар таъсири худро мерасонад. Дар ташаккули тарбияи ҷавонон шароитҳои гуногуни берунӣ, аз ҷумла, муҳити географӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, мактабӣ, оилавӣ нақши бориз дорад.

Муҳити географӣ, муҳити табиӣ, маҷмӯи шароити табиӣ, ғайри дахолати инсон, барои ҳаёти тамоми мавҷудот, аз он ҷумла инсон, мусоидат мекунад. Дар фаҳмиши муҳити иҷтимоӣ сохти оммавӣ, муносибатҳои системаи истеҳсолот, шароити моддии зиндагӣ, хусусиятҳои ҷараёни истеҳсолот, раванди иҷтимоӣ ва дигарҳо дохил мешаванд. Инсон аз муҳити иҷтимоӣ дар робита бо дигарон, тарзи муомила, ҳарфзанӣ, тафаккуру ақидаронӣ ва амсоли инҳоро ёд мегирад.

Бояд дар хотир дошт, ки яке аз омилҳои асосии тарбияи ҷавонон ва ташаккули шахсияти онҳо вобаста ба муҳити тарбия аст.

**Калидвожаҳо:** Ирсият, ген, нашъамандӣ, муҳити табиӣ, муҳити ҷуғрофӣ, тафаккур, хотира, анатомӣ, физиологӣ

**Усмонов С.**

## РОЛЬ СРЕДЫ В ВОСПИТАНИИ МОЛОДЁЖИ

Научные исследования и жизненная практика подтверждают, что факты формирования и развития личности-биологические черты (наследственность), природные, общественное и учебно-воспитательные не только тесно связны друг с другом, но т влияют друг на друга.

Развитие личности-это процесс качественных и количественных изменений, который проявляется в двух типах изменений- анатомических или физиологических: рост, мускулатура, вес, телосложение, кровообращение и др. Другой тип изменений- психологический: развитие мышления, памяти, внимания, сознания, словарного запаса, речи и др.

С другой стороны формирование личности тесно связно с факторами наследственности, среды и воспитания. Это духовные качества личности, которые формируются и развиваются одновременно с воспитанием.

На формирование воспитание молодёжи влияют многочисленные внешние условия, в том числе географическая среда, экологические, общественное, образовательные и семейные факторы.

**Ключевые слова:** ген, развития, способности, умения, физиология, влияния жизни семьи, талантливость.

**Usmonov S.**

## THE ROLE OF ENVIRONMENT IN YOUTH'S EDUCATION

The research Scientifics and the life of practice in confirmed that the factors of forming and the personal of develop – biology features (heredity), natural, social and education not only narrowly connected but (have) in flounce each others.

The personal – it is a process quality and number of modification, which displayed on two types of modification (change) – anatomical or physiological: height, muscular, weight, frame, circulation of the blood and etc. Another type of modification – psychological: to develop of thinking (mentality), recollection, attention (care), sense, vocabulary, speech and etc.

From the another side of personal forming are narrowly connected with the heredity of factors, environment and education (training). This is the personality of spiritual quality which be formed and developed at the same time with educations.

In the forming of personal have influence numerous external conditions, such as geographic environment, economic, social (public), educational and family factors.

Key words: heredity, gene, drug (narcotic), environment nature, geographical environment, notion, sense, anatomical, physiological.

**Key words:** gene, development, abilities, skills, physiology, influence of family life, talent.

**Сведения об авторе: Усмонов Субҳон** - кандидат педагогических наук, и.о доцент кафедры языков и гуманитарных предметов Таджикского государственного института изобразительного искусства и дизайна.

**Адрес:** 734019,Таджикистан, г. Душанбе, Сино улица Яккачинар 142/2 тел: 987259899

**Information about author: Usmonov Subhon,** the stat institute of fine art and Design of Tajikistan, candidate of pedagogical science, docent of the Languages and Humanities chair. **Address.** 734019 Tajikistan, Dushanbe city, Sino region Yakachinor street 42/2.

Telephone: 987259899

Б. МАҶИДОВА
М. БОБОЕВА

# ТАРБИЯИ КӮДАКОН БИДУНИ ХУШУНАТ ВА ШАКЛҲОИ ЗУҲУРЁБИИ ОН

Оила ҳамчун падидаи иҷтимоӣ муносибатҳои зану шавҳарӣ, хешутаборӣ, муносибатҳои иқтисодии оилавӣ, ташаккул ва рушди шахс, масъулият ва уҳдадории байни аъзои оиларо дар асоси қоидаҳои одобу ахлоқ ва талаботи муайяни қонунгузорӣ бидуни хушунат ва зӯроварӣ ба танзим медарорад. Чунки инсон нахустин асосҳои феълу атвор, рафтор, кирдор, муносибат ба худ ва дигарон, муносибат ба меҳнат, муносибат ба ҳаёти ҷомеаро маҳз аз оила мегирад. Оила ба никоҳ асос ёфта, аз рӯйи муҳаббати пок, баробарҳуқуқии зану мард дар муносибатҳои оилавӣ, давом додани насл, таълим ва тарбияи дурусти фарзандон ва аъзои оила фаъолият менамояд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пешгирӣ кардани хушунати хонаводагӣ як қатор ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва қонунҳои амалкунандаро аз қабили Қонуни Ҷумухурии Тоҷикистон "Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи кафолатҳои баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробарии амалигардонии онҳо" ва ғайраҳоро қабул кардааст. Бо такя ба ин санадҳои амалкунанда Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешгирӣ кардани ҳамагуна зӯроварӣва хушунат дар оила аз тарафи созмонҳои масъул ва босалоҳият чораҳои мухталифи ҳуқуқӣ ва маъмурӣ андешида, барои муайян кардани монеаҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, таълимӣ, ва дигар омилҳое, ки садди роҳи таъмини баробарҳуқуқии воқеӣ мегардад, чораҳои зарурирo роҳандозӣ менамояд.

Оила низ ячейкаи давлат мебошад, бинобар ин, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои аъзои оила, зану мард, фарзандон ба сарвари хонавода вобастагии амиқ дорад. Боиси таассуф аст, ки бештари вақт хушунат ва зӯроварӣ маҳз аз ҷониби сарварони хонавода ба назар мерасад.

Ҷиҳати бартараф кардани ин падидаи номатлуб бояд дар мадди аввал донишҳои ҳуқуқии аъзои оиларо такмил дода, моҳияти ҳуқуқи кӯдак, дастгирӣ ва эътироф шудани ҳуҷҷати байналмилалӣ; Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шудааст, Қонуни Ҷумуҳурии Тоҷикистон "Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила" ба сарварони оила манзур гардонида шавад.

Баъд аз таваллуди тифл дар оила муҳимтарин мавзӯъ нигаҳдорӣ ва тарбияти кӯдак аз ҷониби падару модар ва калонсолони оила ба ҳисоб меравад. Падару модар на танҳо дар нигоҳубини тифл масъуланд, балки дар тарбияи фарзанд бояд ҳамкорӣ ва ҳамфикрӣ намоянд.

Паст задании мавқеи зан дар оила, тафриқгузории ҷинсии фарзандон, зӯроварӣ дар оила, кирдори зиддиҳуқуқии бад қасдонаи дорои хусусияти ҷисмонӣ, руҳӣ, шаҳвонӣ ё иқтисодӣ, ки дар доираи муносибатҳои оилавӣ аз ҷониби як узви оила нисбат ба дигар узви оила содир шуда, боиси поймол шудани ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, расонидани дарди ҷисмонӣ ё зарар ба саломатии ӯ мегардад ё таҳдиди расонидани чунин зарарро ба вуҷуд меорад.

Аз кӯдаконе, ки ниёзҳои аввалия ва ҳуқуқи асосиашон баҳравар нашудаанд, наметавон интизор дошт, ки баъди ба камол расидан шахсиятҳои алоқаманд ба ҳуқуқи дигарон бошанд ва ба ҳуқуқи дигарон эҳтиром бигзоранд.

Ба андешаи М. Лутфуллоев тарбияи шахси башардӯст аввал дар оила оғоз ёфта, дар муассисаҳои таълимӣ ва ҷойҳои ҷамъиятӣ идома меёбад. Башардӯст будани инсон ва шаҳрванд дар муносибат ба волидон, хешу табор, ҳамдарсон, омӯзгорон, ёру дӯстон, ашхоси ношинос, намояндагони халқу миллатҳои ғайр зуҳур меёбад.

Тарбияи инсонгароӣ ва ҳамаи дигар сифатҳои ахлоқӣ-иродавӣ аз хурдсолӣ ба кӯдакон тавассути машғулиятҳои амалӣ дар муассисаҳои томактабӣ, дар муасисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар дарс ва чорабиниҳои беруназсинфӣ дар асоси талаботи стандарти давлатӣ ва барномаҳои таълиму тарбиявии фанни омӯзонида мешаванд.

Тарбияи меҳрубонӣ, эҳтироми калонсолон хурдсолон, барқарор кардани муносибати аҳлона бо ҳамсолон, муошират ва сӯҳбати маърифатнок асоси тарбияи гуманистиро ташкил медиҳад, ки он бояд ба кӯдакон вобаста ба имкониятҳои синнусолӣ, рушди имкониятҳои ақлию зеҳнӣ, дараҷаи азхудкунии таҷрибаи ахлоқӣ пешниҳод гардад.

Он аз давраи томактабӣ оғоз гардида тибқи талаботи барномаи таълиму тарбияивии муассисаҳои томактабӣ дар баробари ба таълим фаро гирифтани кӯдакон тарбияи ахлоқии онҳоро таъмин менамояд. Ба мураббиёни кӯдакистонҳо дар раванди таълиму тарбия маълум мегардад, ки ҳар кадом кӯдакони гурӯҳ дар кадом вазъи оилавӣ ба камол мерасанд. Аз муносибати кӯдакон муайян мегардад, ки фазои хонаводагӣ зери хушунату зӯроварӣ қарор дорад ё ин ки баракс. Чунки кӯдакони дар фазои хушунатбор ба камол расида, асосан маюсу озурдахотир ва ё ин ки асабиву зӯровар буданашонро дар раванди бозӣ ё муошират ба ҳамсолон ифода мекунанд.

Мушоҳида, суҳбат бо кӯдакону волидон нишон медиҳанд, ки аксари онҳо худ аз роҳҳои оддитарини тарбияи бидуни хушунат, пешгирии зӯроварӣ дар оила, тарбия ва нигоҳубини ҷисмонии кӯдак, муҳофизати аломатии равонию ҷисмонӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои ҳамдигар, ташаккул додани шахсияти кӯдак ҳамчун фарди арзишманду нотакрор донишҳои зарурӣ надоранд.

Дар ҳолати ба вуҷуд омадани низоъ, бархурди андешаю ақидаҳо, манфиатҳо хушунати падару модар нисбат ба якдигар ба рафтори фарзандон низ таъсир мерасонад ва кӯдакон қурбонии муносибатҳои хушунатбор ва фазои хушунатомез дар муҳити хонавода мешаванд. Кӯдакони дар муҳити хушунатовару бешавқат ба камол расанда бо хусусиятҳои фардии худ аз ҳамсолон фарқ мекунанд. Онҳо дар сӯҳбату бозӣ ҳамеша ба суханони ҳамсолони худ мухолифат мукунанд, вобаста ба ҳар масъалаи ба миёномадаи ночиз таҳдиду зӯроварирo истифода карда, хархашаю занозанӣ менамоянд, асабонӣ мегарданд, монеаи муҳити солими маънавӣ мешаванд.

Дар ин табақаи кӯдакон хусусиятҳои рафторӣ эго-ман бештар ба назар мерасад ва онҳо қобилияти бо ҳамсолон хайрхоҳона муносибат кардан, бозичаҳоро ба хурдсолон додан ва ё тақдим кардан, ба якдигар ёрӣ расондан, муносибати эҳтиромона ба калонсолон зоҳир карданро надоранд. Дар ҳама ҳолат барои қонеъ кардани талаботи худ фишор, зӯроварӣ ва хушунатро ба ҳамсолон ва беэътиноиву эркагиро нисбат ба калонсолон истифода менамоянд.

Ба андешаи муҳаққиқон, нафароне ки дар хонавода зери хушунат қарор гирифтаанд, минбаъд дар марҳилаҳои минбаъдаи зиндагии худ онро ба дигарон интиқол медиҳанд. Хушунат дар зеҳн ва шахсияти ӯ ба амали ҳатмӣ ё худ доимӣ, табдил мешавад. Дар зеҳн кӯдак дар сурати ҳақ нашуморидани ӯ аз ҷониби калонсолон ва ҳамсолон ба дигарон ҳамла мекунад ва агар назари ӯро қабул накунанд, ҳатто дигаронро мавриди зарбу ситам қарор медиҳад.

Дар дуюмин марҳила кӯдак вориди мактаб мешавад. Дар ин муҳит шаклҳои дигари хушунатро мушоҳида ва таҷриба мекунад. Масалан, ҳангоми надодани вазифа ӯ сазовори танбеҳ мешавад. Шахсияти ӯ ҳангоми танбеҳ осеб мебинад ва ӯ имкон дорад хушунатеро, ки нисбат ба ӯ раво дидаанд, муқобили дигарон истифода барад.

Поймол шудани ҳуқуқи кӯдакон, раво дидани хушунат аз ҷониби калонсолон илова бар ранҷи шахсии онон дар хурдсолӣ, сабаби пайдоиши изтиробу ноамнии ҷомеа ва бурхурдҳои зиддиятомези онҳо бо аҳли ҷомеа дар бузургсолӣ мегардад.

Пас, бояд гуфт, ки оё кӯдакони ҷаҳон аз ҳамаи он чизе ки шоистаи он мебошанд, бархӯрдоранд? Оё ҳамаи кӯдакон аз эҳтиром, дӯстӣ таълиму тарбия, амнияти иҷтимоӣ, таъмини хӯрока ва беҳдошти муносиб, ҷойи зист, шодмонӣ ва ҷумлаи ҳимоятҳое, ки бояд аз ин гурӯҳи инсонҳоиояндасозу таърихсоз ба амал ояд баҳраманданд? Оё фақириву,

гуруснагӣ, зулм, истисмор, беморӣ, ҷанг, зӯроварии ҷисмонӣ ва равонӣ аз дунёи маъсумонаи кӯдакон дур гаштааст?.

Андеша меравад, ки сабабҳои зиёдшавии хушунат, ифротгароӣ ва зӯроварӣ дар ҷомеаи муосир тарбияи номукаммали кӯдакон аз ҷониби калонсолон мебошад.

Поймолшавии ҳуқуқи кӯдак аз ҷониби оила ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилотӣ боис гаштааст, ки кӯдакон дар чунин рӯҳияи носолим ҳамчун шахсиятҳои зараррасон дар ҷомеаи ба камол расанд. Дар ин росто Саъдии Шерозӣ бар ҳақ таъкид кардааст:

*Занонро лутфу хушхуйист даркор,*
*Чу тифлонро бувад шавқат сазовор.*

Имрӯз зоҳиршавии хушунат дар раванд таълиму тарбияи кӯдакону волидони онҳо, омӯзгорони аҳли ҷомеа амали пинҳон нест. Паст задани шахсияти кӯдакону наврасон, масхараю мазоқ кардан, лақабгузорӣ, маҳрумсозӣ аз бозию фаъолиятҳои якҷоя бо ҳамсолон ситезаю изтеҳзо, беаҳамиятӣ нисбат ба талаботу хоҳиши психофизиологӣ, маҳрумкунӣ аз муошират, дағалӣ, дод задан, фармондиҳии беасос, таҳдидкунию тарсонидан, баҳудаю беҳуда хурдагирию ва эрод гирифтан, баҳисоб нагирифтани имконияту тавоноии ҳар як кӯдак( дар иҷрои супоришҳои таълимию иҷтимоӣ) ва ғайраҳо аз тарафи волидону омӯзгорон амалҳои номатлубе мебошанд, ки онҳоро чун хушунати психологӣ нисбат ба кӯдакон ҳисобидан мумкин аст. Чунин амалҳои номатлубе дар боло зикргардидаро хушунати анъанавӣ мебозанд, ки раванди гуманистии кори тарбиявиро осебпазир менамоянд ва кӯдакону наврасонро ба истифодаи минбаъдаи чунин хушунати психологӣ нисбати хурдсолону калонсолон дар кӯдакистону мактаб, хонаводаю ҷомеа одат мекунанд.

Истифодаи хушунат дар раванди кори тарбиявӣ замина барои шаклгирии хислатҳои номатлуби маънавӣ-ахлоқӣ бадқаҳрӣ, бадбинӣ, хислати қасосгирӣ, тундмиҷозӣ, якравӣ, канораҷӯйӣ, руҳафтодагӣ ва ғайраҳо мегарданд, ки минбаъд сабаби ба вуҷуд омадани мушкилот дар донишомӯзӣ ва иҷтимоигардонии кӯдакону наврасон мегардад.

Коршиносон дар он назаранд, ки дар дунё беш аз миллион кӯдак овораю дар ба дар, дар асари ҷангу бесомониҳо қариб 250 миллион нафар кӯдак дар шароити душвор кор мекунанд, зиёда аз 150 миллион нафар кӯдак аз таҳсил маҳруманд, зиёда аз 150 миллион нафар кӯдак дар фақирӣ зиндагӣ мекунанд, билохира зиёда аз миллионҳо кӯдак дар саросари ҷаҳон қурбони фаҳшу фасоди ҷинсӣ ва маводи мухаддир гаштаанд.

Ҳамаи инҳо як омори такондиҳандае марбут ба нодида гирифта шудани ҳуқуқи кӯдакон аст. Дар ҷомеаи кунунӣ дар баъзе мамлакатҳои дуру наздик кӯдакон дар синни мактабӣ аз таҳсил маҳруманд ва дар хиёбонҳо ба тиҷорат машғул ҳастанд. Ҳамчунин кӯдакони зиёди бепанохе ҳастанд, ки аз норасоии хӯроку либос ранҷ мебарнад. Дар солҳои ҷанги Сурияву Ироқ кӯдакони зиёде кушта, бехонумон, ятиму бесарпараст мондаанд ва садамаи ҷуброннопазире ба онон ворид шуда, ки асари он баъд аз ҷанг ҳам ба назар мерасад. Аз тарафи дигар, ҳар рӯз дар шабакаҳои иҷтимоӣ мебинем, кӯдаконе аз ҷониби падару модар ё шахсони ивазкунандаи волидон мавриди латукӯб ва шиканҷа қарор мегиранд. Дар замони мо, беҳбудии вазъи кӯдакон дар тамоми арсаю ҷанбаҳо мариди таваҷҷӯҳи созмонҳои давлатӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ қарор гирифта аст. Даҳаи соли 1990 ба унвони даҳаи ҳуқуқи кӯдак ёд гардид, созмонҳо ва ниҳодшои давлатию ғайридавлатӣ ва байналмилалӣ ба таҳқиқи ҳуқуқи кӯдакон ба унвони як ормоне меандешиданд ва ба баҳсу баррасӣ, таҳқиқ ва дар ниҳоят кӯмак ба эҷоди дунёи осоиштае, барои кӯдакон пардохтанд.

Натиҷаи баррасиҳо баёнгари ин амр буданд, ки хушунати оилавӣ дар ҷомеа густурдагии зиёд доранд ва дар миёни табақаҳои иҷтимоӣ ва омезиши фарҳангҳои гуногун дида мешаванд ва омилҳое, монанди фишорҳои иҷтимоӣ ё бухронҳои хонаводигӣ низ дар зуҳури он ширкат доранд. Зеро хушунат на танҳо фақат дар байни оилаҳои камбизоату фақир мушоҳида мешавад, балки ҳатто дар миёни оилаҳои табақаҳои миёна ва боло бидуни ҳар навъ мушкилоти иҷтимоӣ ё хонаводагӣ низ вуҷуд дорад.

Зӯроварӣ нисбат ба кӯдакон асосан дар байни оилаҳои нигоҳи иқтисодӣ камбудӣ надошта бештар барои мавқеи худро дар байни оила муайян кардани калонсолони оила соҳиби нуфузи мақоми хосса гардидани яке аз калонсолон ва дигар мақомҳо зоҳир меёбад. Пас савол ба миён меояд, ки чи гуна зӯровариро нисбати кӯдак хушунат шуморидан мумкин ?

Дар ин росто муҳаққиқон ба он назаранд, ки зӯроварӣ нисбат ба кӯдак гуфта, шаклҳои муомилаи дағалона аз ҷониби калонсолони оила- падару модар ва дигар шахсони ивазкунандаи қонуни кӯдак, ки ӯро нигоҳубин мекунад ё каси дигар, ки ба зарари воқеӣ ё имконпазир ба саломатии кӯдак оварда мерасонанд, ё ба ҳаёт, инкишоф, шаън ё маънавиёти ӯ таҳдид мекунад, ҳисобидан мешавад.

Дар моддаи 1-и Қонуни Ҷумуҳурии Тоҷикистон “Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила” таъкид гардидааст, ки зӯроварӣ дар оила маҷмӯи чораҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва  ташкилии аз ҷониби субъектҳои пешгирикунанда зӯроварӣ дар оила амалишаванда, ки ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд дар доираи муносибатҳои оилавӣ, ба пешгирии зӯроварӣ дар оила, муайян ва бартарафсозии сабаб ва шароитҳои ба он мусоидаткунанда равона карда шудаанд.

Натиҷаи ин баррасиҳо боис шуд, ки пажӯҳишгарон  ва психологҳо(Ю.М. Орлов, В.А. Сатторов, В.Т. Маралов, М. Давлатов ва дигарон) дар пайи ҷустани иллатҳои дигаре ғайр аз омилҳои фардӣ ва иҷтимоӣ гардиданд ва тадриҷан олимон ба робитаи миёни сохтори ҷомеа ва хушунати хонаводагӣ мутаваҷҷеҳ шуданд ва назарияҳои гуногунрооид ба он баррасӣ намуданд. Агар дар ҷомеа асосҳои иҷтимоӣ дорои силсиллаи сохторҳои қудратманди хосе бошанд ва созмонҳои онҳо ғайридемократӣ бошанд, рафторҳои иҷтимоӣ ба навъе ташаккул меёбанд, ки ҷомеа пеши роҳи такомули афродро хоҳад гирифт, яъне ба имкони  воридшавии қобилиятҳои фардии шахс монеъ хоҳад шуд. Рафторҳои иҷтимоӣ дар ин ҷомеаҳо ба навъе ҳастанд, ки ба роҳҳои гуногун боиси маҳрумияти афрод аз ҳуқуқи баробар хоҳанд шуд.

Дар таъриф аз хушунат бо таваҷҷуҳ ба сохтори ҷомеа хушунатро чунин баён карданд: замоне аз хушунат ном мебарем, ки афрод чунон таҳти фишор қарор гирифта бошанд, ки гумон мекунанд, ки қобилияти ҷисмӣ ва равонии онон заифтар аз қобилияти воқеии онон мебошанд. Ёдгирии кӯдакон дар хонавода дар робита бо ҷомеапазирии ҷинсиятии фарқкунанда аз тариқи сохтори иҷтимоии ҷомеа, ки агар дар он манъи бадахлоқӣ иҷтимоӣ нисбат ба рафтори хушунаттабор вуҷуд надошта бошад, тақвият ва эҳтимоли рафтори хушунатӣ бештар мешавад. Меъёр ва қоидаҳои назорати иҷтимоӣ низ оид ба робитаи ҷомеа- хонавода дар бора таъкид медиҳад, ки ва иллати рафтори хушунатӣ ба таври зайл аст: на танҳо ҷомеа ва хонавода ҳамчун ячейкаи (маҳдуди) хусусӣ маънидод мешавад, давлат  на ҳама вақт имкон дорад, ки рафтори аҳли оиларо махсус назорат намуда, ба он дахолат кунад.

Ақидаҳои иҷтимоӣ дар мавриди оила чунин шакл дорад, ки узвҳои дохили онро бо дарназардошти тавонии ҷинсӣ тақсимбандӣ менамояд ва нақши зану мард низ тайин шудааст. Занону кӯдакон набояд рафторе кунанд, ки муқобили майлу иродаи сарвар-марди оила бошад, зеро дар ин ҳолат ӯ маҷбур мешавад, ки рафтори хушунатӣ анҷом диҳад. Ба иборати дигар, занону кӯдакон бояд мувофиқи майлу иродаи мард рафтор кунанд, то хушунат дар хонавода зуҳур накунад. Ин ақидаи шарқиёнаи паҳншударо ваколатдорони давлатӣ дар шароити имрӯзаи давлатдорӣ ба мардони оилаҳо иҷозат намедиҳад.

Ақидаҳои дигар низ дар бораи ҳамоҳангӣ миёни арзишҳои асосии ҷомеа ва хушунат мавҷуданд. Мардоне, ки дар хонавода даст ба хушунат мезананд, касоне ҳастанд, ки дар муҳитҳои фарҳангӣ иҷтимоии хоссе зиндагӣ зиндагӣ кардаанд, чунин фарҳангу таҷрибаро аз худ кардаанд. Дар он ҳокимияти мардон бар занон табиӣ муайян карда шудааст ва вайронкориро хушунат ба унвони як хусусияти мардона ва фармонбардорӣ ба унвони як хосияти занона қабул аст. Дар чунин ҷомеа агар низоми иҷтимоӣ ба хатар афтода бошад, истифода аз зӯроварию хушунат барои аз нав барқарории назму тартиб ҳам дар сатҳи

калон (ҷомеа) ва ҳам хурд (хонавода) роҳи ҳалли дурусти масъалаҳо маънидод карда мешавад.

Ба ин тартиб, афроде, ки ҳам дар ҷомеа ва ҳам дар хонавода соҳиби бартарии қудрат доранд, замоне, ки бо истифода аз хушунат дигаронро водор ба анҷом додани рафтори мувофиқи майли худ мекунанд, на танҳо эҳсоси нороҳатию пушаймонӣ нахоҳанд кард, балки баръакс, худро ҳамчун пуштибони муносибати фарҳангӣ ва бартарафсозандаи хушунатҳо эълон мекунанд ва худро ҳақ меҳисобанд.

Аз нигоҳи феминистҳо, ки усулан рафтори хушунтаборро ба маънои рафтори хушунатии мардон нисбат ба занону кӯдакон маънидод мекунанд, сабаби аслии хушунат мавҷудияти сохтори иҷтимоии падарсолор дар ҷомеа аст, ки дар силсилаи мартаба ва қудрати созмонҳо ва ташкилоти иҷтимоӣ нуҳуфтааст ва ҳамзамон дар равобити иҷтимоии афрод ба мушоҳида мерасад. Ин силсиламартабаҳо мардонро ҳамчун аъзои забардасти ҷомеа ва занонро беқудрати ҷомеа ва хонавода муаррифӣ менамояд. Боиси таасуф аст, ки ғояҳое, ки дар ҷомеа таблиғ мешаванд ва бартари азалии мардон ва мавҷудияти табиии нобаробарии иҷтимоии миёни зану мардро таъкид мекунанд, аз тарфи ҳар ду ҷинс маъқул дониста мешаванд.

Ба ақидаи назарияпардозони феменистӣ хушунати хонаводагиро наметавон танҳо ҳамчун падидае дар назар гирифт, ки дар робитаи миёни як зану як мард вуҷуд дорад. Азбаски хушунати хонаводагӣ маънидодкунандаи низоми иҷтимоии падарсолорӣ аст, бояд онро дар шакли ҳокимияти мутлақи ҳамаи мардон занон қабул кард. Зеро ин низомест, ки ҳам дар шакли таърихӣ ва ҳам дар шакли амалӣ вуҷуд дошта буд ва ҳанӯз ҳам вуҷуд дорад.

## АДАБИЁТ:

1.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон " Дар бораи пешгирии зӯроварӣ" Душанбе-2013 моддаи 1

2.М. Лутфуллоев, Педагогикаи башар. Душанбе – 2000

3.Орлов Ю.М. Проблема ненасилия в педагогике / Ю. М. Орлов// Педагогика.-1993.-№4.-С.21-26

4.Ситаров В. А. Маралов В.Г. Педагогика и психология ненасилия в образовательном процессе: учеб. Пособие/ под ред. В.А. Сластенина.- М. Академия, 2000. С. 54-76

5.Педагогика ненасилия: реалии и перспективы. Материалы У1 конференции.-М., 1994- С. 6

6.Реферат – Педагогика ненасилия в трудах Н. К. Рериха, Л.Н.Толстого, К. Н. Вентцеля-файл n1.doc

**Маҷидова Б.**
**Бобоева М.**

## ТАРБИЯИ КӮДАКОН БИДУНИ ХУШУНАТ ВА ШАКЛҲОИ ЗУҲУРЁБИИ ОН

Хонавода ба унвони як ячейка (бунёд)-и ниҳоди иҷтимоӣ, ҳаётӣ ва таърихӣ дар раванди саодати кулли ҳаёти инсонӣ нақши бисёр муҳим бозӣ мекунад. Дар мақола роҳҳои пешгирии хушунат дар хонавода нишон дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** хонавода, хушунат, ҷамъият, кӯдак, волидайн, таълим, тарбият, фарҳанг.

**Маджидова Б.**
**Бобоева М.**

## ВОСПИТАНИЕ ДЕТЕЙ БЕЗ НАСИЛИЯ И ФОРМ ЕГО ПРОЯВЛЕНИЯ

Семья как социальная составная часть общества, играет громадную роль в деле воспитания, образования личности, а также достижения счастья каждым человеком. В данной статье описаны пути преодоления насилия в семье и в действующих условиях общеобразовательных школ. Также осуществлено попытка указать реальные пути и разработана технология, методы преодоления ненасилия. Статья имеет научное и практическое значение .

**Ключевые слова:** Семья, насилие, ненасилие, общество, ребенок, родители, образование, воспитание, культура.

**Majidova B.**
**Boboeva M.**

## CHILDREN'S UPBRINGING WITHOUT VIOLENCE AND IT MANIFESTATION

The family, as social component of society, plays a huge role in the upbringing, education of the individual, and the achievement of happiness by every person. This article describes ways of redressing non-violence in the family and in the current conditions of general education schools. The article attempts to identify the real ways and developed technology? Methods of overcoming non violence. The article has scientific and practical significance.

**Key words:** Family, violence, non-violence, society, child, parents, education. Upbringing, Culture.

**Сведения об авторах: Маджидова Бибихафиза-** доктор педагогических наук, профессор кафедры специальной педагогики и инклюзивного образования ТГПУ им. Садриддин Айни. Email: Bibihafiza@mail.ru Тел: (+992)985831902

**Бобоева Махина-** главный специалист Центр разработки, распределение учебников и методических книг Министерства образования и науки Республики Таджикистан Email:mahina_75@bk.ru Тел: (+992)918763831

**Information about the authors: Majidova Bibihafiza**-Doctor Pedagogical Science, Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni. Email: Bibihafiza@mail.ruTel:(+992)985831902\

**Boboeva Mahina**– Chief specialist of the Center for development and distribution of textbooks methodological books-Ministry of education and science of the Republic of Tajikistan. Email:mahina_75@bk.ru Tel: (+992)918763831

**Т. ТАБАРОВ**

# ТАЪЛИМИ ДИОГРАММАҲО ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ ВА НИШОН ДОДАНИ НУҚТАҲОИ САҲЕҲ ДАР БАРНОМАИ MICROSOFT EXCEL

Диограммасозӣ бештар хосси фанни математикӣ буда, аз шаклҳои гуногуни геометрӣ иборат мебошад. Диограммаҳоро асосан ҳангоми омӯзиши фанҳои математика, геометрия, информатика, мантиқ ва менеҷмент таълим медиҳанд. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бошад, ҳамгиро бо фанҳои математика, информатика таълим дода мешаванд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки бо сабабҳои мухталиф, омӯзиши ин фан дар муассисаҳои таҳсилоти миёна умумӣ суст буда, махсусан дар фанни математика таълими онро кам эътибор мегиранд. Агар мо китобҳои дарсии математикаро варақ занем, дар бораи диограммаҳо фақат дар синфҳои 4, 5, 6, ки аз 1-2 саҳифа иборат аст, вохӯрда метавонем.

Диограммаҳоро асосан барои ҳисоботҳои молиявӣ, ҳисоботҳои оморӣ ва дигар ҳисоботҳо истифода мебаранд, ки чунин тарз хеле қулай аст. Дар муассисаҳо таҳсилоти миёнаи умумӣ мо донишазхудкунии хонандагон ва дигар корҳоро метавонем бо диограммаҳо созем.

Мисол: Дар ҳисоботҳои молиявӣ мо сарфаи моли ҳозираро яъне: сарфа 1000сомонӣ сузишворӣ, 1100сомонӣ ҳақи хизматрасонӣ, 500сомонӣ, ҳақи андоз ва фоида 700сомонӣ ва гузашта сарфа 800сомонӣ сузишворӣ, 1000сомонӣ ҳақи хизматрасонӣ, 550сомонӣ ҳақи андоз ва фоида 900сомонӣ мисол орем ва диограммаи онро созем. Пеш аз сохтан мо ҷадвали ин масъаларо дар худи барнома сохта баъд диограммаи онро месозем.

| мол | сӯзишворӣ | ҳақи хизматрасонӣ | андоз | фоида |
|---|---|---|---|---|
| ҳозира | 1000 | 1100 | 500 | 700 |
| гузашта | 800 | 1000 | 550 | 900 |




Дар муассисаҳои таҳсилоти миёна умумӣ бошад, донишазхудкуни хонандагонро бо диограммаҳо низ чунин месозем. Аввал ҷадвали баҳоҳои хонандаро сохта, қимати миёнаи онро мeёбем ва ин корро барои ҳамаи синфҳо анҷом дода, чунин ҷадвал месозем..

| № | синфҳо / **Номифанҳо** | синфи 2 | синфи 3 | синфи 4 | синфи 5 | синфи 6 | синфи 7 | синфи 8 | синфи 9 | синфи 10 | синфи 11 | умуми фанҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Забони модарӣ | 4 | 3,7 | 3,7 | 3,7 | 3,9 | 3,4 | 3,4 | 3,7 | 3,8 | 3,5 | **3,7** |
| 2 | Адабиёт | | | | 3,4 | 3,4 | 3,8 | 3,4 | 3,8 | 3,9 | 3,7 | **3,6** |
| 3 | Забони русӣ | 3,4 | 3,4 | 3,4 | 3,4 | 3,4 | 3,3 | 3,3 | 3,3 | 3,4 | 3,3 | **3,4** |
| 4 | Забони хориҷӣ | | 3,2 | 3,3 | 3,5 | 3,3 | 3,3 | 3,3 | 3,3 | 3,3 | 3,4 | **3,3** |
| 5 | Таъ.халқитоҷик | | | | 3,4 | 3,7 | 4,1 | 3,6 | 3,8 | 3,5 | 3,9 | **3,7** |
| 6 | Таърихи умумӣ | | | | 3,4 | 3,4 | 3,6 | 3,8 | 3,4 | 3,6 | 3,8 | **3,6** |
| 7 | Асосҳои давлат | | | | | | | 3,6 | 3,9 | | | **3,8** |
| 8 | Ҳуқуқи инсон | | | | | | | | | 3,5 | 3,4 | **3,5** |
| 9 | Ал.ва матни ниёгон | | | | | | 3,4 | | | | | **3,4** |
| 10 | Математика | 3,9 | 3,7 | 3,8 | 3,7 | 3,8 | | | | | | **3,8** |
| 11 | Алгебра | | | | | | 3 | 2,7 | 3,7 | 3,4 | 3,5 | **3,3** |
| 12 | Геометрия | | | | | | 3 | 3 | 3,7 | 3,2 | 3,4 | **3,3** |
| 13 | Физика | | | | | | 3,5 | 3,4 | 3,3 | 3,8 | 3,4 | **3,5** |
| 14 | Химия | | | | | | | 3,3 | 3,4 | 3,2 | 3,3 | **3,3** |
| 15 | География | | | | | 3,5 | 3,9 | 3,8 | 3,6 | 3,7 | 3,9 | **3,7** |
| 16 | Биология | | | | 3,8 | 3,3 | 4,1 | 4,2 | 3,5 | 4,1 | 4 | **3,9** |
| 17 | Таърихи дин | | | | | | | | 4,1 | | | **4,1** |
| 18 | Экология | | | | | | | | 4,1 | | | **4,1** |
| 19 | Табиатшиносӣ | 3,6 | 3,5 | 3,5 | | | | | | | | **3,5** |
| 20 | Мусиқӣ | 3,9 | 3,8 | 3,7 | 4 | 3,6 | | | | | | **3,8** |
| 21 | Санъат ва меҳнат | 4,2 | 4 | 4 | | | | | | | | **4,1** |
| 22 | Санъати тасвирӣ | | | | 4 | 4,1 | 4,2 | | | | | **4,1** |
| 23 | Техн. иттилоотӣ | | | | | | 3 | 3 | 3,3 | 3,4 | 3,4 | **3,2** |
| 24 | Технология | | | | 3,9 | 3,7 | 3,9 | 3,8 | 3,7 | 3,8 | | **3,8** |
| 25 | Тарбияи ҷисмонӣ | 3,9 | 3,9 | 4,1 | 4 | 4 | 4,1 | 4,2 | 4,3 | 4,2 | 4,2 | **4,1** |
| 26 | Омодагии дифо | | | | | | | | | 4 | 4 | **4,0** |
| 27 | Маъ. Оиладорӣ | | | | | | | | | 3,8 | | **3,8** |
| 28 | Асос.Иқтисодиёт | | | | | | | | | | 4 | **4,0** |
| 29 | Нақшакашӣ | | | | | | | 3,7 | 3,8 | | | **3,8** |
| | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | |
| холи умуми синфҳо | | 3,8 | 3,7 | 3,7 | 3,7 | 3,6 | 3,6 | 3,5 | 3,7 | 3,6 | 3,7 | **3,66** |
| холи умумии муассиса | | | | | | | | | | | | 3,7 |

Шакли ҷадвалро кӯтоҳ карда диограммаи онро месозем.

| № | синфҳо / **Номи фанҳо** | синфи 2 | синфи 3 | синфи 4 | синфи 5 | синфи 6 | синфи 7 | синфи 8 | синфи 9 | синфи 10 | синфи 11 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| холи умуми синфҳо | | 3,8 | 3,7 | 3,7 | 3,7 | 3,6 | 3,6 | 3,5 | 3,7 | 3,6 | 3,7 |

Ҳамин тавр мо метавонем диограммаи донишдиҳии омӯзгоронро созем.




Ин тарзи кор хеле осон буда, ба ҳама фаҳмо мешавад.

Зарурияти ин фан аз он иборат мебошад, ки хонандагон ҳангоми ҳалли мисолу масъалаҳо на ин, ки ба як ҷавоби он балки ба тасвири геометрии он диққати махсус медиҳанд.

*Дар замонҳои хеле қадим, олими бузург* ***Эйлер*** *як қатор корҳои худро ба воситаи диограммаҳои доиравӣ анҷом додааст. Ба ақидаи ӯ, ба воситаи диограммаҳо фарқ намудан ва тез аз худ кардани корҳо хеле осон мегардад.*



Стандарти фанни математика ба мақсади ба танзим давровардани мазмуну мундариҷа ва ҷараёни таълими арзёбии фанни мазкур таҳия шудааст. Стандарти фанни математика ҳуҷҷатест, ки меъёри дониш, малака ва маҳорати (салоҳиятнокии) хонандагонро дар муассисаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва муқарар менамояд. Стандарти мазкур бо мақсади дуруст ва самаранок ба роҳ мондани ҷараёни омода намудани омӯзгорони муассисаҳо ҳамчунин ҳуҷати заминавӣ барои таҷдиди барномаи таълимӣ истифода мешавад.

Дар ҷараёни фаъолият хонандагон ҳамаи омӯзиши диограммаҳо бо усулҳо ва тедодҳои гуногуни фаҳмонидан рӯ меоранд.

Вазифаи асосии азхудкунии маводи диограммавӣ ташаккул додани тафаккури мантиқии хонандагон, инкишофи қобилияти зеҳнӣ ва эҷодии хонандагон, тарбияи дарк

намудани табиат, малакаю маҳорати истифодаи донишҳои гирифта барои фаҳмонидани ҳодисаҳои олами атроф ва ғайраҳо мебошад. Чунончи:

Мисоли 1:

*Дар синф 5-нафар аълохон, 7-нафар хубхон, 4-нафар миёнахон ва 1-нафар духон мебошанд. Фаъолияти синфро дар диограммаи сутунӣ нишон диҳед:*




Мисоли 2:

*Муаллим ба хонандагон масъалаи зеринро иҷро менамояд: масоҳати уқёнуси Ором 183 МЛН КМ$^2$ , Атлантика 92 МЛН КМ$^2$ , Ҳинд 79 МЛН КМ2, Яхбастаи шимоли 14 МЛН КМ$^2$ аст. Масоҳати уқёнус дар кураи замин ёфта шавад. Ҳалли математикии ин масъала чунон душвор нест. Ҳал 183+92+79+14=368 мешавад. Ин барои хонанда фақат адад аст. Агар мо диограммаи онро тасвир намоем. Хонанда фарқи каму зиёдро муқоиса намуда, дар хотир нигоҳ медорад:*




**1.Масъалаҳои асосии азхудкуни диограммаҳо.** Аз бар кардани диограммаҳо ба иҷрои самтҳои зерин вобаста аст:

- инкишоф додани дониши математикии хонандагон;
- инкишоф додани робитаи фанҳои дақиқ бо фанни информатика;
- пурра гирифтани хонандагон бо шаклҳои гуногуни диограммаҳо;
- ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳое ки барои хонанда дар ҳаёт ва давом додани таҳсил дар мактабҳои олӣ заруранд;
- шинос намудани хонандагон бо усули ҷобаҷогузорӣ;
- шинос намудани хонандагон бо олимони соҳаи математика ва олимони бо ин ашё сарукор дошта;
- шинос намудани хонандагон бо самтҳои асосии пешрафти илмӣ-техникӣ.

**1.Мақсад ва вазифаҳои омӯзиши диограммаҳо аз амалоҳои зерин иборат аст:**

- азхудкунии дониш оид ба шаклҳои геометрӣ, фарқи адад дар тасвири геометрӣ ба воситаи компютер;

- азхудкунии барномаҳои компютерӣ ва кор бо барномаи экзел;
- доштани қобилият ва маҳорати гузаронидани мушоҳидаҳо дар барномаҳо;
- азхудкунии қобилияти фаҳмиш ва фаҳмонидан;
- инкишофи шавқу завқи хонандагон дар ҷараёни ҳалли масъалаҳои математикӣ, иҷро намудани корҳои мустақилона, маърўза, рефератҳо ва дигар корҳои эъҷодӣ.

2.**Салоҳиятнокии хонандагон аз ин фан.** Зимни омўзиши ин фан хонандагон бояд донанд:

- Хонандагон дар бораи диограммаҳо ва пайдоиши онҳо маълумот дошта бошанд.
- Хонандагон аз шаклҳои гуногуни диограммаҳо огоҳ бошанд.
- Хонандагон амалҳои арифметикӣ ва кор кардан бо онҳоро хуб донанд.
- Хонандагон ғайр аз фанни математика фанҳои геометрия физика ва информатикаро хуб донанд.
- Хонандагон тарзи ҷобаҷо гузоштани ададҳоро дар тири координати тасавур карда тавонанд.
- Хонандагон санъати шинохти рангҳоро донанд.

**Дар ин замина хонандагон бояд корҳои зеринро иҷро карда тавонанд:**

- Хонандагон бо амалҳои арифметикӣ хуб кор карда тавонанд.
- Хонандагон аз иҷрои тасвир кардани шаклҳои геометрӣ бароянд.
- Хонандагон бо компютер кор карда барномаҳоро фарқ карда тавонанд.
- Хонандагон дар барномаҳои компютерӣ (экзел) амалҳои арифметикӣ ва сохтани алгоритмҳоро тавонанд.

**3.Салоҳиятнокии омўзгор ҳангоми таълими диограммаҳо :**

Таълими диограммаҳо чунин салоҳиятнокиро аз омўзгор тақозо менамояд:

- Дуруст ба роҳ мондани дарс аз рўйи нақшаи таълимӣ ва аёниятҳои дар дарс зарурбуда.
- Ҳал намудани мисолу масъалаҳои ба хонандагон фаҳмо ва шавқовар.
- Дар мавқеҳои муайян аз хонанда пурсидани мавзўъ ва ёрӣ додан ба он.
- Хуб алоқаманд намудани фанни математика ба информатика ва фоиданокии он.
- Риоя намудани баҳогузори ба малака, маҳорат ва қобилияти хонанда.
- Дуруст шарҳ додани мавзўи нав ва хуб истифода бурдан аз асбобҳои электрикӣ (тахтаи электронӣ).
- Истифодаи усулҳои интерактивӣ ва дигар усурҳои фаъоли таълим дар ҷараёни дарс.

**4.Методҳои омўзиш ва технологияи таълими ин фан.**

Таълими ин фан бо усули суҳбат, лексияи кўтоҳ, саволу ҷавоб, ченкуни, ҳалли мисолу масъалаҳо, сохтани борномаҳо ва дигар усули фаъоли таълим ба роҳ монда мешавад. Ғайр аз ин пешниҳод карда мешавад:

- Ҳал намудани масъалаҳои ба ҳаёти бачагон дахлдошта;
- Аз рўйи кор талаб кардани ҳисоботҳо;
- Ба воситаи компютер сохтани схемаҳо ва алгоритмҳо;
- Санҷиши сатҳи донишазхудкунӣ ва ҳавасмандгардонӣ.

5.**Технологияи таълим** : Технологияи таълими ин фан асосан назариявӣ ва амалӣ мебошад.

**Назарявӣ**: Мо асосан ба воситаи китобҳо, ҳодисаҳо, муқоисаҳо ва ҳисоботҳои оморӣ ба хонандагон фаҳмонида метавонем.

**Амалӣ**: Дар ин маврид бо хонандагон аввал бо амалҳои арифметикӣ, сохти фигураҳо ҷобаҷогузории предметҳо ва ба воситаи компютер сохтани амалҳои одитарини арифметикӣ ва фарқи геометрии онҳо тавонвнд.

**Роҳҳои азхудкунӣ**: дар шароити муосир усули зерини аз худ кардани ин фан мавҷуданд:

- Тавассути хондани маводи таълимӣ аз китоби дарсӣ;
- Фарқи карда тавонистани ашёҳои гуногун;
- Мутолиаи мавод аз интернет;
- Гирифтани маълумоти иловагӣ аз сайтҳои ватанӣ ва хориҷӣ;
- Ширкат дар семинарҳои молиявӣ;
- Шунидани ахборотҳои оморӣ.

Ба ҳамин тариқ, тадқиқоти назариявӣ нишон медиҳанд, ки аз худ кардани и маводи диограммавӣ барои ташаккул додани тафаккури мантиқии хонандагон, инкишофи қобилияти зеҳнӣ ва эҷодии онҳо, тарбияи дарк намудани табиат, малакаю маҳорати истифодаи донишҳои гирифта барои фаҳмонидани ҳодисаҳои олами атроф ва ғайраҳо нақши хеле муҳим мебозад.

**АДАБИЁТ:**

1.Баунфорд. Цифровые диаграммы / Баунфорд, Тревор. - М.: АСТ, **2017**. - 192 с.

2.Васильев . А.В., Богомолова О.Б. Работа в электронных таблицах», издательство Бином, 2007.

3.Векторные диаграммы в схемах релейной защиты и автоматики. - Москва: **Наука**, **2016**. **998** с.

4.Кириллов, В.В. Отечественная история XX-начала XXI века в схемах, таблицах и диаграммах / В.В. Кириллов. - М.: А-Приор, **2016**. - **296** с.

5. Фаулер, Мартин UML. Основы. Краткое руководство по стандартному языку объектного моделирования / Мартин Фаулер. - М.: Символ-плюс, **2016**. - 192с.

**Табаров Т.**

## ТАЪЛИМИ ДИАГРАММАҲО ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ ВА НИШОН ДОДАНИ НУҚТАҲОИ САҲЕҲ ДАР БАРНОМАИ MICROSOFT EXCEL

Дар мақолаи мазкур доир ба диограммасозӣ ва роҳу усули аз худ кардани он сухан меравад. Муаллиф иброз намудааст, ки диограммаҳо бештар дар ҳамгироӣ бо фанҳои математика, геометрия, информатика, мантиқ ва менеҷмент тибқи таълими босалоҳият омӯхта мешаванд. Дар мақола инчунин як қатор корҳои тадқиқотие, ки вобаста ба мавзӯъ тибқи талаботи барномаи Microsoft excel гузаронида шудаанд, ба тариқи мисол ёдрас гардиаанд.

**Калидвожаҳо**: диограмма, таълим, фан, информатика, барнома, тадқиқот, салоҳият, математика, хонанда, муассисаҳои таҳсилотӣ.

**Табаров Т.**

## ОБУЧЕНИЕ ДИАГРАММ В СРЕДНИХ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ ЗАВЕДЕНИЯХ И ПРОЯВЛЕНИЕ ТОЧНЫХ ТОЧЕК ПО ПРОГРАММЕ MICROSOFT EXCEL

В данной статье отмечается методы обучения построения диаграммы и пути ее изучения с средних общеобразовательных заведениях. Автор выражает, что диаграммы обучаются совместно с такими предметами как математика, геометрия, география, информатика, логика и управление-менеджмент. В статье также внесении некоторые проведенные по программе Microsoft excel исследовательские работы в примерах.

**Ключевые слова:** диаграмма, обучение, предмет, математика, информатика, компетентность, программа, исследование, учащихся, учебное завидение.

**Tabarov T.**

## TRAINING CHART IN THE SECONDARY SCHOOLS AND THE MANIFESTATION OF ACCURATE POINTS ON MICROSOFT EXCEL

This article notes the methods of teaching the diagram and the ways of its study from secondary schools. The author expresses that diagrams are taught together with such subjects as mathematics,

geometry, geography, computer science, logic and management-management. The article also introduces some of the research work done on the Microsoft excel program in examples.

**Keywords:** diagram, education, subject, mathematics, computer science, competence, program, research, students, educational envy.

**Сведения об авторе: Табаров Тоджиддин** – аспирант Института развития образования имени Абдурахмона Джоми Академии образования Таджикистана, адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С.Айни, 45.

**Information about the author: Tabarov Tojiddin -** postgraduate of the Institute for Educational Development named after Abdurahmon Jomi of the Academy of Education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 45 C. Aini St.

**Н. САИДОВ**
**М. САИДОВ**

# ХУСУСИЯТҲОИ ИНКИШОФИ ЗЕҲНИИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

Мушоҳидаҳои сершумори педагогҳо нишон доданд, ки кӯдаке, ки тарзи ёдгирӣ ва тарзи фаъолияти зеҳниро дар синфҳои ибтидоии мактаб азхуд накардааст, дар синфҳои миёна одатан ба қатори ақибмондаҳо дохил мешавад. Яке аз самтҳои муҳимтарин дар ҳалли ин масъала эҷоди як навъ шароит дар синфҳои ибтидоӣ мебошад, ки ба рушди зеҳнии мукаммали кӯдакон мусоидат менамояд, ва он бо ташаккули кунҷковии пойдор, тавоноиҳо ва маҳоратҳои фаъолияти зеҳнӣ, сифати ақлу шуур, ташаббуси эҷодкорӣ алоқаманд мебошад.

Ба ҳар ҳол, чунин шароит дар таҳсилоти ибтидоӣ пурра таъмин намешаванд, зеро ҳоло ҳам намунаи маъмулӣ дар таҷрибаи омӯзгорӣ ташкили кори хонандагон аз тарафи муаллимон бо усули зерин мебошад: бештар аз ҳама муаллимон ба кӯдакон машқҳои навъи гуногун ё ба истилоҳ тамрин медиҳанд, ки дар асоси тақлидкорӣ мебошанд ва тафаккурро талаб намекунанд. Дар чунин шароит хислати тафаккурӣ ба мисли умқ, танқидӣ будан, чобукӣ, ки ҷанбаҳои мустақилияти ӯ мебошанд, хуб рушд намеёбанд. Рушди мустақилияти тафаккур вазифаи асосии таълими мактабӣ мебошад.

Ташаккули мустақилият дар тафаккур, фаъолнокӣ дар ҷустуҷӯи роҳҳои расидан ба ҳадафи гузошташуда ҳалли вазифаҳои ғайримуқаррарӣ ва гуногунро аз тарафи кӯдакон талаб мекунад. Дар дарс таъмин кардани шароите, ки барои ташкили корҳои систематикиро оид ба ташаккул ва рушди мустақилияти тафаккур зарур мебошанд, хеле душвор аст. Барои ин ташкили машғулиятҳои пай дар ҳам дар кори берун аз синфӣ бисёр ба маврид мебошад.

Рушди зеҳнӣ ва рушди тафаккур дар рушди шахсияти хонандаи хурдсол ва махсусан дар самти шинохтии ӯ нақши асосиро мебозад. Бо воситаи тафаккур инсон алоқаҳо ва муносибатҳои байни ҳодисаҳои гуногунро ҷустуҷӯ менамояд. Маҳз равона кардани зеҳн ба самти инъикоси алоқаҳо ва муносибатҳои но аён, муайянсозии навъҳо ва ҳодисаҳо, ҷузъиёти назаррас ва ночиз, асосӣ ва нобаробар, тафаккурро ҳамчун як раванди шинохтӣ аз дарку эҳсосот фарқ мекунонад.

Ҳангоми ҷудо кардани алоқаҳо ва муносибатҳо ба таври гуногун амал кардан мумкин аст ва дар баъзе ҳолатҳо, барои муайянсозии муносибатҳои байни ашё бояд онҳоро дар воқеъ тағйир додан ва ё ба шакли дигар даровардан зарур аст. Дар ҳолатҳои дигар, ки ба худи ашё даст нарасонда, фақат образи онро бо тасаввуроти зеҳнӣ тағйир додан кофӣ мебошад.

Шояд ҳолатҳое ҳам пеш меоянд, ки муносибатҳои байни ашёро бидуни тағйирдиҳии амалӣ ё зеҳнии онҳо, балки аз тариқи мунозираҳо ва хулосабарориҳо муайян месозанд.

Ҳамин тавр, дар ҳар се ҳолатҳои зикршуда, инсон муносибатҳои ноаёни ашёро муайян месозад, яъне бо ёрии воситаҳо ва равишҳои гуногун ба таври гуногун фикр мекунад. Дар ҳолати якум, он тафаккури амалӣ, аёниву амалӣ мешавад, зеро дар ин ҷо инсон барои муайянсозии муносибатҳо бо ашё амал мекунад, ки ба таври аёни пешниҳодшудаанд ва амалан таркиб ва хусусияти онҳоро тағйир медиҳад. Дар ҳолати дуюм, тафаккур аёнӣ–образӣ мешавад, зеро дар ин ҷо барои муайянсозии муносибатҳо танҳо аз лиҳози фикрӣ бо образи ашёҳо амал мекунанд, яъне агар ашё дар ҳоли ҳозир дар инҷо ҳузур дошта бошад, ё агар ашё ҳузур надошта бошанд, онҳоро тасаввур мекунанд.

Дар ҳолати сеюм тафаккур калимагӣ-мантиқӣ мешавад, зеро дар инҷо барои муайянсозии муносибатҳо инсон калимаҳоро истифода мебарад (на худи ашё ё образи онҳоро), ки танҳо ба ашё ишора мекунанд, ва аз ин калимаҳо фикру мулоҳизаҳоеро ба вуҷуд меоранд, ки тибқи қоидаҳои мантиқ алоқаманд ҳастанд ва аз фикру мулоҳизаҳои умумӣ ба ҷузъи мегузаранд.

Аксаран дастури муаллим дар дарс баташаккулёбии чунин тафаккури ихтиёрӣ ва идорашаванда мусоидат карда, кӯдаконро ба фикру андеша водор месозад.

Дар вақти суҳбат дар синфҳои ибтидоӣ дар кӯдакон тафаккури идрокӣ ва танқидӣ ташаккул меёбад. Ин ба он хотир мебошад, ки дар синф роҳҳои ҳалли вазифаҳо муҳокима мешаванд, вариантҳои гуногуни роҳи ҳал баррасӣ мешавад, ва муаллим ба таври доимӣ аз хонандагон талаб мекунад, ки фикру мулоҳизаҳои худро асоснок кунанд, нақлкунанд, ва дурустии онро исбот намоянд, яъне аз кӯдакон талаб мекунад, ки онҳо вазифаҳоро мустақилона ҳал намоянд.

Маҳорати банақшагирии фаъолиятҳои худ ҳам дар хонандагони хурдсол дар раванди таълими мактабӣ ташаккул меёбад ва кӯдаконро водор месозад, ки аввал нақшаи роҳҳои ҳалли вазифаро пайгирӣ намоянд ва танҳо баъд аз он ба ҳалли амалии он иқдом намоянд.

Хонандаи хурдсол, вақте ки барои ӯ зарурати фикр кардан, муқоисаи ақидаҳои гуногун ва хулосабарорӣ пеш меояд, ба таври доимӣ ва ҳатман дар система ворид мешавад.

Бинобар ин, бар хилофи тафаккури ашёӣ-амалӣ ва аёнӣ-образӣ дар кӯдакони синни томактабӣ, дар кӯдакони синни хурди мактабӣ навъи сеюми тафаккур, яъне тафаккури мафҳумии калимагӣ-мантиқӣ ҳам бошиддат рушд меёбад. (6., с 439)1

Дар дарсҳои синфҳои ибтидоӣ дар вақти ҳалли вазифаҳои таълимӣ дар кӯдакон равишҳои тафаккури мантиқӣ ташаккул меёбад. Аз ҷумла: муқоиса карданд, ки ба ҷудо кардан ва ишорати каломии хусусиятҳо ва нишонаҳои гуногун дар ашё алоқаманд мебошад; ва хулоса баровардан, ки бо аз нишонаҳои ночизи ашё ба тарафи дигар ҷалб кардани диққат ва муттаҳид кардани онҳо дар асоси умумияти хусусиятҳои назаррас алоқаманд мебошад. Ба қадри таълим дар мактаб тафаккури кӯдакон мустақилтар мешавад, яъне он калимагӣ-мантиқӣ мешавад. Албатта, дигар навъи тафаккур дар ин синну сол баъдтар рушд меёбанд, вале самти асосӣ ба ташаккули равишҳои муҳокима ва хулосабарорӣ равона мешавад. Омӯзгорон медонанд, ки тафаккури кӯдакони синну солашон якхела бисёр гуногун аст, баъзе кӯдакон вазифаҳои хусусияти амалидоштаро, ки дар он истифодабарии равишҳоитафаккури ашёӣ-амалӣ зарураст осонтар ҳалмекунанд. Барои кӯдакони дигар вазифаҳое, ки бо зарурати тасаввур ва таҷассум кардани ҳар гуна ҳолат ё падида алоқаманд аст, осонтар мебошад. Барои гурӯҳи сеюми кӯдакон мубоҳиса кардан, сохтани мубоҳисаҳо ва хулосабарорӣ осонтар аст, ки ба онҳо имконияти ҳал кардани вазифаҳои математикӣ, таҳияи қоидаҳои умумӣ ва истифодабарии онҳо дар ҳолатҳои муайянро фароҳам месозад.

Дар ниҳоят, агар кӯдак вазифаҳои осон ва душворро дар доираи навъи дахлдори тафаккур ба осонӣ ҳалкарда тавонад ва ҳатто ба кӯдакони дигар барои ҳал кардани вазифаҳои осон кӯмак расонад, сабаби роҳдодан ва хатогиро ба онҳо фаҳмонад, ва худаш ҳам вазифаҳои осонро эҷод карда тавонад, пас ӯ дар навъи тафаккури дахлдор сатҳи сеюми рушд қарор дорад. (8., с134)

Мавҷуд будани ин ё он навъи тафаккур дар кӯдакро дар асоси он муайян мекунанд, ки ӯ вазифаҳои ин навъ дахлдоштаро чӣ тавр ҳал мекунад ва масалан, агар дар вақти ҳал кардани вазифаҳои осон ҳангоми дигаргунсозии амалии ашёҳо, ё ҳангоми корфармудани онҳо дар образҳо, ё ҳангоми мубоҳиса кӯдак барои фарқ кардани шароити онҳо ба мушкилӣ дучор шавад, гиҷ шавад ё ҳангоми ёфтани роҳи ҳалли онҳо роҳгум занад, пас дар ин ҳолат маълум мешавад, ки ӯ да рнавъи тафаккури дахлдор дар сатҳи якуми рушд қарор дорад. Агар кӯдак вазифаҳои осони барои ин ё он навъи тафаккур пешбинишударо бо муваффақият ҳал карда тавонад, вале ҳангоми ҳалли вазифаҳои нисбатан душвор ба мушкилӣ дучор шавад, махсусан, аз сабаби он, ки ҳамаи он роҳи ҳаллро ба пуррагӣ тасаввур карда наметавонад, ва тавоноии ба нақша гирифтани он дар вай ба хубӣ рушд наёфтааст, пас маълум мешавад, ки ӯ дар навъи тафаккури дахлдор дар сатҳи дуюм қарордорад. Барои рушди зеҳнии хонандаи хурдсол аз се навъи тафаккур истифода бурдан лозимаст. Бо ёрии ҳар кадоме аз онҳо даркӯдак ин ё он хусусияти зеҳнӣ рушд беҳтар

ташаккул меёбад. Масалан, ҳал кардани вазифаҳо бо ёрии тафаккури аёнӣ-амалӣ ба кӯдакон имконият медиҳад, ки маҳоратҳои идоракунии амалҳои худро рушд диҳанд, ва барои на ба таври ногаҳонӣ ва бетартиб, балки ба таври мақсаднок ҳал кардани вазифаҳо кӯшиш намоянд. Чунин хусусияти ин навъи тафаккур боиси он мегардад, ки бо ёрии он вазифаҳое ҳал карда мешаванд, ки дар онҳо ашёро барои тағйир додани ҳолат ва хусусияташон ба дастгирифтан, ва инчунин дар фазо ҷойгир кардан мумкинаст. Аз сабаби он, ки ҳангоми кор бо ашё барои кӯдак мушоҳида кардани амалҳояш ҳангоми тағйирёбии онҳо осонтар мебошад, пас дар ин ҳолат идоракардани амалҳо низ осонтараст, ва дар ҳолати мутобиқ набудани натиҷаи онҳо ба талаботи вазифа ӯ кӯшишҳои амалии худро қатъ карда метавонад, ё баръакс худашро маҷбур месозад, ки онро то ба охир расонад, ва то расидан ба натиҷаи муайян кӯшиш намояд, ва натиҷаро надониста иҷрои онро қатъ нанамояд. (11., с237)

Бо ёрии тафаккури ашёӣ-амалӣ дар кӯдакон рушд додани хусусиятҳои зеҳнӣ, аз ҷумла рушд додани қобилияти мақсаднок амал кардан ҳангоми ҳалли вазифаҳо, бо шуурона идора ва назорат кардани амалҳои худ осонтар аст. Хусусияти тафаккури ашёӣ-амалӣ аз он иборат мебошад, ки бо ёрии он инсон имконияти воқеан тағйир додани тимсолҳо ва тасаввуротро надорад. Он барои таҳияи нақшаҳои гуногун барои расидан ба ҳадаф, хаёлан мутобиқ кардани ин нақшаҳо бо мақсади ёфтани беҳтарини онҳо имконият фароҳам месозад. Аз сабаби он, ки дар вақти ҳалли вазифаҳо бо ёрии тафаккури аёнӣ-образӣ, инсон бояд фақат бо образи ашё амалкунад (яъне бо ашё танҳо аз ҷиҳати фикрӣ амал намояд), пас дар ин ҳолат идора кардани амалҳои худ, назорат кардани онҳо ва дарки ҳолате, ки дар он имконияти амал кардан бо худи ашё вуҷуд дорад, душвортар мебошад.

Бинобар ин, ҳадафи асосии кор оиди рушди тафаккури аёнӣ-образӣ ташаккули тавоноии идора кардани амалҳои худ ҳангоми ҳалли вазифаҳо буда наметавонад.

Инчунин мақсади ислоҳи тафаккури аёнӣ-образӣ дар кӯдакон аз он иборат мебошад, ки бо ёрии он қобилияти баррасии роҳҳои гуногун, нақшаҳои гуногун, вариантҳои гуногуни расидан ба ҳадаф, равишҳои гуногуни ҳалли вазифаҳо ташаккул меёбад. Ин аз он бармеояд, ки ҳангоми ҷиҳати амалкардан бо ашёҳо ва тасаввур кардани вариантҳои эҳтимолии тағйирёбии онҳо, нисбат ба иҷро кардани ҳар як варианти эҳтимолӣ, роҳи ҳалли даркориро зудтар ёфтан мумкин аст. На ҳамавақт барои тағйирёбии чандкарата дар ҳолати воқеӣ имконият вуҷуд дорад.

Хусусияти тафаккури калимагӣ-мантиқӣ аз он иборат мебошад, ки он тафаккури ғайри воқеӣ мебошад ва дар ҷараёни он инсон на бо ашё ва тимсолҳои онҳо, балки бо мафҳумҳо оид ба онҳо амал мекунад, ки бо калимаҳо ё аломатҳо тартиб ёфтаанд. Дар баробари ин инсон дар асоси қоидаҳои муайян амал карда, диққати худро аз хусусиятҳои аёнии ашё ва тимсолҳои онҳо ба тарафи дигар мебарад.

Бинобар ин мақсади асосии кор оиди рушди тафаккури калимагӣ-мантиқӣ дар кӯдакон аз он иборат аст, ки бо ёрии он тавоноии мубоҳиса кардан, хулоса баровардан аз фикру мулоҳизаҳое, ки ҳамчун фикри ниҳоӣ пешниҳод мешаванд, тавоноии маҳдуд шудан ба таркиби ин мулоҳизаҳо ва ҷалб накардани тасаввуроти дигар, ки бо хусусиятҳои зоҳирии он ашё ё тимсолҳо алоқаманд ҳастанд, ва дар мулоҳизаҳои ниҳоӣ инъикос ва нишон дода мешаванд, ташаккул меёбад. (5., с296)

**Хулоса,** тафаккури инсон бо се равиш амалӣ мешавад: ашёӣ – амалӣ, аёнӣ - образӣ, калимагӣ - мантиқӣ.

Тафаккури кӯдакони синни хурди мактабӣ аз тафаккури кӯдакони томактабӣ хеле фарқ мекунад, яъне барои тафаккури кӯдаки томактабӣ ҳам дар тартиб додани вазифаи зеҳнӣ, ва ҳам дар ҳалли он хислатҳое ба мисли беихтиёрӣ, идорашавандагии кам дида мешавад, ва барои онҳо фикр кардан дар бораи чизи ҷолиб осонтар аст, ва бисёртар дар бораи чизи диққатҷалбкунанда фикр мекунанд, дар ҳоле ки хонандагони хурдсол дар натиҷаи таҳсил дар мактаб, дар ҳолати зарурӣ ба таври доимӣ вазифаҳоро ҳатман иҷро

мекунанд, ва тарзи идора кардани тафаккури худ, ва дар ҳолати зарурӣ фикр карданро ёд мегиранд.

Ҳар як раванди тафаккур амале мебошад, ки барои ҳалли вазифаи муайян расона шудааст, ва барои тартиб додани он бояд ҳадаф ва шартҳои муайян дошта бошад. Ҳар як навъи тафаккур аз ҳолати мушкил ва зарурати дарк кардан оғоз меёбад. Дар баробари ин ҳалли вазифа анҷомёбии муқarrарии раванди тафаккур мебошад, ва қатъи он дар ҳолати нарасидан ба ҳадаф аз тарафи субъект ҳамчун но омади кор ва нокомӣ ҳисобида мешавад.

Хусусиятҳои истифодабарии тестҳои зеҳнӣ:

Тестҳои зеҳнӣ аз маҷмӯи усулҳое иборат мебошанд, ки дар доираи муносибати таҳлилии беғаразона ба вуҷуд омаданд. Онҳо барои андозагирии сатҳи рушди зеҳнӣ пешбинӣ шуданд ва яке аз усулҳои машҳуртарин дар таҳлили психологӣ мебошанд. Тестҳои зеҳнӣ усулҳои муқарраршудае мебошанд, ки барои андозагирии сатҳи умумии қобилияти фард оиди ҳалли доираи васеи вазифаҳои зеҳнӣ равона шудаанд.

Масалан, дар миқёси Д. Векслер ҳам субтестҳои каломӣ ва ҳам ғайрикаломӣ мавҷуданд, ки он имконияти баҳодиҳии самтҳои гуногуни рушди зеҳнӣ – дарк ва тафаккури аёнӣ, ва инчунин хусусияти дарки аёнӣ, ҳамоҳангсозии сенсорию моторӣ, диққат ва хотираро фароҳам месозад. Миқёси Векслер диапазони синнии калонро аз 3 то 74 солагӣ дар бар мегирад, ва дар баробари ин дар ҳамаи сатҳҳои синнӣ як навъи вазифаҳо истифода бурда мешаванд, ки он имконияти мушоҳида кардани тағйирот дар як хусусияти зеҳниро дар давоми тақрибан тамоми умри инсон фароҳам месозад.

Тестҳои зеҳнӣ ё тестҳои тавоноиҳои умумӣ барои андозагирии сатҳи рушди зеҳнии инсон пешбинӣ шудаанд. Мафҳуми зеҳн аз замонҳои пайдошавии аввалин тестҳои зеҳнӣ бо тағйирот дар усулҳои санҷиши зеҳн ҳамчун воқеияти психикӣ рӯ ба рӯ шудааст. Ҳанӯз дар солҳои 20-ум дар психологияи зеҳн ҳолати бӯҳронӣ ба вуҷуд омада буд. (1., с688)

Тести — Кашидани расми одам (Draw-a-Man Test), ки аз ҷониби психологи амрикоӣ Ф. Гудинаф таҳия шуда, дар соли 1926 тавсиф ёфтааст, барои ташхиси кӯдакони синнашон аз 3 то 13 сола пешбинӣ шуда буд.

Аз кӯдак талаб мекунанд, ки дар варақи коғазӣ расми мардро кашад, ва то ҳадди имкон онро хеле хуб анҷом диҳад. Замон барои расмкашӣ маҳдуд карда намешавад. Сатҳи рушди зеҳнӣ дар асоси он баҳодиҳӣ мешуд, ки озмудашаванда кадом қисмҳои бадан ва ҷузъиёти либосро тасвир мекард, таносуби бадан чӣ тавр ба назар гирифта шудааст, дурнамои он чигуна аст ва ғ. Ф. Гудинаф миқёсеро таҳия кард, ки дар асоси он 51 унсури тасвирро баҳодиҳӣ кардан мумкин аст, ва он инчунин меъёрҳои омориро низ барои ҳар як гурӯҳи синнӣ муайян карда буд.

Ин тест аз замони эҷоди худ то соли 1963 бидуни тағйир истифода мешуд ва баъд Д. Ҳаррис онро аз нав дида баромада густариш дода, тахти унвони тести расмкашии Гудинаф-Ҳаррис чоп кард.

Дар ин вариант баъд аз тамом кардани кашидани расми мард, ба кӯдак кашидани расми зан пешниҳод карда мешавад. Иҷрои он дар асоси ба назар гирифтани 73 унсури расм (барои тасвири мард) ва 71 унсури расм (барои тасвири зан) баҳодиҳӣ мешуд. Дар баробари баҳодиҳии тасвир коркарди нисбатан осонтар пешниҳод шуданд, ки дар он тасвирҳо аз тариқи муқоиса кардан бо 12 намуна-меъёр (аз рӯйи монандӣ) боз ҳам беҳтар баҳодиҳӣ мешуданд. Меъёрҳо барои синну соли аз 5 то 15 сола гирифта шуда буданд. Сатҳи эътимод ба такрори Тести расмкашӣ аз тести Гудинаф (тақрибан 0,80) бештар буд, дар ҳоле ки эътибори он дар ҳамон сатҳ боқӣ монд. Дар Русия ин усул истифода бурда нашудаанд.

Истифодаи тести расмкашӣ барои тадқиқи фарҳангҳои гуногун ва гуруҳҳои этникӣ нишон дод, ки натиҷагирии он бештар аз омилҳои фарҳанг вобастагии калон дорад.

Пас аз таҳлили корҳо Ф.Гудинаф ва Д.Ҳаррис ба чунин хулоса омаданд, ки "ҷустуҷӯи тести озод аз таъсироти фарҳанг ва новобаста аз он, ки он ақлу хирад, қобилиятҳои эҷодӣ, тавсифоти фардӣ-ҷамъиятӣ ва ё дигар хусусиятҳоро месанҷад, хаёлӣ ба шумор меравад".

Боз як санҷиши зеҳнии озод аз таъсироти фарҳанг аз тарафи Р.Б.Кетелл таҳия шудааст. Тести ӯ барои тадқиқи тафаккури образӣ-мантиқӣ ва баҳои дараҷаи умумии инкишофи ақлӣ новобаста аз таҳсил, тарбия, фазилат (пурдонӣ) ва дигар омилҳои фарҳангӣ равона гардида буд. Он барои ташхиси сабабҳои ақибмонии давраи мактабӣ ва пешбинии интихоби сатҳи таҳсил буд.

Тести мазкур се вариант дорад:

1-Барои кӯдакони синни 4 – 8-сола ва калонсоли аз лиҳози ақлӣ ақибмонда;

2-Барои кӯдакони 8-13-сола ва калонсолоне, ки маълумоти дараҷаи олӣ надоранд;

3-Барои наврасони 10-16-сола ва калонсолоне, ки маълумоти дараҷаи олӣ доранд.

Тест аз ду қисм иборат аст, ки ҳар қисм 4 субтест дорад. Субтести (Серии ) Қисмҳо аз машқҳо иборат аст, ки интихоби силсилаи элементи анҷомдиҳандаро талаб мекунад. Дар машқҳои субтести "Тасниф" элементеро бояд ёфт, ки мувофиқ бо дигар элементи ёфтшуда дар қатор набошад. Дар субтести "Матритса" элементеро бояд қайд кард, ки ҳар матритсаро дуруст пур кунад. Дар субтести "Шарт" – аз миёни вариантҳои пешниҳодшуда варианте талаб карда мешавад, ки дар он шарти додашуда дар тимсол риоя гардад.

Ҳамаи машқҳо дар шакли графикӣ пешниҳод шуда, барои он 3-дақиқа вақт ҷудо гардидааст. Холҳои аввалин бо баҳои миқёсӣ гузошта мешаванд, ки мувофиқи озмудашаванда дар меъёри оморӣ барқарор карда мешавад.

***Мундариҷаи методика.***

Ҳамаи машқҳои тестӣ шакли графикӣ дошта, ба тафаккури тимсолӣ-мантиқӣ таъсири бештар мерасонанд. Лекин хусусияти машқҳо ва субтестҳои гуногун (8 субтести ҷуфт) барқароркунии қобилиятҳои гуногунро талаб мекунанд :

1."Давоми сатр" - тафаккури қолабӣ-мантиқӣ, маҳорати муносибат карда тавонистан.

2."Ҷудокунии зиёдатӣ" - тафаккури беихтиёрона, қобилияти хулосабарорӣ.

3."Матрисаҳо" - ташкили муқоисакунӣ, ҷудо карда тавонистани қонуниятҳои объективӣ.

4."Шарт" –тафаккури таҳлилӣ, ҷудо карда тавонистан аломати асосӣ.

## АДАБИЁТ:

1.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон ба маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2.Карабанова О. А. Социалная ситоация развития ребёнка: структура динамика, принципи корексии: дисс док – ра псих. Наук. –М; 2002. – с 379

3.Раҳимов Х. Нуров А. Педагогика. –Душанбе: Ҳумо, 2007.

4.Скаткин М.А. Школьа и всессторонние развитие детей- М., 1980.

5.Филонов Г.Н. Формированние личности в працессе комплексного подхода в процессе воспитания школьников.- М., 1978

**Саидов Н.Т.**
**Саидов М.В.**

## ОСОБЕННОСТИ РАЗВИТИЯ ИНТЕЛЛЕКТА МЛАДШИХ УЧАЩИХСЯ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ

В данной статье рассмотрено несколько важных аспектов развития обучения, имеющих существенное значение для младщих школников и имеющих отношение к этой сфере. Авторы уделяют серьезное внимание особенностям развития интеллекта младших школьников общеобразовательных школ в процессе обучения.

**Ключевые слова:** школа, обучения, начальных классах, младших учащихся развития, интеллект, аспектов, урок, внимания, деятельность, оргонизации.

**Саидов Н.Т.**
**Саидов М.В.**

## ХУСУСИЯТҲОИ ИНКИШОФИ ЗЕҲНИИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои инкишофи зеҳнии хонандагони хурдсол дар раванди таълим таҳлил карда шудаанд. Муаллифон, хусусиятҳои зеҳнӣ ва инкишофи тафаккури хонандагони синфҳои ибтидоиро дар таълим бо далелҳои илми - амалӣ натиҷагирӣ кардаанд, ки он аз мазмуни баланди раванди таълим огоҳӣ медиҳад. Мулифон дар мақола сифати фаъолияти омӯзгоро дар ин раванд ҳамчун мутахасиси касбӣ нишон доданд ва дар ҳаёт такид намудаанд.

**Калидвожаҳо:** инкишоф, фаъолият,таълим, мактаб, синфҳои ибтидоӣ амалӣ,омӯзгор,тафакур хусусиятҳо, раванд, зеҳн ,мактаббача.

**Saidov N.T.**
**Saidov M.V.**

## DEVELOPMENT PECULIARITIES OF THE INTELLIGENCE OF YOUNGER STUDENTS DURING TRAINING

This article discusses several important aspects of the development of education are essential for primary school students and have a bearing on this area. The authors pay serious attention to the development of features of intelligence of primary school children in secondary schools in the learning process.

**Key words:** school, education, primary school, Junior development students, intelligence, aspects, lesson, attention, activity, organization.

**Сведения об авторах: Саидов Мухиддин Вайсидиннович** – кандидат педагогических наук, доцент кафедры общей педагогики Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни.

тел.: (992)904-47-22-34;

**Саидов Низомиддин Тоджиддинович** – преподаватель кафедры общей психологии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел.: (992)933-11-25-55;

**Information about the authors: Saidov Mukhiddin Vaysidinnovich -** candidate of pedagogical Sciences, associate Professor of the Department of General pedagogy of Sadriddin Aini Tajik state pedagogical University, phone: (992)904-47-22-34;;

**Saidov Nizomiddin Tojiddinovich** - teacher of the Department of General psychology of Sadriddin Aini Tajik state pedagogical University, tel.: (992)933-11-25-55;

**А. ДАВЛАТОВ**

# САЛОҲИЯТИ ҲУҚУҚӢ ВА САМТҲОИ АСОСИИ ТАТБИҚИ ОН ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: *"Бинобар ба охир расидани муҳлати Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон барои солҳои 2009–2019 зарур мешуморам, ки барои даҳсолаи минбаъда барномаи нав таҳия ва қабул карда шавад".* [1, с. 20].

Дар шумули салоҳияти касбии тамоми омӯзгорони фанҳои гуногун яке аз паҳлуҳои асосӣ, доштани салоҳияти ҳуқуқӣ ба шумор меравад. Ҳуқуқу салоҳиятҳои ҳуқуқӣ дар фаъолияти педагогӣ барои тамоми омӯзгорон ҳатмӣ ва зарурӣ буда, омӯзгор дар ташаккули салоҳияти ҳуқуқӣ ва касбии донишҷуён, ҳисси эҳтиром ба шаҳрвандон ва ба қонун нақши муҳим мебозад.

Аҳамияти ташаккул додани салоҳияти ҳуқуқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Тоҷикистон дар он мебошад, ки дар натиҷаи ҳодисаҳои сиёсии солҳои охир қонуншиканӣ дар байни донишҷӯён ва умуман ҷавонон хеле афзоиш ёфт, ки аз паст будани маърифат ва шуури ҳуқуқии онҳо гувоҳӣ медиҳад.

«Дар шароити муосир тамоми соҳаи ҳаёти инсон, тамоми касбу тахассус дар асоси қонун амал менамояд, ки дар робита ба ин мутахассисони тамоми касб ба донишҳои ҳуқуқӣ бояд такя намоянд, то ки онҳоро дар ҳаёт татбиқ намуда тавонанд». [3, с. 40].

Дар бисёре аз пажӯҳишот мафҳуми салоҳияти ҳуқуқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии ғайриҳуқуқӣ чандон мушаххас ошкор карда нашудааст, мазмун ва методи ташаккули он коркард нагардидааст.

Солҳои охир дар педагогикаи ватанӣ диққати муҳаққиқон бештар ба масъалаи ташаккули маданияти ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ, салоҳияти ҳуқуқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳамчун омӯзгорони оянда равона гардидааст, ки яке аз қисмҳои талаботи таҳсилоти муосир дар тамоми зинаҳои таҳсилот ба ҳисоб меравад.

Т.В. Хасия қайд менамояд: «амалан таҳқиқоти навини илмие дар масъалаи методикаи дарсгузорӣ аз фанни ҳуқуқ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ вуҷуд надорад, ки ҷараёни таълими ҳуқукро дар асоси он талабот и муосир барои барқароршавии фаъолияти касбӣ ба роҳ мондан мумкин бошад» [6. 42].

Устодону омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ тибқи талаботи муносибати босалоҳият ба таълим, аз шаклу усули замонавии таълиму тарбия васеътар истифода бурда, донишҷӯёнро ба фаъолияти касбӣ ва зиндагии мустақилона омода месозанд.

Ҷаҳонишавӣ ва ворид гардидани Тоҷикистон ба системаи ягонаи таҳсилот ва талаботи низоми Болонӣ моро водор менамояд, ки сари ин масъала андеша ронем. Замони муосир ба мутахассисони соҳибтаҷрибаи дорои неруи қавӣ дар ҳалли душвориҳои ҳаётӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнатии дохилӣ ва хориҷӣ ниёз дорад.

Аткинсон Р барҳақ таъкид менамояд: " Дар таълими анъанавӣ диққати асосӣ бештар ба инкишофи хотира равона карда мешуд, на ба инкишофи тафаккур. Чунин таълим ба ташаккули қобилияти эҷодӣ, мустақилият ва дигар шаклҳои фаъоли донишҷӯён таъсири кам дошт. Миқдори ахбору маълумоти пешниҳодшаванда нисбат ба қобилияту иқтидори азхудкунии донишҷӯён бештар буд". [6, с. 74].

Дар шароити муосир, ки технологияи иттилоотӣ коммуникатсионӣ ниҳоят тараққӣ кардааст, бояд бештар ба инкишофи тафаккури донишҷӯён диққат дода, хотираро аз чизҳои дорои моҳияти дуюму сеюм холӣ гузорем, то ки чизҳои муҳим дар он ба худ ҷой ёбанд.

Истилоҳи «салоҳият», «салоҳиятнокӣ», «муносибати салоҳиятнок» дар адабиёти педагогӣ чунин маъниҳоро ифода мекунанд:

– салоҳият – маҷмӯи масъалаҳое мебошад, ки шахсият онҳоро дар раванди маърифати масъалаи омӯхташаванда ва таҷрибаи рӯзмарра аз худ кардааст;

– салоҳиятнокӣ – соҳиби салоҳият будан, дар иҷрои вазифаи касбии дар пеш истода моҳир буданро ифода менамояд.

Салоҳиятнокӣ- ин таҳсилоти самаранокест, ки дар натиҷаи он донишҷӯ ба маҷмӯи салоҳиятҳо, дониш, маҳорат ва малака соҳиб мегардад.

Муносибати салоҳиятнок- фаъолияти гузаштан аз мураккаб ба мураккабтарро тавассути сода фаро мегирад, лекин на ҳама вақт аз сода ба мураккаб гузаштан мумкин аст.

Вербитский А.А. чунин андешаро пайгирӣ менамояд: “Мундариҷаи фаъолияти таълимӣ ба гузашта нигаронида шудааст. Яъне, ахбор, маълумот, қоидаҳое, ки дар раванди таълим бояд аз худ карда шаванд, ба ҳаёти воқеӣ алоқаи ночиз доранд”. [5, с. 207].

Тавре дар боло гуфта гузаштем, муносибати босалоҳият дар мадди аввал фаъолият, амалро нисбати ҳолати муайян ифода мекунад ва ё проблема мегузорад. Мафҳуми «салоҳият» он маънoҳоеро, ки мафҳуми «маҳорат» дорад, дар худ фаро намегирад, балки салоҳият ва салоҳиятнокӣ аз мафҳуми «маҳорат» ба куллӣ фарқ мекунад.

Салоҳиятҳои асосӣ дар сатҳи якум намудҳои фаъолияте мебошанд, ки роҳи ҳалли онҳоро бояд донишҷӯ мустақилона намоиш диҳад. Дар навбати дигар онҳо барои ҳалли бомуваффақияти мушкилот – супоришҳо барои муайян кардан, муқоиса намудан, шарҳ додан, кор карда баромадан, ҳамгиро гардонидан мусоидат намоянд. Шумо метавонед ҳангоми омӯзиши маводи таълимӣ аз фанни ҳуқуқ дар як вақт аз ду самт истифода баред:

а) ба таври анъанавӣ: аз назария ва амалия (ба шарте, ки хоҳиши донишҷӯро дар раванди омӯзиши маводи назариявӣ таъмин ва қонеъ карда тавонед);

б) ба воситаи муносибати салоҳиятнок: аз амалия ба назария (ҳамчун усули бехтарин барои ба роҳ мондани раванди ташаккули салоҳиятнокӣ).

Ин вариантҳо бояд дар раванди таълим ҷойи худро дошта бошанд ва интихоби онҳо аз омилҳои зерин вобаста мебошад:

- ба эътибор гирифтани имкониятҳои маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии ғайриҳуқуқӣ;
- ба эъбибор гирифтани хусусияти маводи омӯзишӣ;
- ба эътибор гирифтани сатҳи рушди фаъолияти умумитаълимии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ.

Масъалаи салоҳиятҳои таълимӣ бошад, ин ҳадафҳои дурнамои таълим буда, ҳамчун маҳаки асосии меъёрӣ- сифатии таълим ва стандарти он хизмат мекунад.

Мутобиқи андешаи В. Байденко ҳамчун олими соҳа, муносибати босалоҳият имкониятҳои зеринро ба вуҷуд меорад:

- баёни дониш бо истифода аз тарзи омӯзиши он ҳангоми гузариш ба таҳсилоти касбӣ;
- гузариш аз талаботи байнифаннӣ ва ҳамгироӣ, ба натиҷаи раванди таълим;
- пайвастани мақсади таълими ҳуқуқ ба талаботи бозори меҳнати зудтағйирёбанда;
-равона намудани фаъолияти салоҳиятноконаи инсон ба вазъиятҳои гуногуни касбӣ ва ҳаётӣ. [5, с. 207].

Фалсафаи муносибати таълими салоҳиятнок хусусияти татбиқи мафҳуми салоҳияти ҳуқуқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро муайян мекунад. Амалисозии он дар муносибати байни омӯзгор ва донишҷӯ рӯй медиҳад ва муносибати баланди маданияти ҳамкориро байни омӯзгор ва донишҷӯ талаб менамояд. Яке аз сабабҳои асосии тағйирот ворид намудан дар таълим, талаботи барнома, нақшаҳои таълимӣ ин талаботи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 мебошад.

Тибқи он “Низоми нави маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мутобиқи тамоили ҷаҳони муосир сурат гирад, на ба дониш, балки ба салоҳиятнокӣ асос меёбад. Ин маънои онро дорад, ки бояд ба донишҷӯ имконият диҳем, ки аз худ намудани салоҳияту малакаҳои асосии иҷтимоӣ, ба монанди масъулятнокона қабул намудани қарорҳо ва банақшагирии пешравӣ дар касб, илмомӯзӣ, тайёрии касбии хешро дар асоси талаботи бозори меҳнат сурат бахшад. Мутобиқи он донишу малакаи зарурии худтакмилдиҳӣ,

малакаи тарзи ҳаёти солим, арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҷаҳониро ҳосил намуда, ба ҳаёти мустақилона омода гардад”. [4. 25].

Муносибати мазкур талаб менамояд, ки сараввал салоҳиятҳои умумитаълимӣ муқаррар карда шавад, пас салоҳиятҳои умумифаннӣ ҷанбаҳои гуногунӣ таълим, тарбия ва рушди шахсии донишҷӯро фаро мегиранд. Салоҳиятҳои мазкур дар баробари салоҳиятҳои фаннӣ ҳамчун натиҷаи ниҳоии таълим ҳисобида шуда, новобаста аз фан ташаккул дода мешаванд.

Шумо дар бораи истилоҳи салоҳият, маъноҳои он дар фаслҳои ҷудогона маълумот ҳосил намудед, аз ҷониби дигар дар муошират, дар суҳбати расмию касбӣ шумо ифодаи “шахсияти салоҳиятнок”-ро истифода бурда, дар ин маврид медонед, ки имкониятҳои як шахсро дар ягон самти мушаххаси фаъолият ифода намояд. Мо медонем, ки вазифаи фанни таълимӣ дар баробари инкишоф ва рушди системаи донишу малакаву маҳорати фанни таълимӣ, ривоҷ додани малакаву маҳорати умумифаннӣ низ мебошад. Дар баъзе сарчашмаҳо силсилаи чунин салоҳиятҳо бо ҷузъиёти дигарашон низ нишон дода мешавад. Мисол, дар бораи ташаккули салоҳияти фаннӣ, ки муҳаққиқон ба ташаккули салоҳиятҳои коммуникативӣ, салоҳиятҳои фарҳангӣ ва ғайраҳо ҷудо мекунанд, маълум мегардад, ки салоҳиятҳо дорои чунин намудҳо мебошанд:

*1.Салоҳиятҳои маърифатӣ-таҳлилӣ*

– истифодаи бурда тавонистан аз дониш, малака, маҳорат ва таҷрибаю ақидаҳои ҳуқуқии худ ва дигарон дар шароити нави таълим;

– таҳлили ақида ва муносибати байни ақидавӣ, таҷриба ё маводи табиӣ ва сунъӣ;

– дарк намудани он ки кулл аз ҷузъҳо таркиб ёфтааст;

– фарқ карда тавонистани он, ки кулл ба ҷузъҳо тақсим мешавад;

– таҳлил карда тавонистани таъсири ҷузъҳо ба ҳамдигар ва сохтани чизи том;

– аз ягон нуқтаи назар таҳлил намудани қоидаҳо, ақидаҳо, вазъиятҳо ва таҷрибаҳо дар асоси ақидаҳои назариявӣ ва фаҳмишҳои гуногун.

*2. Салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодӣ*

– ташаккул додани майлу хоҳиш ва завқи маърифатии доншҷӯён ба дарки ҳодисаҳои олам, ғанӣ гардонидани таҷрибаи онҳо дар асоси омӯхтани маводи нав ба дарки ҳодисаву воқеаҳои ғайриодиву пурмуаммо;

– пайдо намудани ақидаҳо, фарзияҳо ва пешниҳодҳои нав;

– ёд гирифтани роҳҳои таҳқиқи системаҳо ва ҳалли масъалаҳои мураккаб, аз ҷумла тарҳрезӣ, амсиласозӣ, таҳқиқ, таҳлилу таркиб;

– сохтан ё бозсозии ашё, ақидаҳо тавассути тағйир додан, ҳамгиро кардан ё ҷудо кардан ба ҷузъҳо.

*Салоҳиятҳои маърифатӣ-таҳқиқӣ инҳоянд:*

– ташаккул додани тавоноии таҳлил ва баҳодиҳӣ ба ашё, ҳодисаҳо, таҷрибаҳо, ақидаҳо, назарияҳо, вазъиятҳо ва падидаҳои дигар;

– дарёфти фарқи байни омилҳо, ақидаҳо, нуқтаҳои назар ва афзалиятҳо;

– истифода бурда тавонистан аз ченакҳои гуногун барои арзёбии ақидаҳо, ҳодисаҳо, далелҳо, сабабҳо ва амалҳо;

– бо мақсади ҳалли масъалаҳо истифода бурдан аз арзёбӣ ва таҳқиқи стратегияи зеҳнии гуногун;

– таҳлили асосноки омилҳое, ки ба ақида ва қобилияти фикрии шахс ва дигарон таъсир мерасонад.

*Салоҳиятҳои худшиносӣ ва мустақилияти шахс инҳоянд:*

– донишҷӯ эътироф намояд, ки фарҳанг, забон, қоидаву таҷрибаҳо ба худшиносӣ, арзишҳо ва рафтор таъсир мерасонад;

– ташаккул додани малака, фаҳмиш ва эътимод дар интихоби амалҳое, ки ба тақвияти саломатӣ, рушди рафтори шоиста ва худшиносӣ мусоидат менамояд;

– таҳлил ва равшан намудани таъсири оила, ҷамъият ва вазъи иҷтимоӣ дар ташаккули салоҳияти шахсияти ҳуқуқии донишҷӯён;

– бедор намудани боварӣ ба салоҳиятнокии ҳуқуқии худ, худидоракунӣ ва муташаккилона амал кардан дар вазъияти ба амал омада;

– ташаккул додани инкишофи салоҳияти ҳуқуқии донишҷӯ ва қобилияти худро ҳифз карда тавонистани онҳо.

*Дарки қадру қимати хеш ва ҳифзи дигарон:*

– ташаккул додани салоҳияти равшанфикрӣ ва озодбаёнии ҳуқуқии донишҷӯён;

– омӯхтани маданияти ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии одамони гуногун ва зоҳир намудани эҳтиром ба онҳо;

– эътироф ва қадр кардани арзиш ва қиматҳои ҳуқуқӣ, ки на ҳамеша ба ақидаҳои шумо рост меоянд.

*Дарк ва қадр кардани истиқлолият ва устувории сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маданӣ ва фарҳангӣ:*

– таҳқиқ ва омӯзиши таъсири падидаҳои ҷаҳонӣ ба салоҳияти ҳуқуқии донишҷӯён оид ба мустақилият дар ҳаёти иҷтимоӣ ва шахсӣ;

– таҳқиқ ва омӯхтани вобастагии рушди салоҳияти ҳуқуқӣ аз ҳамкории самаранок ва ҳаматарафаи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, экологӣ;

– таъсири ақида, интихоб ва рафтори шахс ба ташаккули салоҳияти ҳуқуқӣ;

– таҳқиқ ва таҳлили таъсири амалҳои шахс ва ё гурӯҳи одамон ба рушди салоҳияти ҳуқуқӣ;

– маърифати ҳуқуқии одамон чӣ тавр метавонанд ба некӯаҳволии ҷамъият, муҳити зист ва иқтисодиёт (маҳаллӣ, миллӣ ва ҷаҳонӣ) таъсири мусбат расонад.

*Ташаккули саводнокии ҳуқуқӣ. Ташаккули дониш вобаста ба самтҳои гуногуни саводнокӣ:*

– дарки аҳамияти донишҳои ҳуқуқии гуногун дар ҳаёти ҳаррӯза;

– саводнокӣ аз калимаҳо, тасвирҳо, рақамҳо, овозҳо, ҳаракатҳо ва дигар нишондиҳандаҳо иборат буда, ҳар яки он мазмуни гуногун дорад;

– таҳқиқи муносибати байни саводнокӣ бо дониш, фарҳанг бо арзишҳо;

– аз бар намудани ақидаҳо ва ахборҳое, ки аз манбаъ ва сарчашмаҳои гуногун дарёфт мегардад (масалан, махзани маълумот ва дигар маъхазҳои табиӣ ва сунъӣ);

– истифода аз технологияҳои гуногун ба мақсади таҳқиқи ақидаҳо ва пурра гардонидани фаҳмиш дар соҳаҳои гуногуни таълим.

*Таҳқиқ ва таҳлили падидаҳои ҳуқуқӣ тавассути донишҳои муайян:*

– ҷустуҷӯйи таҷрибаҳо тавассути истифодаи стратегия, воситаҳо, захираҳо ва технологияҳои гуногун;

– интихоб ва арзёбии сарчашмаҳо ва воситаҳои ахборотӣ, ки барои иҷрои вазифаи мушаххаси касбӣ равона шудаанд;

– истифода аз донишҳои ҳуқуқӣ дар шароити муайян баҳри таҳлилу таркиби вазъияти мавҷуда;

– таҳлили сифатӣ ва миқдории маълумоти хаттӣ, шифоҳӣ ва биноӣ, ки аз сарчашмаҳои гуногуни иттилоотӣ ҷамъ оварда шудаанд;

– истифода бурда тавонистан аз технологияи муосир бо мақсади эҷоди чизи нав.

*Ташаккули масъулиятшиносии иҷтимоӣ. Истифодаи қоидаҳои ахлоқӣ:*

– таҳлили таъсири чашмдошти амалҳои шахс ва дигарон ба муҳит дар вазъиятҳои мушаххас;

– ба эътибор гирифтани таъсири амалҳо дар шароити дигар;

– риояи доимии арзишҳои асосии ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ;

– нишон додани қатъият дар масъалаҳои ҳуқуқӣ, ба монанди “эҳтироми ҳар як шахс”;

– таҳқиқи он, ки арзишҳо ва ақидаҳо аз ҷониби одамон ва халқиятҳои алоҳида баён гардида, дар бой гардонидани маърифати ҳуқуқӣ башарӣ чӣ манфиате доранд.

*Ҷалб гардидан дар муҳокима ва муколамаи маданият ва фарҳанги ҳуқуқӣ:*

– нигоҳ доштани мувозинат дар суханронӣ, гӯш кардан ва ҷавоб додан ба суханронии дигарон;

– имконият додан барои саҳмгузории ҳар як шахс дар ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ;

– ба таври эътимоднок ва созанда пешниҳод карда тавонистани қонун ва қарорҳои мақомоти қонунгузорӣ;

– истифода аз роҳу воситаҳои ҳамдигарфаҳмӣ бо мақсади ҳосил намудани фаҳмиши ягона оид ба масъалаҳои матраҳшавандаи ҳуқуқӣ;

- зоҳир намудани эҳтиром ба хеш ва дигарон ҳангоми муҳокима ва баҳсҳои ҳуқуқӣ. [2. 25- 27].

Хулоса салоҳиятнокӣ дар иҷрои вазифаҳои ҷамъиятӣ ифодакунандаи эҳтироми бепоён ба ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи аҳдномавӣ, муҳаё сохтани муҳити созгор баҳри ҳалли низоъҳои дар синф, муассисаи таълимӣ, оила ва ҷомеа рӯйдода мебошад.

Донишҷӯйи босалоҳият ба атрофиён ёрӣ расонида, дорои мустақилият, фарҳангу маданияти баланд буда, қобилияти дигаронро ба эътибор мегирад ва барои ба мақсади гузошташуда расидани дигарон ёрию мадад менамояд, муносибатҳои ғаразнок ва ноодилонаро нисбат ба худ ва дигарон раво намебинад.

**АДАБИЁТ:**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, “Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ш.Душанбе, 26. 12. 2018.
2. Маҷмӯи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва ҳуқуқии соҳаи маориф.-Душанбе- 2008.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф ” аз 22.07.2013, № 1004.
4. “Барномаи давлатии ислоҳот ва рушди муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020”, аз 30- уми апрели соли 2012 .
5. Байденко В. И. Компетенции в профессиональном образо- вании (к освоению компетентностного подхода) // Высшее обра- зование в России. 2004. № 11.
6. Вербицкий, А. А. Активное обучение в высшей школе: контекстный подход: метод, пособие / А. А. Вербицкий. М.: Высш. шк., 1991. - 207 с.
7. Зимняя И.А Ключевые компетентности как результативно- целевая основа компетентностного подхода в образовании аз Интернет.
8. Маҳкамов Д. Технологияи муносибати босалоҳият дар муассисиҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, “Сифат”, 2018, с.42.


**Давлатов А.**

## САЛОҲИЯТИ ҲУҚУҚӢ ВА САМТҲОИ АСОСИИ ТАТБИҚИ ОН ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ

Дар мақолаи мазкур ба таҳқиқоти мавҷуда такя намуда, таркиби салоҳияти касбии тамоми омӯзгорони фанҳои гуногун мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Ҳуқуқу салоҳиятҳои ҳуқуқӣ дар фаъолияти педагогӣ барои тамоми омӯзгорон ҳатмӣ ва зарурӣ буда, омӯзгор татбиққунандаи муносибати босалоҳият маҳсуб ёфта, дар ташаккули салоҳияти ҳуқуқӣ ва касбии донишҷӯён ҷои хосаро ишғол менамояд.

Аҳамияти ташаккул додани салоҳияти ҳуқуқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Тоҷикистон дар он мебошад, ки дар натиҷаи ҳодисаҳои сиёсии солҳои охир қонуншиканӣ дар байни донишҷӯён ва умуман ҷавонон хеле афзоиш ёфт, ки аз паст будани маърифат ва шуури ҳуқуқии ҷавонон гувоҳӣ медиҳад.

**Калидвожаҳо:** салоҳият, салоҳиятнокӣ, босалоҳиятӣ, муносибати босалоҳият, ташаккули салоҳият,фарҳанги ҳуқуқӣ, маданияти ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ, салоҳияти ҳуқуқӣ.

**Давлатов А.**

## ПРАВОВАЯ КОМПЕТЕНТНОСТЬ И ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ ЕГО РЕАЛИЗАЦИИ В СРЕДНИХ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЯХ

В данной статье, автор опираясь на существующие исследования, повергает анализу структуры правовой компетентности преподавателей всех дисциплин. Право и правовая компетентность в педагогической деятельности преподавателей всех учебных дисциплин является необходимым и обязательным. Именно через такой подход, выявляется профессиональные компетенции преподавателей различных дисциплин. Права и правовые компетенции необходимы для деятельности преподавателей различных дисциплин. Только преподаватель может формировать правовые компетенции студентов в самостоятельной жизни.

**Ключевые слова:** компетенция, компетентность, компетентностный подход, формирование компетенций, правовая культура, правовая сознания, правовая компетенция.

**Davlatov A.**

## LEGAL COMPETENCE AND BASIC DIRECTIONS OF ITS IMPLEMENTATION IN SECONDARY PROFESSIONAL EDUCATIONAL INSTITUTIONS

In this article, based on existing research, the structure of the legal competence of teachers of all disciplines has become the object of study. Law and legal competence in teaching activities of teachers of all academic disciplines is necessary and mandatory. It is through this approach that the professional competencies of teachers in various disciplines are revealed. Rights and legal competencies are necessary for the activities of teachers in various disciplines. Only the teacher can form the legal competencies of students in independent living.

**Keywords:** competence, competence, competence-based approach, the formation of competences, legal culture, legal consciousness, legal competence.

**Сведения об авторе: Давлатов Алимухаммад** – соискатель Института развития образования имени Абдурахмона Джоми Академии образования Таджикистана, адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С.Айни, 45.

**Information about the author: - Davlatov Alimuhammad** job seeker to the Institute for Educational Development named after Abdurahmon Jomi of the Academy of Education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 45 C. Aini St.

**Ҳ. ҲАМРОЕВ**

# ҶАНБАҲОИ ПСИХОЛОГӢ-ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ МАЛАКАҲОИ ДАРКИ МАЪНО ВА РУШДИ ТАФАККУРИ ХОНАНДАГОНИ ЗИНАИ АВВАЛИ ТАҲСИЛОТ

Заминаҳои психологии дарки маъно ва инкишофи тафаккур, назарияи илмӣ оид ба рефлекси ихтиёрӣ ва ғайриихтиёрии психологии аз тарафи муҳаққиқ И.П. Павлов пешниҳодшуда аз ҷиҳати илмии худ дар таърихи педагогикаи башарӣ мавқеи махсусро касб кардааст. Ин кашфиёти бемисл, ки дар мактаби психофизикии олим аз ҷиҳати илмӣ пурра асоснок ва таҳқиқ гардидааст, ба ташаккули малакаҳои дарки маънифаҳмии хонанда ва рушди тафаккури он мусоидат мекунад. Зеро дарки маъно ва ташаккули маънавиёти хонандагонро бе истифодаи асосҳои назариявии психологӣ, педагогӣ ва методӣ ба даст овардан ғайри имкон аст.

Аз рӯйи баъзе ақидаҳои олимон барои дарк кардани маъно аввал оид ба он матн амиқтар фикр кардан ва сониян онро /агар зарур бошад/ такроран хондан лозим меояд. Ба қавле асари бадеиро аввал ба дил ва баъд ба сар қабул бояд кард, яъне фаҳмид. Ин андешаҳо комилан дурустанд, зеро пеш аз он ки матн хонда шавад, аввал бачаро ба хондан бояд тайёр кард ва таъкид намуд, ки мазмуни матн бояд фаҳмида шавад. Яъне пешакӣ мақсад бояд гузошт ва диққати хонандаро ба он қаблан ҷалб кард.

Маълум аст, ки тасвирҳои бадеӣ ва хусусияти психикии қаҳрамонони матн /асар/ гуногун ва ниҳоят мураккабанд, аз ин сабаб бисёр хонандагон ба дарки маънои матн на ҳамеша тайёранд. Донистани забон, нутқи шифоҳӣ /гуфтугӯйӣ/ ба хонанда осон ва якбора муяссар намешавад. Ин кори мушкилро кӯдак барои он иҷро мекунад, ки ҳаёт дар назди вай оид ба донистани забон талабот мегузорад, зеро ки дурустии нутқи ӯро атрофиён мефаҳманд ва агар нодуруст гӯяд, намефаҳманд. Муваффақияти кӯдак дар донистани забон ҳамеша қадрдонӣ шуда, бад-ин васила мустаҳкам мешавад, аммо камбудиаш /хатоҳояш/ дар ин маврид аз ҷониби атрофиён танқид мегардад ва он хато минбаъд набояд такрор ёбад.

Таълими забони модарӣ дар мактаб дар аксар ҳолатҳо дар хонандагон таассуроти амиқи маънифаҳмӣ гузошта наметавонад. Чунки бархе аз омӯзгорон ба хонандагон тасвирҳои бадеӣ ё худ образҳои бадеии асарро /матнро/ дуруст ва саҳеҳ кушода дода наметавонанд, баръакс худашон ба хонандаҳо ҳамфикр гашта, норасоии хотира ва диққати бачагон ва ғайраро баҳона мекунанд.

Барои дуруст дарк кардани маънои матн аз тарафи хонандагон, пеш аз ҳама, хониши ифоданокро ба онҳо зиёдтар бояд талқин кард.

Ба ақидаи мунаққид Горнфельд Ф., ки ба фаҳмиши матн диққати зарурӣ додааст, барои он ки бача чизи хондаашро фаҳмад, ӯ бояд оҳиста хонад.

Аммо фикри муаллиф, ки бача барои фаҳмидани матн бояд оҳиста хонад, он қадар ҳақиқати воқеӣ надорад. Зеро хусусиятҳои равонии ҳар як бача гуногун буда, фаҳмиши онҳо ҳам гуногун аст ва фикри муаллиф мумкин аст, як шарти масъала бошад.

Хулоса, барои дуруст дарк кардани маъно бояд ба чунин қоидаҳоро (шартҳоро) риоя кард, ки бе онҳо наметавон ба дарки маънои матн /асарҳои бадеӣ/ муваффақ гашт:

Шарти якум - вазъу шароити хубу мувофиқ доштани хонанда.

Шарти дуюм - хуб донистани забони модарӣ ва ҷараёни таълим.

Шарти сеюм - доштани таҷриба дар хониши матн /асари бадеӣ/.

Шарти чорум - ҳар чи қадар зиёдтар инкишоф додани нутқи шифоҳӣ ва хаттии хонандагон.

Шарти, панҷум - барои дуруст дарк кардани мазмуни матн бомулоҳиза, оҳиста ва фикр карда баъд хондан зарур аст.

Шарти шашум - назорат кардан лозим, ки аз таҳлили матн фаҳмиш ба вуҷуд ояд, яъне қаблан саволу супоришҳоро низ истифода боист кард.

Шарти ҳафтум - аз тарафи муаллим истифода бурдани имкониятҳои фаъолсозии хонандагон ва ба низом даровардани ҷараёни таҳлили /синтез/-и мактаббачаҳо ҳангоми мутолиаи матни бадеӣ ё ташхис ва таркиби матн.

Аз шартҳои боло, ки олимони забоншинос гузоштаанд, аксарашонро метавон ҷонибдорӣ кард ва боз баъзе талаботи дигарро низ илова намуд. Масалан, ба шарти дуюм, ки хуб донистани забони модарӣ пешниҳод шудааст, онро ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ чӣ тавр метавон нисбат дод, ҳол он ки онҳо аксарашон акнун ба қоидаю қонунҳои забони модарӣ шинос мешаванд ва аён аст, ки онон ин қоидаҳоро пурра намедонанд. Лекин боз фаҳмиши матн, ба назари мо, ба ҳаҷми матн ва тарзи тасвири муаллиф низ вобастагӣ дорад.

Оре, хониш ин шарти муҳимми ташаккули фикр аст, ки тавассути он қобилияти азхудкунии бача инкишоф меёбад ва шавқу рағбаташ ба хондану навиштан афзун мегардад: «Бошуурона аз худ намудани маводи грамматикӣ аҳамияти калони таълимӣ дорад: агар бачаҳо қоидаро аз ёд кунанд, онро дар амал татбиқ карда наметавонанд. Аз ёд кардани грамматика,- таъкид карда буд К.Д. Ушинский, - ҳамчун аз ёд кардани мантиқ ё арифметика бемаънигист».

Чунон, ки маълум аст, дар мактабҳои собиқ Шӯравӣ, аз ҷумла,дар Тоҷикистон дар ибтидо таълими забони модарӣ асосан бо усули қоидаазёдкунӣ ё ба тарзи дигар гӯем, аввал қоида ёд дода мешуд ва хонанда онро қориазёд мекард, сипас таҳлили калимаю ҷумла оғоз мегардид. Аммо ин усули таълим оҳиста-оҳиста барҳам хӯрда, дар солҳои 80-ум асосан ба ташаббуси олими тоҷик М. Лутфулоев усули таълими таҳлил ва таркиб ҷорӣ гардид, ки натиҷаи хуб дода истодааст. Хусусан дар таълими савод ин усул самараи хуб дод. Барои мисол хонандагони синфҳои якуми мактаби №№ 8, 35, 53-и ш. Душанбе дар солҳои 90-уми асри гузашта баъд аз чор моҳи таҳсил якбора ба синфи дуюм гузаронида шуда ва аз моҳи январ яъне аз оғози чоряки сеюм аз рӯйи барномаҳои таълими синфҳои 2 дарс мехонданд.

Дониши ҳақиқӣ ва малакаи шуурона танҳо дар ҷараёни фаъолона аз худ намудани маводи таълимӣ ба даст меояд. Фаъолиятнокӣ бошад аз талабагон нисбат ба маводи омӯхташаванда, нисбат ба супоришҳои муаллим ва китоб диққатнокиро талаб мекунад: дар ин маврид ақл, фикр, ирода ва хулқ - ҳамааш ба кор банд мешаванд. Ба маъно ва шакли калимаҳо диққат додан, аз ёд намудани чизҳои зарурӣ, фаъолиятнокии ҷараёни фикр, нисбат ба кор муносибати шуурона кардан, аз даст надодани ирода-ҳамаи ин мафҳуми «фаъолиятнокии бачагонро дар равиши таълим" ташкил мекунад. Фаъолиятнокӣ дар бачагон мустақилиро мепарварад. Мустақилию фаъолиятнокӣ дар таълим, агар гуфтан ҷоиз бошад, ҳамрадиф ё синониманд. Ҷиҳати муҳимми ҳар як кори мустақилона дар он аст, ки раванди таълиму тарбия самаранок гардад, то ки фикри бачаҳо инкишоф ва салоҳиятҳои асосиву ҳаётии онҳо ташаккул ёбад.

Бошуурона аз худ намудани маводи таълим асоси мустаҳкамии дониш мегардад, аз ин рӯ, онҳо бо ҳам алоқаманданд ва ҳамдигарро пурра мекунанд. Ва метавон гуфт, ки пояи асосии дарки маъно бевосита хониши бошуурона ба шумор меравад.

Муваффақияти бачаҳо оид ба дарки маъно пеш аз ҳама дар он аст, ки муаллим то чӣ андоза инкишофи асосҳои назариявии дарки маъноро мефаҳмад ва маҳорату истеъдоди хешро дар омӯзиши шогирдон то кадом дараҷа идора мекунад ва онҳоро ба маънифаҳмӣ омода месозад.

Яке аз хусусиятҳои асосии таълими забони модарӣ /хониш/ дар синфҳои ибтидоӣ ин аст, ки матнҳои таълимии хониш ҳаҷман ва мазмунан ба синну соли хонандагон мусоидат кунанд, дар акси ҳол дар таълим ҳеҷ гуна муваффақият натавон ёфт. Мазмуни маълумот оид ба грамматика ва имлоро танҳо характери донишҳои дар мактаб баёнсозанда муайян намекунанд. Вай, пеш аз ҳама, аз чашмаи силсилаи илмҳои дидактика ва психологияи бачагона об мехӯрад. Чаро? Аввал ин ки, маводи омӯхташаванда мувофиқи хусусиятҳои синну соли бачагон интихоб карда мешавад ва сониян,мазмуни фанни таълимиро на танҳо мазмуни илми дахлдор, балки вазифаҳои таълимӣ-тарбиявие, ки замони муосир дар назди мактаби ибтидоӣ мегузорад, муайян мекунад.

Тавре ки равоншинос Амонов Н. ва олимони дигар собит кардаанд, шахс дар рафти ҳаёт бо мушкилиҳои гуногун дучор шуда, бо истифода аз тафаккури худ роҳу усули ҳалли онҳоро пайдо менамояд. Тафаккури инсон қодир аст, ки бо ёрии далелҳои маълум номаълумро ошкор намояд. Масалан, одам саҳар аз хоб бедор шуда, ба назди тиреза омада мебинад, ки боми хонаҳо тар аст ва бо ҳамин фикр мекунад, ки «имшаб борон боридааст». Мушоҳидаи мазкур ба мо мисоли хосси рафти фикррониро нишон медиҳад. Шахс боронро бевосита идрок накарда бошад ҳам, вале онро ба тарзи дигар, ба воситаи далелҳои дигар, яъне бавосита дониста гирифт. Нишонаи якуми тафаккур маҳз аз ҳамин иборат аст, ки вай раванди бавоситаи дарк намудани ашё ва ҳодиса мебошад. Яъне бо истифода аз ашё ва ҳодисаҳои маълум, баъзе ашё ва ҳодисаҳои номаълуми дигар муайян карда мешаванд. Бояд қайд кард, ки сабаби асосии чунин дарк намудани ҳодиса, пеш аз ҳама, дар фаҳмидани алоқа ва муносибатҳои байни ашёву ҳодиса аст. Дар бораи он ки шаб борон боридааст, одам аз ҳамин сабаб хулоса бароварда тавонист, ки алоқаи сабабии байни борон ва намнок будани бомҳо ба ӯ маълум аст.

Воқеан дар таълими фанни хониш аҳамияти илмҳои психология ва дидактика бағоят калон аст. Зеро хусусиятҳои психологии шогирдонро ба назар нагирифта, маводи дидактикиро истифода накарда, таълими дурусти фанни забони модариро ба роҳ мондан ғайриимкон аст ва ноил гардидан ба дарки маъно ба хонанда амри маҳол мегардад.

Ҳамин шартҳоро ба назар гирифта, ифодашавии далелҳои психологию педагогиро ба чунин қисматҳо ҷудо кардан ба мақсад мувофиқ мебошад ва ин шартҳо, бешубҳа, баҳри аз бар кардан ё худ фаҳмидани маъно ёрӣ мерасонанд:

1. Психология раванди аз тарафи талабагон омӯхтани донишҳоро таҳқиқ ва муайян мекунад;

2. Ба ташаккули маҳорат ва малака, аз ҷумла, ба нутқ ва имло сару кор дорад;

3. Душвориеро, ки талабагон ҳангоми донишомӯзӣ дарҳосил намудани маҳорату малака дучор меоянд, муайян менамояд;

4. Қонунияти инкишофи дониш, маҳорату малака ва тараққиёти умумии бачагонро дар ҷараёни таълим меомӯзад.

Аз ин рӯ, методикаи таълими забон, ҳамчун фанни педагогӣ, ин далелҳоро, ки боиси самаранокии тарзу усулҳои таълим гашта, сохт ва ягонагии фаъолияти муаллиму талабагонро бо назардошти хусусиятҳои синнусолӣ ва фардӣ таҳлил менамояд, ба назар нагирифта наметавонад. Равандҳои педагогӣ дар дарсҳои забони модарӣ ҳамон вақт мувофиқи мақсад ташкил карда мешаванд ва бор меоваранд, агар амалиёти муаллим дар талабагон фаъолияти психикии зарурӣ орад.

Умуман, психология илмест, ки дар таълими ин ё он фан ба муаллим ёрӣ расонида, баҳри донишомӯзии хонандагон хизмат мекунад. Беҳуда нагуфтаанд, ки муаллими хуб як андоза психолог ҳам аст.

Ҳамин тариқ, аз нуқтаи назари педагогӣ-психологӣ ва методӣ асоснок кардани мазмуни таълими синфҳои ибтидоӣ аз ҷумла, фанни забони модарӣ хеле муҳим аст.

Дарки маъно ҳеҷ гоҳ бе фаъолонидани фикр ва гузоштани заминаҳои психологӣ-педагогӣ ба хонандагон муяссар намешавад. Аз ин рӯ, бачаро ба маънифаҳмӣ на танҳо муаллим (баъд аз 6-7 сол кӯдак ба мактаб меояд), балки падару модар қаблан тайёр кунанд. Яъне волидайн ба фарзанди хеш аз рӯзҳои аввали нутқ карданаш бо суханони шевою равон суҳбат намоянд, ба саволҳои кӯдак ҷавобҳои саҳеҳ, равшану возеҳ ҷавоб диҳанд. Хуллас, ягон суолашро бе ҷавоб нагузоранд, дар акси ҳол фарзанд кундзеҳну бефаҳм тарбия меёбад ва минбаъд мактаб ҳам, ҳатто, аз уҳдаи таълиму тарбияи хуби чунин кӯдак, мумкин аст, баромада натавонад.

Ба ҳамин тариқ, заминаҳои психологии дарки маъноро метавон ба чунин қисматҳо ҷудо кард:

а) барои дарки маъно қабл аз хониш хонандаро огоҳ ва омода сохтан;

б) муваффақияти кӯдакро дастгирӣ ва камбудиашро таъкид кардан.

Ба фикри мо, муҳим он аст, ки бачаҳо бояд матни ба синну солашон мувофикро ифоданок ва бошуурона хонда тавонанд.

Н.Ф. Бунаков, яке аз давомдиҳандагони кори К.Д. Ушинский, таъкид мекард, ки дар хониши эзоҳӣ ҷои муҳимро хониш, саволу ҷавоб ва ҳисобот аз матни хондашуда ишғол мекунад:

1. Суҳбати муқаддимавӣ;
2. Ба қисмҳо ҷудо карда хондани матн ва шарҳи калимаю ибора ва таркибҳои мушкилфаҳм;
3. Саволу ҷавоб (пурсидани чизи хондашуда);
4. Омода шудан ба нақли шифоҳӣ;
5. Хондани тамоми матн (ба таври ифоданок).

Н.Ф. Бунаков асосан ҷонибдори дар китобҳои хониш (забони модарӣ) ҷой додани асарҳои бадеӣ, илмӣ-оммафаҳм буд.

Лекин дар айни замон, ба фикри мо, дар китобҳои дарсии забони модарӣ ҳарчи зиёдтар асарҳои манзум, ҳикоя ва афсонаю ривоятҳоро аз мероси ниёгонамон ворид созем, беҳтар аст. Зеро маҳз чунин жанрҳо ба шавқу завқи хонандагон муносб ва мувофиқтаранд.

Методистон Н.Т. Каноныкин ва Н.А. Щербакова бошанд, дар асарҳои методиашон оид ба фаҳмидани маънои матни хондашуда тарзҳои зеринро пешкаш кардаанд:

1. Нишон додани асли ашё ё ҳаракати он (аз рӯйи имконият);
2. Намоиш додани расмҳо;
3. Шарҳу эзоҳи калимаҳои ба хонандагон номафҳум тавассути исм, ифодаи ибора ё ҷумла;
4. Овардани калимаҳои ҳаммаъно (муродифҳо);
5. Шарҳи калимаи номафҳум бо истифодаи гурӯҳи калимаҳо;
6. Таҳлили таркиби калима.

Чунон ки аз нишондоди методистон бармеояд, тарзҳои пешниҳодкардаи онҳо барои хониши эзоҳӣ ва дарки маънои порча ё матни хондашуда мувофиқанд.

Ба назари мо, хуб мешуд, ки баъд аз шарҳу эзоҳи калимаҳои номафҳум бо истифодаи он калимаҳо ҳамзамон ба тарзи шифоҳӣ тартиб додани ҷумларо низ тавсия медоданд, то маънои калимаҳо дар хотири бачаҳо дурусттар нақш бандад ва ин усул баҳри шарҳу эзоҳи калимаҳои зарурӣ самараноктар мегардид.

Таҳлил ва арзёбиҳо нишон медиҳанд, ки талаботи суръати хониш барои синфҳои болоӣ лозим бошад ҳам, вале барои синфҳои ибтидоӣ он қадар зарурат надорад. Зеро хурдсолон бисёртар ба фаҳмидани мазмуни матн таваҷҷуҳ менамоянд ва табиист, ки дар ин ҳолат суръатнокии хониш нафъе нахоҳад бахшид. Лекин дар барнома ҷойгир кардани талабот доир ба суръати хониш мувофиқи матлаб аст, ба шарте ки онҳо боиси пешрафт ва инкишофи нутқи мураттаби хонандагон хизмат намоянд, вале на ҳамчун воситаи санҷиши суръатнокии хониш ва баҳогузории хонандагон.

Аз рӯйи мушоҳидаи дарсҳои муаллимон ва таҷрибаи кори тӯлонӣ маълум гашт, ки муҳимтарин ва самарабахштарин воситаҳои ёрирасон барои дарки маъно ва инкишофи тафаккур инҳоянд: кор бо луғат, ба саволҳо ҷавоби пурра додан, аз рӯйи расми мазмуннок нақл кардан ва хондани расм, гузоштани саҳначаҳо, ёфтани ҷавоби чистонҳо ва истифодаи онҳо дар дарс, истифодаи панду андарзҳо ё мақолу зарбулмасалҳо, истифодаи тезгӯякҳо, аз ёд кардани шеърҳо ва порчаҳои насрӣ, гузаронидани бозии байтбарак, ташкили бозии «тезхонӣ», нақл кардан аз рӯйи мушоҳида, хотирот ва саргузашт, ба гурӯҳҳо ҷудо карда тавонистани ашё, ба фаслҳо ҷудо намудани моҳҳои сол, муайян кардани аломат ва хусусияти фаслҳои сол, хонда аз бар кардани маънои матнҳои дастрас аз рӯзнома, маҷалла ё китобҳои дилхоҳ, гӯш ва тамошо кардани ахбору намоишҳои адабӣ-бадеии садою симо ва ғайра мебошанд.

Ҳамзамон барои бой гардонидани таркиби луғавӣ ва нутқи шифоҳии хонандагон роҳу усули мухталифи инкишофи нутқро истифода бурдан зарур аст. Ба ин восита дараҷаи маънифаҳмии бачаҳоро ба қадри ҳол метавон таъмин кард.

Ба назари мо, хуб мебуд, минбаъд дар синфҳои ибтидоӣ талаботи суръати хонишро сарфи назар карда, ба ивази он талаботи маънифаҳмӣ ё худ дарки маъно ҷорӣ гардад, ки хеле судманд хоҳад буд. Зеро то ҳол омӯзгорон асосан ба суръатнокии хониш диққати зарурӣ дода, нисбат ба маънифаҳмӣ ҷиддан машғул нестанд ва ҳатто онро дар ҷои дуюм

мегузоранд. Ғайр аз ин дар барнома оид ба дарки маъно талаботи мушаххас низ гузошта нашудааст. Ҳол он ки маънифаҳмиро дар зинаи аввал мебоист гузошт. Суръати хонишро ҳамчун бозӣ ё мусобиқаи тезхонӣ метавон истифода кард.

Таҷрибаи амалии як идда омӯзгорони навовар бозгӯ мекунад, ки баҳри дарки маънифаҳмии шогирдони хурдсол боз амалӣ намудани чунин тадбирҳои таълимӣ бамаврид ва самаровар аст:

- ✓ бедор кардани шавқу рағбати хонандагон нисбат ба китоб,
- ✓ мувофиқат кардани матн (мазмун ва ҳаҷм) ба синну соли хонанда;
- ✓ зарурати таваққуф ҳангоми мутолиаи матн;
- ✓пеш аз мутолиа омода карданихонанда ҷиҳати фаҳмиши матн ва дарки маънои он;
- ✓ бодиққат ва бомулоҳиза қироат кардани матн;
- ✓ зарурати таваққуф ҳангоми мутолиаи ибораю ҷумла ё порчаи матн;
- ✓ аз ҷумла, ибора ва таркибҳои матн ҷудо кардани калимаҳои асосӣ;
- ✓ шинохтани калимаҳои такягоҳии матн ва иваз кардани онҳо бо вожаҳои ҳаммаъною сермаъно;
- ✓ фарқ карда тавонистани калимаҳои мустақилмаъно аз калимаҳои ёрирасон;
- ✓ диққат додан ба оҳанги талаффузи калима ва ибораю ҷумла ҳангоми хониш;
- ✓ ба хотир гирифтани вожаҳои душворфаҳми матн, истифода бурдани луғат;
- ✓ возеҳ талаффуз намудани калимаҳо аснои хониши шуурона;
- ✓ омӯзонидани санъати наттоқӣ ва хушбаёнӣ;
- ✓ хондани (аз назар гузаронидани) расми матн;
- ✓ ба эътибор гирифтани суол ва супоришҳои зерматн;
- ✓ кор бо луғатҳои тафсирёфтаи зерматн;
- ✓ хулосабарорӣ аз рӯйи мазмуни матн бо иловаҳои худ ва муаллим.

Азбаски дар раванди таълими ибтидоӣ нутқи шифоҳӣ асосӣ буда, он дар навбати худ бунёди нутқи хаттиро ташкил медиҳад, ба ин масъала низ диққати ҷиддӣ додан зарур аст.

Бесабаб нест, ки нутқи шифоҳии баъзе толибилмони мактабҳои олӣ ва миёна, таълимгоҳҳо, кормандони идораю муассисаҳои ҷамъиятӣ хеле коҳиш ёфтааст. Баъзе ашхосе ёфт мешаванд, ки фикру ақидаи хешро ба таври бояду шояд мушаххас баён карда наметавонанд ва агар баён кунанд ҳам, муғлақу махлут ва нофаҳмо. Аз ин рӯ, ба хулосае омадан мумкин аст, ки яке аз сабабҳои асосии коҳиш ёфтани нутқи шифоҳӣ, пеш аз ҳама, талаботи нопурраи барномаи таълимӣ нисбат ба инкишофи нутқи шифоҳӣ ва алоқанок мебошад.

Бояд гуфт, ки ҳар як кӯдак хусусиятҳои танҳо ба ӯ хоси фаъолияти азхудкунӣ, ҳаёти эмотсионалӣ, ирода, характер (хислат) ва ахлокро дорост. Ҳар яке муносибати фардӣ баташаккули шахсияти ба дониш ва фаҳмиши хуби қонуниятҳои рӯҳӣ асосёфтаро махсус талаб карда, аз муаллим муносибатеро мехоҳад, ки таълим ва рушди ақлии маҳз ҳамин кӯдак тақозо мекунад.

Яке аз хусусиятҳои кӯдакони хурдсол дар он аст, ки дар онҳо нисбатан хотираи мантиқӣ-калимагӣ, хотираи аёнӣ-тахаюлӣ бештар рушд кардааст. Зеро онҳо назар ба тасвир ва шарҳу эзоҳи ҳодисаю ашё, шакл ва намуди онҳоро бештар дар хотир мегиранд. Аз ин рӯ, ҳангоми таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ ба ин ҷиҳати масъала низ эътибори ҷиддӣ додан зарур аст.

Ба ақидаи К.Д. Ушинский ба хонанда на танҳо чизҳои шавқовар, балки маводи диққатҷалбнакунандаро низ баъзан метавон таълим дод. Дар ин хусус Ушинский чунин таъкид кардааст: «Дар хотир доред, ки на ҳама чиз дар таълим шавқовар аст. Кӯдакро омӯзонед, ки на танҳо он кореро иҷро намояд, ки мароқангез аст, балки он амалеро низ иҷро намояд, ки ба ӯ хушоянда нест - бигзор онро аз рӯйи вазифааш бо майли том иҷро кунад».

Бинобар ин, ҳангоми таълими забони модарӣ ба бачаҳо ба ин чиз ҳам эътибори ҷиддӣ додан зарур аст.

Табиист, ки ҳар як фаъолияти мантиқии инсон бе қобилияти фикрӣ, муҳокимаронӣ, муқоисакунӣ, ҷудокунӣ ва хулосабарорӣ ғайриимкон аст. Масалан, кӯдаконро аснои

таълими ҳиссаҳои нутқ ба фикркунии мунтазам бояд ҳидоят кард. Тафаккури хонанда қабл аз ҳама дар равиши фаъолияти таълимӣ ташаккул меёбад. Аз ин хотир, дар ҳар як дарс бояд усули таълими ташаккули фаъолияти фикрии хонандагон ба роҳ монда шавад.

Бисёр муҳим аст, ки дар таълими синфҳои ибтидоӣ дар хонандагон қобилияти бодиққат гӯш кардани суханронии муаллим тарбия карда шавад, ки мақсад аз он таълими шинохтани воситаҳои образноки забон, дарки мафҳумҳои грамматикӣ, маъноҳои гуногуни калимаю иборахо, истифодаи таъсирбахшу нишонраси вожаҳо ва омӯзондани тарзи истифодаи онҳо дар нутқи бачагон аст. Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои таҳлили асар чи аз ҷиҳати мазмун ва чи аз ҷиҳати забон на фақат шинохтанӯ фаҳмидани калимаю ибораҳои таъсирбахшу нишонрас, балки дар раванди таҳлили мазмун ва нақл ин воситаҳои забонро ёд гирифтани хонандагон аст, то дар ҳаёти рӯзмарраи хеш истифода карда тавонанд.Идроки истифодаи калимаю ибораҳо ба ин ё он мазмунва дар ин ё он маврид барои дарки комили мазмуни асар ва бад-ин васила ба ташаккули малакаҳои дарки маънои матн мусоидат мекунад.Вазифаи муаллим аз он иборат аст, ки дар баробари фаҳмонидани ҳодисаву воқеа, тасвири табиату сифатҳои қаҳрамони асар мавқеъ ва тасвири бадеъро дар офариниши онҳо нишон диҳад ва тавассути он дар бачагон нисбат ба забону забономӯзӣ шавқу рағбат бедор карда, муҳаббати шогирдонро нисбат ба забони тоҷикӣ афзун намояд.

**АДАБИЁТ:**


1. Атохонов Р., Абдураҳмонов Г.Муқаддимаи психология.– Душанбе, 2009.
2. Ананьев Б. Г. Человек как предмет познания – М.: - Просвещение, 1986.
3. Аминов С. Текст и его обучение в школе.– Душанбе, 2002.
4. Амонов Н. Тафаккур: ташхис ва инкишоф. – Душанбе, 2014.
5. Бахтин М. М. Проблема речевых жанров // Бахтин М.М. Эстетика словесного творчества.- М.: - Просвещение, 1999.
6. Бунаков Н. Ф. В школе и дома.- Лутфуллозода М. Методикаи таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ.– Душанбе, 1985.
7. Боронов Б. Баъзе андешаҳо роҷеъ ба дарки маънӣ// Имрӯз ва фардои мактаб.Маҷмӯи мақолаҳо. – Душанбе, 2008. - саҳ. 55-56.
8. Выготский Л. С. Мышление и речь. -М.: - Педагогика, 1996.
9. Кононыкин Н. П., Щербакова Н. А. Методика преподавания русского языка в начальной школе.–Ленинград.: - «Учпедгиз», 1955.
10. Котибова Ш. Аналитико-синтетические упражнения в развитии связной речи учащихся начальных классов: 13.00.02.-методика преподавания родного языка.- автореф. дис. канд. пед. наук.–Душанбе, 2011.
11. Леонтьев А.А. Избранные психологические произведения. Т.1.- М.: Педагогика.- 1973.
12. Лутфуллозода М. Асосҳои таълими ибтидоӣ .– Душанбе, 2007.
13. Стрезикозин В.П. Актуальные проблемы начального обучения.Пособие для учителя. – М.: - «Просвещение», 1976.
14. Темирова Х. И. Психолго-педагогические проблемы классного чтения художественных произведений в начальных классах: автореф. дис….канд. пед. наук. - Душанбе.- 2004.
15. Ушинский К.Д. Избр. пед соч. Т.2.- М.: - «Просвещение»,1954.
16. Шарифзода Ф. Таълими ҳамгиро, проблема, таҳқиқ ва андешаҳо,қисми 2. - Душанбе.: – «Маориф», 2000.
17. Шербоев С. Методикаи таълими забони тоикӣ, нашри 4. (Бо таҳлил ва иловаҳо,барои донишҷӯёни факултетҳои филологии мактабҳои олии Тоҷикистон).- Душанбе, 2005.


**Ҳамроев Ҳ.**

## ҶАНБАҲОИ ПСИХОЛОГӢ-ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ МАЛАКАҲОИ ДАРКИ МАЪНО ВА РУШДИ ТАФАККУРИ ХОНАНДАГОНИ ЗИНАИ АВВАЛИ ТАҲСИЛОТ

Дар мақола бо истифода аз сарчашмаҳои мухталиф масоили вобаста ба ҷанба ва асосҳои психологӣ-педагогӣ ва дидактикӣ-методии дарки маънои матн ва вобаста ба он масъалаҳои рушди

тафаккури хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст.Муаллиф аз арзёбиву таҷрибаи амалии хеш ва як зумра омӯзгорони навҷӯву навовар усулу шеваҳои гуногуни ташаккули малакаҳои дарки маъно ва салоҳиятҳои ҳаётии хонандагони хурдсолро аз назари психологӣ ва педагогӣ дар дастрасии омӯзгорон қарор додааст.

**Калидвожаҳо**: малакаҳои дарки маъно, психология, психофизика, кори мустақилона, таҷрибаи амалӣ, рушди тафаккур, инкишофи нутқ, нутқи шифоҳӣ, хусусиятҳои психикӣ.

**Хамроев Х.**

**ПСИХОЛОГО-ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ФОРМИРОВАНИЯ НАВЫКОВ ВОСПРЯТИЯ СМЫСЛА И РАЗВИТИЯ МЫШЛЕНИЯ УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ**

В статье автор, анализируя из различных источников взляды учёных-психологов и педагогов, рассматривает различные псхолого-педагогические и дидактико-методические основы и аспекты формирования навыков восприятия смысла текста и связанные с ним вопросы развития мышления учащихся начальных классов. В статье, также, представлены различные методы и прёмы формирования навыков восприятия содержания текста и ключевых компетенций младших школьников с точки зрения психологии, педагогики, практического опыта самого автора и учителей-новаторов.

**Ключевые слова**: навыки восприятия текста, психология, психофизика, самостоятельная работа, практический опыт, формирование мышления, развитие речи, устная речь, психические особенности.

**Hamroev H.**

**PSYCHOLOGICAL AND PEDAGOGICAL ASPECTS OF THE FORMATION OF THE SKILLS OF THE EXPLOSION OF MEANING AND DEVELOPMENT OF THINKING PUPILS**

In the article, the author, analyzing the views of psychologists and teachers from various sources, examines various psycho-pedagogical and didactic-methodical foundations and aspects of the formation of sense perception skills and related issues of developing the thinking of primary school students. The article also presents various methods and tools for the formation of skills in perception of the text content and key competencies of younger students in terms of psychology, pedagogy, practical experience of the author himself and teachers and innovators.

**Keywords:** text perception skills, psychology, psychophysics, independent work, practical experience, thought formation, speech development, oral speech, mental characteristics.

**Сведения об авторе: Хамроев Хабибулло** - соискатель Института развития образования имени Абдурахмони Джоми Академии образования Таджикистана, зав. учебным отделом Филиала РИПКПРСО в городе Бохтар, адрес: Республика Таджикистан, г. Бохтар, ул. Вализода – 1а; тел. (992 37) 903 02 67 68, e.mail: habibullobtr@mail.ru

**Information about the author: Hamroev Habibullo** - applicant of Institute of development of education named Jomi Academy of education of Tajikistan, head. the education Department of the Branch of the Republican Institute of qualification improvement and retraining of education workers in city of Bokhtar, address: Republic of Tajikistan, the Bokhtar street Walizada – 1a; tel: (992 37) 903 02 67 68 E. mail: habibullobtr@mail.ru

**З. УМАРЗОДА**

# ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ - САМТИ АФЗАЛИЯТНОК ДАР ТАЪЛИМИ МУОСИР

Мо дар давраи табадуллоти глобалии воситаҳои иттилоот, ки зиндагӣ, муошират ва тафаккури моро ба куллӣ тағйир дода, талаботи махсусро дар назди низоми таълим пешниҳод менамояд, ҳаёт ба сар мебарем. Оянда бештар аз қобилияти фаҳамидан ва дарк кардани консепсияҳои нав, интихоби барҷо, мунтазам хондан ва унс гирифтан ба таҳавулоту такомулот дар тӯли зиндагӣ вобаста аст. Насли нави компютерҳо, шабакаи глобалии Интернет шартҳои рушду такомули нақши инсонро дар ҷомеа ба миён мегузорад. Роҳе ки ба воситаи он инсонҳо иттилоотро ба вуҷуд меоранд, месозанд, нигоҳ медоранд, интиқол мекунанд, қатъиян дигаргун гардидаст, бинобар ин, шаклҳои коммуникация (муошират), таълим ва фаъолият низ ногузир тағйир ёфта истодааст. Имрӯз, дар давраи муосири бархӯрди тамаддунҳо ва умумибашаришавии тамаддунҳо ҳар як давлат ва ҷомеаро зарурияте ба миён омадааст, ки стратегяи оқилонаеро доир ба рушди фарҳанги миллӣ ва умумибашарӣ, махсусан рушду такомули таҳсилот фароҳам созад. Он ангезандаҳои фарҳангие, ки ба ҷомеа мушкилиҳои равонӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ меоранд, бояд сарфи назар шаванд ва самти мубориза бояд ба рушди фарҳангу маорифи солим ва пешбаранда равона гардад. Шабакаи ягонаи иттилоотӣ имкон медиҳад, ки имрӯз ҳама гуна ангезандаҳои илмию фарҳангӣ дастраси ҷомеа шаванд ва ҳукумат қодир нест аз ҷиҳати технологӣ пеши роҳи онҳоро бигирад. Бинобар ин, зарур аст роҳҳои нав ва муфид ҷиҳати афзалият додани таълиму тарбия амалӣ карда шаванд ва бояд дар рафти таълим васеъ мавриди истифода карор бигиранд. Ба тарзи дигар иброз намоем, омилҳои инкишофи тамаддуни замони нав ворид намудани тағйиротро дар низоми таълим тақозо менамояд. Таълим дар ҳолате самарабахш мегардад, ки агар он талаботҳои давраи нав пешовардаро қаноатбахш карда тавонад, бинобар дар замони ҳозир мақсади таълим дар тамоми дунё дар қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти иқтисодиёти муосир ва ҷомеа зоҳир меёбад. Аз ин бармеояд, ки ҷамъияти муосир маданияти нави таълимро тақозо менамояд, ки онро бе васоили навини техникӣ тасаввур кардани ғайриимкон аст. Аз ҷумла технологияи иттилоотӣ ба кулли соҳаҳои илмиву техникӣ мутааллиқ буда, пеш аз ҳама тамоми тарзу усули эҷод, захирасозӣ, идоракунӣ ва ташаккули донишро дар муҳассилини макотиби муосир дар бар мегирад ва самти афзалиятнок дар таълими тадрис дониста мешавад. Истифодаи оқилона аз имкониятҳои самарабахши технологияи иттилоотӣ дар замони муосир соҳаи илму маорифро ба комёбиҳои нав ба нав ноил мегардонад. Ин аст, ки ҳукумати кишвар баҳри татбиқи ҳамаҷонибаи технологияи муосири иттилоотӣ барномаҳои компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои давраҳои 2003-2007, 2008-2011 ва 2011-2015 қабул намуд, ки ҳадаф аз он амалӣ намудани технологияи иттилоотӣ-коммуникативӣ дар муассисаҳои таҳсилотии кишвар барои солҳои 2018-2022 мебошад.

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд гардидааст ки: «Таҳким бахшидани иқтидори илмии кишвар, ҷорӣ кардани ихтироот дар истеҳсолот, устувор гардонидани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ҷалби боз ҳам васеи истеъдодҳои ҷавон ба омӯзиши технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникӣ вазифаи муҳимтарини соҳаҳои илму маориф мебошад».[1]

Дар боби 1-уми моддаи 1-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" омадааст, ки "таҳсилот раванди муттасили таълиму тарбия буда ба инкишофи маънавӣ, зеҳнӣ фарҳангӣ, ҷисмонӣ ва салоҳияти касбии шахс равона карда шудааст" (12.8).

[1] Послание Лидера наций, Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли Республики Таджикистан http://www.president.tj/ru

Бинобар ин, ҳар як муассисаи таҳсилотии кишвар, новобаста аз он ки давлатӣ ё ғайридавлатӣ аст, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиаш раванди муттасили таълиму тарбияро ба роҳ монда, як ё якчанд барномаи таълимиро ба хотири тақвият бахшидан ба таҳсилот бояд амалӣ намояд. Барномаи компютеркунӣ маҷмӯи чораҳоест, ки барои таъмини истифодаи амалӣ дар тамоми макотиби ҷумҳурӣ равона гардидааст. Муҳаққиқ Туронов С. ба ин ҷиҳат таваҷҷуҳи назар намуда иброз доштааст, ки " барои баланд бардоштани таъсири тарбиявии таълим нақши пешбарандаи таълим ва мувофиқати шаклҳои бисёрсамтаи онро таъмин намудан зарур аст" (13.42-46). Барои дар амал татбиқ намудани ин мақсадҳо нақши технологияи иттилоотию коммуникативӣ асосӣ мебошад.

Тадқиқоте, ки мо дар самти тарз ва усули татбиқи босамари технологияи иттилоотӣ дар табдили фаъолияти макотиби муосир мавриди баррасӣ қарор додаем, раванди таълиму тарбияро дар мактаб дар бар гирифта, мақсад аз он рушанӣ андохтан ба масъалаи омӯзиши асосҳои назариявӣ ва амалии тағйирёбии муҳити таълими мактаби замонавӣ тавассути истифодаи самарабахши технологияи иттилоотӣ мебошад. Ин ҷо бояд таъкид кард, ки Муассисаҳои таҳсилотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар айни ҳол зери раванди низоми таҳсилоти босалоҳият амал доранд, ки ҳадафи асосии ин низом ҷорӣ намудани роҳу усули нави таълим, бунёди мавқеи ҷадиди омӯзгор, самаранок татбиқ намудани истифодаи таҷҳизоти муосири техникӣ дар таълим ба хотири ташаккул додани салоҳиятҳои хонандагон аст, ки ин ҳама андешидани тадбирҳои заруриро ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи сифати таълим ва аз тарафи омӯзгор дуруст интихоб намудани усулро талаб менамояд.

Мавриди зикр аст, ки дар низоми имрузаи таҳсилоти мо ҳоло ҳам омӯзиш маъмулии азхудкунии дониш ба назар мерасад. Яъне хонанда дар бораи трактор ҳама чизро медонад, вале дар амалия онро на таъмир карда метавонад ва на ронда метавонад. Дониши компютер дорад, вале истифодаи амалии онро намедонад. Дар замони инқилоби иттилоотӣ ва зеҳнӣ ҳамон донише зарур аст, ки ҷомеаро суде орад ва ҳадаф аз ҷорӣ намудан низоми таълими босалоҳият низ дар ҳамин мебошад.

Тибқи талаботи таълими ба салоҳиятнокӣ нигаронидашуда дар раванди дарсҳо диққати асосии омӯзгор ва хонанда бояд аслан ба раванди таълим равона карда шавад, яъне чӣ тавр омӯзонидан ва омӯхтан. Дар ин маврид ба назар гирифтани қобилияти хонанда, маҳорати касбӣ ва навоварии педагог дар мадди аввал меистад. (5,9,12.) Барои ин ба омӯзгор лозим аст, ки: технологияи педагогии муосири таълимро худ донад ва омӯзад; пайваста дар дарсҳо аз восита ва таҷҳизоти муосир истифода бурда, дар хонандагон барои ба вуҷуд овардани маҳорату малака шароит фароҳам оварад; ба хонандагон имкон диҳад, ки маҳорату малакаи эҷодии ҳосилнамудаашонро мустақилона истифода баранд. Чунончи, дар раванди дарсҳо зери роҳбарии омӯзгор хонандагон метавонанд тарзи истифодабарии компютер ва дигар таҷҳизоти иттилоотиро бо мақсади гирифтани маълумот омӯзанд. Аз ин рӯ дар раванди таълим ба омӯзгор лозим меояд, ки дарсҳои ҳамарӯзаро бо технологитяи иттилоотии коммуникативӣ мутобиқ гардонида, дар хонандагон салоҳиятҳои меҳнатдӯстӣ, кӯшишу ғайрат, ҳисси эҳтиром ба меҳнати худ ва дигарон, омода будан ба иҷрои корҳои мухталиф бо мақсади худхизматрасонӣ, инкишоф додани қобилияти амал намудан, фикр ва эҷод карданро ташаккул диҳад. Барои дар амал татбиқ намудани ин мақсадҳо мактаби муосирро лозим меояд, ки самти кори таълимро бештар ба истифодаи технологияи иттилоотию таҷҳизоти замонавӣ сафарбар намояд. Истифодаи технологияи иттилоотиву коммуникативӣ-компютер, камераҳо, фитаҳо (дискҳо), дастгоҳҳои видиоӣ ва шунавоӣ, ки имрӯзҳо дар аксари муассисаҳои таълимии кишвар ба раванди таълим дохил гардидаанд, таълимро фаъол ва мустақил мегардонад. Дар ин ҷараён аз омӯзгор танҳо соҳиб будан ба таҷрибаи кофии техникӣ, маҳорат ва интихоби дурусти яке аз васоили техникӣ дар дарсҳои ҳаррӯзаи ӯ талаб карда мешавад. Чунончӣ, барои истифодаи тарзу усули нави замонавӣ истифодаи компютер дар ҳар лаҳза барои таълим лозим аст. Компютер ба омӯзгор барои сохтан ва ба тартиб даровардани мавзӯи дарс, конспекти дарс, интихоби объект барои мавзӯи таълим, мувофиқи мақсад ҷо ба ҷо гузоштани усули таълим, таъмин шудан бо маводи лозима тариқи маълумоти

иловагӣ, интихоб ва ба тартиб даровардани маводи омӯзиш ва интихоби объекти кор дар дарс бо назардошти қобилияти хонандагони синф имконият фароҳам меорад. Дар заминаи истифодаи компютер истифода аз тахтаи электронӣ барои таълими дарсҳо хеле муҳим мебошад. Он барои омӯзгор корро хеле осону нишонрас ва барои таълимгирандагон хеле шавқовар мегардонад. Маҳз истифодаи технологияи иттилоотӣ дар якҷоягӣ бо тахтаи электронӣ дар дарсҳо имкон медиҳад, ки вақти барои дарс ҷудо намудаи омӯзгор  сарфа карда шавад, маводи омӯзиш ба шакли ҳархела таҳия гардад. Аз ин бармеояд, ки таҷҳизоти  техникии навин фазои таҳсилотро   ғаниву гуворо месозад ва малакаю маҳорати муҳассилинро дар зинаи муайян пешгом мегардонад.

Муҳаққиқон дар он ақидаанд, ки барои баланд бардоштани таъсири тарбиявии таълим нақши пешбарандаи таълим ва мувофиқати шаклҳои бисёрсамтаи онро таъмин намудан зарур аст. (4,5,8,12). Дар Ҷумурии Тоҷикистон, агарчанде дар ин замина корҳои зиёде анҷом дода шуда бошанд ҳам, вале то кунун ба вижа тадқиқоти монографиие руйи кор оварда нашудааст, ки мавқеи истифодаи технологияи иттилоотиро дар табдили фаъолияти самарабахши таълиму тарбия дар макотиби муосир мунакис намояд. Мувофиқи мақсад мешуморем, ки барои тақвият додани усули истифодаи технология иттилоотӣ ҳамчун самти афзалиятноки таълим татқиқу татбиқи масъалаҳои зерин дар мадди назар дошта шаванд:

-муайян кардани роҳҳои  муҳити сифатан нави таҳсилот дар мактаби муосир ба хотири ташаккули шахсият ва рушди ҳамаҷонибаи эҷодии хонандагон;

-омузиш ва тадқиқи ҳамарӯза компютеркунонии муассисаҳои таълимӣ;

-таҳия ва таъмини моделҳои консептуалии истифодаи босамари технологияи иттилоотӣ, аз ҷумла таҳияи маводи таълимиву дидактикӣ, ташкил намудани системаи назоратии сифати таълим вобаста ба ин самт;

-ошкор намудани имкониятҳои боз ҳам васеътари истифодаи технологияи иттилоотӣ, бевосита муттассил таъмин намудани дастрасӣ ба маводи таълимӣ, ҳамкориҳои мутақобила дар раванди таълим.

Замоне, ки мо ҳамқадами онем, замони технологияи муосири иттилоотӣ мебошад ва саҳми он барои рушди идроку тафаккури инсонҳо, тавлиди эҷодҳои тоза ба тоза хеле назаррас мебошад. Аз ин ҷост, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ  Раҳмон таъкид мекунад: “Вақте ки инсон аз донишҳои гуногуни замона баҳра мебардорад,  дар навбати аввал худро мешиносад ва баъдан ба фалсафаи зиндагӣ ва арзишҳои фарҳанги башарӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунад” (8.168).

Албатта тақозои замони муосир ин аст, ки ҷавонону наврасон дар фазои иттилоот тарбия ёбанд, пешрафти раванди таҳсилот бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ ва таҷҳизоти муосири электронӣ бо пешрафти раванди зиндагӣ ҳамоҳанг бошад, вале ин раванд бояд дар чорчӯбаи ахлоқию ҳуқуқӣ ҷойгир бошад. Зимни истифода аз онҳо ба ҷиҳатҳои мусбию манфӣ таваҷҷуҳ зоҳир гардида, татбиқ ва истифодаи он бо мақсади баланд бардоштани сатҳи фарҳанги иттилоотии худи истифодабарандагон, яъне омӯзгорону таълимгирандагон ба роҳ монда шавад.

**А Д А Б И Ё Т:**

1. Алешин Л.И. Информационные технологии. Учебное пособие/384 с.

2. Ахмедов С.А. О роле информационно-коммуникативных технологий в развитии университетского образования / С.А.Ахмедов. М.Х.Рабаданов // Универсситетское управление. 2012.№1. С.91-95.

3. Захарова З. Информационные технологии в образовании.-М.2008.-192 с.

4. Зиёӣ Х.М. Муносибати босалоҳият ба таълим: Масъалаҳои уммуминазариявӣ ва роҳҳои татбиқи амалӣ. Душанбе, 2018, 109 с.

5.Зимняя И.А. Ключевые компетентности как результативно-целовая основа компетентностного подхода в образовании. Авторская версия.: Исследовательский центр проблем качества подготовки специалистов, 2004.

6.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”-Душанбе: Шарқи озод, 2013.-41 с.
7.Машбис Е.И. Психолого-педагогические проблемы компютеризации обучения. –М.. Просвещение, 2006.
8.Мирсаидов А.Б., Шоёқубов Ш.Ш. Таҳсилот ва омӯзгор дар фазои ҷомеаи иттилоотӣ. Илм ва Иноватсия. №3-4, 20013, с.167.
9.Муносибати босалоҳият ба таълим(дастури методӣ). Мураттибон: Ғ.Бобизода, Д.Имомназаров, Ш.Исрофилниё, А.Байзоев.-Душанбе: “Ирфон” 2018.-72 с.
10.Полат Е.С., Бухаркина М.Ю., Моисеева М.В.петров А.Е. Новые педагогические и иноформационные технологии в системе образования. Учебное пособие.-М, Академия 2000.
11.Смолянинова О.Г. Мультимедия в образовании (теоретические основы и методика использования); Монография.-Красноярск: Из-во КрасГУ,2002.-300 с.
12.Туронов С. Муносибати босалоҳият дар таҳсилоти касбӣ. Душанбе, 2018, 125 с.

13. Туронов С. Тарбияи экологӣ ва ватанпарварии хонандагон. Илм ва инноватсия. №1.2013 (3) с.42-46
14.Федотова Е.Л. Информационные технологии в науке и образовании. Учебное пособие. 2003. 200с.
15. www.gumer.info/bibliotek_Buks/Pedagog/russpenc/05.php.

**Умарзода Зайнура Васлӣ**

## ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ - САМТИ АФЗАЛИЯТНОК ДАР ТАЪЛИМИ МУОСИР

Дар мақолаи мазкур роҷеъ ба зарурат, ҳадаф ва афзалиятҳои татбиқи технологияи иттилоотӣ дар раванди таълими мактаби муосир сухан меравад. Муаллиф дар мақола роҳҳои татбиқи технологияи иттилоотиро дар муассисаҳои таълимии кишвар номбар намуда, зимнан қайд кардааст, ки истифодаи технологияи муосири иттиллоотӣ ҳамчун самти афзалтятнок дар табодули раванади таълим барои баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, мулоҳизаронӣ, маърифат, ташаккул ва мутобиқшавии хонандагон ба ҷаҳони муосир нақши бориз дорад. Муаллиф ибрози ақида намудааст, ки вобаста ба тарзу усули истифодаи технологияи муосири иттилоотӣ ва мавқеи он дар табдили фаъолияти босамари таълиму тарбия дар макотиби муосири кишвар тадқиқоти мукаммале ба назар намерасад ва дар ин самт бояд бештар таваҷҷӯҳ зоҳир карда шавад.
**Калидвожаҳо:** технологияи иттилоотӣ, таълим, мактаби муосир, тарбия, салоҳиятнокӣ, хонанда, раванд, афзалият, компютеркунонь, табодулот.

**Умарзода Зайнура Васли**

## ИНФОРМАЦИОННАЯ ТЕХНОЛОГИЯ - ПРИОРИТЕТНОЕ НАПРАВЛЕНИЕ В СОВРЕМЕННОЙ ШКОЛЕ

В настоящее время, чтобы создать и реализовать модель инклюзивного образовательного учреждения, необходимо включить целую систему служб, таких как инклюзивные группы, консультативные пункты, служба ранней помощи, группу развития «Особый ребенок» и многие другие. Необходимо заметить, что инклюзивные группы должны быть небольшими по численности детей (5-6 детей). Особым аспектом при работе с такой группой является индивидуальный подход к каждому ребенку и ежедневные дополнительные занятия. Важным элементом работы должен являться ориентир не только на обучение и воспитание ребенка, но и сопровождение семьи как целостной системы [2].

В инклюзивном детском саду должны проводить свои занятия психологи, логопеды, дефектологи, арт-терапевты, кинезитерапевт и другие специалисты. Для успешного достижения результатов в детском саду важно создавать специальные условия развивающей среды с учетом методических разработок, методов работы, адаптированных для инклюзивного учреждения. Для развития инклюзивного образования важно не только наличие законодательных и финансовых механизмов, необходима работа по изменению общественного мнения, в том числе и профессионалов. Образовательный процесс детского сада предусматривает как уход и заботу о детях, так и процессы воспитания и обучения знаниям, важным жизненным навыкам, развитие личностных качеств и способностей детей, коррекцию их дефицитов в развитии. Включение детей с особыми образовательными потребностями в образовательный процесс ДОУ изменяет, прежде всего, установки взрослых на детей – у всех детей есть особенности, особые образовательные потребности не только у «особых».

Если мы начинаем создавать условия для «особых» детей, нам надо научиться работать со всеми детьми, учитывая их индивидуальные особенности, объективные факторы.

Такая установка требует ответов на следующие вопросы:

Как соединить в педагогической деятельности требования дошкольной программы и особенности разных детей, которые должны ее освоить?

Как учитывать эти особенности при построении индивидуального плана развития ребенка, при планировании работы в группе?

Как сделать качественным образование и социальное взаимодействие детей
с учетом их индивидуальных различий?

При таком подходе меняется педагогика в целом. Она становится включающей, инклюзивной, не только в том смысле, что особые дети должны быть включены в уже отстроенный процесс трансляции знаний, умений и навыков нормально развивающимся детям, а в том, что образование с учетом индивидуальных различий детей требует создания новых форм и способов организации образовательного процесса. Такое образование требует постоянного творческого вклада от каждого, в творческий процесс образования включаются все его участники – педагоги, родители, дети, администрация.

Работа над проблемой инклюзивного образования, поисков путей интеграции обучения, пришли к выводу, что концепция интегрированного обучения должна строиться на трех принципах:

–интеграция через раннюю коррекцию;

–учёт индивидуальных специальных образовательных потребностей;

–обоснованный отбор детей для интегрированного обучения.

В соответствии с правилами организации инклюзивного образования различные категории детей с ограниченными возможностями могут быть включены в общеобразовательный процесс при создании для них определенных условий.

К ним относятся: индивидуальная учебная программа, коррекционно-педагогическая и социально – психологическая помощь и т.д. При этом коррекционные организации образования выполняют функции ресурсных центров, оказывающих консультативно – методическую помощь педагогам и коррекционно – педагогическую поддержку детям с ограниченными возможностями [1].

Индивидуальные программы развития ребенка построены на диагностике функционального состояния ребенка и предполагают выработку индивидуальной стратегии развития конкретного ребенка. Индивидуальный подход предполагает не только внешнее внимание к нуждам ребенка но предоставляет самому ребенку возможности реализовывать свою индивидуальность.

Важным условием успешности инклюзивного образования является обеспечение условий для самостоятельной активности ребенка.

Специалисты (воспитатель, логопед, психолог, дефектолог, при участии методиста), работающие в группе, регулярно проводят диагностику детей и в процессе обсуждения составляют образовательный план действий, направленный как на конкретного ребенка, так и на группу в целом.

Качество образования детей связано с педагогической компетентностью работников организаций образования, их профессиональным уровнем, творческим потенциалом

В работе с родителями задача специалистов заключается в установлении доверительных партнерских отношений, внимательно относиться к запросу родителей, к тому, что, на их взгляд, важно и нужно в данный момент для их ребенка, договариваться о совместных действиях, направленных на поддержку ребенка, способствовать формированию у родителей воспитательной компетентности, вовлекать родителей в образовательный процесс в качестве активных его участников, посредством их обучения приемам взаимодействия с детьми, организации совместной практической деятельности. Создавать условия для объединения родителей в сообщество, расширения социального пространства семей, воспитывающих детей с проблемами в развитии [7].

Но, не смотря на все проблемы, зарубежный и отечественный опыт показывает, что создание инклюзивных детских садов способствует социальной адаптации детей с ОВЗ с самого раннего возраста, развитию их самостоятельности и независимости, и что немаловажно, подталкивает современное общество к изменению отношения к ним, учит здоровых детей видеть в других людях равных себе независимо от их особенностей, быть более толерантными и прививает уважение к людям с ограниченными возможностями.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1.Конвенция о правах ребенка.3. Забрамная С.Д. От диагностики к развитию: Материалы для психолого-педагогического изучения детей в дошкольных учреждениях и начальных классах. М.,1998 г.

2.Верещагина Н.В. «Особый ребёнок» в детском саду. – Спб: Детство-пресс, 2009

3.Веракса А.Н., Гуторова М.Ф. Практический психолог в детском саду: Пособие для педагогов дошкольных учреждений. – М., 2011.

4.Права детей с ограниченными возможностями на образавания: [электронный ресурс]. – Режим доступа: www.unicef.org/ceecis.

5.Необходимость введения инклюзивного образования в дошкольные учреждения. [электронный ресурс]. – Режим доступа: // http://doshkolnik.ru/prezentacii/8743-incluzivnoe-obrazovanie.html

6.Мастер класс по инклюзивному образованию в ДОУ “Мы вместе!” [электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.maam.ru/detskijsad/master-klas-po-yeksklyuzivnomu-obrazovaniyu-v-do-my-vmeste.html

7.Кротова Т. В. Развитие профессиональной компетентности педагога дошкольного образовательного учреждения в сфере общения с родителями воспитанников: дисс…канд. пед. наук – М., 2005.

8.Байзоев А. Инклюзивное образование: передовой опыт и проблемы его внедрения в условиях Таджикистана. – Душанбе: ЭР-граф, 2016

**Хасанов Ю.**

## ОСОБЕННОСТИ ИНКЛЮЗИВНОГО ОБРАЗОВАНИЯ В УСЛОВИЯХ ДОШКОЛЬНОГО УЧРЕЖДЕНИЯ

В данной статье автор рассматривает вопрос внедрения инклюзивного образования, подготовку квалифицированных педагогов, психологов и других специалистов, которые играют большую роль в инклюзивном обучении детей с ограниченными возможностями здоровья (ОВЗ), а также дает ряд рекомендации по готовности будущих педагогов обучать детей с ограниченными возможностями в массовых образовательных учреждениях.

**Ключевые слова:** инклюзивное образование, детей с ОВЗ, развитие, инклюзия, обучения, потребность, социализация, адаптация.

**Ҳасанов Ю.**

## МАХСУСИЯТҲОИ ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР ДАР МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ

Дар мақола муаллиф масъалаи татбиқи таҳсилоти фарогир, тайёр намудани омӯзгорони ботаҷриба, психологҳо ва дигар мутахассисоне, ки дар таълиму таҳсилоти фарогирии кӯдакони дорои имкониятошон маҳдуд (ДИМ) нақши муҳимро мебозанд, ошкор намуда, барои дар оянда омода намудани омӯзгороне, ки дар муассисаҳои таълимии омма ба кӯдакони дорои имкониятошон маҳдуд таълим медиҳанд, як қатор тавсияҳо пешниҳод намудааст.
**Калидвожаҳо:** таҳсилоти фарогир, кӯдакони ДИМ, инкишоф, фарогир, таҳсилот, талабот, иҷтимоишавӣ, мутобиқшавӣ.

**Khasanov Y.**

## FEATURES OF INCLUSIVE EDUCATION IN RE-SCHOOL

In this article the author brings up the issue of introducing the inclusive education, preparation and upgrading the qualified teachers, psychologists and other related specialists who play a pivotal role in the inclusive education of children with disabilities and children with lilted health opportunities, as well as those specialists give series of recommendations on preparing and upgrading the future teachers on how to teach children with disabilities in vast educational institutions.
**Keywords:** inclusive education, children with disabilities, teaching, requirement\ need, socializations, adaption.

**Сведения об авторе: Хасанов Юнусходжа** – научный сотрудник Института развития образования имени Абдурахмона Джоми Академии образования Таджикистана, адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С.Айни, 45.

**Information about the authors: Hasanov Yunuskhoja** - Researcher of the Institute for Educational Development Abdurahmon Jomi of the Academy of Education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 45 C. Aini St.

**Б. МИРБОБОЕВА**

## ТЕХНОЛОГИЯИ МУОСИРИ ТАЪЛИМ – ОМИЛИ ТАҚВИЯТИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ ДАР МАКТАБҲОИ КАМНУФУС

Бо назардошти пешрафти илм ба назария ва принсипҳои дидактикии таълим низ тағйироти зиёде ворид шуда истодааст, ки онро ба назар гирифтан зарур аст. Яке аз сабабҳои асосии тағйирот дар муносибати таълим (мундариҷа ва раванди таълим) талабот ва нақшаҳои Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 мебошад. Тибқи он “Низоми нави маориф, ки мутобиқи тамоилоти ҷаҳони муосир на ба дониш, балки ба салоҳиятнокӣ асос ёфтааст, бояд ба хонандагон имконияти аз худ намудани салоҳияту малакаҳои асосии иҷтимоиро, ба монанди қабули масъулиятнокии қарорҳо ва банақшагирии пешравӣ дар касб, илмомӯзӣ дар давоми тамоми ҳаёт, тайёрии касбии дар бозори меҳнати талаботдошта, донишу малакаи барои худтакмилдиҳӣ зарур, малакаи тарзи ҳаёти солим, арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмин намояд.”[3]

Як масъалаи муҳими дигаре, ки зарурати ворид намудани тағйиротро тақозо менамояд, ин ба сохтори масъала ва таҳлилҳои амиқи илмию методӣ ҳамҷониба назар кардан аст. Зеро бо ворид шудани муносибатҳои нав дар таълим ба ҳамгироии истифодаи донишҳои хонанда дар ҳаёт мусоидат мекунад ва ба баланд бардоштани сифати таълим оварда мерасонад.

Қобили тазаккур аст, ки навсозии таҳсилот чун тамоми соҳаҳои дигари ҳаёти ҷамъиятӣ ба талаботе вобаста аст, ки онро замона дархост менамояд. Аз ин рӯ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин таъкид намудааст: “Таҳким бахшидани иқтидори илмии кишвар, ҷорӣ кардани ихтироот дар истеҳсолот, устувор гардонидани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ҷалби боз ҳам васеи истедодҳои ҷавон ба омӯзиши технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникӣ вазифаи муҳимтарини соҳаҳои илму маориф мебошад”. [11, 25]

Дар шароити имрӯза технологияи таълим тақозо менамояд, ки омӯзгор бояд шогирдони худро аз донишҳои ҷавобгӯйи талаботи замони нав баҳравар намояд. Дар шароити навин омӯзор на танҳо вазифаи муаллим, устод ва тарбиятгарро ба ҷо орад, балки ӯ ҳамчун пажӯҳишгар дар фаъолияти худ аз принсипҳои муосири таълиму тарбия, ки таълими анъанавиро бо муносибати босалоҳият мепайвандад, бо истифода аз технологияи муосири иттолоотӣ-иртиботӣ роҳу усули муосири таълимро ҷустуҷӯ намояд. Ин тағйироти куллӣ зарурати баланд бардоштани сатҳи бозомӯзӣ ва тахассуси касбии омӯзгоронро ба миён меорад, ки ба баланд гардидани салоҳияти касбии онҳо замина мегузорад.

Бешубҳа, кор кардан бо гурӯҳҳои синну солашон гуногун нисбат ба муассисаҳои таълимии муқаррарӣ душвортар аст. Мактаби камнуфус махсусиятҳои хосси худро дорад, ки донистани ин нозукиҳо барои омӯзгор муҳим аст:

- 4 -5 маротиба тағйир додани тартиби кори худ бо як синф ва гоҳ бо синфи дигар ва дар айни замон аз мадди назар дур нагузоштани мақсади асосии кор кардан бо ҳар як синф;
- вақтро байни синфҳо тарзе ҷудо кардан лозим аст, ки асосан азхудкунии дониш дар раванди дарс ба даст ояд;
- бояд чунин амал намуд, ки раванди маърифатии таълим халалдор нагардад;
- ҳавасманд намудани хонандагон барои дарки донишҳои нав аз рӯйи фаҳмиш, азхудкунӣ, бахотиргирии кӯдакони синну соли гуногун ва сатҳи гуногуни омодагӣ;
- дар як вақт гузаронидани корҳои тарбиявӣ дар ҳамаи синфҳо;

[3] Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020. Душанбе, 2012.

- ташаккули таҳкурсии қисматҳои таълим: донишандӯзӣ, таваҷҷуҳ пайдо кардан ба донишҳои нав ва ғайра.

Дар сурати пайдо гардидани мушкилот яке аз тадбирҳои нави самарабахши ташкили раванди педагогиро ҷустуҷӯ намуда, оқилона онро дар фаъолияти худ истифода бурдан лозим аст. Аз ин рӯ, метавон онро дар доираи махсусиятҳои ба худ хосси мактабҳои камнуфус истифода намуд, ки аз ҳар як омӯзгори ин намуд мактаб вазифаҳои мушаххасро тақозо мекунад. Барои ҳалли ин масъала ва мутобиқ будан ба талаботи муосири стандарти касбии омӯзгорон ташаккули салоҳияти касбӣ нақши асосиро мебозад.

Дар робита ба гузариши муассисаҳои таълимӣ ба стандарти нави таҳсилот барои кушодани тамоилҳои шахсияти кӯдакон, дар онҳо тарбия намудани шавқу завқ ба хониш ва донишандӯзӣ, омода намудан барои интихоби касб вазифаи аввалиндараҷаи маориф ба шумор меравад. Самарабахшии фаъолияти педагогӣ ва паҳлуҳои гуногуни салоҳияти омӯзгорӣ дар робита бо ҳамаи мушкилоти паҳлуҳои вазифаи педагогӣ бештар муайян мегардад, ки ба таълим, тарбия ва ташаккули қобилияти рақобатпазирии шахсият алоқамандӣ дорад. Қобилияту маҳорате, ки бисёр паҳлуҳои фаъолияти инсонро таъмин месозанд, салоҳияти ҳаматарафа меноманд. Дар зери мафҳуми салоҳияти касбии омӯзгорон қобилияти ҳалли мушкилоти касбӣ ва иҷрои вазифаи омӯзгорӣ муайян мешавад ва он дар раванди амалӣ сохтани таълиму тарбия пайдо гардида, бо талаб намудани дониши ҳақиқӣ, таҷрибаи ҳаётӣ, баҳодиҳӣ ва сифати шахсияти омӯзгор муайян мешавад.

Таъмини таълими ҳамаи фанҳо дар мактабҳои камнуфус хеле муҳим аст, зеро хонандагони синну соли гуногун дар як синф таҳсил мекунанд. Талаботи умумӣ ба дарсҳо дар мактаби камнуфус дар ҳаҷми пурра нигоҳ дошта мешавад: санитарӣ- гигенӣ, психологӣ-физиологӣ, дидактикӣ ва ғайра. Фарқи асосии дарсҳо дар ин мактабҳо аз он иборат аст, ки дар як дарс якчанд фан таълим дода мешавад. Дарс тарзе ташкил карда мешавад, ки ҳудуди миёни донишандӯзии хонандагон тавассути муаллим ва гузариш ба кори мустақилона ва баръакс ҷудо мешавад. Вақти бештарро ба ҳамон синф ҷудо кардан даркор аст, ки дар он маводи нав ва мураккаб омӯзонида мешавад, инчунин ба синфе, ки гурӯҳи асосиро хурдсолон ташкил медиҳанд.

Барои баланд бардоштани савияи дониш ва сифати таълиму тадрис дар мактабҳои камнуфус ба омӯзгор лозим аст, ки ба сохтори дарс, истифодаи шаклу равишҳои муосири таълим, воситаҳои техникию аёнӣ ва таҳияи нақшаҳои он диққати ҷиддӣ диҳад. Онҳо бояд дар раванди таълим дар ҳамаи намудҳои дарс ба ташкили дурусти корҳои мустақилона, интихоби супоришҳои ҳавасмандкунанда, суръати дарсҳо ва тақсимоти дурусти вақт барои ҳар як синф таваҷҷуҳи хосса зоҳир намоянд.

Муносибати босалоҳият дар таълим омӯзгоронро водор месозад, ки бо истифода аз шаклу усули замонавии таълиму тарбия хонандагонро ҳаматарафа ба зиндагӣ омода намоянд, зеро ҷомеаи имрӯза шогирдони ботаҷриба, дорои қобилияти ҳалли мушкилоти мураккаби ҳаётӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнатро аз мактабу маориф интизор аст. Бинобар ин, имрӯз тамоми маҳорат ва неруи зеҳнии соҳаи маорифи кишвар, бахусус, омӯзгорон бояд ба рушди салоҳияти таълимии хонандагон равона гардад.

Аз ин рӯ, бояд қайд намуд, ки салоҳият таълим дода намешавад, он дар натиҷаи азхудкунии дониш ва татбиқи амалии он ташаккул меёбад. Ҳамин тариқ, муносибати босалоҳият равандест, дар ҷараёни он дониш, малакаҳои ҳаётан муҳим ташаккул ёфта, тарзу роҳҳои дар ҳаёт истифода бурдани онҳо рушд дода мешавад.

Муносибати босалоҳият дар таълим муносибати хонандаро ба таҳсил, нақши омӯзгорро дар раванди таълим, муносибати омӯзгору хонандагон, ҳамчунон хонандагону маводи таълимиро муайян мекунад. Донистан ва салоҳияти татбиқ кардани ин хусусиятҳо ба омӯзгор имкон медиҳад, ки сатҳи зарурии азхудкунии малака ва рушди салоҳиятҳои хонандаро таъмин сохта, барои ташаккули шахсияти масъулиятшинос, ботарбия ва бомаърифат заминаи мусоид фароҳам орад. Бинобар ин, салоҳият маҳорати татбиқи маводи назариявии омӯхташуда дар ҳаёт буда, натиҷаи амалии таълим арзёбӣ мегардад.

Муҳаққиқ, академик Муҳаммад Лутфуллозода дар китоби "Андешаҳо перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо" чунин қайд намудааст: "Муаллим ин хосияти ташаккулро

ҳам дар худ ва ҳам дар замири шогирдон тарбия менамояд. Барои ин, ӯ пеш аз ҳама ба дониши касбиаш машғул мешавад, ки бе он комёб шудан амрест муҳол".

Аз ин рӯ, омӯзгорро зарур аст, ки салоҳияти касбии худро хамеша ташаккул диҳад ва дар фаъолияти амалии худ онро моҳирона истифода барад.

Дар назди омӯзгор вазифаи муҳим, яъне дар хонандагон ташаккул додани малакаи азхудкунии қисмати муайяни маводи таълимӣ бо ёрии воситаҳои таълимии гуногун: китобҳои дарсӣ, компютер, маводи видеоӣ, маҳорати таъсир расонидан ба супоришоти алгоритмӣ, асоси матнро ҷудо кардан ва ғайраҳо меистад. Аз ин рӯ, барои омӯзгор аз ҳама муҳим дар дарс оқилона истифода намудан вақт мебошад. Барои ин, ба омӯзгор зарур аст, ки истифодаи метод ва усули таълимро дар раванди дарсҳояш мустақилона ҷустуҷӯ ва интихоб намояд. Усули таълим дар мактаби камнуфус на ба таври мақсади ягона доштани таълим, балки ҳамчун восита барои ташаккули шахсияти кӯдак истифода бурда шавад.

Ташкил намудани фаъолияти таълимӣ дар шакли кори мустақилона яке аз роҳҳои муҳимми ҳал гардидани проблемаҳо мебошад. Ба вуҷуд овардани фазои пурмазмуни эҷодкорӣ дар дарс ин вазифаи муаллим аст. Маълум мешавад, ки ташкил намудани раванди таълим дар шароити мактаби камнуфуси деҳот аз муаллим дарки амиқи асосҳои равонию педагогии он, такмили маҳорату малакаи касбии омӯзгориро талаб менамояд:

- аз усули муосири таълим дар ҷараёни дарс самаранок истифода намояд;
- роҳ ва усули самарабахши ташкил намудани кори мустақилонаи хонандагонро ба роҳ монад;
- ба фаъолияти таълимӣ бо роҳи ҳавасманкунии дохилии толибилмон бештар таваҷҷуҳи хос зоҳир намояд;
- мазмун ва фазои эҷодкоронаро ҳамчун омили муҳимми
таълими босалоҳият дар раванди таълим ба вуҷуд орад.

Оқилона омезиш додани методика ва шакли ташкили он имкон медиҳад, ки машғулиятҳои таълимӣ, мақсади асосии роҳҳои ташаккули тафаккури эҷодӣ, робитаи маҳорат ва малакаи меҳнати дастҷамъона, меъёри ахлоқии маъмул ва барои гирифтани маҷмӯи донишҳо самарабахш бошанд.

Масъалаи салоҳиятҳои таълимӣ бошад, ҳадафҳои дурнамои таҳсил буда, ҳамчун маҳаки асосии меъёри сифати таълим ва стандартҳои он хизмат мекунад. Вазифаҳои асосии таълими босалоҳият аз он иборат аст, ки ҷараёни таълимиву маърифатӣ дар хонандагон хусусияти тазаккурӣ доштани таълимро ташаккул медиҳад. Яъне хонандагон шунидан, хондан ва бозгӯйӣ, ё дар асоси намунаҳо, қоидаҳо иҷро кардани мисолу масъаларо ҳамчун фаъолияти асосии маърифатӣ ҳисоб мекунанд.

Бояд тазаккур дод, ки нақши донишҳои зеҳнӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон ниҳоят калон аст. Таҷриба нишон медиҳад, ки инкишофи тафаккури эҷодӣ дар ҳама гуна намудҳои фаъолияти амалии кӯдак зарур буда, инчунин воситаи муҳимми ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон мегардад. Аз ин ҷост, ки омӯзгор бояд ба шогирдонаш мустақилона фикр ва амал кардан, ба вазъият ва ҳалли масъалаҳо муносибати эҷодӣ карданро омӯзонад. Ҳалли ин масъалаи мазкур муносибат ва истифодаи роҳҳои нави таълимро талаб менамояд.

Ҷамъбасти донишҳои зеҳнӣ барои муҳассилин имкониятҳои фарохро ба вуҷуд оварда, нисбати худ боварибахш будани донишҳоро тақозо менамояд. Фаъолиятро бе дониш тасаввур кардан мумкин нест. Дар асоси донишҳо маҳорат ташаккул меёбад. Маҳорат дар амал татбиқ шудани донишҳо мебошад. Ҳамон вақт азхудкунии донишҳою фаҳмишҳо зоҳир мегардад, ки агар толибилм мустақилона фикр ронда, мустақилона кор карданро омӯзад. Яке аз муҳимтарин шартҳои такмили ташаккули донишҳои зеҳнии толибилмон такмили шаклу усулҳои таълим мебошад, ки бо ин роҳ қобилияти равонӣ (психикӣ)-и хонандагон ҳамаҷониба инкишоф ёфта, донишҳои зеҳнӣ ва маҳорату малакаи онҳо ташаккул меёбад.

Яке аз сарчашмаҳои ташаккули зеҳнӣ ва фаъолгардонии хонандагон истифодаи усули фаъоли таълим ба шумор меравад, ки ҳар як дарс бояд дар дили хонандагон шавқмандиро ба вуҷуд оварда, афкорашонро рангин созад. Ба омӯзгор зарур аст, ки дар раванди таълим фаъолият ва мустақилияту эҷодкории хонандагонро ба назар гирад, зеро нишон додани ин талабот дар раванди таълим гарави муваффақиятҳо ба ҳисоб меравад. Мустақилият нишон медиҳад, ки хонандагон ба донишҳои назариявӣ такя намуда, дар рафти иҷрои саволу супоришҳо онро дар амал татбиқ менамоянд. Кори омӯзгор ҳамон вақт натиҷабахш мегардад, ки агар усул ва тарзҳое, ки муаллим дар дарс истифода мебарад, он майли табиии хонандагонро ба фаҳмидан, ҷустуҷӯ ва таҳқиқ кардан фаъол намуда, завқу шавқи онҳоро ба таҳсил барангезад: фаъолияти фикрӣ, эҷодӣ ва мустақилияти шогирдонро бедор намуда, онҳоро ба дарки ҳаёти воқеӣ рӯҳбаланд намояд.

Гузариш ба муносибати босалоҳият дар таълим тамоман аз байн бурдани таълими анъанавиро надорад, балки он дар ҳамгирои ҷиҳатҳои мусбати таълими анъанавиро бо роҳу усули муосири таълим омезиш дода, маҳорати эҷодӣ, тафаккури маънавӣ, ҳавасмандгардонии хонандагонро ба донишандӯзӣ ва дарки ҳисси масъулиятшиносиро дар хонандагон бештар гардонида, онҳоро барои дар амал татбиқ намудани донишҳояшон водор менамояд. Асоси салоҳиятро таҷриба ташкил медиҳад, яъне хонанда то кадом андоза ин ё он амалро дуруст иҷро карда метавонад. Дар ин раванд диққати асосӣ ба рушди салоҳиятҳои хонанда ё худ ба ташаккули малакаҳои амалӣ (ҳаётӣ, воқеӣ, функсионалӣ) равона мегардад, ки он ҳамчун натиҷаи таълими самарабахш арзёбӣ гардида, хонанда дар ин раванд ба маҷмӯи салоҳиятҳои амалӣ ноил мегардад.

Омӯзгор бояд кӯшиш кунад, ки ҷанбаҳои нави ташаккулдиҳандаро барои ҳар як дарс таҳия намояд. Бинобар ин, ҳар яке аз чунин вазифаҳои ташаккулёбандаро ба назар гирифтан лозим аст, ки дар раванди якчанд машғулиятҳо ва баъзан дар рафти омӯзиши мавзӯи пурра онро иҷро кардан мумкин аст. Ҷанбаҳои ташаккулёбанда аз якчанд қисматҳо иборат аст:

а) инкишофи нутқ - бой гардонидани таркиби луғавии забон, образҳои бадеиро аз худ намудани хонандагон;

б) ташаккули тафаккур - омӯзиши таҳлилҳо, маҳоратро асосӣ ҳисобидан, қиёс намудан, хулоса баровардан, мураттаб сохтан, ба гурӯҳҳо ҷудо кардан ( тасниф кардан), исбот кардан ва рад кардан, муайян кардан ва шарҳ додани мафҳум, проблемагузорӣ ва ҳал кардани он;

в) рушди маҳорати умумитаълимӣ - ташаккул додани маҳорати кор кардан бо китоб, маълумотномаҳо ва адабиёти оммавӣ, такмили малакаи хониш ва ғайра;

г) инкишофи қобилияти ташкилотчигӣ - маҳорати ба нақша гирифтани корҳои худ ва дигарон, ҷорӣ кардани худназораткунӣ ва назорати мутақобил ва ғайра;

е) рушди муносибати хонанда ба машғулият - маро меомӯзонанд, худам меомӯзам, дигаронро омӯзонидан мехоҳам, дигаронро меомӯзонам ва ғайра;

ё) ташаккули муносибати байни калонсолон ва хурдсолон.

Мактаби камнуфуси деҳотро имрӯз зарур аст, ки сохтори дарсро таҷдиди назар намояд, то ки шахсияти хонандагон дар он ташаккул ёфта тавонад. Барои рӯй надодани муҳити дилгиршавӣ омӯзгорро зарур аст, ки дар гурӯҳҳои хурд корро вусъат дода, бозиҳои шавқовар ва лаҳзаи дамгириро бештар истифода намояд.

Аз ин рӯ, дар мавриди ташкили дарс дар мактаби камнуфус омилҳои зерин бояд ба эътибор гирифта шаванд:

- роҳ надодан ба сарбории зиёд (аз ҳисоби кам кардани вақт барои таълими меҳнати ҳатмӣ ва интихоби мазмун ва ҳаҷми маводи таълимӣ);
- дар дарсҳо бештар аз 2 бор гузаронидани машқҳои дамгирӣ;
- ташкили кори мустақилонаи хонандагон;
- ба эътибор гирифтани ҳаҷми кори мустақилона дар раванди кор бо ду ва зиёда синфҳо;
- иваз намудани ду қисмати дарс;

- корҳои хонандагон таҳти роҳбарии омӯзгор ва корҳои эҷодии онҳо;
- зарурати иваз намудани корҳои хонандагон таҳти назорати омӯзгор ва бе роҳбарии бевоситаи ӯ танзими раванди таълимро талаб мекунад;
- васеъ истифода бурдани ҳамаи намудҳои маводи тақсимшуда, ки кори мустақилонаи хонандагонро ташкил медиҳад.

Барои ин аз рӯйи нақшаи тақвимии дарс бояд омӯзгорон на танҳо мазмуни маводи таълимӣ ва шакли корро муайян намоянд, балки бештар вақтро барои гирифтани дониш тавассути омӯзгор ва кори мустақилона дар ҳар як синф мувофиқи мақсад тақсим намоянд.

Новобаста ба мушкилоти имрӯза омӯзгорони мактабҳои камнуфус бояд бо дониши кофӣ мусаллаҳ гашта, ҳаҷми донишҳоеро, ки стандарти таҳсилот барои муассисаҳои таълимӣ муқаррар кардааст, дар доираи соатҳои муайяншуда ба хонандагон дастрас намоянд. Онҳо метавонанд дар чунин ҳолат натиҷаҳои дилхоҳро ба даст оранд. Омӯзгорро зарур аст, ки вобаста ба синфҳои ҷудошуда ҳар рӯз омодагӣ дида, ба дуруст тақсим намудани вақт диққат диҳад ва мавзӯи навро пурра ба хонандагон фаҳмонад, супоришҳои хонагиро дуруст муайян намояд, то ки онҳоро санҷида, ба дониши хонандагон дуруст баҳо дода тавонад. Ин имкон медиҳад, ки маҳорату кордонии омӯзгор низ муайян шавад.

Аз ин рӯ, барои омӯзгорон зарур аст, ки аз ҳамаи сарчашмаҳои илмию методӣ, усули муосири таълим, аз таҷрибаи ҳаётии хеш ва маҳорати касбии худ самаранок истифода намоянд ва дар замири шогирдони худ инсондӯстӣ, хоксорӣ, меҳнатдӯстӣ, ростгӯйӣ, поквиҷдонӣ, ҳаётдӯстӣ, рафтори маданӣ, худшиносӣ, ватандӯстӣ, инсонгаройӣ, таҳаммулпазирӣ барин хислатҳои неки инсониро парвариш диҳанд.

**АДАБИЁТ:**

1. Арзёбии таълим. Дастури методӣ барои муаллимони синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе, - 2010.
2.Батербиев, М.М. Психолого-педагогические основы разновозрастного обучения // Школьные технологии. – 2005. – № 4. – С. 22–25.
3. Гершунский Б.С.- “Философия образования для XXl века” - Москва 1998.
4. Барномаи таълими фанни забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе, 2016.
5. Джонмахмадова Г.Ш. Использзование инновационной технологии в преподавании русского языка в условиях учреждений с таджикским языком обучения. - Душанбе: «Сифат» 2015, 45с.
6.Байзоев А.М. Баъзе масъалаҳои назариявӣ ва амалии муносибати босалоҳият ба таълим. – Душанбе: Эр - Граф, 2018.40 с.
7. Лутфуллоев М. Дарс. – Душанбе «Маориф», 1995.
8. Лутфуллоев М. Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ. Душанбе, - 2007.
9. Лутфуллоев М. Равиши дарси забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ. Душанбе, - 1986.
10. Муҳаммад Лутфуллозода, Ғуломқодир Бобизода. Андешаҳо перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо. – Душанбе – 2018, 88 саҳ.
11. Малочисленная сельская школа: проблемы, поиски, решения /Под ред. Л.В. Байбородовой, А.П. Чернявской, И.Г. Харисовой. – Ярославль, 2000.
12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, “Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон” Душанбе: “Шарқи озод”. 2018, 48 с.
13.Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020. Душанбе, 2012
14.Фролов, П.Т.- Особенности педагогического процесса в малокомплектной школе. - М.: Просвещение, 1990.

**Мирбобоева Б.**

## ТЕХНОЛОГИЯИ МУОСИРИ ТАЪЛИМ – ОМИЛИ ТАҚВИЯТИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ ДАР МАКТАБҲОИ КАМНУФУС

Дар мақола нақши истифодаи технологияи муосири таълим дар раванди татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар мактабҳои камнуфус баррасӣ шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки

гузариш ба муносибати босалоҳият дар таълим тамоман аз байн бурдани таълими анъанавиро надорад, балки он дар ҳамгироӣ ҷиҳатҳои мусбати таълими анъанавиро бо роҳу усули муосири таълим омезиш дода, маҳорати эҷодӣ, тафаккури маънавӣ, ҳавасмандгардонии хонандагонро ба донишандӯзӣ ва дарки ҳисси масъулиятшиносиро дар хонандагон бештар гардонида, онҳоро барои дар амал татбиқ намудани донишҳояшон водор менамояд.Ӯ назари худро оид ба таҳия намудани ҷанбаҳои нави ташаккулдиҳанда барои ҳар як дарс аз ҷониби омӯзгоронро баён намуда, қайд менамояд, ки кори омӯзгор ҳамон вақт натиҷабахш мегардад, ки агар усул ва тарзҳое, ки муаллим дар дарс истифода мебарад, он майли табии хонандагонро ба фаҳмидан, ҷустуҷӯ ва таҳқиқ кардан фаъол намуда, завқу шавқи онҳоро ба таҳсил барангезад: фаъолияти фикрӣ, эҷодӣ ва мустақилияти шогирдонро бедор намуда, онҳоро ба дарки ҳаёти воқеӣ рӯҳбаланд намояд.

**Калидвожаҳо:** муносибати босалоҳият, таълим, хонанда, усулҳои муосири таълим, мактабҳои камнуфус,омӯзгор, ҷанбаҳои ташаккулёбанда, раванди таълим, ташаккули шахсияти кӯдакон, масъулиятшинос, ботарбия ва бомаърифат, дарс, сифати таълим.

**Мирбобоева Б.**

## СОВРЕМЕННАЯ ТЕХНОЛОГИЯ ОБУЧЕНИЯ – ФАКТОР УКРЕПЛЕНИЯ КАЧЕСТВА ОБРАЗОВАНИЯ В МАЛОКОМПЛЕКТНЫХ ШКОЛАХ

В статье рассматривается роль современной технологии в процессе внедрения компетентностного подхода к обучению в малокомплектной школе.Автор подчёркивает, что переход на компетентностный подход не означает не использовать традиционный метод обучения, напротив они должны обучаться интегрированно.Следует использовать положительные особенности традиционного метода с современными путями и методами обучения, творческие способности, нравственное мышление учащихся, развивать заинтересованность учащихся к приобретению знаний и чувство ответственности для реализации их знаний.

Автор статьи выражает свое мнение по реализации новых развивающихся для каждого урока учителями способов, считает, что деятельность учителя тогда будет эффективным, когда те методы и способы используемые учителем, создают естественную склонность учащихся к пониманию, поиску и исследованию, к обучению: поднимают творческое мышление и самостоятельность учащихся к познанию реальной жизни.

**Ключевые слова:** компетентностный подход, обучение, учащиеся, современные методы обучения, малокомплектная школа, учитель, развивающиеся аспекты, учебный процесс, развитие личности ребёнка, ответственный, воспитанный и образованный, урок, качество преподавание.

**Mirboboeva B.**

## MODERN TECHNOLOGY OF TRAINING - FACTOR FIRMATING QUALITY EDUCATION IN SMALL COMPLEX SCHOOLS

The article discusses the role of modern technology in the process of introducing a competence-based approach to teaching in a small school. The author emphasizes that the transition to a competence-based approach does not mean not using the traditional teaching method, on the contrary, they should be trained integrated. learning, creativity, moral thinking of students, to develop students' interest in acquiring knowledge and a sense of responsibility to implement their knowledge.

The author of the article expresses his opinion on the implementation of new methods developing for each lesson by teachers, believes that the teacher's activity will then be effective when those methods and methods used by the teacher create a natural tendency of students to understand, search and research, to learn: they raise creative thinking independence of students to the knowledge of real life.

**Keywords:** competence-based approach, learning, students, modern teaching methods, small schools, teachers, developing aspects, educational process, child's personality development, responsible, educated and educated, lesson, quality teaching.

**Сведения об авторе: Мирбобоева Б.М**. - заведующая отделом изучения вопросов малокомплектных школ. Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. Айни 45. *E-mail:* mirboboeva 61@mail.ru; **тел:** 992939236452

**Information about the author: Mirboboeva B.M. -** Head of the department of studying the issues of small schools Institute of Development of Education named after Abdurakhman Jami of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, Ayni 45. E-mail: mirboboeva 61@mail.ru; Tel: 992939236452

**Ф. АҲРОРОВА**

# ТАРБИЯИ АХЛОҚИИ ХОНАНДАГОН ЗИМНИ ОМӮЗИШИ «БАҲОРИСТОН»-И АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

Тарбияи ахлоқӣ яке аз мавзӯъҳои асосӣ дар адабиёти тоҷик аст. Доир ба мавзӯи мазкур бештари олимон, мутафаккирон ва шоирони аҳди классику муосир як силсила асарҳои баландмазмуне офаридаанд, ки дар онҳо тамоми паҳлуҳои ҳаёти ахлоқии инсон таҷассум ёфтааст. Аз байни он шоирону адибоне, ки ба ин масъала таваҷҷуҳ кардаанд, метавон номи шоири тавоно ва мутафаккири барҷаста Мавлоно Абдураҳмони Ҷомиро ба некӣ ёд бурд [**1;** ].

Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ умри дарозу пурбаракате дида, онро сарфи омӯзиш ва эҷоди илм намудааст. Барои наслҳои оянда осори пурарзиши илмию адабӣ мерос гузоштааст. Дар байни онҳо яке аз осори ахлоқӣ ва пурарзише, ки имрӯз дар тамоми муассисаҳои таълимӣ ва берун аз онҳо аз рӯи он ба хонандагон дарси ахлоқ омӯхта мешавад ин «Баҳористони»-и ин мутафаккири барҷаста мебошад. Абдураҳмони Ҷомӣ ин осори баландмазмуну пурарзиши худро дар пайравӣ ба «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ эҷод намудааст. Ӯ «Баҳористон»-ро соли 1487 бо мақсади тарбияи фарзанди ягонааш иёуддин Юсуф ва барои ҳамаи толибилмони замони худу оянда менависад. Ин асар аз ҷиҳати забон ва тарзи баён сода аст. Он намунаи барҷастаи насри асри XV ба ҳисоб меравад [**2;** ]. Бешак, метавон Абдураҳмони Ҷомиро устоди ахлоқ ном бурд. Зеро асари тарбиявии ӯ «Баҳористон» саршори масъалаҳои ахлоқиву равоншиносӣ буда, тамоми хислатҳои инсонӣ, фазилатҳои хуб (некӣ, ростгӯйӣ, инсондӯстӣ, адолат, ҳаё, иффат, раҳм, саховат, покизагӣ ва ғайра) ва бад (разолат, мутакаббирӣ, худписандӣ, мумсикӣ, майпарастӣ, дуруғгӯйӣ ва ғайра)-и одамиро ҷолибона ва возеҳона мавриди баррасӣқарор додааст [**3;** ].

Абдураҳмони Ҷомӣ ақлро беҳтарин сарват барои инсон медонад, ба қавли ӯ инсон маҳз тавассути ақл аз ҳама маҷудот фарқ карда, зиндагии худро ба роҳи дуруст равона месозад ва инчунин марому мартабаи хешро нисбат ба ҳар чизи олам баланд мебардорад. Дар ҳамин бобат ӯ чунин мефармояд: "...ақл чизест, ки агар он намебуд, ахволи инсон табоҳ мегардид ё мисли кӯдакону девонаҳо дар вартаи парешонӣ дар мемондем". Дар идомаи андешаи худ нафсро фармонбардори ақл номида, таъкид мекунад, ки инсон бояд хамеша аз пайи тарбияи нафси худ бошад ва кӯшиш намояд, ки нафси саркашаш ҳамеша побанди ақл бошад ва маҳз тавассути ақл инсон ба марому мақсади худ мерасад. Чунин суханони ҳикматборро дар илми педагогика тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ номидан бамаврид аст, зеро инсон маҳз тавассути ақл на танҳо аз вартаи парешонӣ мераҳад, балки ба бузургтарин мартабаҳои инсонӣ соҳиб мегардад [**4;** ].

Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дӯстию рафоқат, ҳурмату эҳтиром ва некию накӯкориро яке аз аломатҳои асосии иқболу давлат медонад ва соҳиб шудан ба ин сифатҳоро амри як қуввае медонад, ки он бо нафси шахс алоқаманд аст. Шоир таъкид месозад, ки бояд ҳар як фард аз хурдӣ дар пояҳои арзишҳои инсондӯстӣ ба воя расад. Аломати дигари иқболу давлат вобаста ба майл кардани шахс ба рафиқон, ҳамроҳон ва ёрони мувофиқ буда, онҳо ҳамеша бояд толиби салохияти корҳои ҳамдигар ва дар ҳар гунна вазъият тақозои дӯстии якдигарро доштабошанд. Ғайр аз ин, онҳо ба якдигар ихлосманд бошанд. Барои амалӣ шудани ин амрҳо қувваеро дошта бошанд, ки он давомдиҳандаи сифатҳои нек аст ва касро ҳамеша ба ҷониби хайр барад. Ин гуна қувва бо нафси шахс алоқаманд буда, аз вай харгиз ҷудоӣ намепазирад. Ва он қувва ҳеч гуна бадие бояд ба шахсияти ӯ раво набинад. Онҳо бе якдигар зиндагиро ҳам бояд тасаввур карда натавонанд. Амалӣ шудани ин амрҳо пеш аз хама вобаста ба натиҷаи дурусти муборизаи онҳо бо қувваҳои рақибангез аст [**5;** ].

Ба андешаи Абдураҳмони Ҷомӣ устод дар самтҳои мухталифи зиндагӣ барои шогирд шахси боваринок ва ғамхор аст, зеро ӯ ба шогирдон хислатҳои ҳамидаи инсонӣ - поксириштӣ, накӯкорӣ, иффат, инсондӯстӣ ва ғайраро тарғиб менамояд. Шоир ба

масъалаҳои тарбияи ахлоқию маънавӣ диққати махсус дода, барои бартарафсозии душвориҳои ҳаёти одамон панду маслихатҳои муфиду ҷолиберо баён кардааст. Дар раванди таълиму тарбия мутафаккир, чнонки болотар таъкид гардид, дар ҷои аввал ақли солимро мегузорад ва баъдан тамоми хислатҳои инсониро дар асоси ақлу хирадӣ ӯ баҳогузорӣ мекунад. Барои омӯзгорон бошад, тавсияҳо медиҳад, ки онҳо дар роҳи тарбия аз толибилм ё донишҷӯ ба хеҷ ваҷҳ набояд малол ва озурда гарданд.

Мутафаккири бузург таъкид месозад, ки таълиму тарбияи насли наврас яке аз муҳимтарин вазифахои омӯзгор ба шумор меравад. Омӯзгор бояд дар таълим ва тарбияи шогирд тамоми дониш ва маҳорати хешро сарф намояд. Ӯ бо шогирдон сидқан суҳбат намуда, камбудиҳо ва нуқсонҳоеро, ки дар онҳо ҳувайдо мегарданд, ошкор созад ва роҳи ҳалли онҳоро нишон диҳад. Ба қавли мутафаккир устод бояд аз донишу маърифати кофӣ бархурдор бошад ва дар умури таълиму тарбия ба саҳлангорӣ роҳ надиҳад, балки ҳамеша ниятҳои равонии шогирдро ба назар гирифта, бо ӯ муомилаи хуш намояд. Омӯзгор ҳамчун шахси наздик ва роздону меҳрубон бояд мунтазам аз ҳолу аҳволи зиндагонии шогирд бохабар бошад [**6;** ].

Бинобар ақидаву тавсияхои Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ мардум бояд бо якдигарашон меҳрубон бошанд ва лутфу марҳамати хоса дошта бошанд. Шоир расидан ба ҳар гуна мартабаро низ тавассути ақлу хиради солим ва рафтори хубу муомилаи нек медонист ва панд медод, ки шахси соҳибмартаба бояд чунон рафтор кунад, ки аз нафрати халқ эмин бимонад. Маълум аст, ки чунин обрӯву эътиборро танҳо тавассути хулқи хубу рафтори шоистаи таҳсин сазовор гаштан мумкин аст [**7;** ].

Воқеан ҳам ранҷиш ва кинагирии омӯзгор ва ё мураббӣ аз шогирдон аз камоли хирад берун буда, обрӯи ӯро дар байни шогирдону ҷомеа коста мегардонад. Омӯзгор қабл аз ҳама бо рафтору амали худ ва баъдан бо гуфтору фарҳанги худ намунаи ибрат бошад. Як амри воқеист, ки дар ҳама давру замон шогирдон ба таври худ ба устодонашон баҳо медиҳанд ва сазовори баҳои баланд ва сохиби обрӯю эътибори хоса гардидани омӯзгорон, дар маҷмӯъ ба нафъи шогирдон ҳам ҳаст, Мавлоно Ҷомӣ ин нуктаи муҳими тарбиявиро хеле ҷолиб таҳлил кардааст.

Дар бобати рафтори хуб Ҷомӣ мефармояд: бачагонро бояд аз хурдӣ дар роҳи адолат тарбия намуд. Инсон набояд аз чахорчӯбаи адлу инсоф пой берун ниҳад ва чуноки мутафаккир қайд кардааст, инсонҳо бояд бо ягдигар лутфу марҳамат дошта бошанд [**8;** ]. Он касоне, ки ҷабру зулм ва сиёсати фосидро пешаи худ менамоянд, ба харачу мараҷ ва сиёсати золимона роҳ медиҳанд, аз гунаи одамон шумурда намешаванд. Аммо одамони зиёде ҳастанд, ки шариату қонун онҳоро водор мекунад, ки бо ҳукми зулм рафтор кунанд. Аммо намояндагони динние, ки ба зулмат мегаравиданд, ба ин гуна муҳиммот риоя намекарданд. Онҳо мухолифи худро фиреб медоданд. Инсон агар сират дуруст кунад ва рафторашро нек созад, аз зарари мардум наҷот меёбад ва соҳиби ҳурмат мегардад. Инсон ба шарофати покӣ аз шарру ногуворӣ эмин мемонад. Агар кас ба мардум насиҳат кунад, ба онҳо раҳму лутф намояд, обрӯяш баланд мешавад

Чунонки маълум аст, Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ бисёре аз масъалаҳои тарбияи аклию ахлокӣ, роҳу воситаҳои таъмини хайрияи умум ва саодати одамӣ, адлу инсоф, мақсаду мароми инсонро мавриди тадқиқу омӯзиш қарор дода, муаллими тарбияту ахлоқи замонааш низ ба шумор мерафтааст.

Ба назари мо, дар ҷараёни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар баробари дарсҳои адабиёт дар дарсҳои соатҳои тарбиявӣ низ осори ахлоқии Абдураҳмони Ҷомӣ бояд ба таври васеъ мавриди омӯзиши қарор гирад. Тавассути ин хонандагон ҳарчи бештар дар роҳи дурусти инсонгароӣ ташаккул меёбанд.

Дар мавриди осори гаронбаҳои Абдураҳмони Ҷомӣ метавон хулоса намуд, ки таълифоту таснифоти ӯ дар омузиши рафтору гуфтору кирдори инсонӣ ва рушди паҳлуҳои гуногуни илми педагогика накши мухим бозидаанд. Месазад, ки пажӯҳишгарони ҷавон дар оянда хар як фасли "Баҳористон"-ро ба таври сазовор ҳамачонибаву амиқ дар партави "Консепсияи миллии тарбия" бо муқобалаву муқоисагузории дастовардҳои педагогикаи муосир мавриди баррасӣ ва татбиқи амалӣ дар раванди таълим қарор диҳанд.

**АДАБИЁТ**

1.Абдураҳмони Ҷомӣ. Баҳористон. –Душанбе, 1980.
2.Абдураҳмони Ҷомӣ. Ҳафт авранг.-Душанбе, 1986.
3.Афсаҳзод А. Рӯзгор ва осори Абдураҳмони Ҷомӣ.- Душанбе, 1980.
4.Афсаҳзод А. Лирика Абдураҳмони Ҷомӣ. –Душанбе, 1985.
5.Афсаҳзод А. Ҷомӣ - адиб ва мутафаккир. –Душанбе, 1989.
6.Афсаҳзод А. Ҷоми шоири ғазалсаро. –Душанбе, 1999
7.Афсаҳзод А. Накд ва баррасии осору шарҳи аҳволи Ҷомӣ. –Душанбе, 1999.
8.Шарҳи ҳикоятҳои мунтахаби «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ.- Душанбе, 2016.

**Аҳророва Ф. Ҷ.**

**ТАРБИЯИ АХЛОҚИИ ХОНАНДАГОН ЗИМНИ ОМӮЗИШИ «БАҲОРИСТОН»-И АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ**

Мақолаи мазкур аз зумраи он пажӯҳишҳоест, ки ба мазмун ва моҳияти эҷодиёти Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ, ки бо офариниши асарҳои баландмазмунаш дар хазинаи адабиёти тоҷик ҷойгоҳи махсус дорад, бахшида шудааст. Муаллиф Абдураҳмони Ҷомиро яке аз поягузорони мактаби ахлоқии тоҷик ҳисоб карда, омӯзиши эҷодиёти ӯро барои хонандагон амри зарурӣ донистааст. Дар мақола нигоҳи мутафаккир ба ақл ҳамчун беҳтарин сарват барои инсон, моҳияти дӯстию рафоқат, ҳурмату эҳтиром ва некию накӯкорӣ, нақши устод ҳамчун шахси барои шогирд боваринок ва ғамхор, зарурати бачагонро аз хурдӣ дар роҳи адолат тарбия намудан ва масъалаҳои дигар таҳлил гардида, собит шудааст, ки бо таълими эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ, махсусан ақидаҳо аз «Баҳористн»-и ӯ, метавон хонандагони муосирро дар роҳи дурусти инсонпарварӣ тарбия намуд.

**Калидвожаҳо:** таълим, тарбия, инсондӯстӣ, ахлоқ, ҳурмату эҳтиром, инсон, кӯдакон, шогирдон, ақида.

**Ахророва Ф. Дж.**

**НРАВСТВЕННОЕ ВОСПИТАНИЕ УЧАЩИХСЯ ПРИ ИЗУЧЕНИИ «БАХАРИСТАНА» АБДУРАХМАНА ДЖАМИ**

Данная статья относится к числу тех исследований, которые посвящены содержанию и сущности творчества Мавлоно Абдурахмана Джами, занимающегося своими произведениями с высоким содержанием особое место в сокровищнице таджикской литературы. Считая Абдурахмана Джами одним из основателей нравственной школы в таджикской литературе, автор считает изучение его произведений необходимым условием воспитания учащихся. В статье проанализированы взгляды мыслителя на разум как наилучшее богатство для человека, сущность дружбы и товарищества, уважительное отношение людей друг к другу, роль учителя как доверенного лица по отношению к ученику и заботящегося о нем, необходимость воспитания детей с малого возраста в духе справедливости и другие нравственные проблемы, и доказано, что посредством обучения творчества Абдурахмана Джами, в особенности его идей в «Бахаристане», становиться возможным воспитание современных учащихся в правильном духе гуманизма.

**Ключевые слова:** обучения, воспитания, человек, дети, ученики.

**Akhrorova F. J.**

**MORAL EDUCATION OF STUDENTS DURING THE STUDY OF "BAHARISTAN" OF ABDURAHMAN JAMI**

This article is one of those studies that are devoted to the content and essence of the work of Mavlono Abdurahman Jami, who deals with his high-content works a special place in the treasury of Tajik literature. Considering Abdurahman Jami as one of the founders of the moral school in Tajik literature, the author considers the study of his works a necessary condition for educating of schoolboys. In this article there are analyzed the views of the thinker on the mind as the best wealth for a person, the essence of friendship and camaraderie, respect of people each to other, the role of the teacher as a trustee in relation to the schoolboy and taking care of him, the need to educate children from a young age in the spirit of justice and other moral problems, and it has been proved that by teaching of the creativity of

Abdurahman Jami, especially his ideas in “Baharistan”, it becomes possible to educate modern schoolboys in the correct spirit of humanism.

**Ахророва Фарзона Джамшедовна** – 1993 г.р., старший научный сотрудник Института развития образования имени Абдурахмана Джами, адрес: 734024, г. Душанбе, ул. Айни, 45, тел. (992 37) 2275844. E.mail: farzonai.chamshed@mail.ru

**Ahrorova Farzona Ghamshedovna** – d.b.1993, Senior researcher of Institute of development of education named after Abdurahman Jami, address: 734024, Dushanbe, 45Ayni str., tel: (992 37) 2275844. E. mail: farzonai.chamshed@mail.ru.

**Г. САЪДУЛЛОЕВА**

# НАҚШИ ҲАМКОРИИ ОИЛА БО МАКТАБ ДАР РУШДИ ТАФАККУРИ ХОНАНДАГОН

Кӯдак бо гузоштани қадамҳои аввал аз зиндагӣ барои хеш сабақи нахустин мегирад ва батадриҷ барои дарёфти донишҳо ва маълумоти дигар талош меварзад. Кӯдакон ба сари хеш дар фаро гирифтани донишҳо дасткӯтаҳанд ва танҳо мактаб метавонад барояшон ба сӯйи шоҳроҳи маърифат роҳ кушояд.

Дар ҷомеаи муосир одамон ҷаҳонро бояд бо диди нав дарк карда тавонанд. Омилҳои инкишофи шахсият ва рушди ҷомеа тақозо менамоянд, ки мактаби муосир шахсро бо хулқу атвори нек тарбия намояд.

Ҳадафи асосии давлат тарбия намудани наврасону ҷавонони соҳибилму соҳибҳунар, донандаи техникаву технологияҳои ҳозиразамон ва мутахассисони ҷавобгӯйи талаботи рӯз мебошад.

Мактаб истеъдодро ташаккул дода, қобилияти зеҳнӣ, фаълоият дар шароити гуногун, зуд аз худ намудани донишҳои нав ва истифодаи мақсадноки дастовардҳои технологияи муосирро меомӯзонад.

Хонаводаи имрӯза дар муҳити сифатан нав ва тазодҳои иҷтимоӣ қарор дорад. Аз як тараф, бо душвориҳо рӯ ба рӯ гаштани ҷамъият ва муҳтоҷ будани оиларо мушоҳида намуда, кор карда баромадан ва дар амал татбиқ намудани барномаи мукаммали комплексӣ оид ба мустаҳкам намудан ва аҳамияти калон доштани нақши оила дар тарбияи кӯдаконро зарур мешуморем. Аз тарафи дигар, омилҳое, ки боиси тезу тунд шудани мушкилоти хонавода мегарданд, хеле зиёданд.

Пеш аз ҳама паст будани сатҳи зиндагии оилаҳо, зиёд гардидани ҷудошавии волидон аз ин авомил ба шумор мераванд, ки сабаби мушкилоти равонии кӯдакон мегарданд. Қисми зиёди наврасон аз волидонашон ҷудоянд. Бинобар ин, дар шароити мураккаби имрӯза оила ёрии мунтазам ва тахассусиро аз тарафи муассисаҳои таълимӣ талаб менамояд. Танҳо раванди ҳамкории омӯзгорон ва волидон метавонад бомуваффақият масъалаи ташаккули шахсияти мактаббачагонро ҳал намояд.

Ҷараёни ҳамкории оила бо муассисаҳои таълимӣ бояд волидонро барои фаъолона иштирок намудан дар раванди таълиму тарбия ва берун аз он тарғиб намояд. Вазъи имрӯзаи ҳаёти ҷомеаи Тоҷикистон тақозо дорад, ки волидон ба тарбия, таълим ва инкишофи шахсияти кӯдакони хеш бо диди нав,муносибати нав ,андешаю афкори нав чун фарди соҳибҳуқуқ ва мустақили ҷомеа назар намоянд. Зарурат ва моҳияти ин масъаларо ба назар гирифта Ҳукумати Тоҷикистон бо назардошти пешниҳодоти ҷомеа ва мутахассисон Конуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» -ро қабул кард. Тарбияи оилавӣ яке аз самтҳои муҳими ҷараёни тарбия буда,аз бисёр ҷиҳат ба фаҳмишу дониш ва фаъолияти пурсамари падару модарон ва омӯзгорону мураббиён сахт марбут аст. Хусусан, таълиму тарбияи дурусти фарзанд дар оила қарзи аввалиндараҷаи падару модар дониста мешавад. Муҳити тарбия, ҷаҳонбинӣ ақлу одоб ва дунёи маънавии падару модар аввалин сарчашмаест, ки кӯдак аз он ғизои маънавӣ мегирад.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон, дар муаррифии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» хеле оқилона таъкид карданд: «Усулан ақлу идрок, ҷаҳонбинӣ ва фазилати маънавии падару модар аввалин сарчашмаест,ки дар зеҳну шуури кӯдак нақши ҳамешагӣ пайдо мекунад ва нуфузи он дар зиндагии инсон як умр боқӣ мемонад ». Маҳз бо кӯшишу талоши волидон сатҳи тафаккур ва донишандӯзӣ, одобу рафтор, муоширaт ва худшиносии фарзандон ташаккул меёбад. Бинобар ин, дар шароити кунунӣ маъсулияти тарбият ва таълими наврасон ва ҷавонон асосан бар дӯши оила ва мактаб вогузор гардидааст. Ба комёбӣ ноил гардидани кӯдак дар мактаб аз кӯшиши волидон хеле вобаста аст. Аз ин рӯ, мактаб дар робита ба масъалаи ҳамкорӣ бо волидон дар назди худ вазифаҳои зеринро мегузорад:

▪ Таълими равонию педагогии волидон оид ба масъалаи тарбияи кӯдакон.

▪ Ҷалб намудани волидон бо фаъолияти якҷоя бо кӯдакон барои тақвияти неруи тарбиявӣ дар шароити берун аз синф, беҳтар намудани ҳамкории омӯзгорон, волидон ва кӯдакон.

▪ Ворид намудани дигаргуниҳо ба раванди тарбия дар баъзе оилаҳо:

▪ Расонидани ёрии равонию педагогӣ дар тарбияи хонандагони боистеъдод ва лаёқатманд;

▪ Ба волидон расонидани ёрии равонию педагогӣ дар ҳал намудани масъалаҳои душвори тарбия;

▪ Кори инфиродӣ бо оилаҳои носолим.

▪ Ҳамкорӣ бо созмонҳои ҷамъиятии волидон: кумитаи падару модарон, шӯрои мактабӣ ва ғайра.

Самтҳои асосии фаъолияти омӯзгорон ва волидон аз инҳо иборатанд:

- фазои маърифатии ҳаёт;
- дастгирии солимии ҷисмонии таълимгирандагон;
- ташаккули неруи эҷодӣ;
- дастгирии кӯдакони болаёқат;
- дастгирии иҷтимоӣ ва тадбирҳои пешгирии беназоратӣ.

Дар барқарор намудани робитаи байни волидон ва омӯзгорон роҳбари синф нақши муҳим мебозад. Ӯ кӯшиш менамояд, ки волидонро ёрдамчиёни ҳақиқӣ ва босадоқати коллективи педагогӣ гардонад, эҳтироми онҳоро нисбат ба мактаб дастгирӣ намояд.Чӣ хеле, ки волидон ба мактаб муносибат менамоянд, ҳамон хел муносибати кӯдаконашон ба онҳо суръат мегирад. Агар волидон ба омӯзгорон боварӣ дошта бошанд, ҳамин тавр хонандагон низ ба мактаб боварӣ ҳосил менамоянд. Ин таҳкурсии хуб аст барои ҳамкорӣ кардан ва барои ҳамаи муваффақиятҳо дар пешравии фаъолияти хонандагон.

Қадами асосӣ ва аввалин дар ҳал намудани мушкилоти ҳамкории мактаб ва волидон омӯхтани неруи тарбиятии хонаводагӣ (фазои хонавода) ба шумор меравад. Роҳбари синф шиносномаи иҷтимоии синфро тартиб медиҳад, ки дар асоси он ва маълумотномаи иҷтимоии ҷонишини директор оид ба корҳои тарбиявӣ шиносномаи мактабӣ таҳия мегардад. Маълумоти таҳлилӣ ҳамчун манбаи иттилоотӣ барои коркарди роҳбурди ҳамкории мактаб ва волидон имконият фароҳам меорад. Анвои ҳамкориҳои зерин дар низоми ҳамкорӣ бо оилаҳо нақши муҳим мебозанд: чорабиниҳои умумимактабӣ ва синфӣ (намоишномаи анъанавии солинавӣ, консертҳо, идҳо, рӯзи саломатӣ ва ғайраҳо); идоракунии якҷояи мактабӣ (кори умумимактабии кумитаи падару модарон); маводи ахборотии мактаб (лавҳа, гӯша барои волидон, сомонаи мактабӣ). Дар асоси шароити ҳамкорӣ неруи эҷодӣ, саломатӣ, сулҳ, таҳаммулпазирӣ, муоширати тарафайн, муоширати ва ҳамкорӣ , самти ёрии байниҳамдигарӣ дар ташаккули шахсияти кӯдак инкишоф меёбад. Волидон саёҳатҳо ташкил менамоянд, дар таҷҳизонидани синфхонаҳо ва таъмири онҳо ёрӣ мерасонанд. Дастгирии асосии волидон дар тайёр намудани сару либос, ороишот, сабти овозҳо ва ғайра мебошад. Аз нигоҳи аввал, ба назари кас чунин менамояд, ки ҳамаи кор дар мактаб ба хубӣ ба анҷом мерасад. Аз чӣ сабаб бошад, ки на дар ҳамаи синфҳо дар маҷлиси падару модарон шумораи зиёди волидонро дида метавонем? Пас, чӣ тавр муносибатро бо волидон ба таври ҷиддӣ метавон барқарор кард?

Албатта, волидон мунтазиранд, ки мактаб ба кӯдакон некӣ, мустақилият, дуруст фикр кардан, баёни саҳеҳ, таҳлили вазъият, дар коллектив зистан ва эҷодкориро меомӯзонад.

Дар ин замина волидонро зарур аст, ки муҳити тарбияи хонаводагиро мувофиқи мақсад чун давоми фаъолияти мактаб, тибқи анъанаҳои миллӣ ва тақозои ҷомеаи муосир ташкил намоянд.

Ташаккули тафаккури насли наврас ба эҷодкорӣ, навовариву ихтироъкорӣ аз айёми кӯдакӣ ва наврасӣ яъне аз боғчаи кӯдакон, мактаби миёна оғоз гардида, дар таълимгоҳҳои олӣ рушд меёбад.

Таҳсил дар ҳаёти наврасон мавқеъи муҳим дорад. Онҳо вақти зиёди худро дар мактаб мегузаронанд. Ҷиҳати мусбат дар он аст, ки омода намудани наврасон ба намудҳои фаъолияти таълимӣ худи онҳоро дар пеши назарашон ба камолрасида нишон медиҳад. Яке аз сабабҳои чунин омодагӣ мумкин аст таҳсил бошад , ки барои наврасон шакли шавқовари мустақилонаи он дарс маҳсуб мешавад.

Донише, ки наврасон дар раванди фаълоияти таълимӣ, дар мактаб ба даст меоранд, бояд ҳавасманкунанда бошанд, дар акси ҳол майлу рағбати эшон нисбат ба омӯзиш коста мегардад. Донишомӯзон танҳо ҳамон вақт ҳавасмандӣ ҳосил мекунанд, ки агар аҳамияти донишҳоро дар оянда дарк кунанд.

Тараққиёт ва пешрафти ҷаҳони муосир, ки бо раванди ҷаҳонишавии илму техника ва фазои иттилоот алоқаи зич пайдо намудааст, ба ташаккулёбии кӯдакон, наврасон ва ҷавонон таъсири зиёд расонида метавонад. Дар ҷаҳони муосир илму маориф ҳамчун сарчашмаи бунёди пешрафти иқтисодию иҷтимоии ҷомеа арзёбӣ карда мешавад. Бинобар ин, моро зарур аст, ки насли наврасро ҳамчун созандаи ҷомеаи навин ва ҳамқадами замон парвариш диҳем.

Таҳсилоти мактабӣ бояд ҳамзамон мутобиқати синну сол ва сарбории мактабиро низ таъмин намояд, то донишомӯзон аз донишҳои фарогирифтаашон қаноат ва хушбинӣ ҳосил намоянд. Зеро қаноат ва хушбинӣ омилҳои равоние ҳастанд, ки ба ҷараёни баъдии таҳсилоти донишомӯз таъсири мусбат расонда, ояндаи онҳоро умедбахш мегардонанд. Дар ин маврид боз нақши муаллим ҳамчун роҳнамо муҳимтар арзёбӣ мегардад.

Муаллим дар раванди таълим ва берун аз он роҳнамои хонандагон буда, ҳамеша бо онҳо ҳамкорӣ менамояд. Муошırати муаллим бо хонандагон бояд рӯйи аслҳои педагогӣ, иҷтимоӣ ва арзиши шахсият ташкил карда шавад.

Барои расидан ба ин ҳадаф мо бояд насли наврасро дар рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарастӣ, худшиносиву худогоҳии миллӣ тарбия намуда, онҳоро бештар ба омӯхтани илму технологияи муосир раҳнамун созем, то ки шахси соҳибилм ва озодандешро тарбия намоем. Одатан, рафтори кӯдак баёнгари муҳити тарбиятии хонавода аст. Хонаводаҳое, ки аз фарҳанги тарбия бархурдор ва аз равишҳои хос баҳрамананд, фарзандони худро хубтар парвариш медиҳанд. Оилаҳои аз фарҳанги педагогию психологӣ дур бошанд, бештар ба мушкилот дучор мешаванд. Аз ин рӯ, хонавода вазифадор аст, ки ҳиссиёти мусбати кӯдакро нисбат ба ҷаҳон ва ҷаҳониён ташаккул диҳад. Эҳсоси боварӣ ба одамон ва оянда ҳамон ҷавҳари аслии тарбия аст, ки бо хубиҳои дигаре мисли дӯстӣ, меҳрубонӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, ҳинҷорпазирӣ ва худшиносиву худогоҳӣ зинат дода мешавад. Албатта дар ин амри савоб шахсияти волидон нақши муҳимро адо менамояд. Хулқу атвори эшон барои кӯдак ба ҳар сурате, ки бошад, чун намуна пазируфта мешавад ва бо гузашти замон чун қонун қабул мегардад. Дар ин робита бояд афзуд, ки волидон барои ороиши афъоли хеш ба хотири ояндаи фарзандон месазад, ки ҳамеша саъю талош варзанд, зеро метавонад рӯзе фаро расад, ки пушаймониҳо суде набахшанд.

Оила ба кӯдак барои ба даст овардани таҷрибаи зарурии ҳаётӣ ёрӣ мерасонад. Дар навбати аввал:

- муносибат бо худ;
- шеваи рафтор бо дигарон;
- тасаввурот дар бораи худ хамчун мард ё зан;
- бойгарии маънавӣ, фаҳмиш дар бораи «хуб ва бад»
- ҳадафи зиндагӣ;
- саъю кӯшиш, орзуҳо;
- дарки робитаи байни наслҳо, эҳсоси ҳамбастагӣ бо халқу Ватан.

Набояд фаромӯш кард, ки оила макони асосии ташаккули шахсияти кӯдакон аст ва онро ҳеҷ ниҳоди дигаре иваз карда наметавонад. Ташаккули шахсияти ӯ аз муҳаббати бепоёни волидон оғоз мегардад. Танҳо чунин муҳаббат метавонад ҳама гуна шароиту имконоти ташаккули кӯдакро таъмин намояд, камолоти маънавӣ ва арзишҳои ӯро ошкор намояд.

Ҳамин тавр, дар ҳамкорӣ ҷаҳонбинӣ, хулқу атвор, муносибат, муошират, меҳру муҳаббат, тафаккури зеҳнӣ, меҳнатдӯстӣ ва неруи эҷодии хонандагон дар заминаи омилҳои воқеӣ ташаккул меёбанд.

**АДАБИЁТ:**


1. Волков Г.Н.- “Этнопедагогика”- Москва 1999.
2. Вульфосн Б.Л. «Кризис воспитания»- Москва педагогика, 2006 №5.
3. Гершунский Б.С.- “Философия образования для XXl века”- Москва 1998.
4. Измаилов А.Э.- “Народная педагогика: педагогическая воззрения народов Средней Азии и Казахстан”- Москва 1991.
5. Иванова Н.Л., Бобыева М.А., Заводилкина О.В. «Воспитание детей в семье в контексте социальных изменений»- Начальная школа. 2004№3.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» Душанбе,2010.
7. Лутфуллоев М. «Шарафномаи миллат»- Душанбе, «Сарпараст», 2003.
8. Р.С.Немов.- «Психология».Книга2 :»Психология образования».- Москва:» Владос»,2002.
9. Макаренко А.С. Методы воспитания./А.С.Макаренко. М.Изд.Прогресс. 1990.
10. М. Лутфуллоев Тулӯи хуршеди истиқлол ва масъалаҳои тарбия. Душанбе 2016с.
11. Давлатшоев И. Дастурамали пешгирии қонунвайронкунӣ ва косташавии ахлоқи наврасону ҷавонон. Душанбе 2014с.


**Саъдуллоева Г.**

## НАҚШИ ҲАМКОРИИ ОИЛА БО МАКТАБ ДАР РУШДИ ТАФАККУРИ ХОНАНДАГОН

Муалиф дар мақола зикр намудааст, ки нақши оила дар ҳаёти инсон, бахусус, хонандагон калон аст. Оила дар мустаҳкам намудани саломатӣ ва тарбияи насли наврас, нақши муҳим мебозад. Дар оила асосҳои феълу атвори инсон, муносибати вай ба меҳнат, ба сарватҳои маънавӣ, идеявӣ ва маданӣ ташаккул меёбад. Ҳадафи асосии давлат тарбия намудани наврасону ҷавонони соҳибилму соҳибҳунар, донандаи техникаву технологияҳои ҳозиразамон ва мутахассисони ҷавобгӯйи талаботи рӯз мебошад. Мактаб истеъдодро ташаккул дода, қобилияти зеҳнӣ, фаъолият дар шароити гуногун, зуд аз худ намудани донишҳои нав ва истифодаи мақсадноки дастовардҳои технологияи муосирро меомӯзонад. Ташаккули тафаккури насли наврас ба эҷодкорӣ, навовариву ихтироъкорӣ аз айёми кӯдакӣ ва наврасӣ яъне аз боғчаи кӯдакон, мактаби миёна оғоз гардида, дар таълимгоҳҳои олӣ рушд меёбад.

**Вожаҳои асосӣ:** тарбия, оила, мактаб, омӯзгорон, Падар, Модар,кӯдак,фарҳанг, иҷтимоӣ, таълим, миллӣ.

**Садуллоева Г.**

## РОЛЬ СОТРУДНИЧЕСТВА СЕМЬИ СО ШКОЛОЙ В РАЗВИТИЕ МЫШЛЕНИЯ УЧАЩИХСЯ

В статье рассказывается о роли семьи в жизни человека, особенно учеников. Семья играет важную роль в укреплении здоровья и воспитания подростков. В семье формируются основные принципы человека, их отношение к труду, духовное, идеологическое и культурное богатство. Основной целью государства является обучение молодых и молодых предпринимателей и предпринимателей, которые в настоящее время являются техническими специалистами современных технологий и специалистами, которые отвечают требованиям дня. Школа развивает таланты, создает интеллектуальность, гибкость в различных условиях, быстро приобретает новые знания и целевые технологические достижения. Развитие подросткового мышления начинает создавать, вводить новшества и вовлекать детей и подростков, то есть детей, среднюю школу, и развиваться в сфере высшего образования.

**Ключевые слова:** образование, семья, школа, учителя, родители, мать, ребенок, культура, социальные, образование, национал.

**Sadulloeva G.**

## FAMILY COLLABORATION WITH THE SCHOOL IN THE DEVELOPMENT OF READERS

The article describes the role of the family in the life of a person, especially students. The family plays an important role in promoting the health and education of adolescents. The family forms the basic principles of man, their attitude to work, spiritual, ideological and cultural wealth. The main goal of the state is to train young and young entrepreneurs and entrepreneurs who are currently technicians of modern technology and specialists who meet the requirements of the day. The school develops talents, creates intelligence, flexibility in various conditions, quickly acquires new knowledge and targeted technological advances. The development of adolescent thinking begins to create, innovate and involve children and adolescents, that is, children, high school, and develop in the field of higher education.

**Keywords**: education, family, school, teachers, parents, mother, child, culture, social, education, natsional.

**Сведения об авторе: Саъдуллоева Гулнора. Махадовна** - ассистент кафедры гуманитарных наук Таджикского технологического университета,

телефон Душанбе, Н. Карабаев - 63/3 тел. 551-555-887

**Information about the author**: **Saadulloeva Gulnora Mahadovna** - Assistant of the Department of Humanities of the Tajik Technological University, telephone Dushanbe, N. Karabaev - 63/3 tel. 551-555-887

**МЕТОДИКА**
**МЕТОДИКА**
**METHOD**

---

**Ғ. БОБИЗОДА**
**С. САФАРЗОД**

# МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ДАР ТАЪЛИМИ МАВЗӮИ «КИСЛОТАИ ХЛОРИД ВА ТАҶРИБАҲО БО ОН. ХОСИЯТҲОИ ХИМИЯВИИ КИСЛОТАИ ХЛОРИД. ШИНОХТАНИ КИСЛОТАИ ХЛОРИД ВА НАМАКҲОИ ОН»

**Салоҳият:**

8.1.1. Бо дарки зарурати риояи қоидаи бехатарии экологӣ бо муҳити зист, дар ҳаёти ҳамарӯза бо моддаҳои химиявӣ муносибати босаводона карда метавонад;

• **моддаҳоро аз рӯйи таркиб, сохт ва хосиятҳояшон тасниф карда, робитаи байни онҳоро муайян карда метавонад;**

*Яъне, бо назардошти хосияти моддаҳои химиявӣ алоқамандии байни онҳоро бо навиштани муодилаҳои реаксияҳои дахлдор маънидод мекунад. Ба ҳамдигар табдил додани моддаҳоро маънидод карда метавонад.*

• **мафҳумҳои асосии химиявиро шарҳ дода метавонад;**

*Мафҳумҳои химиявиро вобаста ба мавзуи мазкур (кислота, хлориди ҳидроген, маҳлул, хлоридҳо...) бо мисолҳои мушаххас шарҳ дода метавонад.*

• **таркиби моддаҳоро тавассути формулаи химиявӣ тасвир карда, онҳоро шарҳ дода метавонад;**

*Моддаҳои дар мавзуи мазкур омухташавандаро медонад, формулаи онҳоро навишта метавонад ($HCl$, $Zn$, $Fe$, $H_2O$, $H_2$)*

• **аз таҷҳизоти лабораторӣ ва зарфҳои химиявӣ истифода бурда метавонад;**

*Яъне, хонанда дорои маҳорати дуруст истифода бурдани таҷҳизоти химиявӣ мебошад.*

• **аз уҳдаи гузаронидани таҷрибаҳои химиявӣ ва мушоҳидаи тағйирёбии хосияти моддаҳо ва таҳлили онҳо мебарояд;**

*Хонанда таҷрибаро гузаронида метавонад ва зимнан, дар асоси тағйироти баамаломада хулосаҳои зарурӣ мебарорад. Яъне дар натиҷаи таъсири мутақобилаи кислотаи хлорид бо металл чӣ гуна тағйирот ба амал меояд. Реаксия бо ҳосилшавии кадом моддаҳо ва дар кадом ҳолати агрегатӣ ба анҷом меерасад.*

• **зимни гузаронидани таҷрибаҳои химиявӣ ва мушоҳидаҳо қоидаҳои техникаи бехатариро риоя карда метавонад;**

*Яъне, пеш аз иҷрои кор бо дастур оид ба гузаронидани таҷриба ва мазмуни он шинос мешавад, воситаҳои муҳофизатиро ба монанди айнак, дастпушак ва хилъат ба бар мекунад, бе иҷозати омӯзгор ба кор огоз намекунад ва ғайра.*

• **моддаҳоро бо риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ истифода бурда метавонад;**

*Ҳангоми истифода бурдани моддаҳо боэҳтиёт амалиётро иҷро мекунад, моддаҳоеро, ки хосияти вайрон кардани бофтаҳоро доранд, медонад ва онҳоро танҳо бо иҷозати омӯзгор истифода мебарад ва ғайра.*

***хонандагон пас аз омӯзиши мавзӯъ бояд:***

**-таъсири мутақобилаи кислотаи хлорид ва металлҳоро мушоҳида намоянд ва хулосабарорӣ карда тавонанд;**

*Масалан, таъсири кислотаи хлоридро бо металли оҳан мушоҳида намуда муодилаи реаксияи раванди мазкурро тартиб дода, онро маънидод карда тавонанд.*

**- намакҳои кислотаи хлоридро ҳосил карда тавонанд;**

*Хонандагон бояд маҳорати истифодабарии таҷҳизоти лаборатории ба таҷрибаи мазкур дахлдорро дошта бошанд ва таҷрибаро гузаронида намак ҳосил карда тавонанд.*

**-хосиятҳои кислотаи хлорид ва намакҳои онро шарҳ дода тавонанд;**

*Дар асоси таҷрибаҳои гузаронидаашон, хонандагон хосияти моддаҳои истифодашуда ва ҳосилшударо маънидод карда тавонанд.*

**- кислотаи хлорид ва намакҳои онро шинохта тавонанд;**

*Реаксияҳои дахлдорро доир ба ошкор кардани намакҳои кислотаи хлорид донанд ва бо истифодаи онҳо намакҳои кислотаи хлоридро шинохта тавонанд.*

**Мақсади дарс:**

-ташаккули фаҳмиш оид ба тарзи ҳосил кардани намакҳои кислотаи хлорид, азхуд кардани истилоҳоти зарурӣ;

- шиносоӣ пайдо кардан бо асбобҳо ва дастгоҳҳои химиявӣ ва донистани тарзи истифодабарии онҳо;

-омӯзонидани тарзи ҳосил кардани намакхои кислотаи хлорид ва гузаронидани таҷриба бо онҳо;

-мустаҳкамкунӣ, татбиқи донишҳои омӯхташуда, рушди маҳорати татбиқи донишҳо дар амалия ва беҳтар кардани маҳорати таҷрибавӣ.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: Лавозимот барои ҳосил кардани намакҳои кислотаи хлорид. Моддаҳои химиявӣ мувофиқи нишондод.

**Равиши дарс**

**Оғози дарс:**

Машғулиятҳои амалиро асосан дар шакли индивидулӣ ё дар гурӯҳҳои дунафарӣ (аз рӯйи дастурҳои методӣ) иҷро менамоянд.

Пеш аз шурӯъ кардан ба иҷрои таҷриба хонандагон омодагӣ мегиранд. Аз ҷониби муаллим тайёрии ҳар як хонанда барои иҷрои таҷриба (мутобиқи дастури методӣ) санҷида мешавад.

Дарсро аз хотирнишон кардани донишҳои пешинаи хонандагон оғоз кунед. Барои ин бо усули блитс-пурсиш аз саволҳои зерин истифода баред:

-кислотаҳо чӣ гуна пайвастаҳо мебошанд?

-хосиятҳои кислотаҳоро шарҳ диҳед.

-монандӣ ва фарқи кислота ва асосро номбар кунед?

**Қисми асосии дарс. Омӯзиши маводи нав**.

1. Донишҳои аз дарси пешина бадастовардаи хонандагонро ба хотирашон оред ва барои омӯзиши маводи нав замина омода кунед. Мавҷудияти таҷҳизот ва реактивҳои лозимаро санҷед. Оид ба техникаи бехатарӣ суҳбат гузаронед ва дастур диҳед. Барои санҷидани тайёрии хонандагон бо онҳо суҳбат гузаронед. Бо шакл ва мазмуни ҳисобот оид ба иҷрои кор хонандагонро шинос намоед.

2. Баъд аз он омӯзгор дар тахтаи синф реаксияҳои ҳосил кардани намакҳои кислотаи хлоридро менависад.

**Кор ба варақаҳои супоришдор дар гуруҳҳо**.

Хонандагонро дунафарӣ ба гуруҳҳо ҷудо кунед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки корро шурӯъ кунанд. Ба гуруҳҳо чунин супориш диҳед:

**- ҳосил кардан ва омӯхтани хосияти намакҳои кислотаи хлоридро бодиққат хонед ва бо мазмуни он шинос шавед;**

*Яъне хонандагон бояд матни кори амалии мазкурро аз китоб хонда, мазмуни онро дарк кунанд.*

**-мавҷудият ва миқдори таҷҳизот, мавод ва дигар лавозимотро санҷед;**

*Баъди шинос шудан бо таҷрибаи мазкур, ҳар як хонанда лавозимоти истифодашавандаро донад ва мавҷудияти онҳоро санҷад.*

**-нақшаи гузаронидани машғулияти амалӣ, муайян кардани мақсад, равиши кор ва тартиби иҷрои онро матраҳ намоед;**

*Дар асоси дастур хонанда мақсади гузаронидани таҷриба, рафти он ва нақшаҳои заруриро тасвир карда, тартиби иҷрои корро муайян мекунад.*

**-расми дастгоҳҳои лозимаро дар дафтаратон тасвир кунед.**

**-дастурҳои техникаи бехатариро риоя кунед;**

**-муодилаи реаксияҳои химиявии ин равандҳоро тартиб диҳед ва онҳоро баробар кунед;**

**-оид ба иҷрои кор ҳисобот омода намоед.**

*Хонандагон дар асоси таҷрибаи гузаронидаашон хулосабарорӣ намуда, натиҷаашонро дар шакли ҳисоботи мухтасар менависанд*

**-коратонро муаррифӣ кунед.**

Дар вақти муаррифии ҳисобот байни хонандагон муҳокимарониро ба роҳ монед, ба мафҳумҳое, ки маълумоти муҳим доранд, диққати бештар диҳед ва агар лозим шавад, худатон пурра кунед.

**Хулосаи кори анҷомдодашуда**. Бо хонандагон маълумоти бадастомадаро ба тартиб дароред ва хулоса кунед. Хулосабарорӣ ҳамчун ҷамъбасти фикри хонандагон гузаронида мешавад.

**Анҷоми дарс**. Мустаҳкамкунӣ ва ҷамъбаст. Блитс-пурсиш. дар ин раванд омӯзгор ҷиҳати мустаҳкам намудани донишҳои азхуднамудаи хонандагон пурсиш мегузаронад. Барои ин аз саволҳои кутоҳи ба мавзуъ рабтдошта истифода кардан мувофиқи мақсад аст. Масалан:

- Кислотаи хлорид бо оҳан ва алюминий чӣ гуна таъсир мекунад? Оё дар ин равандҳо тафовут мушоҳида мешавад?
- Барои гузаронидани таҷриба кадом моддаҳо ва таҷҳизот истифода шуданд?
- Барои чӣ баъди анҷоми реаксия маҳлул ранг пайдо кард?
- Сабаби пайдошавии ҳубобчаҳои газиро шарҳ диҳед.
- Дар натиҷаи реаксия кадом газ ҳосил шуд?
- Гази ҳосилшуда чӣ гуна хосият дорад? Онро дар куҷо истифода мебаранд?

**Мустаҳкамкунии донишу малака**. Оид ба масъалаҳои асосии мавзӯъ бо хонадагон саволу ҷавоб намоед ва дониши онҳоро мустаҳкам кунед. Дарсро ҷамъбаст намуда, меҳнати хонандагонро қадр намоед.

**Вазифаи хонагӣ**. Такрор ва мустаҳкамкунии мавзӯи Кислотаи хлорид.

**Арзёбӣ.** Дар раванди дарс фаъолияти хонандагонро мушоҳида намуда дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти хонандагонро аз рӯйи нақшаи зер арзёбӣ карда метавонед.

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Шарҳ додани хосиятҳои кислотаи хлорид. | | | |
| Ҳосил кардани намакҳои кислотаи хлорид. | | | |
| Шинохтани кислотаи хлорид ва намакҳои он | | | |

Хонанда дар ҳолате ба салоҳиятҳо ноил мегардад, агар фаъолиятҳои мазкурро иҷро карда тавонад. Дар ҳолатҳои қисман тавонистан ё натавонистан вобаста ба фаъолияташ арзёбӣ мегардад.

Барои арзёбии дониш, малака ва маҳорате, ки барои ташаккули салоҳияти хонанда ҳамчун замина ба шумор мераванд, ба меъёрҳои зерин диққат диҳед:

- хонанда фикрашро озодона баён мекунад;
- бо навбат сухан мегӯяд;
- суханони дигаронро намебурад;
- формуларо дуруст менависад;

**АДАБИЁТ:**

1.Барномаи таълимӣ с. 2018 синфи 8 – 11
2.Ғ. Бобизода, М. Собиров Химия. Китоби дарсӣ барои синфи 11 Душанбе маориф 2018
3.Сомиев Л., Иброҳимов Китоби дарсӣ барои синфи 8, 2014

**Бобизода Ғ.**
**Сафарзода С.**

**МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ДАР ТАЪЛИМИ МАВЗУИ «КИСЛОТАИ ХЛОРИД ВА ТАҶРИБАҲО БО ОН. ХОСИЯТҲОИ ХИМИЯВИИ КИСЛОТАИ ХЛОРИД. ШИНОХТАНИ КИСЛОТАИ ХЛОРИД ВА НАМАКҲОИ ОН»**

Мақолаи мазкур мутобиқи муносибати босалоҳият дар таълим дар шакли коркарди мавзуи яксоата навишта шуда, ҳамаи лаҳзаҳои дарсро фаро мегирад. Мақола ба коркарди кори амалӣ дар мавзуи «Кислотаи хлорид ва намакҳои он» бахшида шудааст. Дар мақола намунаи салоҳиятҳое оварда шудаанд, ки хонандагон дар рафти омӯзиши мавзуи мазкур бояд соҳиби онҳо шаванд. Ҳамчунин роҳҳои омӯзиши маҳорати гузаронидани таҷрибаҳо ва арзёбии онҳо низ баррасӣ шудаанд.

**Калидвожаҳо:** химия, кислота, таҷриба, реаксия, намак, салоҳият.

**Бобизода Г.**
**Сафарзода С.**

**КОМПЕТЕНТНОСТНЫЙ ПОДХОД ПРИ ОБУЧЕНИИ ТЕМЫ «СОЛЯНАЯ КИСЛОТА И ЕЕ СОЛИ. ЭКСПЕРИМЕНТЫ С СОЛЯНОЙ КИСЛОТОЙ И ЕЕ СОЛЯМИ. ОПРЕДЕЛЕНИЕ СОЛЕЙ СОЛЯНОЙ КИСЛОТЫ»**

Данная статья написана в формате поурочной разработки в соответствии с компетентностным подходом и охватывает все моменты урока. Статья посвящена поэтапной разработке практической работы по теме «Соляная кислота и ее соли». В статье приводятся примеры компетенций, которыми должны обладать учащиеся при изучении данной темы. Также рассматриваются методы обучения навыкам проведения экспериментов и их оценки.

**Ключевые слова:** химия, кислота, эксперимент, реакция, соль, компетенция.

**Bobizoda G.**
**Safarzoda S.**

**COMPETENCY APPROACH IN TEACHING OF TOPIC «HYDROCHLORIC ACID AND ITS SALTS. EXPERIMENTS WITH HYDROCHLORIC ACID AND ITS SALTS. DETERMINATION OF SALTS OF HYDROCHLORIC ACID»**

This article is written in accordance with the competence approach and covers all points of the lesson. The article is devoted to the phased development of practical work on the topic "Hydrochloric acid and its salts". The article gives examples of competencies that students should have in studying this topic. Methods of improving the skills of carrying out the experiment and the method of evaluation are also considered.

**Key words:** chemistry, acid, experiment, reaction, salt, competenc

**Сведения об авторах: Бобизода Гуломкодир** – президент Академии образования Таджикистана

**Салохиддин Сафарзод** – специалист отдела начального и среднего профессионального образования Министерства образования и науки Республики Таджикистан

**Information about the authors: Bobizoda Gulomkodir** - President of the Academy of Education of Tajikistan

**Salokhiddin Safarzod -** Specialist of the Department of Primary and Information secondary vocational education Ministry of Education and Science of the Republic of Tajikistan

**М. ЛУТФУЛЛОЗОДА**

# ПЕРОМУНИ ДАСТГОҲИ ТАҲҚИҚОТИ ИЛМӢ

Марти соли 2004 академик Муҳаммадҷон Шакурӣ ва муаллифи ин сатрҳо мактубе навишта, назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон рафтем. Он кас моро хуш пазируфтанд ва сабаби ташрифамонро пурсиданд. Сарвари давлатамонро ба муносибати фарорасии ҷашни Наврӯз табрик гуфтем ва номаро дароз намуда, масъалаи зарурии ташкили Комиссияи Олии Аттестатсиониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён гузоштем. Президент гуфтанд, ки ин масъала дар нақшаи мо ҳаст ва мо бо Академияи илмҳои ҷумҳурӣ маслиҳат мекунем.

Вале баъдтар маълум шуд, ки дар Академия муқобилон зиёдтар буданд нисбат ба тарафдорон. Онҳо бобати обрӯ ва мақому мартабаи ВАК – и Россия дар миқёси байналхалқӣ ҳарф зада, набудану нарасидани кадрҳои илмиро дар ҷумҳурӣ далел меоварданд. Шояд ҳамин ки КОА (Комиссияи Олии Аттестатсионӣ) дар Тоҷикистон дертар, яъне соли 2015 ташкил ёфт ва ба кори худ шурӯъ намуд. Боке надорад, дер ояду соз ояд – гуфтаанд. Ва, акнун, моро лозим аст, ки бобати равнақу ривоҷи илм дар Ватани азизамон ва обрӯю мақоми ин муассисаи олии илм дастандаркор бошем.

Мақому мартаба ва вазифаҳои ин муассисаи олии илм дар низомномаи он дарҷ ёфтаанд. Яке аз умдатарин вазифаҳо равнақи забони тоҷикии илм дар ҷумҳурӣ мебошад. Аз ин ҷост, ки диссертатсияҳо ва махсусан хулосаи мухтасари онҳо, яъне авторефератҳо бо забони тоҷикӣ навишта мешаванд. Аммо мутолиа ва мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки баъзе мафҳум ё истилоҳотҳои илмӣ бо ду ё се тарз навишта мешаванд. Ин, аз як сӯ, аз ғановати забонамон гувоҳӣ медиҳад, аз сӯйи дигар, илм қолабҳои худро дорад, ки бояд риоя шаванд.

Ҳамин масъала, ки дар назари аввал ночиз менамояд, моро водор намуд, ки андешаҳоямонро ба тарзи маслиҳат пешниҳод намоем.

**Диссертация** – калимаи лотинӣ буда, ба воситаи забони русӣ ба забони тоҷикӣ ворид шудааст. Азбаски аз баҳри ҳарфи ц гузаштаем, онро бо тарзи диссертатсия менависем. Мутаассифона, калима дар «Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ» (с. 2013) оварда нашудааст. Ҳол он ки бисёриҳо дар имлои ин калима ба хато роҳ медиҳанд.

**Ҳимоя ва дифоъ.** Намояндагони КОА – и Тоҷикистон таъкид мекунанд, ки бештар калимаи «ҳимоя» - ро истифода баранд, хуб аст. Ҳимоя нисбат ба дифоъ роиҷтар мебошад.

**Актуальность.** Дар диссертатсияҳо ва хулосаи мухтасари онҳо, ки бо забони тоҷикӣ пешниҳод мегарданд, ин истилоҳот ба калимаҳои тоҷикии «муҳим», «муҳиммии мавзӯъ», «мубрам», «мубрамият», «зарур», «зарурият» ва ғайра навишта мешавад. Ба андешаи мо, агар аз калимаи «зарурат» ва дар робита ба он ибораи «зарурати мавзӯи таҳқиқот» истифода барем ва ба он калимаи «мавзӯъ» - ро ҳамроҳ намуда ин тавр ифода намоем, беҳтар аст: «Мавзӯъ ва зарурати таҳқиқот». Оид ба калимаи «мавзӯъ» баъдтар ҳарф мезанем. Ҳоло ҳаминро хотиррасон менамоем, ки калимаи «зарур» - у «зарурат» нисбат ба «муҳим» - у «муҳиммият» дар забонамон бештар истифода мешавад.

Дар дастгоҳи диссертатсияҳо бо забони русӣ ду дастгоҳ ё истилоҳ – «объект исследования» ва «предмет исследования» во мехӯранд, ки дар забони тоҷикӣ ба тарзҳои «объекти пажӯҳиш» ва «мавзӯи пажӯҳиш» тарҷума шудаанд. Азбаски калимаи «мавзӯъ» - ро ба зарурат ҳамроҳ кардем, истифодаи он дар ин маврид бемавқеъ аст.

**Методологияи таҳқиқот.** Дар пешгуфтори диссертатсияҳо чи бо забони русӣ ва чи бо забони тоҷикӣ ибораи «методологияи таҳқиқот» во мехӯрад, ки ҷойи баҳс нест. Аммо нодуруст фаҳмидани маъно ва таъиноти «методология» боиси ташвиш аст. Мафҳуми «методология» аз забони юнонии метод, яъне роҳу равиш ва логос – илм гирифта шуда, ба маънои илми роҳу равиш, ё илм дар бораи роҳу равиш истифода мешавад. Методология мафҳуми фалсафии воло буда, дар низоми давлату давлатдорӣ ба маъноҳои «машъал», «барномаву амал», «ақидаи сиёсӣ», «раҳнамо», «дурнамо» ва ғайра меояд.

Давлат вақте ки ташкил меёбад, методологияи умумиашро муайян менамояд, ки он тарҳи сафарбаркунанда дорад, яъне халқ муттаҳид шуда, барои расидан ба ҳадафе саъю кӯшиш менамояд. Дар ин росто давлат ба ду асос такя мекунад: а) фалсафаи бумӣ ва аслии халқ; б) ба дурнамои он. Ҳанӯз соли 1999 сарвари давлат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ифтихор ва қаноатмандӣ таъкид мекунанд: «Барои миллати тоҷик, ки борҳо бар асари ихтилофоти гуногун пароканда шуда, давлатдории хешро аз даст дода буд, идеологияи ватандӯстӣ ва ваҳдати миллӣ идеологияи аз ҳама асосӣ мебошад».[4] Пас аз чанд сол, вақте ки Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чархи нахустини агрегати НОБ – и Роғунро ифтитоҳ мекарданд, фикри идеологияи ватандӯстиро васеъ намуданд: «Ҷашни истиқлолияти давлатӣ ҳамчун рамзи сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ ва эҳсоси баланди ватандориву ватандӯстӣ метавонад ба сифати ғояи бузурги миллӣ ҳар як фарди бонангу номуси миллатро ба ҷодаи ободкориҳои нав ҳидоят намояд». Ҳам «сулҳу оромӣ», ҳам «суботи сиёсӣ», ҳам «ваҳдати миллӣ» ва ҳам «эҳсоси баланди ватандориву ватандӯстӣ» - ҳама дар табиат, хуну пӯсти миллати мо нуҳуфтааст. Барои ҳамин ҳам ба ғояи (методологияи) давлату миллат хизмат намоянд. Ҳамин методологияи давлату миллат, ки хосияти сафарбаркунанда дораду дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои давлату ҳукумат ва пешниҳоду таъкидҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ ёфтааст, метавонад бо баъзе тағйироту иловаҳо ба ҳайси методологияи таҳқиқоти муҳаққиқ қарор гирад. На он аст, ки бинависем: «Асосҳои методологияи таҳқиқотро назарияи ( 10 – 15 олимро номбар кунем) ташкил медиҳанд. Масалан, дар илми педагогика назария ё афкори педагогии шахсе (ҳатто номдоре) наметавонад ба ҳайси методологияи таҳқиқот хизмат намояд. Назария ё афкори педагогии шахсони алоҳида метавонанд ҳамчун замина хизмат намоянд. Ин масъала дар чандин асарҳо ва китобҳои дарсии «Педагогика», аз ҷумла «Педагогика» - и П. И. Пидкасист, «Педагогика: назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарҳангӣ» - и академик Ф. Шарифзода таъкид ёфтааст.

Масъалаи **«Этапы исследования»**. Калимаи этап дар диссертатсияҳое, ки бо забони тоҷикӣ пешниҳод шудаанд, бо калимаҳои «давра» ва «марҳила» ифода ёфтаанд. Бад нест. Аммо давра маънои нисбатан васеъро фаро мегирад. Масалан, давраи таҳқиқот. Бинобар он «марҳила» гуфтану навиштан беҳтар аст: марҳилаи якум, марҳилаи дуюм, марҳилаи сеюм. Ногуфта намонад, ки мо ба ин сабаб калимаи «марҳила» - ро дар нутқи навиштории илмиамон фаъол мегардонем.

Дар фароварди сухан таъкид карданием, ки ҳамаи шӯроҳои ҳимоя, роҳбарони илмӣ ва, пеш аз ҳама, худи муҳаққиқон вазифадоранд, ки бобати симои илмии худ масъулият ҳис намоянд. Дар назар бояд дошт: илм, ки маҳсули ақлу хирад ва саъю кӯшиши хастанопазири олимон аст, мисли инсон ё худи ҳамон олимон симои ботинии инсон дар маънавиёт, адаб, хулқу атвори он ифода ёбад, симои ботинии илм дар мантиқ, моҳият ва татбиқи он дар амал зоҳир меёбад. Агар симои зоҳирии инсон дар афту андом, қаду қомат, орою торо, тарзи либоспӯшии он зоҳир гардад, симои зоҳирии илм дар дастгоҳи илм ва тартиби ҷобаҷогузории он, ороиши банду баст, саҳифаҳо, бобу сарлавҳаҳо ва истифодаи бамавқеъ ва дурусти адабиёт ифода меёбад. Инсоне, ки ба илм саъю кор дорад, ҳам ба симои ботинӣ ва ҳам ба симои зоҳирии маҳсулаш, яъне илмаш эътибор медиҳад. Дар акси ҳол бори каҷ ба манзил намерасад.

**АДАБИЁТ:**

**1**. Лутфуллоев М., Абдураҳимов Қ. Асосҳои таҳқиқоти илмӣ Қурғонтеппа 2014 42с

2. Лутфуллоев М. Педагогикаи милли халқи тоҷик Душанбе Сифат 2015 704с

3. Лутфуллоев М., Абдураҳимов Қ. Пояҳои илмӣ таҳқиқӣ дар педагогика // Паёми Академияи Таҳсилоти Тоҷикистон 2014 № 1 (15). 17-41 с

4. Шарифзода Ф. Актуальные проблемы современной педагогики Душанбе Ирфон 2010, 32 с

мат[4] Ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ. Душанбе, 1999, саҳ. 16.

**Лутфуллозода М.**

## ПЕРОМУНИ ДАСТГОҲИ ТАҲҚИҚОТИ ИЛМӢ

Дар мақолаи мазкур сухан оиди сохтори диссертатсия рафта, муаллиф кӯшиш намудааст, бо ифодаҳои соддаву фаҳмо шакли тоҷикии мафҳумҳои асосии диссертатсияро равшан созад.

**Калидвожаҳо:** диссертатсия, таҳқиқот, илм, пажӯҳиш, мавзӯъ, педагогика, муҳаққиқ, сохтор.

**Лутфуллозода М.**

## ОБ ОФОРМЛЕНИИ НАУЧНОГО АППАРАТА ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКИХ РАБОТ

В данной статье речь идёт об оформлении научного аппарата исследовательских работ, автор четко и ясно выразил основные аспекты формы научного исследования на таджикском языке.

**Ключевые слова:** диссертация, исследование, наука, тема, педагогика, исследователь, форма строение.

**Lutfullozoda M.**

## ON THE DESIGN OF THE SCIENTIFIC APPARATUS OF RESEARCH

In this article we are talking about the design of the scientific apparatus of research, the author clearly expressed the main aspects of the form of scientific research in the Tajik language.

**Keywords:** dissertation, research, science, topic, pedagogy, researcher, form structure.

**Сведения об авторе: Лутфуллозода Мухаммад** – академик Академии образования Таджикистана

**Information about the author: Muhammad Lutfullozoda -** Academician of the Academy of Education of Tajikistan

**Ш. Р. ИСРОФИЛНИЁ**
**З. БОБОЕВА**

# МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ЯК ҒАЗАЛИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ ВОБАСТА БА МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМ ДАР СИНФИ 9

Дар «Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои У-Х1» барои таълими рӯзгору осори Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфи 9 12 соат пешбинӣ шудааст(4, 51). Мураттибони барнома таъйин накардаанд, ки омӯзгор бояд барои таълими ғазалиёти шоир чанд соат ҷудо намояд. Омӯзгор тибқи талаботи барнома дар тақсими соатҳо озод аст. Дар барнома панҷ ғазали шоир барои таълим интихоб шуда, ки дар баробари маънии рамзии ирфонӣ доштанашон саршор аз андешаҳои ахлоқию тарбиявианд. Барои таълими панҷ ғазали шоир 3 соат ҷудо карда шавад, то андозае метавон шеърҳои шоирро ҳамаҷониба шарҳу тафсир кард. Дар низоми таълими суннатӣ омӯзгор ҳуқуқи тағйир додани мавзӯъҳои барномаро надорад, аммо муносибати босалоҳият дар таълим имконият медиҳад, ки муаллим тибқи талаботи шеваи таълим бо салоҳдиди худ мавзӯи барномаро иваз кунад.

Тибқи таъкиди методистон, ҳангоми таҳлили асари бадеӣ дар қадами аввал омӯзгор бояд диққат диҳад, то матни шеър дуруст қироат шавад, зеро барои шинохти шеър ва дарёфти маънии мақсуди шоир нахуст бояд онро дуруст қироат кард. Қироати саҳеҳи матни асари бадеӣ ба дарёфти дурусти мақсаду мароми адиб мусоидат мекунад.

Барои осони кор мо вазни ғазалро низ муайян мекунем. Тибқи тақозои шеваи таълими каломи мавзун вазни шеърро пеш аз тафсири байти матлаъ муайян мекунанд, ки ба мақсад мувофиқтар аст.

*Эй дар ин кохи амонӣ ба ғаму шодӣ банд,*
*Бандаи нафси худӣ, даъвии озодӣ чанд?*

(1,238)

Вазни ғазал рамали мусаммани махбуни аслами мусаббағ буда, калимоти қофия «банд, хурсанд, каманд, панд, қанд ва пайванд» мебошанд.

Шарти дигар дар шеваи таълим ва шарҳу тафсири каломи мавзун шинохти калимоти душвори байт ва дарёфти маънии онҳост. Дар байти матлаъи ғазали мавриди назар аксар шиносонд, вале иборaву таъбироти шоиронаи «кохи амонӣ» ва «бандаи нафс» ниёз ба шарҳ доранд. Омӯзгор бояд бо иштироки фаъоли хонандагон ибраҳои мазкурро шарҳ диҳад. Хонандагон бо калимоти «кох» (қаср) ва «амонӣ» (амн, осоиш) ошно ҳастанд, вале дар шарҳи «кохи амонӣ» душворӣ мекашанд. Кохи амонӣ – қасри амну осоиш, киноя аз зиндагии серу пур ва фориғболонаи ин дунёист, ки инсонро асири худ кардааст. «Банда» ба маънии ғулом ва «нафс» дорои чанд маънист, аз ҷумла тан ҷисм, зот, шахс, рӯҳ, равон. «Бандаи нафси худ будан» ба маънии ғуломи ҳавасҳои нафсонии худ будан аст. Яъне, агар рӯҳ, ҷони инсон тобеи ҷисми ӯ бошад, пас чунин одам озодӣ надораду ғулом аст. Ба таъбири содатар, агар инсон аз пайи ҳавасҳои нафсониаш асту неку бад ва ҳалолу ҳаромро фарқ намекунад ва барои камолоти маънавии худ саъй намекунад, пас вай ғуломи нафси худ асту озод нест.

Шарти дигари таълими шеър дарёфтани корбурди санъатҳои бадеӣ, тасвироти шоирона ё худ сувари хаёл дар шеър аст.

Нахустин санъате, ки дар ин байт ба назар мерасад, санъати киноя аст. Кохи амонӣ, ки як таъбири шоирона мебошад, киноя аз кохнишин, қасрнишин, яъне сарватманд будан аст. Калимаҳои бандаю озод, ғаму шодӣ санъати тазоданд ва ҳамчунин санъати таносуб, инсиҷом дар байти калимоти байт хеле қавиянд, ки балоғату фасоҳати онро таъмин намудаанд.

Байтро метавон чунин маънӣ кард: Абдураҳмони Ҷомӣ ба сифати як шоири орифи вораста ба одамони сарватманд, ки қасрнишинанду аз дарду ранҷи дигарон ва расолати инсонӣ бехабаранд хитоб мекунад:

Эй инсоне, ки дар қасри осоиш зиндагонӣ мекунӣ ва даъво дорӣ, ки инсони озод ҳастӣ! То даме, ки ғуломи нафси худ ҳастӣ, озод нестӣ! Нафси саркашатро тобеи худ гардон, то озод бошӣ!

Байти дувум:

*Пеши доно чӣ бувад мулки ҳама дунё , ҳеч!*
*Лофи дониш чӣ занӣ, эй ки ба ҳечӣ хурсанд!*

Дар байти дувум ҳама калимаҳо барои хонандагон ошност ва ниёз ба шарҳу тафсир надоранд. Формулаи асосии натиҷаи таълим дар низоми таълими суннатӣ «чиро донистан»-и хонанда аст. Хонанда маънии ҳама калимоти байти болоро медонад. Аммо дар муносибати босалоҳият формулаи асосии натиҷаи таълим «кадом амалро иҷро карда тавонистан»-и хонанда мебошад. Яъне, хонанда бояд аз байти боло, ки маънии ҳама калимаҳоро медонад, маънӣ баровардан тавонад. Омӯзгор бояд саравval шарҳи байтро аз хонандагон талаб кунад. Табодули андешаҳо натиҷаи дилхоҳ ба даст оварда метавонад. Ҷавоби хонандагон, ки талаботи таълими босалоҳият онҳо ба андешидан вомедорад, яке дигаре комилтар мегардонад. Омӯзгор баъд аз шунидану баррасии ҷавоби хонандагон метавонад аз байти дувумро чунин маънӣ кунад:

Шоир бар он андеша аст, ки одами оқилу донишманд ба молу милк ва сарвату давлати дунё ҳеч арзише қоил нест ва хитоб ба инсонҳое, ки хушбахтиро дар пулу мол медонанд, мегӯяд: Ту, ки саодати худро дар пулу моли дунё мебинӣ, чӣ лофу газофи доноӣ мезанӣ?

Байти севум:

*Риштаи саъй қавӣ кун, ки расидан натавон*
*Ба сари кунгури мақсуд, чу бигсаст каманд.*

Дар байти боло ибраҳои «риштаи саъй», «кунгураи мақсуд» ва калимаҳои қавӣ» ва «бигсаст» ниёз ба шарҳ дорад. Дар таълими анъанавӣ маводи асосии таълим китоби дарсӣ шинохта мешавад, ки мутаассифона, дар он на ҳама калимаҳо ва алалхусус таъбироти шоирона шарҳу тафсир шудаанд. Дар таълими босалоҳият илова ба китоби дарсӣ маъхазҳои мухталиф, аз қабили луғату фарҳангҳо, донишномаҳо,асарҳои бадеӣ, рӯзномаву маҷаллот ва амсоли инҳо ба ҳайси маводи таълим мавриди истифода қарор мегиранд. Омӯзгор бо иштироки фаъоли хонандагон бо истифода аз сарчашмаҳо маънии луғавӣ ва киноявию маҷозии калимаву таъбироти шоиронаро муайян кунад. «Риштаи саъй» - саъю кӯшиш, талош ба ришта ташбеҳ шудааст. Аз он ҷо ки ришта (саъю кӯшиш) зуд канда шуданаш мумкин аст, бояд онро қавӣ- мустаҳкам кард. Яъне, бисёр кӯшиш кард, то риштаи саъй каманд (ресмон) гардад. Кунгура-дандонаҳои болои девору қасрҳо, ки танҳо бо каманд (ресмон) балои он мебароянд. Шоир мақсуд, талаб, муроди инсонро аз ҷиҳати баландию дастнорас буданаш ба кунгура ташбеҳ кардааст. Бигсаст, яъне, канда шуд.

Баъд аз шарҳи калимоту таъбироти шоирона ва дарёфти санъатҳои бадеӣ ва иҷрои методикаи шарҳу тафсири шеър, ки дар ибтидо зикр кардем, омӯзгор бо иштироки хонандагон аз байти мавриди назар натиҷагирӣ мекунад. Байти севумро метавон чунин маънӣ кард:

Шоир бар он ақида аст, ки барои расидан ба мurоду мақсади худ бояд саъю талоши зиёд ба харҷ дод ва хитоб ба ҷавони бетаҷриба мегӯяд, ки ресмони ғайратро мустаҳкамтар банд (яъне, бештар саъю талош кун), ки агар ин ресмон канда шавад (яъне, аз саъю кӯшиш бозмонӣ) , ба қуллаи мақсад намерасӣ (яъне, ба муроду мақсадат намерасӣ).

Ба ҳамин минвол, омӯзгор бо иштироки фаъоли хонандагон абёти боқимондаи ғазалро баррасӣ намуда, аз онҳо натиҷагирӣ мекунад.

Байти чаҳорум:

*Оламеро зи ту панд аст, ки дар банди худӣ,*
*То ба кай баҳри халоси дигарон гӯӣ панд?*

Маънии байт: Эй он ки аз банди нафси бади худ халос нашудаӣ, то кай дигаронро насиҳат мекунӣ? Аввал худро аз банди нафс холас кун, то дигарон ба панди ту гӯш диҳанд.

Байти панҷум:

*Лаб ба ҳар туъма маёлой, ки дандон шиканад*
*Бар сари хони фурӯмоя зи полудаи қанд.*

Дар байти панҷум калимаҳои «хон» ва «фурӯмоя» ниёз ба шарҳ доранд, ки омӯзгор бо ҳамроҳии хонандагон бо истифода аз фарҳангу луғатҳо бо осонӣ метавонанд маънии онҳоро равшан кунанд: «Хон» –дастархон, суфа ва «фурӯмоя» - инсони паст, хасис, сифла.

Маънии байт: Шоири бузург насиҳат мекунад, ки ба даъвати ҳар касу нокас ба сари дасторхони онҳо манишин, зеро луқмае, ки аз дастархони одами пасту хасис меҳӯрӣ, рӯзе миннат мекунад ва нони хӯрдаат захр мешаваду қандрезааш дандонатро мешиканад.

Байти шашум:

*Санги озор мазан бар дили арбоби сафо,*
*К-омад осон шикани шишаву мушкил пайванд.*

Муроди шоир аз «арбоби сафо» инсонони покдилу нексириш, орифон монанди худи шоир аст.

Маънии байт: Мардони поку озодаро озор надеҳ, ки пушаймон мешавӣ, монанди шиша, ки ба осонӣ мешиканад, вале пайванд он душвор аст. Яъне, дили инсонҳои поктинату хирадмандро маранҷон, ки пас онҳоро хурсанд кардан мушкил аст.

Байти ҳафтум:

*То писандида фитад таври ту, Ҷомӣ, ҳамаро,*
*Ҳар чӣ худро351 написандӣ, дигаронро написанд.*

Ибораи «таври ту» ба маънии рафтору кирдори ту аст.

Маънии байт: Ба талаботи жанри ғазал, ки тахаллуси шоир дар байти мақтаъ зикр мешавад, шоир худро мухотаб қарор дода мегӯяд: Эй Ҷомӣ, барои он ки рафтору кирдори ту ба ҳама писанд ояд, он чи ба худ раво намедорӣ, ба дигарон низ раво мадор.

Баъд аз баррасии абёти ғазал хонандагон бояд аз муҳтавои умумии ғазал натиҷагирӣ кунанд. Дар низоми суннатии таълим фаъолияти маърифатии хонанда аз он иборат аст, ки дониши пешниҳодшударо аз худ куна два маълумоти ироашударо нақл карда тавонад. Аммо дар муносибати босалоҳият ба таълим фаъолияти маърифатии хонанда танҳо бо аз худ намудану бозгӯӣ кардани донишу маълумоти пешниҳодшуда маҳдуд намешавад. Хонанда бояд ахбору маълумоти ироашударо таҳқиқу баррасӣ кунад, дар ҳаллу мавзую масъалаҳо фикру андешаи худро дошта боша два муҳимтар аз ҳама, аз таҳлулу таҳқиқи мавзӯъ натиҷагирӣ куна два ин натиҷаҳоро дар амал тадбиқ намояд.

Хонандагон метавонанд аз ғазали мавриди таҳлил қарор гирифта чунин натиҷагирӣ ва бардошт дошта бошанд:

-Инсоне, ки пойбанди ҳавасҳои нафсонӣ аст, ба ҳеч ваҷҳ озод нест;

-Инсон замоне озод хоҳӣ буд, ки талаботи нафсонияш тобеи ӯ бошанд;

-Хирадманд касест, ки ба молу сарвати дунё дил намебандад ва умри азизи худро сарфи ҷамъоварии пулу моли дунё намекунад;

-Инсон дар сурате ба муроду мақсади хеш мерасад, азми қавӣ дошта бошаду саъй талош кунад;

-Ранҷондани инсонҳои нек гуноҳи бузург асту оқибат пушаймонӣ ба бор меоварад;

-Инсон бояд он чиро, ки ба худат раво намедорад, ба дигарон низ раво набинад.

Бино ба қавли мутахассисон, «**салоҳият таълим дода намешавад, он дар натиҷаи азхудкунии дониш ва тадбиқи амалии он ташаккул мeёбад**» (3, 32). Аз ин рӯ,фаъолияти омӯзгор дар раванди таълим нақши калидӣ дорад, ӯ бояд раҳнамову ёрирасони хонандагон дар таҳлилу баррасии масъалаҳо, мароҳили ташаккули малакаву маҳорат ва мушоҳидагару ташхискунандаи дараҷаи азхудкуниву донишу хиради онҳо бошад, то талабагон ба салоҳиятҳои таъйиншуда даст ёбад.

Дар лаҳзаи мустаҳкамкунии дониш, ки яке аз талаботи дарс дар низоми анъанавӣ асту суолҳо аксар вақт одиву муқаррариянд, аз нигоҳи муносибати босалоҳият ба таълим корагар нестанд. Суолҳои лаҳзаи мустаҳкамкунии дониш ҳатман бояд проблемавӣ бошанд, то хонандагонро ба андеша кардан водорад.

**АДАБИЁТ:**

1.Абдураҳмони Ҷомӣ. Осор. Ҷилди якум, - Душанбе: Адиб, 1989.
2.Аҳмадов М. Таълими адабиёти тоҷик(қисми 1),Хуҷанд: Ношир 2012.-324 саҳ.

3.Бобизода Ғ., Имомназаров Д., Исрофилниё Ш.Р., Байзоев А. Муносибати босалоҳият ба таълим. Душанбе: Ирфон, 2018.

4.Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои У-1Х. Муҳаррирони масъул Х. Шарифов ва У.Тоиров, Душанбе, 2007.-72 саҳ.

5.Исрофилниё Ш.Р. Шеваи таълими «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ дар муассимсаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ\\Илм ва инноватсия, 2016,№1,-с.93-101.

6.Исрофилниё Ш.Р., Султонмамадова М. Методикаи таълим ва шеваи шарҳу тафсири каломи мавзун.// Паёми ДМТ, 2016, №-4\3, (203) с.,146-150.

**Ш.Р. ИСРОФИЛНИЁ**
**З. БОБОЕВА**

## МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ЯК ҒАЗАЛИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ ТИБҚИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМ ДАР СИНФИ 9

Дар мақола муаллифон саъй намудаанд, то дар мисоли шеваи таълими як ғазалии Абдураҳмони Ҷомӣ методикаи таҳлили каломи бадеъро вобаста ба муносибати босалоҳият ба таълим бо мисолҳо, ба забони сода пешкаши устодони адабиёт гардонад. Муаллифон дар баробари нишон додани арзиши баланди маърифатӣ ва тарбиявии ғазал бо далелҳои илмӣ шеваи таълими онро вобаста ба муносибати босалоҳият ба таълим пешниҳод намудааст. Ҳамчунин шеваи таълими ҳар байти ғазал бо назардошти синну соли хонандагон ва роҳҳои осони дастёбӣ ба муҳтаво ва ғояи баланди ғазал таъйин шудааст.

Ба андешаи муаллифон, хонандамеҳварӣ ҷавҳари асоии муносибати босалоҳият ба таълим аст ва омӯзгор ҳангоми тадриси ҳар як ғазал бояд саъй намояд, ки хонандагон ба чаҳор унсури низоми босалоҳият ба таълим: донад, азхуд кунад, тавонад ва дар амал табиқ кунад даст ёбанд.

**Калидвожаҳо:** методика, таълим, шаҳр, омӯзгор, анъана, салоҳият.

**Ш.Р. ИСРОФИЛНИЁ**
**З. БОБОЕВА**

## МЕТОДИКА ОБУЧЕНИЯ ОДНОЙ ГАЗЕЛИ АБДУРАХМОНА ДЖОМИ ПО КОМПЕТЕНТНОСТНОМУ ПОДХОДУ В ОБУЧЕНИИ В ДЕВЯТОМ КЛАССЕ

В статье речь идёт о методике преподавание один газели Джами с точке зрение компетентностный подход к оброзовании. Авторы освещали проблему компетентностный подход к оброзовании при изучении предмета литературы на примере комментарии один газели Джами в 9 классе. Рассматривается роль учителья и ученики во время компетентнолмтный подход к учебные материалы.

С точки зрении авторы статьи в компетентностный подход к оброзовании при изучении литературы заключается не в увеличении объема информированности учащегося, а в том, чтобы он самостоятельно решал проблемы в новой ситуации

**Ключевые слова:** методика, преподавание, комментария, учитель, традиция, компетентность.

**SH.R. ISROFILNIYO**
**Z. BOBOEVA**

## METHODS OF TEACHING ONE GAZELLE JOMI COMPETENCE APPROACH IN TRAINING IN THE NINTH GRADE

In this article, the authors tried to present a new method of Zhomi's poems with examples and simple speech to literary teachers.

The authors suggest to teaching n with a high level of education and pastoral poems with scientific facts and teaching methods.

As well as the method of teaching of verse determined for readers with easy ways and core of verse.

By authors opinion the readers are the main factor of relation to teaching and during the teaching of the verses the teachers try to attract reader's opinion to for elements «know», «learn by heart», «can» and «come into affect».

**Keywords:** method, teaching, comment, teacher, tradition, competence.

**Сведения об авторах: Исрофилниё Шарифмурод Рахимзода** – доктор филологических наук, профессор, заведующий кафедры методика преподавание языка и литературы Таджикского государственного университета имени С. Айнӣ. E-mail: isrofilniyo@mail.ru,тел: 900909696.

**Зарнигор Бобоева** – ассистент кафедры теория и методика преподавание таджикского языка факультета педагогики Худжандского государственного университета имени Б. Гафурова. E-mail: zarnigor.boboeva@mail.bk.ru,тел: 926667824.

**Information about the authors: Isrofilniyo Sharifmurod** – Doctor of Philology Sciences Professor,head of department of the method of teaching language and literature of Tajik State Pedagogical University after Sadriddin Ayni, E-mail: isrofilniyo@mail.ru,тел: 900909696.

**Boboeva Zarnigor** post-graduate student of the theory and method of the teaching Tajik language faculty of pedagogical of the Tajik State of Khujand after B. Gafurov. E-mail: zarnigor.boboeva@mail.bk.ru,тел: 926667824.

**Ш. КОТИБОВА**

# ТАШАККУЛИ МАДАНИЯТИ НУТҚИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ ТАВАССУТИ ИСТИФОДАИ МАТН ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОНИ МОДАРӢ

Чуноне ки маълум аст, яке аз вазифаҳои мактаб тайёр намудани одамони маданӣ, комилан саводнок ва донандагони забони адабист ва дар ҳалли ин вазифа нақши фанни забони модарӣ дар қиёс бо фанҳои дигари таълимӣ мавқеи асосиро ишғол мекунад. Дар ин бобат ҳаминро ҳам бояд ба эътибор гирифт, ки мақсад аз таълими забони модарӣ, аз ҷумла, таълими забони тоҷикӣ маънои ба хонандагон омӯзондан ё худ ёд додани забони тоҷикиро надорад. Зеро онҳо то ба мактаб омадан забони модарии худро амалан аз модар, аз аҳли хонавода ва одамони гирду атроф омӯхтаанд, ҳатто баъзеашон то андозае нутқи инкишофёфта доранд. Вазифаи корҳои таълиму тарбиявии муаллимон ин аст, ки маданияти нутқи хонандагонро давра ба давра такмилу инкишоф дода, малакаи мураттаббаёнии шифоҳӣ ва хаттии онҳоро ҳосил намоянд. Вазифаи мазкур дар тамоми давраҳои таълими забони модарӣ, дар ҳама гуна дарсҳо (фонетикӣ, лексикӣ, морфологӣ ва синтаксисӣ) иҷро карда мешавад.

Ташаккули маданияти нутқ аз синни хурди мактабӣ ба роҳ монда мешавад, ки он минбаъд инкишофи ҳамаҷонибаи шахсро дар ҷомеа ва дар маҷмӯъ муайян мекунад. Бинобар ин, дар шароити муосир вазифаи муҳими таълими хонандагони синни хурди мактабӣ ин ташаккули маданияти нутқ аст.

Маданияти нутқ маҷмӯи малака ва донишҳои шахсӣ, таъмини истифодаи оқилона ва босамари забон бо мақсади муошират мебошад. Ба ибораи дигар, зери мафҳуми маданияти нутқ ташкили воситаҳои лингвистие фаҳмида мешавад, ки дар ҳолатҳои муайяни муошират ҳангоми риояи меъёрҳои забони адабӣ ва одоби муошират имконияти самаранокии ҳалли вазифаҳои коммуникатсиониро медиҳад.

Барои рушди маданияти нутқ ҳамчун илм дар солҳои 30-60-ум асри XX В. В. Черннишёв, В. Виноградов, А.А. Шахматов, Д. Ушаков, С.И. Ожегов ва дигар таҳқиқгарони рус саҳми арзанда гузоштаанд. Фаъолияти олимони зикргардида ба таҳқиқи усулҳои ташаккули маданияти нутқ равона гардида, ташкили барномаи босамараи таълими забон, инкишофи лингвистика, қобилияти истифода бурдани роҳи беҳтарини воситаҳои забонӣ дар назар дошта шудааст.

Ба кӯдакон бо мақсади рушди маданияти нутқ омӯзонидани муошират ё ин ки ташкил намудани муҳити забонӣ лозим аст. Чи гунагии муҳити забонии кӯдак аз гуногунрангӣ, дурустӣ ва пуррагии нутқи ӯ вобаста аст. Муҳити забонӣ – ин нутқи волидон, омӯзгорон ва дигар кормандони мактаб, дӯстон, суханронӣ, дар синфхона, тарҷумаи китобҳо ва дастурҳои таълимӣ мебошад [12, 89].

Яке аз нишондиҳандаҳои сатҳи фарҳанги инсон, тафаккур, зеҳн ва нутқи ӯ мебошад. Нутқ - ин калиди рушди зеҳнӣ аст. Дониши зиёд ҳосил намудан аз омӯхтани саривақтии забон вобаста аст. Яке аз вазифаҳои асосии мактаби ибтидоӣ ба кӯдакон омӯзонидани фикррони дуруст, муҳокимаронӣ намудан мебошад, вале муҳокимарониро танҳо касе метавонад, ки гуфтугӯ карда тавонад.

Маданияти нутқ дар мактаби ибтидоӣ ба нақли одии матн, ҷавобҳо ба саволҳо маҳдуд нашуда, дар назди хонандагон талабот мегузорад, ки фаъолияти эҷодии фаъоли кор бо матн ва ташаккули маҳоратҳои мураккаби нутқии онҳо алоқаманд бошад. Ташхиси сатҳи маданияти нутқ имкон медиҳад, ки омӯзгор на танҳо барои пешгӯии ҳадафҳо оид ба ташаккули маданияти нутқи хонандагон, назорат ва ислоҳ кардани он, инчунин натиҷаҳои фаъолияти педагогии хешро арзёбӣ намояд.

Дар раванди таълими ибтидоӣ роҳу усули гуногуни омӯзиши ташаккули маданияти нутқ амал мекунанд. Аз рӯйи таҷриба ва мушоҳидаи дарсҳои омӯзгорон маълум аст, ки муҳимтарин ва самарабахштарин воситаҳои ёрирасон барои рушди маданияти нутқ инҳоянд: кор бо луғат, ба саволҳо ҷавоби пурра додан, пешниҳоди саволҳои консептуалӣ

(водоркунанда) ба хонандагон, нақл аз рӯйи расм, гузаронидани бозиҳои таълимӣ, бозиҳои нақшӣ, ёфтани ҷавоби чистонҳо ва истифодаи онҳо дар дарс, истифодаи панду андарзҳо, мақолу зарбулмасалҳо, истифодаи тезгӯякҳо, аз ёд кардани шеърҳо ва порчаҳои насрӣ, гузаронидани бозии байтбарак, ташкил кардани мусобиқаҳои "тезхонӣ", нақл кардан аз рӯйи мушоҳида, хотирот ва саргузаштҳо, ба гурӯҳҳо ҷудо карда тавонистани ашё, ба фаслҳо ҷудо кардани сол, муайян кардани аломат ва хусусиятҳои фаслҳои сол, аз бар намудани суруду таронаҳои халқӣ, мустақилона мутолиа намудани рӯзнома, маҷалла ё китобҳои бадеӣ. Тамошо ва гӯш намудани намоишҳои адабӣ-бадеии радиову телевизион.

Ҳамзамон барои бой гардонидани таркиби луғавӣ ва нутқи шифоҳию хаттӣ, инчунин нутқи мураттаби хонандагон роҳу усули мухталифро истифода намудан зарур аст. Ба ин восита метавон алоқамандии нутқи шифоҳӣ, хаттӣ ва маданияти нутқи хонандагони хурдсолро дар ҷараёни таълим таъмин кард.

Баҳри инкишоф додани маданияти нутқи хонандагон боз чунин корҳоро сомон додан зарур аст: бедор намудани шавқу ҳаваси хонандагон нисбат ба китоб, кор бо матн, мувофиқат кардани матн (ҳаҷм ва мазмун) ба синну соли хонанда, зарурияти ист ҳангоми мутолиаи матн, диққат додан ба оҳанги талаффуз, ба хотир гирифтани калимаву ибораҳои душворфаҳми матн ва истифодаи луғат барои дарёфти маънии он, тарзи дурусти талаффуз ва дуруст иншо намудани калимаҳо, ба эътибор гирифтани савол ва супоришҳои зери матн, хулосабарорӣ аз рӯйи мазмуни матн ва ғайра.

Матн воҳиди грамматикиест, ки дорои мазмуну мундариҷаи хоси хеш аст. Аз ин рӯ, инкишофи нутқ ба матн алоқаи қавӣ ва ногусастанӣ дорад. Хонанда ҳангоми қироати матн ба калимаву ибораҳои он назар менамояд ва ба назди худ мақсад мегузорад, ки маънои онро дарк намояд. Вақте ки хонанда мазмуни матни хондаашро дарк мекунад, дар тасаввуроти ӯ фикрҳои нав пайдо мегарданд. Дар сурате, ки дар тасаввуроти қироаткунанда фикрҳои нав пайдо мешаванд, албатта аз таъсири он нутқи шифоҳии вай низ инкишоф меёбад. Аз ин хотир, матн дар инкишофи нутқи гуфторӣ ва навиштории хонандагон воситаи асосӣ маҳсуб меёбад.

Матн дар ҳамаи бахшҳо, ҳам дар таълими луғат ва ҳам дар таълими грамматика (фонетика, сарф, наҳв) нақши муҳим дорад. Дар ин хусус равоншинос Д. Н. Богоявленский менависад: «Қоидаро фаҳмидан ва тафсири шифоҳии онро аз ёд кардани шогирдон ҳоло зинаи аввали кор аст, нутқи асосӣ дар боби аз худ намудани ҳолати баъдинаи ин раванд ба фаъолияте вобаста аст, ки дар он қоида вазифаи танзимро ба ҷо меорад. Матнҳое, ки баъди шарҳи қоида меоянд, ҳамин гуна фаъолиятро талаб мекунанд» [3, 251].

Матн ва хусусиятҳои он яке аз масъалаҳои мубрами методикаи ҷузъӣ ва дидактика маҳсуб мегардад. Ҳалли пурраву саҳеҳи ин нукта боис мегардад, ки забони модарӣ ва маводи дидактикии марбут ба он аз ҷиҳати сохтору мухтаво ба куллӣ тағйир ёбанд, ки он ба иртиқои нутқи хаттӣ ва маданияти умумии хонандагон бетаъсир нахоҳад монд. Ин амал ҳамон вақт натиҷаи хуб медиҳад, ки матнҳои мувофиқу қобили фаҳмиши хонандагон дар китобҳо ҷой дода шаванд. Дар хусуси дар доираи қобили фаҳм будани машқу матнҳо ҳанӯз Н. А. Добролюбов навиштааст: «Ҳар қадар, ки имкон бошад, ҳангоми таҳияи дастур дар назди худ вазифа бояд гузошт, ки дарки он ба шогирдон дастрас бошад, зеро на ҳар ифода ба хонандагон фаҳмо буда метавонад» [5,305].

Аз олимон ва методистони тоҷик М. Лутфуллоев, Қ. Рустамов ва М. Қурбонов оид ба баъзе нуктаҳои матн, нутқи мураттаб ва умуман маданияти нутқ ибрози ақида намудаанд.

Аз гуфтаҳои равоншиносону олимони тоҷику рус, ки дар боло зикрашон рафт, тавсифи зерини матн бармеояд: «Гурӯҳи ҷумлаҳое, ки маъноан ва тавассути воситаҳои лексикиву грамматикӣ бо ҳам алоқаманд шудаанд, матн номида мешавад». Матн як мавзӯъро фаро гирифта, дорои идеяҳои ягона буда, дар бораи чизе маълумоти мураттабу батафсил медиҳад. Он оғозу анҷом дорад.

Оид ба матн ва матнсозӣ баъзе аз олимон рисолаҳои номзадӣ дифоъ кардаанд. Яке аз рисолаҳои номзадӣ, ки солҳои охир бо унвони «Методикаи таълими матнсозӣ дар

дарсҳои забони тоҷикӣ» аз тарафи С. Аминов дифоъ шудааст. Аз ҷумла муаллифи рисола чунин қайд кардааст: «Дар таълими забони тоҷикӣ матн рукни асосӣ буда, дарси забонро бидуни он тасаввур кардан ғайриимкон аст, зеро матн натиҷаи фаъолияти фикрии хонандагон мебошад, аз ин рӯ, истифодаи матн дар дарсҳои забони тоҷикӣ, қабл аз ҳама, вазифаи инкишоф додани тафаккури хонандагонро таъмин менамояд» [2, 21].

Таълими забони модариро, ки акнун бо матнҳои хониш ҳамгирост, бидуни матн ва дарки маънӣ наметавон тассавур кард, зеро ҳар як коре, ки оид ба забони модарӣ ба хонандагон омӯзонида мешавад, тавассути матн ҳамгиро мегардад. Аз ин ҷо хулосае бармеояд, ки матнро аз қоидаи забон ва қоидаи забонро аз матн ҷудо наметавон кард, зеро онҳо ҳарду баробар хизмат менамоянд ва якдигарро пурра месозанд.

Дар шароити кунунии ҷомеа яке аз вазифаҳои асосии мактаби муосир ба пояҳои баланд бардоштани сифати таълим, такмили методҳои мухталиф ва ташаккули омилҳои фаъолияти мустақилонаи хонандагони хурдсол аст. Зеро бедор намудани шавқи хонандагон ба донишомӯзӣ ҳанӯз аз синфҳои ибтидоӣ сарчашма мегирад ва маҳз дар ҳамин синну сол заминаҳои дарккуниро метавон асос гузошт.

Ҳаминро бояд қайд кард, ки барои фароҳам овардани шароит баҳри ташаккули шакл ва мазмуни тафаккури хонандагон ҷараёни таълим мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Барои фароҳам овардани шароит баҳри ташаккули шакл ва мазмуни тафаккур, инкишофи нутқ дар ҷараёни таълим мавқеи хосса дорад.

Олимони забоншиносу методистон дар муайян кардани матн ҳамфикр нестанд. Маълум аст, ки дар аниқ сохтани сохту хусусият ва ҷиҳатҳои дигари матн низ гуногунфикрӣ вуҷуд дорад. Бо вуҷуди он ки онҳо ба як фикри ягона наомадаанд, вале аз тарафи ҳамаи онҳо аломатҳои барҷастаи матн ба мисли ҷудошавандагӣ, пуррагӣ ва аз назари сохтор алоқаманд будани онҳо дастгирӣ мешавад. Хусусияти дигари он, ки ҳамаи олимону методистон дастгирӣ мекунанду дар як ақидаанд, якпорчагии матн аз ҷиҳати мазмун мебошад.

Маълум аст, ки аз ҷиҳати мазмун яклухту якпорча будани матн ба ягонагии мавзӯъ иртибот мегирад. Асоси ҳама гуна баёни шифоҳӣ ва хаттиро ахбори мавзӯӣ ташкил медиҳад. Мавзӯъ ҳамчун омили экстралингвистӣ ва ҳастии матн тамоми ахборро дар атрофи худ муттаҳид карда, сохти матнро муайян ва мушаххас менамояд. Дар маънои ягона пайдо кардани матн бар иловаи мавзӯъ идея низ мавқеи муҳим дорад.

Хусусиятҳои асосии матнро, ки барои коркарди методикаи инкишофи нутқи мураттаби хонандагон диниста мешаванд, дида мебароем.

Ягонагии мавзӯи матн ҳаминро дар назар дорад, ки ҳамаи унсурҳои матн бавосита ё бевосита бо предмети нутқ алоқаманданд. Инчунин барқарор намудани робитаи гӯянда ба мавзӯъ ва фикри асосии баёншуда муҳим арзёбӣ мешавад.

Дар забоншиносии муосир матн ҳамчун воҳиди коммуникативии (алоқамандӣ) аз як ҷумла калон дар назар дошта мешавад.

Ду тарафи алоқамандии матн – рабт (алоқанокӣ) ва мақсаднокӣ қайд карда мешавад, вале якрангии онҳо не. Каме ба масъалаи мазмуни пурраи матн амиқтар назар мекунем.

Пеш аз ҳама мазмуни матни додашударо аз як тараф дида мебароем.

*Ба осмон нигоҳ кардам. Вай пур аз абрҳои сиёҳ буд. Абрҳо аз буғи об ба вуҷуд меоянд. Буғи оби гарм барои табобати зуком (грипп) фоида дорад. Зуком вирусҳоро фаъол мекунад. Вирусҳоро дар озмоишгоҳҳо тадқиқ мекунанд.*

Ин ҷумлаҳо ба ҳам алоқамананд, вале ҷумлаҳои бо ҳам алоқаманд ҳеҷ гоҳ матни пурраро ташкил намедиҳанд, чунки онҳо мазмунан якдигарро такмил надодаанд.

Матни дигар:

*Мӯсафед дарахти себ мешинонд. Ба ӯ гуфтанд: «Ба ту ин себҳо чӣ лозиманд? То ин себҳо ҳосил медиҳанд, солҳо мегузарад ва ту аз ин дарахт ягон себ ҳам намехӯрӣ». Муйсафед гуфт: «Ман намехӯрам – дигарон мехӯранд, ба ман раҳмат мегӯянд».*

Дар матн ҳамаи калимаҳо ба мавзӯи нутқ алоқаманд мебошанд. Дар асоси андешаи муаллиф дар хонанда фикри барои дигарон зиндагӣ карда тавонистанро талқин менамояд. Дар ин матни хурдакак, ки аз 32 калима иборат аст, ду маротиба калимаи

муйсафед, панҷ маротиба ҷонишинҳои мазмунан ба он мувофиқ (ӯ, ту, ман ва ғайра), чор маротиба калимаи себ, себҳо ва се маротиба феълҳои хӯрдан (намехӯрӣ, намехӯрам, мехӯранд) истифода шудаанд. Инчунин калимаҳои шартан истифодашудаи шинонд, чӣ лозим, раҳмат мегӯянд ва ғайра ҷой доранд, ки ба воситаи онҳо ҳадафи фикри асосии баёнгардидаро кушодан мумкин аст.

Калимаҳои такроршуда бо тартиби ҷойгузинии хос дар ҷумлаҳо мантиқан ва мазмунан ба як қатори ягонаву пурра пайваст мегарданд.

Ягонагии мавзӯи матн ҳанӯз дар сарлавҳа баён мегардад, ки мавзӯи баён ё ин ки робитаи муаллиф ва мавзӯъро мефаҳмонад. Сарлавҳа, шумораи он ё тамоилҳои имконпазир аз аломатҳои матн ба шумор меараванд. Бо ин аломатҳо қисмати дигар – мукаммалии матн алоқаманд аст. Вай ҳангоми мувофиқати мазмуни матн, дар қисмати охир бо сарлавҳа зоҳир мегардад.

Матни дар боло овардаи мо сарлавҳа надорад, вале онро номгузорӣ кардан душвор нест. Масалан, «Муйсафед ва дарахти себ», «Ҳикмати боғ», «Ташаккур мегӯянд», «Кори нек» ва ғайра. Мувофиқати мазмуни матн бо ин сарлавҳаҳо имконпазир аст, зеро ҷумлаҳои охир аз мукаммалии он шаҳодат медиҳанд.

Мавзӯъ бештар дар ҷумлаи аввали матн ифода мешавад. Дар ҷумлаи аввали матни мазкур, «Муйсафед дарахти себ мешинонад» аллакай маълум аст, ки сухан бораи чӣ меравад. Дар ин ҷумла калимаҳое истифода шудаанд, ки бевосита бо мавзӯи ҳикоя алоқаманд мебошанд.

Ҷумлаҳои аввали матн қисмати умумии истифодаи маъниро дар бар мегирад ва дар айни ҳол аз дигар ҷумлаҳо вобаста набуда, худифодакунанда мебошанд.

Воситаҳои забонии дар охир интихобшуда бо инкишофи тафаккур алоқамандбудаи дар ҷумлаи аввал баёнгардида ба мавзӯи матн ва робитаи барқарорнамудаи муаллиф - вазифаҳои муоширaт, ахбор, таъсирнокии фикри асосии гуфташуда вобаста аст.

Робитаи барқарорнамуда инчунин тобишҳои услубии матнро муайян менамояд. Ҳикоя дорои ягонагии услубист. Нависанда аз таҷрибаи ҳаётии худ мисол оварда, мегӯяд, ки таъсир расондан ба ҳиссиёти хонандагони хурдсол, водор намудан барои дарки амиқ ва ташаккулёбии онҳо аз ҷиҳати ақидаҳои ахлоқӣ зарур аст.

Дар матни мазкур сабки гуфтор, корбурди калимаҳои сермаҳсул ва сохти нутқи муколламавӣ барои кӯдакон шиносанд.

Ин аст, ки мавзӯъ ҷузъҳои матнро бо ҳам иртибот медиҳад. Агар матн ҳаҷман калон бошад, мумкин аст, чанд мавзӯъчаҳои худро фаро бигирад. Ба назари мо, дар матнҳои калон якчанд мавзӯъчаҳо вуҷуд дошта бошанд ҳам, ҳамтан онҳо ба мавзӯи асосӣ нигаронида мешаванд ва ҷиҳати пурраву комилтар гардонидани мавзӯи асосӣ хидмат менамоянд. Яъне он мавзӯъчаҳо дорои озодии комил ва ё ба истилоҳи дигар, мутлақ нестанд. Ва маънои умумии матн дар натиҷаи бо ҳам омезиш ёфтани маъно ва алоқаманд гардидани ҷумлаҳои таркиби он бармеояд.

Тавре ки маълум аст, матн гурӯҳи ҷумлаву ибораҳои бо ҳам алоқамандро ташкил намуда, дар он гавҳари асосӣ – маънӣ маҳфуз аст. Ин гавҳарро хонанда чӣ гуна ва бо кадом роҳу равиш аз бар мекунад ё худ дарк менамояд, албатта, пеш аз ҳама ба хонандаи матн вобаста аст.

«Маънои матн, - менависад – Н. И. Жинкин, - ин ба ҳампайвандии маънои лексикии ду ҷумлаи ба ҳам наздик мебошад…» [6, 86 – 87].

Пуррагӣ ва фасеҳу равон будани матн яке аз хусусиятҳои дигари он мебошад.

Хонандагон забони модарӣ омӯхта, бояд дар раванди дарс ва берун аз он тамоми вазифаи онро эҳсос ва дарк намоянд. Барои он ки хонандагон чун воситаи муомилот будани забонро ба пуррагӣ пай баранд, ҳамеша нутқи фасеҳу саҳеҳро бояд бишнаванд, бубинанд ва ба таҳлил кашанд. Дар акси он наметавонанд тамоми қудрату тавон ва эъҷози каломи модариро ба таври лозим дарк кунанд.

Матн, лаҳзаи ҷараёни эҷоди бадеии дар намуди асари муайяну возеҳ, бо меъёрҳои услубии коркардашуда, мувофиқи намунаи додашуда, асари дорои сарлавҳа аст ва анҷоми он мувофиқи мазмуни сарлавҳа, иборат аз қисмҳои шартан алоқаманд ва барқарории грамматикӣ сурат мегирад.

«Ягонагии мавод аз ҷиҳати мавзӯъ, - менависад А. И. Власенков, - имконияти бештаре фароҳам меоварад, ки машқро бо грамматика, имлову аломатҳои китобат ва машқҳои марбути инкишофи нутқ ва тафаккури мантиқии хонандагон беҳтар пайваст намуд» [4,178].

Воқеан, хонандагон тавассути матн доираи бештари маълумотро фаро мегиранд. Матн онҳоро ба кору фикр намудан, хулоса баровардан ва изҳори ақидаи шахсӣ кардан таҳрик медиҳад.

Ягонагии мавзӯъ ба ҳеҷ ваҷҳ чунин маъно надорад, ки ҳамаи машқҳо дар як мавзӯъ интихоб гарданд. Зеро ҳаррангии мавзӯъ сабаби гуногунии саволу супориш ва талабот мегардад, ки он амали шоиста буда, ҷараёни таълимро аз якнавохтӣ раҳоӣ мебахшад.

Ҳамин тавр, матн на танҳо ҷамъи одии ҷумлаҳо, ё худ, порчаи такмилшуда аст, балки дар робита ба хусусиятҳои асосии мавзӯъ анҷомёфта ва пурра дониста мешавад.

Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки ҷумлаҳои алоҳида ва ё порчаҳои ба ҳам иртиботи мавзӯӣ надошта қодир нестанд, ки нуқоти зикршударо фаро бигиранд. Яъне тавассути ҷумлаҳои ҷудогона наметавон тамоми нафосату салосат ва неруи забонро ба хонандагон омӯзонд. Ҷумлаҳои забонзадаву ба ҳар мавзӯъ иртиботдошта қодир нестанд, ки нутқи алоқаноки фардро рушду нумӯ бахшанд. Баръакс, ҷумлаҳои парешону парканда хонандагонро ба кӯчаи сарбаста тела медиҳанд ва дар натиҷа муносибати онҳо ба забон басе рӯякиву сатҳӣ сурат мегирад. Зеро ҷумлаҳои аз ҳар ҷо интихобшуда дарки маъниро душвор сохта, танҳо барои омӯзиши грамматика хидмат менамоянд. Ва бисёр вақт ҷанбаи шаклпарастӣ гирифта, боиси дур шудан аз вазифаи асосии омӯзиши забон, яъне инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттии хонандагон гашта, дарсро ба як чизи дилгиркунанда табдил медиҳанд.

Ин нуктаро пай бурда А. И. Власенков дар хусуси аҳамияти истифодаи матнҳо чунин менависад: «Дарсҳое, ки дар асоси машқи алоқанок ва маводе, ки тибқи принсипҳои ягонагии мавзӯъ интихоб гашта созмон ёфтаанд, ба шавқу завқ, ақидаву иродаи хонанда таъсир расонда, муҳаббат ба дониш, меҳнат ва эҳтиром нисбат ба одамонро талқин мекунад ва дар онҳо хоҳиши обод, хубтару зеботар гардонидан кишвари худ, Ватани худро мепарварад» [4, 178].

Дар робита бо мавзӯъҳои грамматикӣ истифода бурдани матнҳо дарси забонро аз якрангию бемақсадӣ раҳо медиҳад. Матнҳо муаллимро водор месозанд, ки танҳо ба масъалаҳои назарӣ маҳдуд нагашта, ба ҷиҳатҳои аввалии он – сарсатр, сохти матн, номгузорӣ ба он, фарқи матн аз ҷумла, воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои матн ва хусусиятҳои дигари он бештару беҳтар таваҷҷуҳ зоҳир намояд.

Матнҳое, ки дар таълими забони модарӣ истифода мешаванд, бояд масъалаҳои мавриди ниёзро фаро бигиранд, то хонандагон зарурат, мавқеъ ва аҳамияти истифодаи воҳидҳои луғавиро амалан дарёбанд. Ин маъниро Л. П. Федоренко ба таври зайл таъкид кардааст: «Бо вуҷуди ин ҳама, боз матнҳои алоқаноке, ки хонандагон метавонанд дар онҳо мафҳумҳои воҳидҳои лексикӣ-сермаъноӣ, муродифҳо, маънои маҷозӣ касб кардани калимаҳоро бубинанд, ки ба чӣ сурат дар нутқ истифода шудаанд, зарурат дорад» [14,93].

Машқҳо ба се шарти асосӣ бояд ҷавобгӯ бошанд:

1.Аввалан, муҳтавои машқҳо ба хонандагон фаҳмову дастрас бошад. Яъне матнҳоеро бояд интихоб кард, ки барои хонандагон бисёр сода ва аз ҳад зиёд мураккаб набуда, ба дараҷаи муносиб ҷавоб диҳанд. Ин чунин маъно дорад, ки он матнҳоро хонда, ба моҳияту мазмуни онҳо худашон сарфаҳм раванд. Агар зарурате пеш ояд, омӯзгор бо 1-2 ишора ҷойҳои нофаҳмоҳро шарҳ диҳад. Вале тавре нашавад, ки дарки муҳтавои матн басе душвор шуда, шарҳу тафсири пурраи омӯзгорро тақозо кунад. Ин кор, албатта, нодуруст буда, хилофи принсипи дидактика мебошад, зеро чунин амал дарсро аз мавзӯи асосӣ дур мекунад.

2.Матнҳое бояд интихоб шаванд, ки дар онҳо категорияҳои грамматики омӯхташаванда бештар вохӯранд. Аз интихобу дар китобҳои дарсӣ ҷо додани матнҳое, ки чунин хусусиятро надоранд ва ба талабот ҷавобгӯ нестанд, бояд худдорӣ кард.

3.Матнҳои аз ҷиҳати ҳаҷм на чандон калонро бояд интихоб кард. Ҳангоми интихоби матнҳо ба он таваҷҷуҳи хосса додан лозим аст, ки онҳо муҳтаво ё ба истилоҳи дигар, мазмун дошта бошанд. Набояд порча ва ё матни интихобгашта мисли «тароша аз осмон» бошад, ки ба чизе иртибот надорад. Дар ин маврид мазмунро қурбони категорияи грамматикӣ кардан ва ё баръакс мумкин нест.

Мушоҳидаҳо исбот намуданд, ки агар аз матнҳо танҳо ёфтан ва ё хат кашидани ин ё он хусусияти грамматикиро тақозо кунем, пас онҳо аз ҷумлаҳои алоҳидаву берабту бенизом ҳеҷ тафовуте надоранд.

Вобаста ба мавзӯъ, мақсад ва ҳадафи асосӣ кор бо матнҳо дар шаклҳои гуногун сурат мегирад, ки ҳар кадоми он бо нақл мебошад, ки бо нутқи хаттии хонандагон иртиботи қавӣ дорад. Метавон аз роҳу равишҳои таҳлили матн, ислоҳ, тағйир ба такмили он, шарҳу баёни матн, таҳлил ва таълифи матн ва ғайра истифода бурд, ки ҳар кадоми онҳо дар навбати худ чандин шеваи корро дар бар мегиранд.

Шарҳу баёни хусусиятҳои муҳимми матн ва воситаҳое, ки онҳоро чун занҷир ба ҳам мепайвандад, қариб дар ҳамаи китобҳои дарсии забони модарӣ ба эътибор гирифта нашудаанд. Аз ин рӯ, хонандагон одитарин хусусиятҳои матнро намедонанд. Ҳатто сабабҳои сарсатр гузоштану воситаҳои шаклдиҳии матнро шарҳ дода наметавонанд. Хонандагон дар илова кардани калимаҳо ба ҷумла ва ҷумлаҳо ба матн ва аниқ сохтани сарлавҳаи мувофиқ ба душворӣ рӯ ба рӯ мегарданд.

**АДАБИЁТ:**

1. Аминов С. Матн ва таълими он дар мактаб. Душанбе, 2002.

2. Аминов С. Методикаи таълими матнсозӣ дар дарсҳои забони тоҷикӣ. 13.00.02 – методикаи таълими забони модарӣ. Диссертатсия ба дарёфти дараҷаи номзади илми педагогика. Душанбе, 1995.

3. Богоявленский Д. Н. Психология усвоения орфографии.- М.: Изд- во АПН РСФСР, 1957.– 305с.

4. Власенков А.И. Общие вопросы методики русского языка в средней школе. – М.: «Просвещение», 1973. 384 с.

5. Добролюбов А.А. Избраные педагогические высказывания. М.: Учпедгиз, 1939. 408 с.

6. Жинкин Н. И. Речь как проводник информации. М.: «Наука», 1932. 270 с.

7. Икромова Ф. Дарсҳои хониш ва инкишофи нутқ дар синфи 2. Душанбе, 1987.92 с.

8. Ладыженская Т. А. Система работы по развитию связной речи учащихся. М.: Педагогика, 1974. 256 с.

9. Лутфуллоев М. Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ. Душанбе. «Собириён» 2007. 503 с.

10. Лутфуллоев М. Осор. Ҷилди 4. Душанбе, 2013.

11. Лутфуллоев М, Котибова Ш, Каримов Т. Бозӣ ва инкишофи нутқ. (Дастури методӣ барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ). Душанбе, 2009.92 с.

12. Львов, М.Р. Речь младших школьников и пути ее развития. М.: Просвещение, 1975.176с

13. Сергеев, Ф.П. Речевые ошибки и их предупреждение. Волгоград: Учитель, 2002.

14. Федоренко Л. П. Принципы обучения русскому языку. М.: «Просвещение», 1973. 160 с.

**Котибова Ш.**

## ТАШАККУЛИ МАДАНИЯТИ НУТҚИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ ТАВАССУТИ ИСТИФОДАИ МАТН ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОНИ МОДАРӢ

Ҷомеаи муосир дар назди омӯзгорон ва волидон вазифаи тарбияи насли навраси ҳамаҷонибаташаккулфта ва босазое, ки ҳама гуна дастовардҳои фарҳангии аз ҷониби инсон офаридашударо доро бошад, мегузорад.

Ташаккули маданияти нутқ аз синни хурди мактабӣ ба роҳ монда мешавад, ки он минбаъд инкишофи ҳамаҷонибаи шахсро дар ҷомеа ва дар маҷмӯъ муайян мекунад. Бинобар ин, дар шароити муосир вазифаи муҳими таълими хонандагони синни хурди мактабӣ ин ташаккули маданияти нутқ аст.

Маданияти нутқ маҷмӯи малака ва маҳоратҳои нутқист, ки таъмини истифодаи оқилона ва босамари забон бо мақсади муошират мебошад. Маданияти нутқ ташаукули воситаҳои лингвистие мебошад, ки дар ҳолатҳои муайяни муошират ҳангоми риояи меъёрҳои забони адабӣ ва одоби муошират имконияти самаранокии ҳалли вазифаҳои коммуникатсиониро медиҳад.

Дар таълими ибтидоӣ роҳу усули гуногуни ташаккули маданияти нутқ амал мекунанд. Барои бой гардонидани таркиби луғавӣ ва нутқи шифоҳию хаттӣ, инчунин нутқи мураттаби хонандагон роҳу усули мухталифро истифода намудан зарур аст. Ба ин восита метавон алоқамандии нутқи шифоҳӣ, хаттӣ ва маданияти нутқи хонандагони хурдсолро дар ҷараёни таълим таъмин кард.

Дар мақола қайд мегардад, ки баҳри инкишоф додани маданияти нутқи хонандагон чунин корҳоро сомон додан зарур аст: бедор намудани шавқу ҳаваси хонандагон нисбат ба китоб, кор бо матн, мувофиқат кардани матн ба синну соли хонанда, зарурияти ист ҳангоми мутолиаи матн, диққат додан ба оҳанги талаффуз, ба хотир гирфтани калимаву ибораҳои душворфаҳми матн ва истифодаи луғат барои дарёфти маънии он, тарзи дурусти талаффуз ва дуруст иншо намудани калимаҳо, ба эътибор гирифтани савол ва супоришҳои зери матн, хулосабарорӣ аз рӯйи мазмуни матн ва ғайра.

**Калидвожаҳо:** маданияти нутқ, хонандагони хурдсол, матн, оҳанги талаффуз, мазмун, китоб, нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ, ташаккул, инкишоф, муошират, машқҳо.

**Котибова Ш.**

## ФОРМИРОВАНИЕ КУЛЬТУРЫ РЕЧИ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ ПОСРЕДСТВОМ ПРИМЕНЕНИЯ ТЕКСТА НА УРОКАХ РОДНОГО ЯЗЫКА

Современное общество, ставит задачу учителям и родителям, воспитания взрослого и хорошо адаптированного поколения, обладающего всеми культурными достижениями, созданными человеком.

Развитие речевой культуры представляет собой небольшую школу, которая способствует дальнейшему всестороннему развитию человека в обществе и в целом. Поэтому в современных условиях важной задачей воспитания школьников в школе является формирование культуры речи.

Речевая культура - это набор навыков и талантов, которые обеспечивают рациональное и эффективное использование языка в целях общения. Культура речи - это лингвистический инструмент, который обеспечивает эффективность коммуникативного общения в случае общения между литературным языком и этикой общения в определенных ситуациях общения.

В начальном образовании существуют различные способы развития речевой культуры. Важно использовать различную методологию для обогощения словаря, устной, писменной, а также связной речи. Таким образом, можно обеспечить взаимосвязь письменную, устную и культуру речи для младших школьников в процессе обучения.

В статье отмечается, что для того чтобы развывать культуры речи учашихся важно: стимулировать интерес учащихся к тексту, работа с текстом, соответствие текста к возрасту учащихся, необходимость паузы во время чтения текста, запоминать трудноусваемые слова и словасочитание, фразы, использование словаря чтобы понять значение текста, правильный способ произнесения слов, ответить на вопросы и инструкции в тексте, обобщить содержание текста и т.д.

**Ключевые слова:** речевая культура, младшие школьники, текст, интонация, содержание, книга, устный и письменный речь, формирование, развитие, общение, упражнение.

**Kotibova Sh.**

## FORMATION OF THE CULTURE OF SPEECH OF YOUNGER STUDENTS USING TEXT IN NATIVE LANGUAGE LESSONS

Modern society, puts the task of teachers and parents, raising an adult and well-adapted generation with all the cultural achievements created by man.

The development of speech culture is a small school, which contributes to the further comprehensive development of man in society and in general. Therefore, in modern conditions, an important task of educating schoolchildren in school is the formation of a culture of speech.

Speech culture is a set of skills and talents that ensure the rational and effective use of language for communication purposes. Speech culture is a linguistic tool that ensures the effectiveness of communicative

communication in the case of communication between literary language and the ethics of communication in certain situations of communication.

In primary education there are various ways to develop a speech culture. It is important to use a different methodology for enriching vocabulary, oral, written, and coherent speech. Thus, it is possible to ensure the interrelation of written, oral and speech culture for younger students in the learning process.

The article notes that in order to develop students 'speech cultures, it is important to: stimulate students' interest in the text, work with the text, conformity of the text to the age of the students, the need to pause while reading the text, remember difficult-to-learn words and word reading, phrases, use the dictionary to understand the meaning text, the correct way to pronounce words, answer questions and instructions in the text, summarize the content of the text, etc.

**Key words:** speech culture, younger schoolchildren, text, intonation, content, book, oral and written speech, formation, development, communication, exercise.

**Сведения об авторе: Котибова Ш. П.** – к.п.н., зав. отделом дошкольных учреждений и начального образования Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. Айни 45. **E-mail:** sharifa.kotibova@mail.ru., тел: (992) 904 53 99 54

**Information about the author: Kotibova Sh** – c.p.s., the head of Department of preschool centres and elementary education of Institute of a development of education of a name of Abdurahmana Dzhami of Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, 45 Ayni str., **E-mail:** sharifa.kotibova@mail.ru., mob: (992) 904 53 99 54

**Д. ИМОМНАЗАРОВ**

# ГУЗАРИШ БА НИЗОМ ВА МЕЪЁРҲОИ БАҲОГУЗОРИИ БИСЁРХОЛА - ВОҚЕИЯТ

Ҷараёни ислоҳоти мақсадноку пайгиронаи соҳаи маориф, ки дар тӯли солҳои охир дар сиёсати бунёдкоронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи муҳимро касб кардааст, нишон медиҳад, ки таҷдиди назар намудани системаи баҳогузорӣ ва ба талаботи рушди таҳсилот дар замони муосир мувофиқ намудани он амри зарурӣ маҳсуб меёбад. Чунин зарурат аз он огаҳӣ медиҳад, ки системаи панҷбаллаи мавҷуд имконоти арзёбӣ, ташхис, ҳавасмандсозӣ ва пешбиниро дар раванди таълиму тарбия аз даст додааст. Дар системаи баҳогузории мазкур, ки аслан чаҳорбалӣ аст, имконоти ба назар гирифтани вежагиҳои фард ба эътибор гирифта нашудаанд. Дар он андоза ва меъёрҳои дақиқи баҳогузории фаннӣ вуҷуд надоранд, ки дар навбати худ боиси воқеӣ набудани баҳо ва тобеият ба мақоми омӯзгор мегардад. Инҳо омилҳое ба шумор меравaнд, ки роҳҳои ислоҳоти системаи баҳогузориро дар самтҳои гуманисозӣ ва татбиқи присипҳои муносибати ба фард нигаронидашудро дар системаи таҳсилот муайян мекунанд.

Ислоҳоти фаъолияти назорату баҳогузории сифати таҳсилот чунин маънӣ дорад, ки бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим ва омода намудани шогирдон ба меъёрҳои мавҷудаи арзёбии сифати дониш, рақобатпазирии он дар марҳилаи кунунӣ ва ворид гардидани маорифи кишвар ба низоми ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ гузариш ба системаи нави баҳогузорӣ ба дастовардҳои таҳсилии талабагон ногузир арзёбӣ мегардад. Гузашта аз он баҳогузории омодагии талабагон ҷузъи ҷудонашавандаи ҷараёни таҳсилот ба шумор рафта, ҳамчун баёнгари доимии натоиҷ ва дастоварду пешрафтҳои таҳсилӣ имконоти назорат ва тасҳеҳи ҷараёни таълимро фароҳам меорад.

Ҳамзамон бояд таъкид сохт, ки системаи баҳогузорӣ ҳамчун воситаи барқарории равобит ва таъсири мутақобилаи омӯзгор, донишомӯзу волидон дар ҷараёни таҳсилот, василаи дарёфти иттилоот доир ба фаъолияти пурсамари раванди педагогӣ ба таври дилхоҳ таъмин нагардидааст. Гузашта аз он дар истифодаи доимӣ нигоҳ доштани баҳогузории 5-бала ба сифати таҳсилот ва сатҳи дониши хонандагон ба мисли низом ва меъёрҳои баҳогузории нав (100-балла) таъсир гузошта наметавонад.

Зарурати гузариш ба низоми нави баҳогузорӣ дар марҳилаи кунунӣ чунин шарҳ дода мешавад: ***аввалан,*** дар раванди баҳогузорӣ аксаран, аз се баҳо 3 (миёна), 4 (хуб), 5 (аъло) истифода мебаранд. Баъдан онҳо барои баҳогузорӣ намудани дониши воқеии хонандагон кофӣ нестанд. ***Дуюм,*** баҳоҳои “2” кам ва “1” тамоман гузошта намешаванд; ***сеюм,*** дар низом ва баҳогузории 5 - балла инчунин гузоштани баҳои «+4», «+3», «-3» аз доира ва имкониятҳои танги он шаҳодат медиҳад; ***чорум,*** низом ва меъёрҳои амалкунандаи баҳогузорӣ ба мусобиқа байни хонандагон бо ҷудокунии онҳо ба гурӯҳҳо табдил ёфтааст, ки ба ҳолатҳои психологии хонандагони зиёд таъсиргузор аст; ***панҷум,*** низом ва меъёрҳои баҳогузории амалкунанда ба омӯзгор имкон намедиҳад, ки натиҷаи ниҳоӣ ва дастовардҳои таълимии хонандаро ба таври воқеӣ баҳогузорӣ намояд. ***Шашум,*** **с**упоришҳое, ки аз тарафи хонандагон иҷро карда мешаванд, аз ҳамдигар фарқ доранд ва ин тафовутҳоро дар баҳогузории 5- балла муайян кардан хеле душвор аст. Масалан, агар баҳои 6 нафар хонандагон аз 25 нафар аз ягон фанни таълимӣ “5” бошад, фарқи онҳоро муайян намудан ғайриимкон мебошад.

Системаи баҳогузорӣ воситаи барқарории равобит ва таъсири мутақобилаи миёни омӯзгор, хонанда ва волидон дар ҷараёни таҳсилот буда, василаи дарёфти иттилоот доир ба фаъолияти пурсамари раванди педагогӣ ба ҳисоб меравад.

Албатта, иқдоми нав, ки зарурати он ба шаҳрвандони дорои тафаккури инкишофёфта, ҷаҳонбинии васеъ, ки ба рушди кишвар ва ташаккули қобилиятҳои зеҳнии насли нав боварии қавӣ доранд, чизи нав нест. Ҷомеаи солим ин қадами навбатиро дар таҳким бахшидан ба сифати таҳсилот, сатҳи дониш, маҳорат ва қобилияти хонандагон боз ҳам устувор гардонидани соҳибистиқлолии кишвар, рушди иқтидори сиёсию иқтисодӣ, фарҳангию иҷтимоӣ дар солҳои наздик арзёбӣ менамоянд. Дар ин замина омода намудани насли наврас ба воридсозии тағйироти куллӣ ба пешрафти муваффақона дар таълим ва

тавассути он таъмини таҳаввулоти ҷиддӣ дар илму техника, маориф, фарҳангу иқтисодиёт дар маҷмӯъ қадами муҳим шуморида мешавад. Имрӯз ҷорӣ намудани низом ва меъёрҳои баҳогузории бисёрбалла раванди умумиҷаҳонӣ гардидааст, аз ҷумла дар мамолики собиқ иттиҳоди Шӯравӣ (нигаред ба низом ва баҳогузории ин мамлакатҳо).

***Мақсад*** аз ворид намудани системаи нави баҳогузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳот вобаста ба муносибатҳои кунунии ҷараёни назорат ва идораи сифати таҳсилот, ҳамчунин таъмини тамоми ширкаткунандагони ҷараёни таҳсилот ва ҷомеа бо иттилооти тоза роҷеъ ба дастовардҳои соҳа ба шумор меравад. Ҳадафи гузариш ба низом ва меъёрҳои баҳогузории бисёрхола инчунин самара ва натиҷаи фаъолияти таълимии хонандагон мебошад. Арзёбии дараҷаи тавоноии хонандагон бошад, ҳамчун мушкилот ва талабот дар низоми баҳогузории нав аз барқарор намудани сатҳи фарогирии хонандагон ба раванди донишомӯзии босифат ва арзёбии муваффақонаи раванди таълиму тарбия дар ҳамаи зинаҳои таҳсилоту пешрафти он иборат аст.

Мақсадҳои дигари ислоҳоти системаи низом ва меъёрҳои баҳогузории бисёрхола инчунин инҳо ҳисобида мешаванд:

- воридсозии ислоҳот дар низоми нави баҳогузорӣ бо назардошти таъмини раванди мақсадноку самарабахши назорат ва идораи босуботи сифати таҳсилот, таъмини иштирокчиёни раванди таҳсилот бо бонки иттилоотӣ (натиҷа) оид ба дастовардҳои таълимии ҳар як хонанда;
- ҷорӣ намудани системаи нави баҳогузорӣ ба дастовардҳои таълимии инфиродии хонанда ва тавассути он таъмин намудани таҳсилоти босифат;
- амалӣ намудани талаботи ягона табқи арзёбии дараҷаи мазмуни барномаҳои таълимӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;
- таъмини дастрасии иттилооти зарурию дақиқ дар бораи натиҷаҳои ниҳоии дастовардҳои таълимии хонандагон;
- дараҷаи дарки масъулияти волидон бо мақсади қабули қарори ҳаётан муҳим оид ба идома додани таҳсили минбаъда ё шуғли меҳнатии фарзандон;
- таъмини қабули қарорҳои асоснокшудаи идорӣ ҷиҳати иҷрои низом ва меъёрҳои баҳогузорӣ дар системаи таҳсилот;
- ҷалби оила ва ҷомеа ба ҷараёни таълим ва ҳавасмандсозии хонандагон;
- таъмини фаъолияти маърифатӣ, рушди худтанзикунӣ, худбаҳодиҳии муваффақиятҳои таълимӣ, беихтиёрии тағйироти шахсӣ;
- тақвият бахшидан ба баҳисобгирии сифатҳои инфиродӣ ва шоистагиҳои шахсӣ, далелнокӣ, ҳавасмандӣ ба таълим ва кӯшиши расидан ба муваффақиятҳои нав;

Вазифаҳои татбиқи низом ва меъёрҳои баҳогузории бисёрбалла асосан инҳоянд:

- таъмини ***воқеият ва шафофияти*** баҳодиҳӣ ба дастовардҳои таълимии хонанда;
- таъмини ***асоснокӣ ва шаффофияти*** баҳогузорӣ дар ҷараёни таҳсилот ва ҳангоми назорати давлатӣ;
- таъмини ***эътибрнокии сифатҳои инфиродии шахсият*** ҳангоми баҳогузории дастовардҳои таълимӣ;
- болобурди воқеияти арзишёбии натиҷаҳои инфиродӣ ва ташаккули ***хударзишёбии воқеии донишомӯзон*** дар ин замина;
- ***болоравии ҳифзи иҷтимоии*** шахсият:
- ташкили шароит барои ***ҳавасмандӣ ва далелнокии*** фаъолияти таълимию маърифатӣ, истифодаи доираи инфиродии таҳсилии толибилмон;
- барқарории ***робитаи доимӣ*** миёни муаллим, донишомӯз, волидон, маъмурият ва ҳайати педагогии мактаб, ки якпорчагии ҷараёни таълимро таъмин мекунад.
- ташкили ***фазои мусоиди равонӣ*** дар ҷараёни баҳогузорӣ, роҳ надодан ба ҳолатҳои харобкунандаи асаби кӯдак;
- гузаронидани ***таҳқиқоти густурда ва озмоишот*** оид ба такмили роҳҳои таъмини сифати васоит ва технологияи арзёбиҳои педагогии барои рушди системаи баҳогузории сифати таҳсилот зарур.

Системаи баҳогузории дастовардҳои таълимӣ раҳёфтҳои зерини ҳали мушкилотро амалӣ месозад:

- ***муносибати ба фард нигаронидашуда***, ки баҳисобгирӣ ва рушди имкониятҳои воқеии шахсияти ҳар як хонандаро тавассути истифодаи адоза ва меъёрҳои гуногунсатҳи фарқкунанда (мушаххаси)- и баҳогузории дастовардҳои таълимӣ дар бар мегирад;
- **муносибати фаъолонае**, ки ба ошкор намудани имкониятҳо ва маҳорати шахс дар шароити ташкили фаъолияти пурсамари мустақилонаи хонанда равона карда шудааст;
- **муносибате**, ки барои ҳифзи саломатӣ мусоидат мекунад ва ҳали вазифаҳои ҳифзу таҳкими саломатии иҷтимоиву равонии хонандагонро тавассути ташкили муҳити равонии мусоидаткунанда ҳангоми арзишёбии умумии ҷараёни таълим таъмин мекунад.

Шароити педагогии татбиқи низом ва меъёрҳои баҳогузории бисёрхола ба таври зайл амалӣ гардонида мешаванд:

- истифодаи меъёрҳои воқеӣ **барои арзёбии муваффақиятҳои таълимӣ**, ки бо назардошти нишондиҳандаҳои барои талабагон дастрас ва фаҳмо ва дар шакли фаъол баёншуда муқаррар гардидаанд;
- истифодаи супоришҳои аз назари сатҳ ва шакл гуногун дар ҷараёни баҳогузорӣ;
- таъмини интихоби **воқеии сатҳи фардии дастовардҳои таълимӣ**

Таъмини шартҳои мазкур дар раванди таълиму тарбия ба болоравии сатҳи идрок, ҳавасмандӣ ба таълим, ҳифзи мувозинати эҳсос ва эътимод ба имконоти шахсии хонанда мусоидат карда метавонад.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбии бисёрхола дар муассисаҳои озмоишии кишвар роҳандозӣ намуд.

***Мақсади асосии озмоиши*** мазкур пеш аз ҳама дарёфти афзалияту бартарии низоми нав, муайян сохтани душвориҳои раванди татбиқ ва ҷустуҷӯйи роҳҳои бартарафсозии мушкилоти арзёбӣ дар шароити татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим маҳсуб меёбад.

Озмоиши мазкур дар сурати гузариш ба низом ва меъёрҳои баҳогузории бисёрбалла қадами нахустин дар расонидани кӯмак ба мутасаддиёни раёсату шуъбаҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, нозирону мушорвирон, сарварону омӯзгорон, хонандагон ва падару модарони муассисаҳои таълимии озмоишӣ арзёбӣ гардида, дар раванди он зарурату мушкилот, чашмдошт, мақсаду вазифаҳо, корбурди омӯзгорон бо журналҳои синфӣ, рӯзномаи хонандагон (зарурати нигаҳдошти он), интихоби шакл ва намуди онҳо, алоқаи мутақобила бо падару модарон дар раванди таълиму тарбия ва роҳҳои татбиқи низом ва меъёрҳои баҳогузории бисёрбала ва дигар паҳлӯҳои пешбурди муваффақонаи дарс ва назорати фаъолияти хонандагон дар шароити низоми нави баҳогузорӣ муайян карда мешаванд.

Дар гузаронидани озмоиш кормандони Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, роҳбарон ва омӯзгорони таълимгоҳҳои мазкур вазифадор карда шудаанд ва то оғози озмоиш дар таълимгоҳҳои номбурда корҳои зерин ба анҷом расонида шуданд:

- конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи: “Гузариш ба Низом ва меъёрҳои баҳогузории бисёрбалла. зарурат, мушкилот ва чашмдошт” бо иштироки олимон, мутахассисони соҳа ва омӯзгорон;
- раҳёфти самарабахши татбиқи Низом ва меъёрҳои баҳогузории бисёрбалла дар мактабҳои озмоишӣ дар нишасти якҷояи кормандони Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи АТТ бо иштироки коршиносон ва олимон;
- семинари дастурдиҳӣ бо роҳбарон ва омӯзгорони мактабҳои озмоишии шаҳри Душанбе (литсейи “Раҳнамо”), шаҳри Ваҳдат (мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №1) ва ноҳияи “Ҳисор (муассисаи таҳсилоти мсиёнаи мумумии № 8) тибқи дар толори Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи АТТ;
- омода ва дастрас намудани маводи аввалаи озмошӣ ба маъмурият, омӯзгорон, роҳбарони синфҳо ва хонандагони таълимгоҳҳои мазкур;
- вохӯрии мубоҳисавӣ бо кормандони барномаи телевизионии “Мир” оид ба рафти татбиқи Низом ва баҳогузории 100-балла ба дониш, маҳорат ва қобилияти хонандагон”.
- ҷамъбасти натиҷаи озмоиши низоми нави баҳогузорӣ ба дониш, маҳорат, қобилият ва рафтори хонандагон, муайян намудани мушкилотҳо ва дарёфти роҳҳои бартарафсозии онҳо;

Дар рафти озмоиш гуруҳи корӣ инчунин муваффақият ва норасоии низом ва меъёрҳои баҳогузории бисёрхоларо мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода, бо назардошти ибрози фикру ақидаҳои омӯзгорон, падару модарон ва хонандагон арзёбии сифати таҳсилот, сатҳи дониш, қобилият ва рафтори хонандагон, пешрафти таҳсилии онҳо, ҳавасмандии падару модарон ва кӯшишу заҳмати омӯзгорон натиҷаи озмоишро ҷамъбаст (давраи якум,дуюм ва

сеюм) намуда, фаъолияти тамоми тарафҳои ба он фарогирро дар давоми ҳафта, моҳ ва чор моҳи озмоиш тавассути суҳбат, мушоҳидаи дарсҳо, санҷиши дониши хонандагон тавасстуи сифати иҷрои супоришҳои хонагӣ, саволномаҳои тестӣ пурсишномаю нишастҳои гуногун ба таври зайл арзёбӣ менамояд:

Ҳамзамон натиҷаҳои мусбати озмоиш дар самти татбиқи низоми нави баҳогузории бисёрбалла ба дониш, маҳорати устодон ва муттасадиёни гузаронидани онҳо низ вобастагии зич дорад. Албатта, дар раванди ҷустуҷӯ ва дарёфти роҳҳои самарабахши амалӣ намудани низоми мазкур омӯзгорони таълимгоҳҳои озмоишӣ амалиёти самарабахш менамоянд, вале онҳо дар бораи афзалияти низом ва меъёрҳои баҳогузории бисёрбалла дар раванди озмоиш иттилоотро дастрас менамоянд. Новобаста ба он онҳо кӯшиш доранд, ки афзалияти онро то ба нигоҳи ҳар як хонанда ва падару модарон расонда тавонанд.

Нишондиҳандаҳои диаграммаҳои ба дастомада нишон медиҳанд,ки муносибати тарафҳои ба озмойиш фарогир – омӯзгорон, волидон ва хонандагон нисбат ба татбиқи низоми садхола,то андозае мусбат аст. Корҳои фаҳмондадиҳии гурӯҳи корӣ муносибати мусбатро ба ин низом аз рӯзҳои аввали озмойиш таъмин намуд. Гузашта аз ин, микдори онҳое, ки бо низоми нав комилан розӣ ҳастанд, дар давраи дуюм ва сеюми пурсиш нисбат ба давраи якум дар ҳамаи гурӯҳҳои пурсидашаванда афзойиш ёфтааст. Махсусан, шумораи хонандагоне, ки ҷонибдори татбиқи низоми нав ҳастанд, ба андозаи 14,0% афзойиш ёфт.

Натиҷаҳои мобайнии озмойиши низоми нав аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар мактабҳои таҳсилоти умумии озмойишӣ нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти хонандагон ва сифати таълим то андозае баланд рафтааст. Махсусан, дар масъалаи давомот (иштирок ба дарсҳо) муваффақиятҳо назаррасанд. Хонандагон ва падару модарон дар масъалаи давомот ва иштироки фаъолона дар дарсҳо, нигоҳ доштани қоидаҳои талабагӣ масъулияти бештареро ҳис намуданд. Масалан, ба татбиқи низоми ягонаи баҳогузорӣ (садхола) дар муассисаи таҳсилоти умумии №1 –и ш. Ҳисор аз 40 нафар омӯзгорон 16-нафар тарафдорӣ карда, 14 нафар зид буданд ва 10 нафар иброз доштанд, ки бартарии онро намедонанд.

Хонандагон ба саволи мазкур чунин посух доданд: Аз 97 нафари пурсидашудагон 48 нафар тарафдор, 36 нафар зид буданд ва 13 нафар бартарии низоми баҳогузории навро намедонанд.

Ниҳоят, аз 58 нафар намояндагони падару модарон тарафдор - 22 нафар, зид - 20 нафар. 18 нафари боқимонда дар ҷавоб душворӣ кашиданд (нигаред ба нақшаи 1).

***Нақшаи1.***




| | Омӯзгорон | Хонандагон | Волидон |
|---|---|---|---|
| тарафдор | 16 | 48 | 22 |
| зид | 14 | 36 | 20 |
| бетараф | 10 | 13 | 18 |

Дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 1-и шаҳри Ваҳдат 56 нафар омӯзгор мавриди пурсиш қарор гирифтанд. Аз онҳо 21 нафарашон тарафдор ва 19 нафарашон зид буданд. 16 нафари дигар бартарии низоми баҳогузории навро намедонанд.

Пурсиши хонандагон ба ин масъала чунин натиҷа дод: аз 103 нафар 42 нафар тарафдор, 39 нафар зид ва 22 нафар бартарии низоми баҳогузории навро намедонанд.

Ҳамчунин дар маҷмӯъ 71 нафар п*адару модарон пурсида шуданд ва натиҷаи он чунин аст:* Тарафдор – 29 нафар, зид- 22 нафар ва 20 нафар бартарии низоми баҳогузории навро намедонанд (нигаред ба нақшаи 2)

***Нақшаи 2.***




| | Омӯзгорон | Хонандагон | Волидон |
|---|---|---|---|
| тарафдор | 21 | 42 | 29 |
| зид | 19 | 39 | 22 |
| бетараф | 16 | 22 | 20 |

*Муваффақиятҳои истифодаи низом ва меъёрҳои баҳогузории бисёрбалла:*

- шароит барои пешбурди муваффақонаи раванди таълим барои омӯзгорони соҳибкасб ва ҷӯяндаю эҷодкор дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ фароҳам оварда метавонад;
- доро гардидан ба пешрафти муваффақонаи ***хонандагони дорои қобилияту истеъдоди баланд*** ва ***таҳкурсии мустаҳками дониши қаблӣ*** мусоидат карда метавонад (агар меҳнату заҳмати зиёди иловагии омӯзгорон тавассути дастгирии моддӣ амалӣ гардад);
- **имконияти** ба таври воқеӣ арзёбӣ намудани дастовардҳои таълимии ҳар як хонандаро ба таври дақиқ муҳайё карда метавонад;
- заминаи мусоид барои истифодаи шаклу усули гуногуни назорат аз ҷониби тарафҳои ба он фарогир (омӯзгорон+хонадагон+ падару модарон) фароҳам оварда метавонад ва баъзан онҳоро ба амалиёти бештар дар ин самт водор месозад;
- барои ташаккули маҳорати худназораткунии фаъолияти таълимию тарбиявии хеш аз ҷониби хонандагон заминаи муайян бунёд сохта метавонад (пешрафти таълимӣ, сабақгардонӣ, фаъолнокӣ ва рафтору кирдор тавассути ҳисоби балҳо);
- то андозае дар бартараф сохтани ҷиҳатҳои ихтилофот дар раванди арзёбии дастовардҳои таълимии хонандагон ва баҳогузорӣ намудани он (дақиқ) мусоидат карда метавонад;
- шароиту имконияти бештари риояи низом ва меъёрҳои баҳогузориро аз ҷониби омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ фароҳам оварда метавонад;
- ба низоми идорӣ низ то андозае ба таври мусбат таъсиргузор буда метавонад;

*Мушкилоти татбиқи низом ва меъёрҳои баҳогузории бисёрбалла:*

1.Фаъолияти омории омӯзгорон ва роҳбарони синфҳоро низоми нави баҳогузорӣ дар муқоиса бо меъёрҳои амалкунанда дар раванди дарсҳо ва берун аз он ба маротиб зиёд гардонидааст, бахусус дар ҷамъбаст намудани натиҷаи рӯз, ҳафта, моҳ (марҳилаҳои рейтинг) (вақти хеле зиёдро мегирад) ва ғайра;

2.Истифодаи низом ва меъёрҳои баҳогузории бисёрбалла дар шароити мувофиқ набудани журнал, рӯзномаҳои хонандагон ва дигар ҳуҷҷатҳои мактабӣ ба кори

омӯзгорон, роҳбарони синфҳо, муовинони директор, хонандагон ва дар маҷмӯъ ба тамоми фаъолияти муассисаи таълимӣ душвориҳои зиёд эҷод месозад;

3.Коркарди андоза (нишондиҳанда)-ҳо барои арзёбии дастовардҳои таҳсилӣ оид ба ҳар як фанни таълимӣ дақиқ коркард нашудаанд ва дар вақти арзёбии дастовардҳои таълимию тарбиявии хонандагон кори омӯзгоронро душвор мегардонанд. Бе коркарди онҳо низоми нави баҳогузорӣ низ оҳиста-оҳиста мисли низоми 5-балла тобеият ба мақоми омӯзгорро пайдо мекунад.

4.Дар шароити муассисаи таҳсилоти умумӣ ҷорӣ намудани низоми нави баҳогузорӣ ҳамчун омили муҳим дар пешрафти таълимии хонандагон мавқеи нисбатан фаъолро ишғол карда бошад ҳам, он таваҷҷуҳи омӯзгорон ва падару модаронро ба худ ҷалб карда натавонистааст;

5.Вақти зиёди омӯзгорон дар раванди дарсҳо ба ҳисоби холҳо сарф шуда, ба гузаронидани мавзӯи дарсҳо вақт намерасад, зеро балҳои гирифтаи хонанда бояд дар охири дарс эълон карда шавад.

**Пешниҳод:**

**1.** Дар интихоби шакл ва намуди низом ва меъёрҳои баҳогузории бисёрбалла таҷрибаи аксарияти мамлакатҳои ҳориҷи дур ва наздикро, ки аллакай дар ин самт аз комёбӣ ва норасоии онҳо огаҳӣ пайдо кардаанд, истифода намуда, ба саросемагӣ дар ҷорӣ намудани низоми баҳодиҳии нав роҳ дода нашавад.

**2.**Муҳлати ҷорӣ намудани низом ва меъёрҳои нави баҳогузории 100-хола дар муассисаҳои таълимии кишвар бо назардошти имконоти моддӣ, базаи модию техникӣ, пас аз гузариши омӯзгорон аз курсҳои такмили ихтисос (ё машғулияту семинарҳо) доир ба идораи раванди таълим дар шароити гузариши ба низоми нави баҳодиҳӣ муайян карда шавад.

**3.**Оид ба муҳимтарин масъалаҳои татбиқи низоми нав, аз ҷумла, *тарзи баҳогузорӣ ва тақсими холҳо барои ҳар як навъи фаъолияти хонанда, шакли намунавӣ ва ниҳоии дафтари синф ва рӯзномаи хонанда* семинарҳои махсуси мавзӯӣ бо ҷалби мутахассисон доир карда шаванд;

**4.**Барои ташвиқи низоми нави баҳогузорӣ дар байни омма *барномаҳои махсуси телевизионӣ ва радиоӣ ба роҳ монда шуда, давра ба давра дар саҳифаҳои матбуот мақолаҳои таҳлилӣ ба табъ расонида шаванд.*

**АДАБИЁТ:**


1.Амонашвили Ш.А. Воспитательная и образовательная функция оценки учения школьников –М.: Педагогика,1984.-297

2.Айнштейн В.Г., Гольцова И.Г. Об адекватности экзаменационных оценок // Высшее образование в России. №3, 2003. С. 40-42.Ананьев Б.Г. Психология педагогической оценки. Л., 1935.

3.Дониши хонандагонро кӣ муайян мекунад. Аз ин рӯ меъёри ягонаи баҳогузорӣ зарур аст. Мураттиб М.Рустам. Ҳафтавори «Омӯзгор», 8 сентябри соли 2007, с. 11.

4.Зимняя И.А. Педагогическая психология. - М., 2000.

5.Педагогика: педагогические теории, системы, технологии. Учебное пособие/Под ред. Смирнова С.А. - М., 1998.

6.Каримова И.Х.Теоритическая основа гуманизации гумангитарного образования учащихся таджикских школах.

7.Лутфуллоев М.П. Дарс. – Душанбе: «Маориф», 1995. – 192 с.

Мухторов З. Проблемы оценивания. Маҷ. «Мактаб ва ҷомеа», 2003, № 3. – с. 20-23.

8.Хубаев Г.О построении шкалы оценок в системах тестирования // Высшее образование в России. №1, 2004. С. 122-125.

**Имомназаров Д.**

## ГУЗАРИШ БА НИЗОМ ВА МЕЪЁРҲОИ БАҲОГУЗОРИИ БИСЁРХОЛА - ВОҚЕИЯТ

Дар мақола хулосаи ан нигоҳи илмӣ асоснок оид ба зарурати таҷдиди назар намудани системаи баҳогузории амалкунанда ва ба талаботи рушди таҳсилот дар замони муосир мувофиқ намудани он дар шароити аз даст додани имконоти арзёбӣ, ташхис, ҳавасмандсозию ояндабинӣ, имконоти ба эътибор нагирифтани вежагиҳои фард, воқеӣ набудани баҳо ва тобеият пайдо кардани он ба мақоми омӯзгор дар раванди таълим пешниҳод карда шудааст.

**Калидвожаҳо**: меъёрҳо, баҳогузорӣ, ислоҳот, маориф, маълумотнокӣ, комёбиҳо, азхудкунӣ, рушдёбанда, қобилият, дониш, таҳқиқот, тамоюл, эҷодкорӣ.

**Имомназаров Д.**

## ПЕРЕХОД НА МНОГОБАЛЬНУЮ СИСТЕМУ ОЦЕНИВАНИЯ – ОБЪЕКТИВНАЯ РЕАЛЬНОСТЬ

В статье даётся научное обоснование целесообразности перехода на новое Положение и нормы выставления многобалльной системы оценки знаний, умений и навыков учащихся в условиях потеря возможности объективного оценивания учебных достижений, диагностики, мотивации, учета индивидуальных способностей учащихся, зависимости оценивания от учителя и на основе полученных данных, проведённых экспериментах в общеобразовательных школах республики.

**Ключевые слова**: нормы и критерия, оценки, знания, реформа, образования, достижения, усвоения, уровень, исследования, деятельность, направленность, творчесво.

**Imomnazarov D.**

## THE TRANSITION TO MNOGOZONNOY SYSTEM EVALUATION IS AN OBJECTIVE REALITY

The article provides a scientific substantiation of the expediency of transition to a new Regulation and norms for setting up a multi-point system for assessing the knowledge and skills of students in conditions of the loss of the possibility of objective assessment of educational achievements, diagnostics, motivation, taking into account individual abilities of students, dependence of assessment on the teacher and on the basis of the data obtained conducted experiments in secondary schools of the republic.

**Keywords:** norms and criteria, assessment, knowledge, reform, education, achievement, learning, level, research, activity, orientation, creatively.

**Сведения об авторе: Имомназаров Давлатназар** - Зав. Отделом обшеобразовательных учреждений, изучение стандартов, учебных планов, государственных программ и учебников

Института развития образования имени Абдурахмона Джоми Академии образования Таджикистана, адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С.Айни, 45.

**Information about the author: Imomnazarov Davlatnazar** - Head. Department of educational institutions, the study of standards, curricula, government programs and textbooks of the Institute for Educational Development named after Abdurahmon Jomi of the Academy of Education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 45 C. Aini St.

**А. НАЗАРОВ**
**К. ҚУРБОНОВ**

# ТЕХНОЛОГИЯИ КОРКАРДИ ЛУҒАТ ДАР ҶАДВАЛҲОИ ЭЛЕКТРОНИИ MS EXCEL

Нақши технологияҳои информатсионӣ дар ҷомеа рӯз ба рӯз васеътар мегардад. Бо истифода аз онҳо донишҳои худро инкишоф дода, донишҳои иловагӣ гирифтан мумкин аст. Яке аз нишонаҳои фазилати баланд доштан ин донишҳои луғавӣ аст, ки дар тамоми соҳаҳо ва таълими фанҳо татбиқ карда мешаванд. Донишҳои луғавӣ махсусан зимни гузаронидани дарсҳои назариявию амалӣ, навиштани мақолаҳо ва дастурҳои илмию методӣ ва навиштани китобҳо зарур аст. Дар ҷаҳони имрӯза номгӯйи забонҳои муоширатӣ бениҳоят бисёр аст. Масалан забони тоҷикӣ, русӣ, англисӣ, арабӣ, форсӣ ва ғайраҳо. Дар ҷараёни гузаронидани дарсҳо оид ба технологияҳои информатсионӣ зарурати донистани забони англисӣ ба миён меояд, зеро аксар мафҳумҳои фанни мазкур бо забони лотинӣ мебошанд, алалхусус коркарди барномаҳо бо истифода аз забонҳои барномасозӣ.

Дар амал барои донистани забонҳо ва азхудкуни забонҳо аз луғатҳо васеъ истифода мебаранд. Луғатҳое, ки дар шакли китоб чоп шудаанд, асосан калимаҳояшон бо ду ё се забон навишта шудаанд. Вале дар амал ҳолатҳое мешаванд, ки барои тарҷумаи калимаҳо ба дигар забонҳо бо истифода аз ингуна луғатҳо боз донистани калимаҳои дигар забонҳо низ зарур мегардад. Барномаҳои компютерие, ки барои луғат коркард шудаанд, низ асосан дорои ду забон мебошанд. Коркарди луғат дар ҷадвалҳои электронии MS Excel (минбаъд EXCEL) назар ба дигар луғатҳои компютерӣ ва электронӣ бартариҳои зиёдеро дорост. Мо дар мақолаи худ технологияи коркарди луғатро дар EXCEL пешниҳод мекунем. Луғати коркардшуда луғати электронӣ ба ҳисоб меравад.

Ҷадвалҳои электронии EXCEL дорои сутунҳои зиёданд ва мо метавонем калимаҳои забонҳои гуногунро дар алоҳидагӣ дар ин сутунҳо ҷой диҳем. Шумораи сутунҳои ҷадвал аз варианти EXCEL вобастааст. Масалан, дар Excel-2010 рақами сатри максималиаш 1048576 мебошад. Дар ячейкаҳои сатри якум номи худи забонҳоро ҳамчун сарлавҳаи ҷадвал дохил мекунем ва дар маркази ҳар як ячейка ҷойгир мекунем. Масъалан, дар сутуни А калимаҳои забони тоҷикӣ, дар сутуни В тарҷумаи ин калимаҳо бо забони русӣ, дар сутуни С тарҷумаи ин калимаҳо бо забони англисӣ ва ғайраҳо. Ҳамин тавр луғат бо якчанд забонҳо тайёр карда мешавад. Минбаъд аз ин намуди луғати дар EXCEL тайёр истифода мебарем.

Авалин саволе, ки ба миён меояд – Чӣ тавр ин луғатро истифода мебаранд ва бо кадом роҳ калимаи зарурии дар ҳамин луғат мавҷуд бударо зуд ёфтан мумкин аст? Ин имкониятро худи EXCEL дорад, ин ҳам бошад, бо истифода аз амали **CTRL+F** (ё бо дигар роҳ). Пас аз иҷрои ин амал шакли муколамавии ҷустуҷӯй ва ёфтани калима ё дигар информатсияи EXCEL кушода мешавад.

Баъдан дар майдони "Ёфтан:" калимаи заруриро менависем. Баъд тугмаи «Ёфтан дар давомаш» ё «Ёфтан ҳамааш»-ро зер мекунем. Агар калимаи дохилкардашуда аз луғат ёфта шавад, пас дар ҳамон сатри калима аз чап ва росташ тарҷумаи калимаҳои дигар забонҳо инъикос мегарданд. Ё ба тарзи дигар, мо мехоҳем, ки калимаи бо забони олмонӣ навишташударо аз луғат ёбем ва тарҷумаҳояшро ба дигар забонҳо маълум кунем. Дар ин маврид пешакӣ ҳамон сутуне, ки калимаҳои забони олмонӣ дохил карда шудаанд, муайян мекунем. Баъдан калимаро ҷустуҷӯй мекунем.




Технологияи дигар, ки дар луғати тайёр буда истифода бурда мешавад, аз рӯйи ягон забони луғат (сутуни ҷадвал) бо тартиби афзуншавӣ ҷойгиркунии калимаҳо мебошад, яъне аз рӯйи алифбои ягон забон. Ин имкониятро низ EXCEL дорад. Дар ин маврид ҳамаи сутунҳои луғатро, аниқтараш тамоми ҷадвалро муайян карда, дар лентаи "Додаҳо" тугмаи батартиборимро (Сортировка) пахш мекунем. Аз баски дар сатри якум номи забонҳо (сарлавҳаи ҷадвал) истодааст, пас дар майдони "Додаҳои ман сарлавҳа дорад" рамзи √-ро мегузорем. Баъдан аз рӯйи кадом забон ё забонҳо батартиборимро интихоб менамоем ва дар охир тугмаи ok-ро пахш мекунем. Лекин ҳангоми истифодабари ин технология худи луғат бояд вайрон нашавад, яъне агар танҳо як сутунро муайян карда, батартиборем.

В данной статье предпринята попытка рассмотреть опыт некоторых стран по внедрению медиации в образование. На основе изученного материала, автор предлагает некоторые из его исследований, которые носят практическую направленность и характер обоснования проблемы исследования.

**Ключевые слова:** медиация, образование, Школьная медиация, координация, метод, коммуникативная грамотность, организационные навыки, консультирование.

**B. KUSHEKOVA**

## SCHOOL MEDIATION: FROM THE EXPERIENCE OF IMPLEMENTING MEDIATION IN EDUCATION

In this article was made an attempt to consider the experience of some countries on the introduction of mediation in education. On the basis of studied material, the author suggests some of his studies, which bear the practical orientation and nature of the substantiation of the issue under study.

**Key words:** mediation, education, school mediation, coordination, method, communicative literacy, organizational skills, counseling.

**Сведения об авторе: Кушекова Б.К.** - Коммунальное государственное учреждение «Школа-гимназия №9 города Щучинск отдела образования Бурабайского района» Акмолинская область, Казахстан, ул. Пугачева 78, 8 (716-36) 4-50-72, skhola09@mail.ru

**Information about the author: Kushekova B.K.** - Municipal public institution “School-gymnasium №9 of the city of Shchuchinsk, Department of Education, Burabai District” Akmola region, Kazakhstan, ul. Pugacheva 78, 8 (716-36) 4-50-72, skhola09@mail.ru

**Г. САЛОҲИДДИНОВА**

# КОРИ МУСТАҚИЛОНАИ ДОНИШҶӮ ҲАМЧУН АСОСИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТИ ТАЪЛИМ ДАР НИЗОМИ КРЕДИТИИ ТАҲСИЛОТ

Имрӯз масъалаи баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, тарбияи мутахассисони ҷавобгӯйи талаботи замони муосир, инчунин ба шароити низоми кредитӣ мутобиқ гардонидани мазмуну мундариҷаи таълим ва ба ин васила ворид шудан ба фазои ҷаҳонии таҳсилот дар ҳама муассисаҳои таҳсилоти касбии кишвар дар мадди аввал меистад. Вазъи имрӯзаи ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, маънавии ҷомеа ва идомаи ислоҳоти соҳаи маориф, назари нав, муносибати некбинона, ҷалб намудани кормандони соҳаи маорифи ҷумҳурӣ ва аҳли ҷомеаро бахри дарёфти роҳҳои таълиму тарбияи хушсифат тақозо дорад. Инкишофи қобилияти зеҳнӣ, таъмини ташаккули тафаккури мантиқӣ, техникӣ ва камолоти маънавии донишҷӯён дар рушду нумӯи имрӯзу фардои кишвар ва ворид гардидан ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ аз вазифаҳои муҳимми замони муосир маҳсуб меёбанд.

Таҷрибаи нахустини амалигардонии технологияи кредитии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки яке аз вазифаҳои асосии ҷараёни таълим, ин ташкили афзалиятноки кори мустақилонаи донишҷӯ мебошад. Амалисозии кори мустақилонаи донишҷӯ дар низоми кредитии таҳсилот бо мақсади ташкили фаъолияти фикронии мустақилонаи донишҷӯён нигаронида шуда, дар ин низом мавқеи кори мустақилона худ тағйир меёбад, яъне чунин намуди фаъолият барои донишҷӯён асосӣ буда, ҳаҷми умумии соатҳои кори мустақилона дар шуъбаи рӯзона зиёда аз 50%-и фанни омӯхташавандаро дар бар мегирад. Маҳдуд кардани машғулиятҳои аудиторӣ ва зиёд кардани ҳаҷми соатҳои кори мустақилонаи донишҷӯён ба таълимгирандагон барои худинкишофдиҳӣ, худомӯзӣ ва қобилияти фикрронии мустақилона имкон фароҳам меоварад. Оид ба моҳияти кори мустақилона классикон чунин мешуморанд, ки ягон таъсироти берунаро бо самаранокии кори мустақилона на иваз карда мешаваду ва на муқоиса. Чунонки К.Д. Ушинский қайд мекунад, «Фикронии мустақилонаи донишҷӯ – пояи ягона ва устувори донишандӯзӣ мебошад», яъне кори мустақилона ин фаъолияти донишҷӯ оид ба азхудкунии дониш ва малака аст, ки бе кумаки омӯзгор ба даст оварда мешавад, агарчанде ки омӯзгор роҳбаладӣ намояд. Дистерверг А. бошад, нишон медиҳад, ки инкишоф ва маълумот барои ягон нафар на дода, на интиқол карда мешавад. Одатан, ҳар касе мехоҳад, ки маълумот ва ё рушдро ба даст оварад, бояд худ мустақилона бо қувваи худ ҷидду ҷаҳд намояд (**1;348**).

Кори мустақилонаи донишҷӯ яке аз қисматҳои асосии ҷараёни таълим буда, тавассути он дониш, маҳорат ва малака ташаккул ёфта, дар оянда ба донишҷӯ барои тарзу усули азхуднамоӣ, шавқу ҳавас ба корҳои эҷодӣ ва ҳамчунин қобилияти ҳалли вазифаҳои техникӣ ва илмиро таъмин менамояд.

Кори мустақилона боиси инкишофи маҳорати донишҷӯ дар самти истифода аз адабиёт ва сарчашмаҳои илмӣ боис гардида, барои омода намудани ӯ имкон фароҳам меоварад. Аз ҷониби муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми ташкили раванди таълим дар шароити низоми кредитии таҳсилот дар шакли ташаккули ҳаҷми дониш, ташкили шароит ҷиҳати то ҳадди имкон фардӣ гардонидани раванди таълим, яъне, таҳкими мақом ва самаранокии кори мустақилонаи донишҷӯ бояд муайян карда шавад.

Корҳои мустақилонаи донишҷӯ вобаста ба хусусиятҳои фанҳои таълимӣ ва мазмуну мундариҷаи онҳо дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ, барномаҳои кории фанҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, дастур ва васоити таълимӣ муайян карда шуда, дар натиҷаи ботартиб ва пайдарпай ташкил намудани онҳо аз ин ё он фан, дар ҳамбастагӣ бо донишҳое мукаммале, ки донишҷӯён дар аудитория мегиранд, ба инкишофи фаъолияти амалии онҳо мусоидат мекунад.

Корҳои мустақилонаи донишҷӯ сарчашмаи асосии баланд бардоштани сифати таълим ва тайёр намудани мутахассисони оянда ба шумор меравад. Дар шароити низоми

кредитии тахсилот аз се ду ҳиссаи меҳнатталабии донишҷӯёнро корҳои мустақилона дарбар мегирад. Бинобар ин, дар шароити низоми кредитии таҳсилот бояд ба ташкил ва иҷрои он аз ҷониби омӯзгорон диққати махсус дода шавад.

Омода намудани донишҷӯён ба ҳаёт ва касбу ҳунар, ташаккули фаъолияти мустақилона ва ихтироъкории онҳо дар ҷараёни таълими ҳар як ихтисос аҳамияти муҳим дошта, ҳангоми таълими донишҷӯён дар раванди беҳтар намудани сифати омӯзиши фанҳои таълимӣ, баланд бардоштани мазмуни таълим ва сатҳи илмию методӣ, барои ба воя расонидани шахси баркамол хизмат мекунад. Тартиби омӯзиши маводи дастурӣ дар алоқамандӣ бо корҳои мустақилона аз ҳисоби методикаи омӯзиши аз ҷиҳати илмӣ асосноккардашуда, бо назардошти афзоиши завқу шавқи донишҷӯён ба фан, инкишофи қобилияти фикррони донишҷӯ, ҷоннок гардонидани фаъолияти дарккунии онҳо ва ташаккули малакаҳои дониши назарӣ ва амалӣ бо мақсади ба даст овардани малакаҳои илмии умумӣ бояд равона карда шавад.

Дар низоми кредитии таҳсилот ду шакли иҷро намудани корҳои мустақилонаи донишҷӯ пешбинӣ шудааст:

- корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор, ки тибқи талаботи нақшаҳои таълимии самт (ихтисос)-ҳои амалкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва силлабус барои омӯзиши ҳамаи фанҳои таълимӣ пешбинӣ мешавад;
- корҳои мустақилонаи донишҷӯ, ки ҳамчун фаъолияти беруназаудитории мустақилона барои азхуд намудани маводи иловагии таълимӣ муқаррар карда мешавад (**2;198**).

Корҳои мустақилона дар кафедраҳо, дар лабораторияҳои муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ, ҳамчунин, дар муассисаҳои истеҳсолие, ки муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ бо онҳо шартнома дорад, ташкил ва иҷро карда мешаванд. Барои самаранок ба роҳ мондани корҳои мустақилонаи донишҷӯён, пеш аз ҳама, мазмун ва усули ташкили онҳоро муайян кардан лозим аст. Корҳои мустақилонаи ҳар як фанни таълимӣ бояд васеъ ва мазмуни асосии онҳо аз пурра омӯхтани мафҳумҳои фанни мазкур, омода сохтани аёниятҳои гуногун ва дигар корҳое, ки аҳамияти таълимию тарбиявӣ доранд, иборат бошад.

Тибқи талаботи низоми кредитии таҳсилот чорабиниҳо оид ба дуруст ба роҳ мондан ва фароҳам овардани шароити татбиқ намудани корҳои мустақилонаи донишҷӯ, бояд таъмин гардидани ҳар як донишҷӯро бо талаботи дар поён овардашуда, пурра дар бар гиранд:

- тарзи кори инфиродӣ ҳангоми иҷро намудани корҳои назариявӣ (баҳисобгирӣ, тартиб додани нақшаҳо ва ғайра) ва амалӣ (иҷро намудани корҳои лабораторӣ ва илмӣ-методӣ);
- воситаҳои маълумотдиҳанда (маълумотномаҳо, дастурҳои таълимӣ, бонки корҳои инфиродӣ, барномаҳои таълимӣ, дастаи барномаҳои бунёдӣ ва ғайра);
- маводи методӣ (тавсияҳо, роҳнамоҳои таҷрибаомузӣ ва ғайра);
- маводи назоратӣ (тестҳо);
- маводи захиравӣ (воситаҳои ченкунанда, технологӣ ва ғайра);
- сарватҳои муваққатӣ;
- мусоҳибаҳо (бо омӯзгорон, кормандони илмӣ-таҳқиқотӣ ва ғайра);
- имконияти муайян намудани самти (траектория)-и таълимии донишҷӯ

(фанҳои таълимии интихобӣ, хизматҳои иловагии таълимӣ, нақшаҳои инфиродии таълимӣ);

- имконияти ба таври расмӣ муҳокима намудани натиҷаҳои назариявӣ ё амалии мустақилона бадастовардашуда (иштирок намудан дар конференсияҳо, олимпиадаҳо, озмунҳо) (**4**).

Ҳар як намуди супориш дар раванди баргузории корҳои мустақилона ба якдигар вобаста буда, ҳамдигарро пурра мегардонанд. Машғулиятҳои беруназаудиторӣ ё худ корҳои мустақилонаи донишҷӯён воситаи истифодаи сарфакоронаи омӯзиши ин ё он фан ва ё вақти иловагии донишҷӯён набуда, балки ҳамчун як қисми таркибии ҷараёни омӯзиш

ба ҳисоб меравaнд, ки барои ба даст овардани маҳорату малакаҳои мустаҳкамкунии мавзӯҳои омӯхташуда, ташаккули тафаккур ва истифодаи он дар амал кӯмак мерасонанд.

Дар раванди ислоҳоти ҷории низоми таълим дар кишвар боз ҳам пурратар омӯзонидани асосҳои фан ва ҳосил намудани малакаҳо ва дар амал татбиқ намудани дониши азхуднамуда, чун вазифаи муҳимми муассисаҳои таълимӣ шинохта шудааст, ки ҳалли ин вазифаҳо такмили омӯзиш, хусусан, истифодаи самаранок аз технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсиониро дар рафти корҳои мустақилона тақозо мекунад.

Воситаҳои дидактикии аёнӣ на танҳо дар фаъолгардонии таълимгирандагон, дуруст ва пурра ташкил намудани кори мустақилонаи донишҷӯён кумак мерасонанд, балки яке аз омилҳои асосии ташаккули омӯзиш ва малака ба ҳисоб меравaнд. Бо мақсади ноилшавӣ ба натиҷаи муайяни дидактикӣ дар усули таълим бояд фаъолияти дутарафаи ба ҳам мутобиқи донишҷӯ ва омӯзгор сурат гирад Масалан, намоиши аёният ҳамчун фаъолияти омӯзгор, он услуби маърифатист.

Воситаи дигари ҷалби донишҷӯён ба корҳои мустақилона (беруназаудиторӣ) ин ҳавасманд гардонидани онҳо ба маҳфилҳо мебошад. Маҳфили илмӣ аз барномаи таълимӣ фарқ карда, барои пурратар омӯхтани ихтисос тартиб дода мешавад. Ба донишҷӯён додани донишҳои мукаммал аз рӯйи ихтисос ва инкишофи фаъолияти амалии онҳо ба таъмини алоқаи бефосила байни дарсҳои аудиторӣ ва машғулиятҳои беруназаудиторӣ хизмат мекунад. Таҳти сарварии омӯзгор ва дастурҳои ӯ ташкил ва гузаронидани ин гуна маҳфилҳо хеле муҳим мебошад.

Азхуд кардани донишҳои пешниҳодшуда, бозгӯйии маълумот ва ахбор ва таҳқиқу таҳлили онҳо, иштирок дар таҳлилу баррасии масъалаҳо, иштироки фаъол ва гузаронидани таҷрибаҳо, яке аз унсурҳо корҳои мустақилона бояд бошад. Ҳангоми истифода аз воситаҳои дидактикӣ омӯзгор бояд донад, ки барои такрор ё омӯзондани маводи таълимии муайян чӣ қадар вақт сарф карда мешавад, инчунин, ба он бояд эътибор диҳад, ки воситаҳои аёнӣ такроршаванда набошанд.

Барои баланд бардоштани шавқу рағбати донишҷӯён ба корҳои мустақилона истифодаи якчанд усули зерин тавсия дода мешавад (**3;40-45**).

1. Тибқи китоби дарсӣ ва супоришҳо аз адабиёти иловагӣ дараҷаи дониши донишҷӯёнро муайян намуда, вобаста ба шавқи донишҷӯ ӯро барои иҷрои корҳои мустақилона ҷалб намудан зарур аст.
2. Барои пурра гардонидани донишҳои азбарнамуда бояд донишҷӯён дар машғулиятҳо фаъолона иштирок намуда, тавассути баҳси илмӣ донишҳои худро мукаммал гардонанд.
3. Ба чорабиниҳои мухталифи таълимию тарбиявӣ дар раванди дарс ва машғулиятҳои беруназаудиторӣ донишҷӯёнро бештар ҷалб намудан зарур аст.
4. Ба ташкили маърӯза, семинар, машварат, олимпиада, бозиҳо ва дигар усули методӣ,, донишҷӯёнро ҷалб намуда, шавқу рағбаташонро зиёд намудан зарур аст.

Ба маҷмӯи корҳои мустақилонаи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои гуногун чун ҳафтаи фаннӣ, конференсияи донишҷӯён, шабнишинии мавзӯӣ, мусобиқаҳо, осорхонаи техникӣ, бозиҳои дидактикӣ ва ғайраҳо тавсия дода мешаванд.

Хулоса, бояд қайд намуд, ки татбиқи самарабахши низоми кредитии таҳсилот ва ташкили корҳои мустақилона аз фаъолияти сохторҳои донишгоҳ вобастагии калон дошта, ташкил ва гузаронидани семинарҳову конференсияҳои таълимӣ, мизҳои мудаввар оид ба мавзӯъҳои мухталифи самти таълим барои баланд бардоштани савияи касбии устодон ва сатҳи донишазхудкунии донишҷӯён мусоидат хоҳанд кард. Дар ин самт, албатта, мувофиқи мақсад аз адабиёти илмию педагогии солҳои охир ва методҳои нав васеъ истифода бурда, мунтазам ҷорӣ намудани технологии нави педагогии дахлдор ба ҷараёни таълиму тарбия тавсия карда мешавад.

**АДАБИЁТ:**


1 .Беляева А. Управление самостоятельной работой студентов / А. Беляева // Высшее образование в России. – 2003. - № 6. – С. 40-45.

2. Дистерверг А. Избранные педагогические произведения / А. Дистерверг. – М.: УчПедГиз, 1969. – 348 с.

3. Загвязинский В.И. Теория обучения: современная интрепретация: учеб. Пособие для студ. Высш. Пед. Учеб. Заведений / В.И. Загвязинский. – М.:Изд. Центр «Академия», 2001. – 192 с.

4. Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2016, №19/24.- 32 саҳ.

5. Основы кредитной системы обучения в Казахстане / С.Б. Абдыгапарова, Г.К., Ахметова, С.Р. Ибатулин, А.А. Кусаинов и др.; под общ.ред. Ж.А. Кулекеева, Г.Н. Гамарника, Б.С. Абдрасилова. – Алматы: донишгоҳи Қазоқистон, 2004. – 198 с.

6. Педагогика и психология высшей школы. – Ростов-н/Д.: Феникс, 1998. – 544 с.

7. Раҳимов Ф., Расулов А., Саидов Н., Шодиев М., Муллоев А., Самадов С., Сангинов Р., Валиев Ҳ., Раҳмонов А., Китоби Мактаби Олӣ (қисми 2) санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ – Душанбе, 2008, 373 саҳ.

8. Ушинский К.Д. Избранные педагогические произведения / К.Д. Ушинский. – М.: «Просвещение», 1968. – 556 с.

9.Беляева А. Управление самостоятельной работой студентов / А. Беляева // Высшее образование в России. – 2003. - № 6. – С. 40-45 .


**Г. Салоҳиддинова**

## КОРИ МУСТАҚИЛОНАИ ДОНИШҶӮ ҲАМЧУН АСОСИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТИ ТАЪЛИМ ДАР НИЗОМИ КРЕДИТИИ ТАҲСИЛОТ

Дар мақола корҳои мустақилонаи донишҷӯ ҳамчун сарчашмаи асосии баланд бардоштани сифати таълим ва тайёр намудани мутахассисони оянда дар шароити низоми кредитии таҳсилот мавриди таҳлил қарор гирифта, шакли иҷрои онҳо, чорабиниҳо оид ба дуруст ба роҳ мондан ва фароҳам овардани шароити татбиқ намудани чунин корҳо нишон дода шудаанд. Дар баробари ин, барои баланд бардоштани шавқу рағбати донишҷӯён ба корҳои мустақилона истифодаи якчанд усул - вобаста ба шавқи донишҷӯ ӯро барои иҷрои корҳои мустақилона ҷалб намудан, тавассути баҳси илмӣ донишҳои ӯро мукаммал гардонидан, ба чорабиниҳои мухталифи таълимию тарбиявӣ дар раванди дарс ва машғулиятҳои беруназаудиторӣ донишҷӯёнро бештар ҷалб намудан ва ғайра аз ҷониби муаллиф пешниҳод гардидаанд.

**Калидвожаҳо:** кори мустақилонаи донишҷӯ, низоми кредитии таҳсилот, сифати таълим, раванди Болония, машғулиятҳои беруназаудиторӣ, усули таълим.

**Г. Салохиддинова**

## САМОСТОЯТЕЛЬНАЯ РАБОТА СТУДЕНТА КАК ОСНОВА ПОВЫШЕНИЯ КАЧЕСТВА ОБУЧЕНИЯ В УСЛОВИЯХ КРЕДИТНОЙ СИСТЕМЫ ОБРАЗОВАНИЯ

В статье самостоятельные работы студентов проанализированы как ключевой источник качества образования и подготовки будущих специалистов в условиях кредитной системы образования, показаны их формы реализации, меры по надлежащей организации и созданию условий их выполнения. В то же время для повышения интереса студентов к самостоятельной работе показаны несколько методов - привлечение студентов к реализации самостоятельной работы по их интересу, обогащение их знаний посредством научных исследований, к различным образовательным и воспитательным мероприятиям вне учебно-просветительской деятельности и т.д.

**Ключевые слова:** самостоятельная работа студента, кредитная система обучения, качество образования, Болонский процесс, внеаудиторные занятия, метод обучения.

**G. Salohiddinova**

## INDEPENDENT STUDENT WORK AS THE BASIS FOR IMPROVING THE QUALITY OF EDUCATION IN THE CONTEXT OF THE CREDIT EDUCATION SYSTEM

The article analyzes the independent work of students as a key source of the quality of education and the training of future specialists in the conditions of the credit education system, shows their forms of implementation, measures to impose and create conditions for their implementation. At the same time, in order to increase students' interest in independent work, several methods are shown - to attract students to the realization of independent work on their interest, their enrichment through scientific research, to various educational and educational activities outside educational activities, etc.

**Keywords:**. independent student work, credit system of education, quality of education, Bologna process, extracurricular classes, method of training.

**Сведения об авторе: Салохиддинова Гулнора Нарзуллоевна** – старший научный сотрудник Института развития образования имени Абдурахмона Джоми Академии образования Таджикистана, адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С.Айни, 45. E. mail: gulnor1006@mail.ru

**Information about the author: Salohiddinova Gulnora Narzulloevna** Researcher of the Institute for Educational Development named after Abdurahmon Jomi of the Academy of Education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 45C Aini St.

E. mail: gulnor1006@mail.

**М. МИРЗОЕВ**

# ТАЪЛИМИ ҒАЗАЛИЁТИ ҲОФИЗ ВА ЗИКРИ ПАЙҒАМБАРОН ДАР ОНҲО

Чунонки аз ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ маълум аст, ӯ фақат як хонандаи маъмулии Қуръон нест. Балки дар тартил-ривоёти Қуръон низ фаҳмиши нозуку латифе дорад. Дар ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ишора ба Қуръон зиёд аст, ки баҳрабардории амиқи ӯро аз ин сарчашмаҳои маънавӣ собит менамояд. Гоҳо ин ишора сода намоён мегардад, мисли онки "Ҳарчи кардам ҳама аз давлати Қуръон кардам" ҳамчунин дар байти дигаре ишора шудааст, "Эй чанг фурӯ бурда ба хуни дили Ҳофиз, Фикрат магар аз ғайрати Қуръону Худо нест". Гоҳо ишораи ӯ арзиши зиёди ахлоқӣ "Доми тазвир макун чун дигарон Қуръонро" ва гоҳо арзиши зиндагиномаҳое дорад. Чунон ки мегӯяд: "То бувад вирдат дуову дарси Қуръон ғам махӯр" ки аз ин ҷо маълум мешавад. Қуръон дарси ҳамешагии ӯ, яъне мавзӯи таҳқиқ ва пажӯҳишии мудовими ӯ будааст. Ё дар байти дигаре чунин гуфтааст: "Надидам хуштар аз шеъри ту Ҳофиз,\ Ба Қуръоне, ки андар сина дорӣ" ки дар ин байт Хоҷа Ҳофиз ба ҳофизи Қуръон будани худ ишорат дорад. "Зи ҳофизони ҷаҳон кас чу банда ҷамъ накард\ Латоифи ҳикамӣ бо нукоти Қуръонӣ", ки дар ин ҷо ду андеша аз он берун меояд:

**1.**Хоҷа Ҳофиз худро хонандаи хуби Қуръон мешуморад.

**2.**Қоил бар ин аст, ки бисёре аз мазмунҳои оёти Қуръониро дар шеъри худ тарҷумаву тазмин ва иқтибос кардааст" [6, 47].

**Тарзи таълими талмеҳоти Ҳофиз ба хонадагон**

Хоҷа Ҳофиз дар ашъори худ талмеҳоти зиёде аз саргузашт ва ҳаёту рӯзгори ибратбахши пайғамбарон намудааст. Ҳангоми таълими мавзӯи мазкур дар мактаби миёна ба омӯзгор лозим аст, ки аз китоби қиссаҳои паёмбарон, яъне "Қисас-ул-анбиё" фаровон истифода намояд. Барои кушодани маънии ниҳонии байту мисраъҳои шоир аз оёту сураҳои Қуръон ва аҳодиси набавӣ низ далелу мадрак овардан лозим меояд.

Хоҷа Ҳофиз бо эҳтиром ба пайғамбарон ишора карда ва аз муъҷизаҳои онҳо муътақидона ёд кардааст:

**Ишораи муътақидона ба Нӯҳ (а).**

"Қавми Нӯҳ муддати тӯлонӣ ба парастиши бутҳо машғул буданд ва бутҳоро ба ҳайси худоёне пазируфта буданд, ки аз онҳо умеди ҷалби хайр ва дафъи шарр аз Худо доштанд. Худованд Нӯҳ (а)-ро барои ҳидояти қавми худ фиристод. Ӯ қавми худро ба сӯйи Худо хонд, аммо онҳо рӯйгардон шуданд, аз азоби Илоҳӣ ононро бим дод, аммо онҳо худро ба кӯриву карӣ заданд. Аммо Нӯҳ дар муқобили онон истод ва муддати зиёд ба савоби Илоҳӣ ононро ташвиқ ва тарғиб намуд, аммо онон ангуштҳои худро дар гушҳояшон фурӯ бурда такаббур варзиданд"[7]. Дар Қуръон дар сураи "Анкабут" ояи 13 ва 14 ба ин қисса ишора шудааст:

"Ва ба дурустӣ ки Нӯҳро ба суйи қавмаш фиристодем; пас, ӯ дар миёни онҳо 950 сол таваққуф кард. Пас, онҳоро тӯфон даргирифт ва онҳо аз ситамгорон буданд". "Пас Нӯҳ ва аҳли киштиро наҷот додем ва ононро барои оламиён нишонае гузоштем" Ҳофиз ба ибораи "тӯфон" ва "киштии Нӯҳ" ба ҳамин воқеа ишора кардаст.

*Гарат чу Нӯҳи набӣ сабр аст дар ғами туфон,*
*Бало бигардаду коми ҳазорсола барояд [2, 54].*

***

*Ҳофиз аз даст мадеҳ давлати ин киштии "Нӯҳ",*
*Варна туфони ҳаводис бибарад бунёдат [2, 8].*

Талмеҳ ба ҳикояти ҳамлии ҷасади Одам аз тарафи Нӯҳ дар киштӣ ва расонидани Нӯҳ он қолабро ба Байт-ул-муқаддас.

*Ёри мардони Худо бош, ки дар киштии "Нӯҳ",*
*Ҳаст хоке, ки ба обе нахарад туфонро [3, 38].*

**Ишораи муътақидона ба Иброҳими Халил.**

Намруд писари Канъон, писари Куруш подшоҳи Бобул буд. Чун нӯшу неъмат ва рафоҳу шукӯҳ ва тасаллути қудрати худро дид ва дид, ки мардум дар нодонӣ умр ба сар мебаранд ва басирати худро аз даст додаанд, худро Худои эшон хонд ва мардумро ба парастиши худ даъват намуд. Дар миёни чунин муҳити зикршуда, Озар дорои фарзанде шуд, ки номи ӯро Иброҳим гузоштанд. Иброҳим бузург шуд, Худованд ӯро парварид ва ақлу фаҳм дод ва ба сӯйи Ҳақ ва ҳақиқат ҳидоят намуд. Ӯ низ ба андеша ва фикри дуруст ва бо кумаки Парвардигори худ дарёфт, ки Худованд яке аст ва ӯст, ки бар тамоми ҷаҳон ҳукмрони дорад. Ва донист, ки бутҳо ва пайкараҳое, ки мардум метарошанд ва мепарастанд, ононро аз Худованд бениёз намегардонанд ва аз ин рӯ, тасмим гирифт, ки ба азми ҷиддӣ мардумро ба ягонапарастӣ ва тавҳид даъват намояд ва онҳоро аз ботлоқи разолатҳо наҷот диҳад ва аз ин рӯ, худро барои баргардонидани онон аз гумроҳӣ ва ҷаҳолат омода намуд. Ҳангоме ки қавм тасмим гирифтан, барои ҷашн ва шодӣ аз шаҳр хориҷ шаванд, аз Иброҳим хостанд, ки ҳамроҳи онҳо ба беруни шаҳр биёяд аммо ӯ худро бемор вонамуд кард ва бо ҳамроҳии онҳо нарафт ва аз қабл тасмим гирифта буд, ки маъбудони ононро дарҳам занад ва мардумро аз чоҳи залолат баровporда роҳи дурустро ба онҳо нишон диҳад. Дар охир ӯ ба мақсади худ мерасад ва мардум аз амали ӯ дар ғазаб шуда, ӯро ба оташ меафкананд. Дар Қуръон дар сураи Анбиё оёти 68-69 ба ин қисса ишора шудааст:

68.(Ба якдигар) гуфтанд: "Ӯро бисӯзонед ва агар коре карданӣ ҳастед, худоёни худро нусрат диҳед!".

69.Гуфтем: "Эй оташ, бар Иброҳим сард ва (бо) саломат бош".

Онҳо мехостанд бо муҷодала бар Иброҳим ғалаба намоянд, аммо худи онон шикаст хӯрданд, ва Худованд ҳилаи ононро бар худашон баргардонд.

*Ё раб ин оташ, ки ба ҷони ман аст,*
*Сард кун з-он сон карди бар "Халил" [2, 68].*

**Ишораи муътақидона ба Сулаймон (а)**

Дар қиссаи Сулаймон ва Билқис гуфта мешавад, ки Сулаймон ҳудҳудро барои дарёфти об вазифадор кард то ӯро ба самти об роҳнамоӣ кунад. Аммо ӯро ғоиб ёфт ва қасам ёд кард, ки ӯро азоб диҳад ва ё забҳ кунад, магар инки далеле возеҳ барои ғайбаташ ироа намояд ва боиси паст шудани ғазаби Сулаймон гардад. Аммо ғайбати ҳудҳуд тӯлонӣ нашуд ва бо ҳолати мутавозеъона дар баробари хоҷааш ҳозир шуд ва ба Сулаймон гуфт: Ман бар чизе даст ёфтам, ки дасти илм ва қудрати ту ба он нарасидааст ва розеро кашф намудаам, ки бар ту пинҳон мондааст. Ин сухани ҳайратовар то андозае хашми Сулаймонро фурӯ нишонд ва бо исрор ҳудҳудро водошт, ки хабарашро баён кунад.

Ҳудҳуд гуфт: дар сарзамини Сабо занеро ёфтам, ки бар мардуми он ҷо ҳукумат мекард ва бо ӯ ҳама чиз ато шудааст ва дорои тахти бузурге аст. Ӯ ва қавмашро чунон ёфтам, ки ба ҷойи Худованд ба хуршед саҷда мекунанд. Сулаймон аз ин мавзӯи аҷиб шигифтазада шуд ва гуфт: Дар мавриди хабарат таҳқиқ мекунем, то дурустӣ ва ноддурустии он бар мо муайян гардад. Ва агар мавзӯъ ончунон бошад, ки ту баён намудӣ, пас ин номаи маро бардор ва ба миёни онон андоз ва сипас ба гӯшае бирав ва мунтазири ҷавоб ва назари онон бимон.

Ҳудҳуд номаро бардошт ва ба тарафи маликаи шаҳри Сабо ба роҳ афтод ва ӯро дар кохаш ёфт ва номаро пеши ӯ андохт. Билқист номаро бардошт, онро хонд ва ин ки дар он омадааст: "Ин нома аз Сулаймон аст ва ба номи Худое оғоз мешавад, ки бахшанда ва

меҳрубон аст. Ва ба ин (тавсия шуда), ки бар ман бартарӣ маҷӯед, ва ба суйи ман мусалмон биёед". (Сураи Намл ояи 30-31)

Ҳофиз ба овардани "ҳудҳуди хушхабар" ва "ҳудҳуди сабо" ба ҳамин воқеа ишора кардааст.

*Мужда эй дил, ки дигар боди сабо боз омад,*
*Ҳуд ҳуди хушхабар аз тарфи Сабо боз омад [2, 49].*

***

*Эй ҳуд ҳуди сабо ба Сабо мефиристамат,*
*Бингар, ки аз куҷо ба куҷо мефиристамат [2, 27].*

**Ишораи муътақидона ба Мӯсо(а)**

Дар қиссаи Исо (а) гуфта мешаввад, ки кофирон аз ӯ хостанд, ки барои исботи даъваташ ва пайғамбар буданаш далелҳо биёварад. Пас Худованд ӯро ба муъҷизоте пуштибонӣ намуд. Ӯ аз гил парандае месохт ва дар он медамид ва он ба изни Худованд ҷон мегирифт ва парвоз мекард инчунин мурдагонро зинда мекард. Дар Қуръон дар сураи Моида ояи 110 аз ин муъҷизоти зикршуда ёд шудааст. Хоҷа бо овардани ибороти "файзи руҳул қудус" "дами Исои Марям" "Исо даме" дар абёти зерин ба муъҷизоти Исо (а) ишора менамояд.

*Файзи "руҳул қудус" ар боз мадад фармояд,*
*Дигаронҳам бикунанд ончи Масеҳо мекард [2, 35]*

***

*Бо ки ин нукта тавон гуфт, ки он сангиндил,*
*Кушт морову дами "Исии Марям" бо ӯст [2, 18].*

***

*Аз равони бахши "Исӣ" назанам дам ҳаргиз,*
*Зон, ки дар рӯҳи фазои чу лабат моҳир нест [2, 21].*

***

*Бори ғаме ки хотири мо хаста карда буд,*
*"Исо даме" Худо бифиристоду бар гирифт [26].*

***

*Ҳамеша вақти ту Эй "Исии собо" хуш бод,*
*Ки ҷони Ҳофизи дилсухта зинда шуд ба дамат [2, 28].*

***

*Ҷон рафт дар сари маю Ҳофиз ба ишқ сухт,*
*"Исидаме" куҷост, ки эҳёи мо кунад [2, 43]*

Ҳамчунин дар ғазалиёти Хоҷа Ҳофиз талмеҳоти зиёде ба қиссаи Юсуф ва Яъқуб дида мешавад, ки дарсураи "Юсуф" оёти 15, 16, 17, 18, 20, 23, 93, ба пурраги аз он ёд шудааст.

*Бубин ки себи знахдони ту чи мегуяд,*
*ҲазорЮсуфи Мисрӣ фитода дар чаҳи мост [2, 10].*

***

*Юсуфи азизам рафт эй бародарон раҳме,*
*К-аз ғамаш аҷаб бинам ҳоли пири канъонӣ [2, 100].*

***

*Піроҳане, ки омад аз он бӯи Юсуфам",*
*Тарсам бародарони ғаюраш қабо кунанд [2, 47].*

***

*Ин ки пирон сарам суҳбати" Юсуф" бинавохт,*
*Аҷри сабрест ки дар кулбаи Эҳзон кардам [2, 71].*

***

*Ёр мафрӯш ба дунё ки басе суд накард,*
*Он ки "Юсуф ба зари нимсара бифрухта буд" [2, 50].*

***

*Ман аз он ҳусни рӯзафзун, ки "Юсуф" дошт донистам,*
*Ки ишқ аз падаи исмат бурун орад "Зулайхоро" [2, 2].*

***

*Ҳофиз макун андеша ки он "Юсуфи маҳрӯ",*
*Боз ояду аз кулбаи маҳзун бадар ойи [2, 106].*

***

*Моҳи канъонии ман маснади Миср они ту шуд,*
*Вақти он аст, ки падруд куни зиндонро [2, 6].*

***

*Азизи миср ба рағми бародарони ғаюр,*
*Зи қаъри чоҳ баромад ба авҷи моҳ расид [2, 55].*

Ва ин ҳолат баёнгари он аст, ки Ҳофиз аз саргузашти ҳазрати Юсуф мутаассир гардидааст ва зиндагии ибратомӯзии ӯро манзури хонандагон намуда, босабрӣ ва накӯкориву некандеширо дар баробари тамоми бадиҳо яке аз хислатҳои аслии инсон медонад. Ба муаллим лозим аст, ки дар ин маврид ҳам аз Қуръону ҳадис ва ҳам аз китоби "Қасасуланбиё" ва боз қиссаҳои бадеии адибони ҷаҳон, ки достонҳои зиёди "Юсуф ва Зулайхо" офаридаанд, истифода кунанд.

**Талмеҳ ба ҳазрати хотам-ул-анбиё Муҳаммад (с).**

*Дар ин чаман касе гули бехор начид оре,*
*Чароғи мустафави бо шарори булаҳабист" [2, 19]*

Хоҷа Ҳофиз дар ин байт талмеҳан ба сураи Таббат ишора кардааст. Инчунин ишораест ба ҳадиси Пайғамбар (с) ки меармояд: "Сабр калиди кушоишҳост".

Ва чанд ишораи ғайри сареҳ ва эҳтимоли ба ҳазрати Расул(с)ҳаст:

*Ситорае бидурахшиду моҳи маҷлис шуд.*
*Дилирамидаи моро рафиқу мунис шуд,*
*Нигори ман, ба мактаб нарафту хат нанавишт,*
*Ба ғамза масъалаомӯзи сад мударрис шуд [1, 167].*

Қосим Ғанӣ ин ғазалро дар мадҳи шоҳ Шуҷоъ медонад ва дар бораи ӯ чунин менависад. "Албатта, он чи муаррихин, махсусан, онҳое ки муосир буда ё аз рӯйи навиштаи муосирин, роҷеъ ба фазл ва адаб ва шеър ва насри шоҳ Шуҷоъ чизе навиштаанд, муболаға кардаанд ва ба тавре ки аз мутолиаи назм ва насри ӯ бармеояд, ғолибан гуфтаҳояш суст ва гоҳе лафзу маънӣ дар ниҳояти сахофат аст ва ба ҳар ҳол наметавон ӯро ба адади гӯяндагони забони форсӣ даровард, вале қадри мусаллам ин аст, ки аҳли фазл ва донишро дӯст медошта, махсусан онҳоро муғтанам мешуморидааст. Ӯ соҳиби завқ ва қариҳаи табиӣ буда ҳуш ва хотираи қавӣ дошта ва он чи медониста ба мадади ҳамин ҳофизаи қавӣ буда, ва илло мадраса надида ва мартабаи шогирдӣ надоштааст, зеро ӯ амирзода ва аҳли разм буда ва аз даврони кӯдакӣ ҳамсафари падар ва шоҳиди майдонҳои ҷанг будааст. Ба ин ҳол чун ҳар вақт фурсате меёфта, бо аҳли фазл мусоҳабат мекарда ва ҳар чиро мешунида , хуб ба хотир месупурда, адиб ва донишманд ҷилва мекардааст. Вале бархе аз шореҳон аз ҷумлаи марҳум Ҳусайн Алии Ҳиравӣ бо таваҷҷуҳи ба уммӣ будани пайғомбари Ислом (с) ва ба қаринаи "ба мактаб нарафт" байтро дар бораи расули акрам (с) донистаанд ".

Дар ин байт ишора ба уммӣ будани пайғомбари Ислом Муҳаммад (с) мебошад, яъне зери мафҳуми "ситора" ва "нигори ман" Муҳаммад (с) дар назар аст. Зеро Ӯ шахси омӣ, яъне ба мактаб нарафта, нахонда, аз устоде сабақ нагирифта буд. Бо инояти Худованд соҳибилм гашта, Қуръон барояш нозил шуд. "Масъалаомӯзи сад мударрис шуд" ишорае ба донишмандии Хотамуланбиё (с) аст[1, 419].

**АДАБИЁТ:**

1. Шохи наботи Ҳофиз, "Шарҳи ғазалҳо бо муқаддима, талаффузи вожагони душвор, дурустхонии абёт ва фарҳанги истилоҳоти ирфонӣ" Барзгир Холиқӣ, Муҳаммадризо. Теҳрон: 1382,-1146
2. Ҳофиз ва Қуръон, бо эҳтимоми доктор Муртазо Зарғомфар//Интишороти Соиб.-Теҳрон, 1345.-149 с.
3. Партав Алавӣ "Тафсири сад байти Ҳофиз" таҳияи Аҳлиддини Ҳисорӣ.- Душанбе 1992,-16с
4. Қуръони Карим (матни асл ва тарҷумаи маънои он бо забони тоҷикӣ). Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии А И Ҷ Т Эр-граф Душанбе-2011. 604с.
5. Девони Ҳофизи Шерозӣ ба эҳтимоми Муҳаммад Қазвинӣ ва дуктур Қосим Ғанӣ. -Теҳрон, 1383- 495ғ.
6. Ҳофиз. Баҳоуддин Хурамшоҳӣ. Тарҳи нав. Теҳрон. 1373.-347с
7. Ҳақназаров Тоҳир. Қисаҳои Қуръонӣ. Қумитаи дин ва назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон// Паёми ошно.-Душанбе, 2010.-151с

**Мирзоев М.**

## ТАЪЛИМИ ҒАЗАЛИЁТИ ҲОФИЗ ВА ЗИКРИ ПАЙҒАМБАРОН ДАР ОНҲО

Дар мақола муаллиф оид ба таълими ғазалиёти Ҳофиз маълумот додааст. Аз ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ маълум аст, ӯ фақат як хонандаи маъмулии Қуръон нест.Ба омӯзгор лозим аст, ки дар ҷараёни таълими шеъри Ҳофиз пайваста бо китобу ривоятҳо доир ба таърихи пайдоиши Ислом, қиссаву саргузаштҳои пайғамбарон ва Қуръону аҳодиси набавӣ барои шогирдон иқтибосҳо биёварад. Ва таъсирпазирии Ҳофизро аз оёту ҳадис ҳамеша бо далелҳои қотеъ ба субут бирасонад, то ин ки дарс ҳадафмандонаву омӯзанда бошад.

**Калидвожаҳо:**Ҳофиз, ғазал талмеҳ, Қуръон, ҳадис, таълим.

**Мирзоев М.**

## ОБУЧЕНИЕ ГАЗЕЛИ ХАФИЗА И УПОМИНАНИЕ ПРОРОКОВ В НИХ

В статье автор даёт сведения об обучении газелей Хафиза. По газелям Хофиза Шерози понятно, что он не только читатель Карана. Для преподавателя нужно чтоб во время обучения поэзии Хофиза системно наставникам цитировать об истории появления религии Ислама, повествования и истории пророков, Коране, придание восходящее к пророку Мухаммаду. Чтоб урок был целесообразным и поучительным преподаватель по эффективности творчества Хафиза должен привести неоспоримые доказательства из оятов Корана и хадисов.

**Ключевые слова:** Хофиз, газель, указание, Каран, хадис, учеба.

**Mirzoev M.**

## TRAINING THE GASELS OF HAFIZ AND THE MENTION OF THE PROPHETS IN THEM

In the article, the author gives information about the instruction of ghazals of Hafiz. According to Hofiz Sherozy's ghazals, it is clear that he is not only a reader of Karan. For the teacher, it is necessary that while teaching Hofiz poetry, systematically mentors quote about the history of the emergence of the religion of Islam, the narration and history of the prophets, the Quran, imparting ascending to the prophet Muhammad. In order for the lesson to be expedient and instructive, the teacher on the effectiveness of the work of Hafiz must bring incontestable evidence from the verses of the Koran and the Hadith.

**Key words:** Hofiz, gazelle, instruction, Karan, Hadith, study.

**Сведения об авторе: Мирзоев Муслихиддин** – магистр Института языка и литературы имени Абуабдулло Рудаки АН РТ

**Information about the author: Mirzoyev Muslihiddin -** Master of the Institute of Language and Literature named after Abuabdullo Rudaki Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan

**Г. ДЖОНМАХМАДОВА**

# ПРИМЕНЕНИЕ ИННОВАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ НА УРОКАХ РУССКОГО ЯЗЫКА МАЛОКОМПЛЕКТНОЙ ШКОЛЫ В УСЛОВИЯХ РЕАЛИЗАЦИИ КОМПЕТЕНТНОСТНОГО ПОДХОДА

Современная образовательная система Республики Таджикистан ориентирована на вхождение в мировое образовательное пространство, что предполагает совершенствование и введение коренных изменений во все составляющие образовательной системы: корректировку целей обучения, изменение методических основ образования, совершенствование средств обучения, обеспечение преемственности обучения на всех этапах образовательной системы и пр. Проблема обновления образовательной системы республики, её реформирования обусловлена необходимостью воспитания высокоразвитой личности, нравственные качества и уровень профессиональной подготовки которой удовлетворяли бы потребности современного нашего общества.

В нормативно-правовых актах, принятие в Республике Таджикистан, касающиеся сферы образования («Государственная программа совершенствования преподавания и изучения русского и английского языков в РТ на 2015-2020 годы», «Программа инновационного развития Республики Таджикистан на 2011-2020 годы», «Программа компьютеризации основных и средних образовательных учреждений») определена главная задача образования – это создание государством необходимых условий для формирования и развития личности на основе национальной и мировой культуры, на основе общечеловеческих ценностей. Всё это обусловливает необходимость и обязательность внедрения в учебный процесс инноваций, применение новых подходов к организации обучения как в средних общеобразовательных учреждениях, так и в малокомплектных школах страны.

На сегодняшний день в законодательно-правовой сфере Республики Таджикистан в плане совершенствования преподавания и изучения русского языка сделано немало. В период 2004-2014 годов успешно было реализовано Постановление Правительства Республики Таджикистан от 02.12.2003 года, №508 «Об утверждении Государственной программы совершенствования и изучения русского и английского языков в образовательных учреждениях Республики Таджикистан на 2004-2014 годы». Само появление этого документа говорит о том, что государство в полной мере осознает необходимость через систему образования в целом и через качественное языковое обучение, в частности, обеспечить достойную жизнь и свободное развитие каждого члена своего общества.

В соответствии с Государственной программой современный уровень информационных и коммуникационных технологий социально-экономического развития требует поиска новых подходов к управлению сферой человеческого общения, в котором важная роль принадлежит языку. В Республике Таджикистан идёт продолжение госпрограммы и принята Государственная программа совершенствования преподавания и изучения русского и английского языков в Республике Таджикистан на 2015-2020 годы. Настоящая Программа определяет правовой, экономический и социальные основы, представляет собой основные положения совершенствования обучения русскому и английскому языкам в образовательном пространстве Республики Таджикистан в период 2015-2020 гг.

Понятие «инновационная педагогическая технология» включает в себя всё, что касается совершенствования учебного процесса.

Педагогическая технология – это исследование с целью выявления принципов и разработки приёмов оптимизации образовательного процесса путём анализа факторов, повышающих образовательную эффективность, путём конструирования и применения приёмов и материалов, а также посредством оценки применяемых методов.

В основе инновационного обучения лежат следующие технологии:

- проблемное обучение;
- проектное обучение;
- развитие критического мышления через чтение и письмо;
- технология модульного обучения;
- дифференцированный подход к обучению;
- информационно-коммуникационные технологии;
- игровые технологии и др.

В особых условиях работы в малокомплектной школе приходиться обращаться к методам и приёмам различных инновационных технологий. Наиболее употребляемые и удобные инновационные технологии на наш взгляд в сегодняшней жизни по русскому языку является компьютерная технология. Президент нашей страны Эмомали Рахмон почти в каждом выступлении уделяет данному вопросу самое серьёзное внимание и направляет деятельность Правительства республики на всемерное содействие развитию образования. В частности, он отмечает: «XXI век – это век информатики и новых технологий. Таджикистан не должен стать краем, куда можно будет «сбрасывать» устаревшие технологии. Чтобы этого не случилось, следует своевременно позаботиться о молодёжи, которая могла бы освоить новейшие достижения современной цивилизации на её ведущих языках и на основе самых передовых знаний у нас в стране и за рубежом». [6, 6].

Дидактические проблемы применения компьютерных технологий, методы и приёмы обучения с помощью компьютерных систем (компьютерная лингводидактика) рассматривались в трудах ведущих российских учёных Э.Г. Азимова, М.А. Бовтенко, А.В. Гарцова, Е.С. Полат, О.И. Руденко-Моргун, В.Г. Костомарова, О.Д. Митрофановой, А.Н Щукина, Е.И. Пассова, А.Р. Арутюнова, Т.М. Балыхиной, а также в трудах отечественных учёных Ф.Ш. Шарипова, С. Саидова, Х. Газиевой, А. Гараевой, Х. Ахмедова и др.

По мнению таджикского учёного Саидова С.А.: «Главным ускорителем развития государства становится информация. Информатизация общества, в свою очередь, практически невозможна без компьютеризации системы образования… Учитель должен увидеть, что новейшая технология помогает ему решить ряд педагогических задач обучения более эффективно (к примеру, раскрыть важность изучаемого учебного материала, повысить интенсивность его усвоения, развить и закрепить навыки коммуникативной работы, успешно управлять учебной деятельностью, быстро оценить результаты усвоения учебного материала, способствовать формированию у школьников рефлексии своей деятельности и т.д.). [9, 26].

Задачи, стоящие перед любым учителем - словесником усвоить и рационально внедрить в практику школьного обучения современные компьютерные технологии, сделать каждый урок привлекательным. При применении информационных технологий, предполагают работу с текстом, с художественным словом, с книгой и внедрение в преподавание русского языка компетентностный подход. Эти инновации коренным образом должны изменить представление учителя о его роли в учебном процессе, максимально усилить практическую направленность обучения и, соответственно, должны оказать положительное влияние на качество преподавания русского языка в малокомплектной школе. При этом следует твёрдо усвоить, что информационно-образовательные ресурсы не должны заменять педагогических технологий. Они призваны оптимизировать затраты педагога, разгрузить его и помочь учителю обеспечить сосредоточиться на индивидуальной и наиболее творческой работе – отвечать на непростые вопросы любознательных учеников и, наоборот, пытаться расшевелить пассивных учащихся. И, конечно, учить ребят видеть красоту, красоту окружающего мира, воспитывать гражданина, востребованную личность. А именно у учителя русского языка широкие возможности использовать ресурсы, богатый материал Интернета на каждую тему или, изучающий раздел.

Учителю русского языка следует сформировать прочные практические коммуникативные умения и навыки, обогатить словарный запас учащихся, научить их учиться русскому языку, русской речи, с помощью компьютерной технологии. Например, учитель русского языка малокомплектной школы может работать на компьютере с

тестами, выполняя задания на интерактивной доске, в результате дети проявляют неподдельный интерес, а элемент новизны способствует усилению внешней и внутренней мотивации обучения школьников. Привожу пример: образцы тестовых заданий закрытого типа, которых может использовать учитель русского языка после чтения текста, при закреплении темы в 4-ом классе. Когда учащиеся 2-го класса работают с учителем, учащиеся 4-го класса самостоятельно могут выполнять тестовые задания по тексту «Доброе слово» (стр. 103-104). На интерактивной доске дети читают тестовые задания, и чтобы сэкономить время, они в своих тетрадях могут отмечать только правильный вариант (например, А.). Если учащиеся внимательно прочитали текст, то они быстро смогут определить правильные варианты. Учитель на своё усмотрение может или сократить или добавить задания с учётом индивидуальных особенностей и уровня подготовленности учащихся данного класса.

**Задание 1. Что случилось с Олей?**

А. простудилась и пошла к прабабушке

Б. *простудилась и заболела*

В. заболела и поднялась с постели

**Задание 2. Кто приходил к Оле, когда она заболела?**

А. *тёти, дяди, бабушки, дедушки*

Б. подруги, дяди, бабушки, дедушки

В. дяди, бабушки, дедушки, соседи

**Задание 3. Что приносили маленькой Оле?**

А. ягоды, колбасу, конфеты

Б. *мёд, ягоды, орехи*

В. конфеты, мёд, ягоды

**Задание 4. Какой подарок принесла прабабушка?**

А. *сердечное желание: чтобы ты, мой цветочек выздоровела и радовалась солнцу ясному*

Б. сердечное желание: чтобы ты, мой цветочек выздоровела и радовалась солнцу и птичкам

В. сердечное желание: чтобы ты, мой цветочек выздоровела и радовалась жизни

**Задание 5. Чего не хватало Оле?**

А. доброго взгляда

Б. доброго желания

В. *доброго слова*

*Задание 6. Найдите вариант, в котором помещены вежливые слова:*

А. пожалуйста, здравствуйте, спасибо

*Б. огонёк, добрый день, радость*

В. до свидания, возьмите, родственники

А для учащихся второго класса, когда учитель работает с учащимися 4-го класса, в качестве самостоятельной работы можно предложить путём показа на электронной доске задания характерные детям этого возраста. Многие задания могут быть иллюстрированы рисунками, их включение обосновано психологическими особенностями детей данной возрастной категории, а также игровой, занимательной формой.

На сегодняшний день и в малокомплектной школе требуются новые подходы к сохранению, эффективному использованию, развитию материальной базы сельских школ. Если в каждой сельской малокомплектной школе были бы компьютеры, ноутбуки, наглядные пособия, выход в Интернет… Конечно, малокомплектная школа имеет свои минусы: малочисленность, удаленность от культурно-просветительных благ. Поэтому перед учителями стоит трудная задача: компенсировать эти недостатки, чтобы наши ученики, окончив школу, не чувствовали себя ущербными только потому, что учились в сельской малокомплектной школе.

Компьютерные технологии эффективно использовать на всех уроках русского языка, как в средних общеобразовательных учреждениях, так и малокомплектных школах: при изучении нового материала, на повторительно-обобщающих уроках и других типах уроков; на различных этапах урока: на этапах орфографической разминки, закрепления

новой темы, проведения самостоятельной работы. При этом для ученика техника выполняет различные функции: учителя, рабочего инструмента, объекта обучения.

Самое элементарное применение компьютера учащимися - это редактирование текстов учащимися, набор текстов своих творческих работ, рефераты, своих стихов, составление сборников, создание компьютерных рисунков, составление словариков, просмотр русских сказок по интернету. Учащиеся средних классов оформляют свои доклады, рефераты с помощью компьютера, делают сами рисунки, схемы, помогают делать тесты, слайды, дидактический материал. Надо отметить, что школьникам нравится выполнять задания на компьютере. Это тот самый случай, когда приятное соединяется с полезным.

Компьютерное обучение в школьной системе создаёт благотворную атмосферу общения на уроке, развивает мировоззрение и интеллект учащихся, не вызывает физического перенапряжения, а наоборот, усиливает мотивацию в приобретении знаний, оказывает положительное влияние на развитие мышления, что в конечном счёте сказывается на овладении неродным (русским) языком.

Компьютерные технологии в процессе обучения русскому языку по сравнению с традиционными средствами обучения имеют определённые преимущества, связанные с воспроизведением устной и письменной речи через её визуализацию и озвучивание, с одновременным использованием разных форматов предъявления учебной информации и интерактивностью обучения. [9, 17].

Использование компьютерных технологий в работе с художественными, научно-популярными и познавательными текстами, которые составляют основу наших учебников по русскому языку, имеет следующие преимущества: а) беседы, диалоги, диспуты, дискуссии, ответы на вопросы, презентуемые с помощью компьютера, они развивают коммуникативные способности школьников; б) наблюдение изучаемого языкового явления в процессе усвоения содержания и интерпретации текста помогает школьникам пополнить словарный запас, использовать новые слова и выражения в устной и письменной речи; в) демонстрация наглядности, соответствующей тексту, рисунков, схем и таблиц-с помощью мультимедиа способствует лучшему усвоению изучаемого материала, практическому овладению языком в различных условиях его применения; г) работа с художественным текстом способна развить чуткость к русскому языку, раскрыть его (текста) глубинные смысловые пласты, воспринять интонационно-ритмический строй неродного языка, поскольку использование компьютера обеспечивает качественное прослушивание аудиоматериалов и просмотр видеоматериалов. [2, 284].

Работа с обучающими компьютерными программами на уроках русского языка, кроме усиления мотивации учения, позволяет также индивидуализировать и дифференцировать процесс обучения, реализует интерактивный диалог, что в конечном итоге способствует эффективному достижению основной цели обучения - овладению русским языком.

Программированный контроль знаний, умений и навыков учащихся, осуществляемый с помощью тестовых заданий, позволяет корректировать содержание учебной работы на уроках, объективно оценивать знания каждого школьника, помогает учителю индивидуализировать процесс обучения.

Использование компьютерных дидактических материалов в овладении русским языком интенсифицирует процесс обучения, повышает его качество на всех ступенях образовательной системы, позволяет педагогам совершенствовать содержание, методы и организационные формы обучения, развивает интеллектуальные возможности учащихся.

Применение компьютерной технологии в преподавании русского языка как неродной в малокомплектной школе способствует совершенствованию практических умений и навыков, позволяет эффективнее организовать самостоятельную работу и индивидуализировать процесс обучения, повышает интерес к урокам словесности, активизирует познавательную деятельность учащихся и развивает творческий потенциал, требует от учителя специальных знаний и умений, позволяющих на практике творчески

сочетать знания и умения по информатике с прекрасным знанием методических особенностей обучения русской речи.

Применение компьютерной технологии в обучении русскому языку как неродному, по мнению учёного С. Саидова, способствует не только усвоению лингвистических знаний, формированию коммуникативных умений и навыков, но и развитию у школьников ещё более глубоких и ценных черт личности, социально значимых способностей, которые имеют первостепенную важность в нашем информационном веке [9: 59-60].

Обучение учащихся русскому языку с применением компьютера усиливает мотивацию учения, а цвет, мультипликация, музыка, изображения и звучащая речь расширяют возможности предъявлений информации.

Подготовка и проведение урока русского языка с компьютерной поддержкой требуют от учителя русского языка малокомплектной школы очень много времени и терпения, создают некоторые неудобства организационного характера, так как он почти всегда укомплектует классы (2-4 кл., 2-3-4 кл.) целесообразнее делить задания по классам, но это не всегда удаётся. Но зато такие уроки приносят большое удовлетворение и ученикам, и учителю.

Использование инновационных технологий в учебном процессе позволяет активизировать мыслительную деятельность учащихся, способствует развитию речевых навыков, формируются аналитические способности учащихся, повышается качество и прочность полученных знаний. Итак, считаю, что в XXI веке, веке информатизации всех сфер жизнедеятельности людей, использование информационных, компьютерных технологий в сфере образования является необходимостью, способной подготовить учащихся к жизни и работе в современном информационном обществе.

## ЛИТЕРАТУРА:

1.Гусейнова Т.В. Новые проблемы коммуникативно-направленного обучения русскому зыку в таджикской школе //Русский язык и литература в таджикской школе. 1992. - № 5. - С. 6-10.

2. Джонмахмадова Г.Ш. Современные компьютерные технологии в школьном образовании как инновационная форма обучения. // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). – 2015. – №3/10 (188). – С. 280-286. – ISSN 2074-1847

3.Кострикова М.В. Русская речь – 4. Учебник для 4-го класса школ с таджикским языком обучения / М.В. Кострикова. – Душанбе: Офсет, 2013. – 287 с.

4.Левитес Д. Г., Практика обучения: современные образовательные технологии./ Книга для учителя. Мурманск, 1997.

5.Программа по русскому языку для общеобразовательных школ с таджикским языком обучения (2-11 классы). – Душанбе, 2008. -124 с.

6. Рахмонов Э.Ш. Таджикистан на пороге века. -Душанбе: Шарки озод, 2001. - 67 с.

7. Роберт И.В. Современные информационные технологии в образовании. Дидактические проблемы, перспективы использования. – М.: Школа-Пресс, 1994.

8. Руденко-Моргун О.И., Дунаева Л.А., Архангельская А.Д., Шоркина Е.Н. Компьютер инструмент преподавателя русского языка как иностранного //http://www. ito.edu.ru/2003/1/3/l-3-2703.html.

9. Саидов С.А. Педагогические особенности применения компьютерных технологий в школьном обучении /С.А. Саидов /Дисс. … канд. пед. наук.– Душанбе, 2012. – 215с.

**Джонмахмадова Г.Ш.**

## ПРИМЕНЕНИЕ ИННОВАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ НА УРОКАХ РУССКОГО ЯЗЫКА МАЛОКОМПЛЕКТНОЙ ШКОЛЫ В УСЛОВИЯХ РЕАЛИЗАЦИИ КОМПЕТЕНТНОСТНОГО ПОДХОДА

В предложенной статье анализируется процесс внедрения информационных технологий, рассматриваются пути и способы использования информационных компьютерных технологий, способствующие повышению интенсивности, качества учебного процесса и развитию профессиональной компетенции учителей русского языка малокомплектной школы. По мнению

автора, на современном этапе переход на новый компьютерный уровень общества не может осуществляться без использования компьютерных технологий обучения. Систематическое и эффективное использование информационных и коммуникационных технологий в ходе уроков обеспечивает качество обучения и высокого уровня познания учащихся. Автор делает вывод, что компьютер занимает место универсального средства обучения, за последние несколько лет компьютеризация образования значительно повлияла на скорость и качество обучения, а также на заинтересованность учащихся в образовательном процессе. Компьютерные технологии дополняют традиционное обучение русского языка. В сфере образования обнаруживается тенденция к увеличению роли программных средств и продуктов для повышения качества обучения.

**Ключевые слова:** компьютерная технология, применение, специальные знания и умения, малокомплектная школа, коммуникативные способности, процесс обучения, практические умения, тестовые задания.

**Ҷонмаҳмадова Г. Ш.**

## ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОНИ РУСИИ МАКТАБИ КАМНУФУС ДАР ШАРОИТИ ТАТБИҚИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ

Дар мақолаи пешниҳодгардида муаллиф раванди ҷорӣ кардани технологияи иттилотиро таҳлил карда, роҳҳо ва усулҳои истифодаи технологияи компьютериро, ки ба баланд бардоштани сифат ва самаранокии раванди таълим ва рущди салоҳиятнокии касбии омӯзгорони забони русии мактабҳои камнуфус мусоидат мекунад мавриди баррасӣ баррасӣ қарор додаст. Муаллиф дар маколааш роххо ва тарзхои истифодаи технологияи иттилооотию иртиботиро дар ташаккули салохиятнокии касбии омузгорони забони руси барраси намудааст. Ба андешаи муаллиф дар замони муосир гузариш барои таъмини сатҳи баланди касбӣ ва таълими истифодаи технологияи компютерӣ тақозои замон аст. Истифодаи мунтазам ва самараноки технологияи иттилоотию иртиботӣ дар чараёни дарсхо таъмингари сифати таълим ва сатхи баланди донишандӯзии хонанадагон ба ҳисоб меравад. Муаллиф хулосабарорӣ карда, чунин меҳисобад, ки компьютер ҷойи воситаи ҳаматарафаи таълимро ишғол намуда, дар якчанд соли охир компютеркунонии таҳсилот ба суръат ва сифати таълим, инчунин шавқу завқи хонандагон ба раванди таълим таъсир мерасонад. Технологияи компютерӣ таълими анъанавии забони русиро мукаммал, пурра менамояд. Дар соҳаи маориф тамоюл ба нақши воситаҳои барномавӣ ва маҳсул, натиҷаи он барои баланд бардоштани сифати таълим зоҳир мегардад.

**Калидвожахо*:*** технологияи компютери, истифода кардан, донишу малакаи махсус, мактаби камнуфус, қобилияти коммуникативӣ, раванди таълим, маҳорати амалӣ, супоришхои тестӣ.

**Jonmahmadova G. Sh.**

## APPLICATION OF INNOVATIVE TECHNOLOGIES IN THE LESSONS OF THE RUSSIAN LANGUAGE OF A SMALL COMPLEX SCHOOL IN THE CONDITIONS OF IMPLEMENTATION OF THE COMPETENCE APPROACH

The proposed article analyzes the process of introducing information technologies, discusses the ways and means of using information computer technologies that contribute to the increase in the intensity, quality of the educational process and the development of the professional competence of teachers of the Russian language of a small school. According to the author, at the present stage, the transition to a new computer level of society can not be carried out without the use of computer technology training. The systematic and effective use of information and communication technologies during the lessons ensures the quality of training and a high level of student knowledge. The author concludes that the computer takes the place of a universal teaching tool, over the past few years the computerization of education has significantly influenced the speed and quality of education, as well as the interest of students in the educational process. Computer technology complements the traditional learning of the Russian language. In the field of education, there is a tendency to increase the role of software and products to improve the quality of education.

**Keywords:** computer technology, application, special knowledge and skills, ungraded school, communication skills, learning process, practical skills, test tasks.

**Сведения об авторе: Джонмахмадова Г.Ш.** – старший научный сотрудник Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. Айни 45.

**Information about the author: Jonmahmadova G.Sh**. - Senior Researcher, Institute of Development of Education named after Abdurakhman Jami of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, Ayni 45.

**Ш. ХОЛИҚОВА**

## БАЪЗЕ РОҲҲОИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ШАХСИЯТИИ ДОНИШҶУЁН

Дар давраи нави ташаккули ҷомеи муосир ва муносибатҳои бозорӣ дар сатҳи зарурӣ боло бардоштани ҳаёти иҷтимоиву фарҳангии кишвар эҳтиёҷ ба мутахассисоне, ки дорои кобилияту малакаи мустақилона қабул намудани қарорҳо, андешаҳои солими созанда, дорои дониши амиқ, ки дар таҷриба онро амалӣ карда тавонанд ва бо сифати босалоҳият мусаллаҳ бошанд, ба миён омадааст. Салоҳиятнокӣ бошад дар раванди таълиму донишандӯзии ҳаррӯза, саҳеҳтар агар бигӯем, дар дар давоми ҳаёт рушд мeёбад.

Ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фазои ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ба имзо расонидани як қатор санадҳои байналмилалӣ, созишномаҳои ҳамкорию ҳамгироӣ ҷиҳати ҷорӣ намудани низоми нави таълим, ки мутобиқи тамоилоти ҷаҳони муосир на ба дониш, балки ба салоҳиятнокӣ асос ёфтааст, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012, №334 дар бораи тасдиқи «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020»[5] оғоз гардид. Дар ин санад вобаста ба таҳсилоти босалоҳият дар тамоми зинаҳои таҳсилот, аз ҷумла оид ба низоми таҳсилоти олии касбӣ, ки татбиқи муносибати босалоҳият ба таълимро дар тамоми зинаҳои он (бакалавриат, мутахассис, магистратура) тақозо мекунад ва дар ташаккули салоҳиятҳои донишҷӯён барои мутахассиси соҳаи интихобкарда имконияти азхуд намудани салоҳияту малакаҳои асосии иҷтимоиро, ба монанди қабули масъулиятнокии қарорҳо ва банақшагирии пешравӣ дар касб, илмомӯзӣ дар давоми тамоми ҳаёт, салоҳияти алоқадорӣ, тайёрии касбии дар бозори меҳнат талаботдошта, донишу малакаи барои худтакмилдиҳӣ зарур, малакаи тарзи солими ҳаёт, арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ғайраро таъмин ва танзим мекунад.

Зарурати ислоҳоти соҳаи маориф бо назардошти талаботи муносибати босалоҳият ба таълим ба омилҳои дохилӣ ва берунии таҳсилот вобастагии қавӣ дорад ва он тамоили муҳим дар фазои ягонаи таҳсилот ба шумор рафта, мухолифати байни талаботи барномаро бо эҳтиёҷоти ҷомеаро аз байн бурда, талаботи нав барои баланд бардоштани сифати таҳсилот дар сатҳи стандартҳои байналмилалӣ ва таҳия ва татбиқи муносибати босалоҳият ба таълимро ба вуҷуд меорад

Чи хеле ки ба ҳамагон маълум аст, “салоҳият”- ро таълим намедиҳанд, балки салоҳият дар натиҷаи азхуд кардани дониш, малака ва маҳоратҳо ташаккул ёфта, он натиҷаи амалии дониш, малака ва маҳорат мебошад.

Дар ҷаҳони муосири зудтағйирёбанда ва пур аз тазодҳо донишҷӯёни замони нав бояд сифатҳои шахсиятии ташаббускорӣ, навоварӣ, татбиқсозӣ, тағйирпазирӣ, уҳдабароӣ, масъулиятшиносӣ ва созандагию бунёдкориро дошта бошанд. Онҳо бояд шахсони бомаърифати аз ҷиҳати маънавӣ-ахлоқӣ устувор ва кордоне ба воя расанд, ки роҳҳои дастрас кардани ахбор (маълумот)-ро тавассути воситаҳои гуногун интихоб намуда, онро таҳлилу арзёбӣ карда тавонанд, масъалаҳои мураккаби олами атрофро дарк кунанд, мушкилиҳои гуногуни таълимию ҳаётиро пешгӯйӣ ва ҳал карда тавонанд, масъулияти худро дар назди оила, аҳли ҷомеа ва кишвар эҳсос намоянд ва пайваста пайи такмили салоҳиятҳои шахсии худ саъй кунанд.

Яке аз роҳҳои рушди шахсияти донишҷӯён зимни татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим ин касб намудани салоҳиятҳои калидиро тақозо менамояд. А.В. Хуторской салоҳиятҳои калидиро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудааст:

1. Салоҳияиҳои арзишӣ мафкуравӣ (ценностно-смысловая компетенция);
2. Салоҳиятҳоим умумифарҳангӣ (общекультурная компетенция);
3. Салоҳияти таълимӣ маърифатӣ (учебно-познавательная компетенция);
4. Салоҳияти иттилоотӣ (информационная компетенция);

[5] Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012, №334 тасдиқ шудааст.

5. Салоҳияти коммуникативӣ (коммуникативная компетенция);

6. Салоҳияти иҷтимоӣ меҳнатӣ (социально-трудовая компетенция);

7. Салоҳияти худтакомулдиҳии шахсиятӣ (компетенция личностного самосовершенствования).

Дар байни онҳо салоҳияти худтакомулдиҳии шахсиятӣ дар ташаккули салоҳиятҳои шахсиятии донишҷуён муҳим мебошад, бинобар дар шарҳи он истода мегузарем. Донишҷӯён ва хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки дорои чунин салоҳиятҳо гарданд, дар ҷомеаи муосир хусусият ва хислатҳои шахсиятро соҳиб мешаванд. Барои мутахассиси ҷавон доштани салоҳияти худтакомулдиҳии шахсӣ арзиши бузургро соҳиб аст. Роҷеъ ба ин ҳанӯз Абушакури Балхӣ - шоири тарбиятгар ва закӣ дар асрҳои пешин гуфта буд:

*Кушода шавад кор чун сахт баст,*
*Кадомин баланд аст нобуда паст.*

Яъне, барои ба куллаи баланди мақсад расидан бояд саъйу кӯшиши зиёд ба харҷ дод. Донишҷуёни замони муосир - замони инкишофи босуръати муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва пешрафти илму технология, воридшавӣ ба фазои ягонаи иттилоотӣ бояд ҳам бо донишҳои нави назариявӣ ва ҳам амалӣ мусаллаҳ бошанд. Албаттта барои ба он соҳиб шудан хар як донишҷӯ бояд дорои салоҳиятҳои шахсӣ - фардӣ ва шахсӣ- касбӣ бошад ва бо нерӯи тафаккур ва бардоштҳое, ки аз таҷриба дорад, имкон пайдо кунад, ки дар оянда муҳимтарин масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва адабиву фарҳангиро мустақилона ҳаллу фасл намояд, баҳои воқеӣ диҳад, хулосаҳои дуруст бардорад ва дар рушди ҷомеа ҳиссаи сазовор ва созанда дошта бошад.

Бояд таъкид намуд, ки зери мафҳуми салоҳияти шахсии (Personal kompetenz) донишҷӯён ду сифат: касбӣ ва шахсӣ, ки барои соҳибтахассус гардидани онҳо ногузир аст, фаҳмида мешавад. Ба талаботи имрӯзаи муосир такя намуда донишҷӯён - мутахассисони замони нав бояд роҳҳои асосии ташаккули салоҳиятнокии касбӣ ва шахсии худро мустақилона ҷустуҷӯ ва пайдо намоянд. Барои ин ба онҳо зарур аст:

- бояд эҷодкору навовар ва таҳқиқотчӣ бошанд;
- воситаҳои технологияи нави муосир, интернетро самарабахш истифода бурда тавонанд;
- дониши назариявии худро дар таҷриба ва амал тадбиқ карда тавонанд;
- барои ташаккули салоҳиятноки шахсии худ бояд зинахо ва нақшаи муайяни ба мақсад расиданро таҳия карда бошанд, яъне бояд босалоҳият бошанд, ҳисси худшиносӣ ва масъулиятшиносиашон бедор бошад, ба кору амали худ баҳои воқеӣ дода тавонанд;
- барои ба максад ноил шудан, ба нақша гирифтани кору фаъолияти худ роҳҳо ва вазифаҳои дар наздашон гузоштаро муаяйн карда тавонанд;
- худро дар хама ҳолату вазъиятҳои ба вуқӯъомада идора карда тавонанд, масъалаҳои бамиёномадаро дар ҷояш ҳаллу фасл карда тавониста, ба он баҳои воқеӣ диҳанд ва хулосаи дуруст бароранд.

Роҷеъ ба худтакомулдиҳии пайвастаи донишомӯзон як қиссаро аз таърихи илму фарҳанги миллатамон мехостем ёдовар шавем. Мутафаккири тоҷик Абдураҳмони Ҷомӣ, ки дар Ҳирот, дар мадрасаи Низомия таҳсили илм мекард, дар назди донишманди маъруфи он замон Шаҳобиддин Муҳаммади Ҷоҷармӣ сабақ гирифта, қобилияту истеъдоди донишандӯзии нотакрор ва азимро зоҳир намуд. Ӯ дорои хислати наҷибе буд ба ҳар чиз, ба ҳар як ҳодисаву воқеа бо назари кунҷковиву мушоҳидакорӣ менигарист ва дар баҳсу музокираҳо орому ботамкин ва бо андешаву фикрҳои бикр суханронӣ мекард ва ҳамеша ғолиб мебаромад ва устодони донишманд дар доноиву оқилии шогирди худ ангушти ҳайрат мегазиданд Дар ин хусус Зайниддин Маҳмуди Восифӣ дар асари худ «Бадоеъулвакоеъ» нақли аҷиберо дар ҳикояи «Хамсаи муҳайира» (Панҷгонаи ҳайратангез)[6] меоварад, ки мазмуни он чунин аст: Устод Мавлоно Муҳаммадҳоҷӣ ба панҷ нафар – Мавлоно Абдураҳмон, Мавлоно Камолиддин Шайҳусайн, Мавлоно Шамсуддин,

[6] С. Айнӣ "Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ», Душанбе:Нашриёти Ирфон, 1985. – С. 301-310.

Мавлоно Довуд ва Мавлоно Муини Тунӣ ном шогирдони худ асари олими машҳур «Шарҳи таҷрид» - и Мавлоно Алии Қӯшчиро тадрис мекард. Ҳангоми шарҳу маънидоди баъзе масъалаҳои асар дар байни устоду шогирдон баҳсу мунозираҳои илмӣ ба миён меомаданд ва бештар дар ин мунозираҳо шогирдон ғолиб мебаромаданд, ки ин боиси ба андеша рафтани Мавлоно Муҳаммадҳоҷӣ гардид ва ӯ азм намуд тадбиреро пеш гирад, яъне худро бемор созад, то шогирдонаш дар кӯи бекорӣ ва дар истироҳат бошанду ӯ дар ин муддат шабу рӯз дар мутолиа бошад ва дониши худро афзун намуда бо тайёрии бештар назди шогирдон ояд ва ба тадрис машғул гардад. Ва чун ин устоди дар банди хаёл афтида бо ин сабабу мақсад шогирдонро ба мӯҳлати 40 рӯз ҷавоб дод, шогирдони доно ва закӣ муроду мақсади бемории устоди худро пайхас намуда, қавл доданд, ки онҳо низ дар муддати 40 рӯз аз мутолиа даст намебардоранд ва қарор доданд, ки ҳар рӯз дар масҷиди ҷомеи Маликон ҷамъ меоянд ва бонавбат тадрис мекунанд.

Мавлоно Ҷочармӣ шабу рӯз пайваста дар мутолиа буд ва барои шогирдони саволу супоришҳои ниҳоят душворро тайёр намуд. Ӯ аз он хурсанд буд ва боварии комил дошт, ки дар илму дониш аз шогирдон хеле боло рафтааст. Ниҳоят рӯзи 40-ум хабари сиҳатии устод ба гӯши шогирдон мерасад ва онҳо ба мадраса ҳозир мешаванд. Мавлоно бо дили пур ба шарҳи як масъалаи мураккаб ва сарпечида оғоз менамояд, шогирдон бошанд бо ҳозирҷавобӣ ва дониши худ устодро дар тааҷҷуб мегузоранд. Чун аз он ки шогирдон дар ин муддат фориғболӣ нанамуданд, балки дар мутолиа буданд, хушҳол мешавад ва ба шогирдон дуои нек ва роҳи сафед металабад. Чанде пас Абдураҳмони Ҷомӣ ва он чор нафар шарикдарсони ӯ, ки зикрашон рафт, дар ҳақиқат олимони машҳури замони худ шуданд.

Мурод аз овардани ин ҳикоя он он аст, ки мероси адабӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар замони имрӯз ҳам арзиш ва рисолати худро гум накарда, барои тарбияи инсони комил ва соҳибкасб хизмати арзандаро бу дӯш дорад. Ва истифода аз ин арзишҳо имкон медиҳад, ки барои таълиму тадриси донишҷӯён дар низоми татбиқи босалоҳият дар таълим ва тарғибу ташвиқи онҳо ба ҳудтакомулдиҳӣ ва такмили махорату қобилияти шахсӣ ва касбии худ ба таври самаранок мавриди истифода қарор дода шаванд.

## АДАБИЁТ:


1. Айнӣ С. Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ, Душанбе: Нашриёти Ирфон, 1985.- С. 301-310.
2. Дьячкова Л.Г. Вуз и работодатель: практика компетентностного подхода становлению молодого специалиста / Л.Г. Дьячкова //Стандарты и мониторинг в образовании, 2006.-№5.- С. 46-50.
3. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012, №334 тасдиқ шудааст.
4. Хуторской А.В. Определение общепредметного содержания и ключевых компетенций как характеристика нового подхода к конструированию образовательных стандартов.- http://www.eidos.ru/journal/2002/0423.htm.
5. ТуроновС. Муносибати босалоҳият дар таҳсилоти касбӣ, Душанбе: 2018.-125с.


**Холиқова Ш.Қ.**

# БАЪЗЕ РОҲҲОИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ШАХСИЯТИИ ДОНИШҶУЁН

Дар мақолаи мазкур муаллиф дар асоси коркардҳои илмию педагогӣ, бо овардани намунаҳо аз мероси адабии шоирони мутафаккирони тоҷик ва таҳлили баъзе роҳҳои ташаккули салоҳиятҳои шахсиятии донишҷӯён муҳиммияти худтакомулдиҳии донишҷӯёнро бо роҳи худомӯзӣ расидан ба мақсади гузошташуда ва сайқал додани касбияти худ қайд менамояд.

**Калидвожаҳо:** донишҷӯён, таҳсилот, таълим, салоҳият, дониш, масъала, шоирон, усул.

**Холикова Ш.К.**

## НЕКОТОРЫЕ ПУТИ ФОРМИРОВАНИЯ ЛИЧНОСТНЫХ КОМПЕТЕНЦИЙ СТУДЕНТОВ

В данной статье автор на основе научно-педагогических разработок, приведя примеры из творческого наследия таджикских поэтов-философов и проанализировав некоторые пути формирования личностных компетенций студентов, отмечает важность самосовершенствования студентов путем личностного самообразования для достижения поставленных целей и профессионализма.

**Ключевые слова:** учащийся, образование, обучение, компетентность, знание, проблема, метод.

**Kholikova Sh.K.**

## SOME WAYS OF FORMING STUDENTS' PERSONAL COMPETENCIES

In this article, the author, on the basis of scientific and pedagogical developments, citing examples from the creative heritage of Tajik poets and philosophers and analyzing some ways of shaping students 'personal competences, notes the importance of students' self-improvement through personal self-education for achieving their goals and professionalism.

**Keywords:** student, education, training, competence, knowledge, problem, method.

**Сведения об авторе: Холиқова Шоира Кодировна** – научный секретарь Института развития образования имени А. Джами Академии образования Таджикистан, адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Айни, 45.

**Information about the author: Kholikova Shoira Kodirovna** - Scientific Secretary of the Institute for Educational Development Abdurahmon Jomi of the Academy of Education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 45 C. Aini St.

**Ф. ҲАСАНОВ**

# РОҲУ УСУЛҲОИ САМАРАБАХШИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ

Таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таълимӣ раванди мақсаднок буда, барои ҳалли як қатор масоили мубраму ба ҳам алоқаманд равона карда мешавад. Забони англисӣ дар муошпрати байни инсонҳо дар замони муосир на танҳо системаи аломатҳоро дар бар мегирад, балки ҳамчун воситаи ташаккули ҷаҳонбинӣ, худмаърифатӣ, ҳувияти миллии хонандагонро муайян мекунад. Барои ноил гардидан ба ин омӯзгор дар баробари омӯзиши забон бояд барои рушди эмотсионалӣ, маънавию ахлоқӣ, эҷодӣ ва маърифатии таълимгирандагон шароит фароҳам оварад. Омӯзиши забони англисӣ дар сурате самара мебахшад, ки агар дар раванди таълим ҳам аз методҳои анъанавӣ ва ҳам аз тарзу усули нави таълим, ки мақсад дар ҳарду самт ҳам маҳз ба ташаккулу такмили салоҳиятҳои коммуникативии забони хориҷӣ равона карда мешаванд, ҳампоя истифода бурда шавад. Муҳаққиқи забоншинос Якушина Л.З иброз медорад, ки махсусияти раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар равишҳои муоширатӣ доштани он зоҳир мегардад. Дар дарсҳои забони хориҷӣ пеш аз ҳама малакаи амалан истифода бурдан аз забони хориҷӣ ҳамчун воситаи муошират ташаккул мёбад ва ин малакаҳо ҳамзамон дар як вақт бо аз худ кардани воситаҳои забони хориҷӣ-матнҳо рушд мекунанд.(15,10). Аз ин бармеояд, ки муошират бо забони омӯхташаванда мақсади ниҳоии таълим буда, ташаккули салоҳиятҳои муоширатӣ-коммуникативиро, ки ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи робитаи забонию иҷтимоӣ миқдори муайяни донишҳои забонӣ ва иҷтимоиро дар ҳамгироӣ бо малака ва маҳорат дар бар мегирад, ифода менамоянд ва ин салоҳиятҳо ҳамчун қобилияти фард барои ҳалли ин ё он масъала дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт ва вазъиятҳои муошират тавассути воситаҳои забон муайян карда мешаванд. Ба мазмуни умумиаш "салоҳиятҳои коммуникативӣ ҳамчун қобилияти фард барои ҳалли ин ё он масъалаи ё худ вазифаи муошират дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт ва ҳолатҳои муошират тавассути воситаҳои забон муайян карда мешаванд". ( 14,140). Ба ҳамин тариқ, мафҳуми муошырати коммуникативӣ мафҳуми салоҳияти забоншиносиро рушду такомул медиҳад ва роҳҳои ташаккули ин салоҳиятҳоро муҳаққиқони забоншинос тибқи назарияи муносибати босалоҳият ба таълим ба ду қисмат:-омӯзиши забон тибқи тартиботи мухтасари маъмули муошират; -аз худ намудани падидаҳои забон тибқи салоҳиятҳо, ба ибора салоҳиятҳои фаннӣ, ки рукнҳои асосии он аз донишҷӯён омода будан барои ҳалли мушкилот; омода будан ба фаъолияти маърифатии мустақилона; омодагӣ ба коммуникатсия (муошират); омодагӣ барои истифода бурдани технологияи иттилоотӣ-коммуникативӣ; омодагӣ ба ҳамкориҳои иҷтимоӣ; омодагӣ барои худтакмилдиҳӣ, худмуайянкунӣ, худамаликуниро тақозо дорад, ҷудо намудаанд. Дар ин ҷода масъалаи мубрам барои таълигирандагон дар хотир нигоҳ доштани воҳидҳои нави забонӣ, яъне калимаҳои нав, қироат ва дарк кардани матн, истифода бурда тавонистани воситаҳои коммуникативӣ, технологияҳои нави компутерӣ, мутобиқ гардидан ба фазои нави иттилооти ҷаҳони муосир, лаҳза ба лаҳза баланд бардоштани савияи донишу малакаи забоназхудкунӣ маҳсуб мёбад. Барои ноил гардидан ба ин мақсадҳо "зарур аст, ки донишҷӯ дар машғулиятҳо бо ҳамкурсон муошират намояд ва бо онҳо маводи омӯзиширо тафсир карда тавонад, яъне ташкили усулҳои коммуникативӣ дар машғулиятҳо донишҷӯро ба зоҳир намудани шахсияти худ дар ҷомеа омода менамояд" (5,15). Барои ғанӣ гардонидани таркиби луғавӣ ва васеъ намудани ҷаҳонбинӣ ҷиҳати забономӯзӣ истифода аз тарзу усулҳои (стратегияҳои) маъмулу нави зеринро дар таълими забони англисӣ мувофиқи мақсад шумоpидан мумкин аст:

- алоқаи воҳидҳои забон ва матн. Мушоҳидаҳо нишон додаанд, ки дар хотир нигоҳ доштани воҳидҳои нави забонӣ дар матн, дар байни калимаҳои аллакай шинос, дар ҳолатҳои алоҳида тибки принсипҳои "мозаика ё "пазла" хеле муфид мебошад. Яъне як

пора ба худаш дигар порчаҳоро пайваст мекунад ва ба ин васила ассосиасияи устуворро ташкил мекунад.

-алоқаи воҳидҳои лексикӣ ва эҳсосот. Қобили қайд аст, ки эҳсосоти мусбат маънои калимаҳои талаффузшударо ифода карда, ассосиатсияҳои устуворро, ки барои зуд дар хотир нигоҳ доштани калимаҳо мусоидат менамоянд, ташкил медиҳанд.

- алоқаи воҳиди забонӣ ва мақсади аз худ кардани он. Зимни азбаркунӣ ба мақсад ва аҳамияти фаъолияти дар раванди дарс аз тарафи хонанда иҷрошаванда такя намудан зарур аст;

-истифодаи рангҳои гуногун. Зимни аз бар кардан воҳидҳои навро аз руйи ҳиссаҳои нутқ тақсим карда, ибораҳои асосиро ё калимаҳои душвор азбаркунандаро бо ранги алоҳида хат кашидан лозим аст;

-аз ҳуруфи гуногун, ки ҳамчунон ба хусусиятҳои аксентии воҳидҳои лексикӣ, масалан ҷудо намудани ҳиҷҷои заданок дар калима, пешоянд ва зарфҳои феълҳои ибораҳо равона карда шудаанд, истифода бурдан муфид аст;

-воҳидҳои лексикиро зери мусиқии сурудҳои писандида низ гузоштан мумкин аст ва он низ алоқаи ассосиативии мукаммалро дар асоси ҳиссиёти мусбӣ ташаккул медиҳад;

- қофиябандии (ба рифм даровардани) воҳидҳои лексикӣ. Стратегия кӯшиҳои алоҳидаро дар ин самт тақозо менамояд. Вале дар хотир нигоҳ доштан корро осонтар мекунад. Кофияро хубтараш ба забони хориҷӣ интихоб кард. Қофияи ба забони модарӣ интихобгардида дар воҳидҳои лексикии забони хориҷӣ моҳияти ассосиатсияи фонетикии методро ошкор менамояд, масалан "ҳеҷ гоҳ фаромӯш накун, "сафед" ба забони англисӣ "white"; "сурх"-ранги писандидаи ман " red";

- воҳидҳои лексикиро метавон ба пиктограмма мубаддал намуд, яъне аз аломатҳо, символҳо, расмҳо, нақшаҳо истифода бурд. Ягон матнро доир ба мавзӯъ тартиб дода калимаҳоро ба символҳо тағйир додан мумкин аст;

-такрор намудани воҳидҳои лексикӣ дар бозиҳои гуногун (тавассути ҳаракатҳо, ашё, қолабҳо ва ғайра). Он вобаста ба синну соли таълимгирандагон , бо назардошти хусусиятҳои фардии онҳо, сатҳи забоназхудкунии онҳо бояд интихоб карда шавад. Масалан, дар ягон сурати зебо воҳидҳои лексикӣ, яъне калимаҳо ва маънои онҳо, ибораҳои феълӣ, ибораҳои таркиброро навишта, сипас, қисм ба қисм бурида ба тариқи пазл гирд овардан мумкин аст;

-талаффуз намудани воҳидҳои лексикӣ тавассути мимика, имову ишора, ҳаракатҳое, ки ба маънои он воҳидҳо наздикӣ доранд;

-истифода аз усули аудио-лингвалӣ, яъне таълим додани воҳидҳои лексикӣ, мустаҳкам кардани онҳо ва такрор намудани онҳо тавассути матнҳои дарсӣ, китобҳои аудиоӣ-шунавоӣ (лингофонӣ), филмҳо ба забони англисӣ;

-истифода аз воҳидҳои лексикиии дар пеши назар мавҷудбуда. Масалан дар ҳар як синфхона овезаҳо бо нақши ҷадвалҳо, нишондиҳандаҳои вақту соат, калимаҳои гуфтугуйӣ, фаслҳои сол, мавҷуданд. Барои осон гардонидани кор метавон ба хонандагон супориш дод, ки онҳо дар хона калимаҳои навро бо маъноҳояшон ва тарнскрипсияҳо ба ҳамин тарз дар он он ҷойҳое, ки бештар қарор доранд, часпонанд, яъне ин калимаҳои барояшон нав доимо пеши назарашон бошад. Ин ҷо қайд кардан ба маврид аст, ки дар ин усул зимни шунавонии воҳидҳои лексикӣ бештар шахси аввали шумораи танҳои калимаҳо ба кор бурда шаванд;

-варақачаҳо тартиб дода, калимаҳои азёдшавандаро дар онҳо навиштан лозим ва он варақачаҳоро бо худашон гирифта гаштанашон лозим аст. Аз онҳо ибораҳо созанд, гурӯҳҳои калимаҳоро ташкил кунанд (калимаҳоро аз руйи ягон мавзӯъ ба гурӯҳҳо ҷудо кунанд), мунтазам азёдкардаашоноро такрор карда истанд;

-аз худ кардани қоидаҳои иборасозӣ барои хуб фаҳмидани забон мусоидат мекунад. Пешвандҳо ва пасвандҳои калимасозро донистан имкон медиҳад, ки аз феълҳо сифатҳо, исмҳо сохта шаванд. Масалан: move (v) moving(adj), moved (adj), movement (n);

-ба задаи калимаҳо, тарзи талаффузи шифоҳӣ диққат додан лозим аст. Ин фаҳмидани маънои калимаҳоро дар матн (масалан ҳиссаҳои нутқ), инчунин талаффузи ибораҳоро осон мегардонад. Ба кор бурдани бозии “Wordweb” зимни луғатазбаркунӣ хеле қобили қабул аст. Он имкон медиҳад, ки дар як вақт бо якчанд маъноҳои лексикии калимаҳо шинос шаванд ва калимаҳои ҳаммаъноро интихоб намоянд (16);

- зимни мустаҳкамкунии воҳидҳои лексикӣ (масалан ба сифати супориши хонагӣ) ба таълимгирандагон маслиҳат додан лозим аст, ки воҳидҳои нави лексикиро дар вақтҳои муайяни рӯз аз ёд намоянд. Метавонанд вақти якхеларо интихоб кунанд ва на аз камтар аз 5 маротиба гап зананд, сипас, тадриҷан миқдори калимаҳои азёдшавандаро зиёд кардан гиранд. Зимни мустақилона омӯхтан бояд машғулият 20-30 дақиқаро дар бар гирад.

Стратегияҳои дар боло номбаркардашуда барои ғанӣ гардонидани таркиби луғавии таълимгирандагон мусоидат мекунад ва имкон медиҳад, ки онҳо на танҳо дар омӯзиши забони англисӣ, балки дигар фанҳо низ натиҷаҳои назаррас ба даст оранд, минбаъд дорои фарҳанги муоширaт гарданд, салоҳиятҳои коммуникативӣ-муоширатии забони хориҷӣ дар онҳо ташаккул ёбад, таълимгирандагон ҳамаҷониба рушд намоянд.

Дар раванди таълими забони хориҷӣ омӯзгор дар баробари омӯзиши забон хонадагонро барои аз худ кардани ин ё он малкаи забономӯзӣ далолат намуда, барои ташаккули тафаккури таълимгирандагон, инкишофи ирода, характер ва эҳсосотҳои зебоипарастию маърифатии онҳо бевосита мусоидат карда метавонад, зеро усули мазкур бо мақсадҳо ва мундариҷаи таълим алоқаи зич дорад. Дар раванди таълими забони хориҷӣ омӯзгор бояд тафаккури забонии таълимгирандагонро рушд диҳад, барои дар онҳо пайдо гардидани малакаи таҳлил намудани маводи омӯхташаванда ва сипас, хулоса баровардану ҷамъбаст намудани ин мавод мусоидат намояд ва дар ин замина ба таълимгирандагон малкаи мустақилона фаъолият намуданро тақвият бахшад.

Чуноне, ки дар барномаҳои таълимӣ таъкид мегардад, мақсади асосӣ дар раванди дарсҳои забони хориҷӣ бояд дар таълимгиранда инкишоф додани чор малака-шунидану дарк кардан, гап задан, хондан ва навиштан ташаккул дода шаванд.

Дар ин ҷодда аз тарафи мутахассисон барои таълимгирандагони ҳамагуна синну сол бозиҳои гуногуни дидактикӣ пешниҳод гардидаанд. Ин бозиҳо пеша аз ҳама мазмуну мундариҷаи таълим ва тарбияро дар худ дарҷ менамоянд. Бозиҳои дидактикӣ аз ҷиҳати мазмуни таълим, фаъолияти хонандагон ва қойидаҳои ташкили бозӣ, муносибатҳои байниҳамдигарии таълимгирандагон ва аз ҷиҳати тарбиявӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд (Ниг. 1,8,10,12,16).

Бозиҳоро дар давраҳои гуногуни дарсҳо гузаронидан мумкин аст, вале он аз шароити мусоиде, ки омӯзгор фароҳам меоварад, вобаста аст. Онҳо метавонанд вобаста ба мақсадҳои дарс ё дар раванди мустаҳкамкунии дарс, ё фаъол гардонидани нутқи хонандагон доир карда шаванд ва ё умуман худи ҷараёни дарс пурра ба таври бозӣ сурат гирад. Макон ва замони барпо намудани бозиҳо аз як қатор омилҳо, ба амсоли омода намудани хонандагон, маводи омӯхташаванда, мақсад ва шароити дарс вобаста аст. Доир гардидани бозиҳо аз фанни забони хориҷӣ (дар тадқиқоти мо забоин англисӣ) дар кадом шароите, ки набошад, танҳо бо мақсади самаранок гардидани раванди таълими фан ва рушди салоҳиятҳои коммуникативӣ-муоширатии таълимгирандагон ва соҳиб гардидан ба малакаи забономӯзии онҳо равона карда мешавад.

Бояд иброз дошт, яке аз мушкилоти мубраме, ки дар методикаи таълими забони англисӣ ҷой дорад, ин ташаккули малакаи грамматикии (имлоии) таълимгиандагон мебошад. Пажӯҳишгарони ин соҳа собит намудаанд, ки барои ташаккули малакаи грамматикӣ бозиҳо, ба ибора бозиҳои дидактикӣ нақши бориз доранд.

Бозиҳои грамматикӣ бо мақсади ба таълимгирандагон ёд додани намунаҳои нутқ, ки мушкилоти муайяни грамматикиро дар бар мегирнад, ташкил намудани ҳолатҳои воқеӣ барои истифода намудани ин намунаҳои нутқ, инкишоф додани нутқи фаъол ва мустақилонаи таълимгирандагон доир карда мешавад. Намудҳои онҳо хеле зиёданд ва ҳар яке бо мақсади дуруст дар муошират кор фармудани ягон ҳиссаи нутқ, чунончи тасрифи

дурусти замонҳои феъл ба забони англисӣ, дуруст истифода бурдани ҷонишину пайвандакҳо, тартиб додани ҷумлаҳои соддаву мураккаб, сохтани хелҳои ҷумлаҳои саволӣ, дуруст гузоштани савол, тартиб додани матн, саҳеҳ тарҷума кардани калимаҳо ва ғайра ташкил карда мешаванд. (ниг. 16).

Чунончи бозии "**Бинго**" яке аз бозиҳои шавқовару ҷолиб буда бештар барои донишҷӯён пешниҳод карда мешавад. Бозӣ мавзӯҳои лексикӣ ё грамматикиро дар бар мегирад Тартиби ташкили он чунин аст, ки як дар назди донишҷӯ як катор расмҳо гузошта мешаванд. Донишҷӯ ҷумлаеро бо калимаи дар он расм тасвирёфта тартиб дода, бо мӯҳрача он расмро мекушояд. Мақсади бозӣ аз он иборат аст, ки қатори горизонталӣ (уфуқӣ) ва амудӣ бо калимаҳои лозима пур карда мешаванд. Бозӣ ба тариқи ҳамкорӣ сурат мегирад. Шарики ҳамбозӣ рафти бозиро назорат мекунад ва агар дар ҷумлаи тартибдода ғалатиеро мушоҳида кунад, ба гузоштани мӯҳрача монеъ мешавад.

"**Ball-game**" низ ҳамчунон барои донишҷӯён тавсия карда шуда, он хосияти муоширатӣ дорад. Дар ин бозӣ ду нафар донишҷӯён дар утоқе, ки барои корҳои амалӣ ҷудо карда шудааст, тӯбчаеро ба якдигар суҳбаткунон мепартоянд. Кӯшиш менамоянд, ки муошират таъхир наёбад. Супоришҳо ҳар хел мешаванд-тарҷумаи калимахо аз рӯйи мавзӯъҳои гуногун аз русӣ ба англисӣ ва ё бараъкс; ҷавобҳо ба саволҳо; тартиб додани ҷумлаҳои сода бо калимаҳое, ки оид ба ин мавзӯйи грамматикӣ; тартиб додани матн ва ғайраҳо.

Дигар бозиҳое, ки барои аз худ намудани грамматикаи забони англисӣ хеле мавриди қабуланд, ин силсилабозиҳои spelling мебошад. Ин бозиҳо аҳамияти фонетикӣ дошта бо мақсади омӯзонидани тарзи дурусти талаффузи калимаҳои англисӣ барпо карда мешаванд. Махсусан ин ҷо усули аудиоӣ-шунавоӣ хеле самарабахш мебошад. Якчанд таркибҳо (барои мисол sh, skate, ch, a, wh, th, w, a) пешниҳод карда мешаванд ва аз муҳасиллин талаб карда мешавад, ки бо онҳо калима созанд. Қайд кардан лозим аст, ки таркибҳо вобаста ба синну сол ва сатҳи дониши гирифтаи омӯзандагон интихоб карда мешаванд.

Бозии дигаре, ки барои аз худ намудани грамматикаи забони англисӣ хеле ҷолиб аст, **Music Passage** номгузорӣ гардидааст . Ягон нафар донишҷӯ ё омӯзгор фитаеро бо сабти якчанд овози мусиқие, ки мавзӯъҳои ҳархеларо тасвир мекунанд, ба синфхона меорад ва порчае аз он шунавонида мешавад. Ин амал бояд 2-3 дақиқаро фаро гирад. Сипас, донишҷӯ нақл мекунад, ки зимни гӯш андохтан кадом образу хотираҳо пеши назараш ҷилвагар гардид. Яъне бозии мазкур барои инкишофи нутқи мустақилона, инчунин ташаккули салоҳияти дарки эстетикию маънавии хонанда равона карда мешавад.

Дигар бозӣ ин "**Таҳвил**" (Тарнсформатсия)(яъне иваз намудани ҷойи калимаву ибора дар ҷумла) мебошад. Ташкили ин бозӣ барои донишҷӯён хеле манфиатовар аст. Мақсади бозии номбурда кор карда баромадани суръати модификатсионии сохторҳои (таркибҳои) грамматикӣ мебошад. Чунончи:

Дараҷаи аввал: "I clean my teeth." -> She -> "She cleans her teeth." -> They -> "They clean their teeth." -> Not -> "They don't clean teeth." -> He -> "He doesn't clean teeth." -> Why -> "Why does he clean teeth?" -> Where -> "Where does he clean teeth?" -> We -> "Where do we clean teeth?" ->

Дараҷаи дуюм: Now -> "Where is he cleaning teeth?" -> Yesterday -> "Where did he clean teeth .(ниг.16).

Барои ҳар як ҷавоби қанотбахш донишҷӯ сазовори як саққочае мегардад ва ҳар нафаре, ки бештар ба даст оварад, ғолиб дониста мешавад. Агар модели ё қолаби истифодашуда душворӣ кунад, донишҷӯ метавонад онро иваз карда, модели дигарро интихоб намуда, давом диҳад.

Бозии "**Puzzle**". Ин бозӣ дар атрофи ягон мавзӯи лексикӣ ё грамматикӣ доир карда мешавад. Аз донишҷӯ талаб карда мешавад, ки ягон нақли хурд ба тариқи Puzzle тартиб диҳад. Ин нақл аз ҷумлаҳои алоҳида вобаста ба ин мавзӯъ тартиб дода мешавад. Пас, аз изҳори нақли донишҷӯ шарики ӯ бояд ошкор кунад, ки дар он чӣ ё кӣ ба таври рамзӣ дар назар дошта шудааст. Вобаста ба мавзӯи нақл (масалан шакли зоҳирии инсон) бояд

шарики бозӣ фош кунад, ки ин рамзҳо ба ягон қаҳрамони филме, ё асаре, ҳунарманде, ҳофизе, ё дар бораи ҳайвоне(агар дар бораи мавзӯи "Ҳайвонот" бошад) ва ё дар бораи намуди ягон хӯрок (агар мавзӯъ "Хӯрок" бошад) тааллуқ дорад.

Рафти бозӣ бояд якчанд маротиба такрор ёбад, то ки калимаҳо зуду равон аз худ шаванд. Барои нақли пурра ва суръати тартиб додани он иштирокчиён бояд мукофотонида шаванд. Бояд қайд кард, ки бозии мазкур ба хотири вусъат додани лаҳни донишҷӯён ва саргарми бозӣ шуда такрор намудани мавзӯҳои гузашта, дар донишҷӯён ба вуҷуд овардани малакаи зуд дар хотир нигоҳ доштани калимаҳо ва сайқал додани ҳофиза истифода бурда мешавад.

Инчунин вобаста ба мавзӯъҳо дар дарсҳои англисӣ тартиб додани сканворду кроссвордҳо, чайнворд, филвордҳову анаграммаҳо дар омӯзиши грамматикаи забони мазкур ва инчунин аз ҷиҳати психологию педагогӣ низ аҳамияти хеле муфид дошта шавқу рағбати таълимгирандагонро барои омӯхтани забон зиёд мегардонанд.

Чуноне ки болотар ёдовар гаштем, бозиҳои дидактикӣ аз ҷиҳати мазмуни таълим, қоидаҳои ташкили бозӣ, фаъолияти маърифатии таълимгирандагон, муносибатҳои байниҳамдигарии онҳо ва аз ҷиҳати самти тарбия аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Масалан татбиқи бозиҳое, ки ҳолатҳои имитатсионӣ ё ҳолатҳои воқеии моделкардашуда ё фарзкардашудаи ҳаётиро инъикос менамоянд (аз қабили нақшофарӣ дар анҷуманҳо, суҳбатҳо дар атрофи мавзӯъҳои муҳити атроф, гузаронидани бозиҳо аз фаъолияти соҳаҳои иҷтимоӣ (тартибу интизом, суду полису ақди никоҳу ва ғайра дар назар дошта мешавад), олимпиадаҳо, викторинаҳо ва ғайра хусусияти ояндадорӣ дошта ба таълимгирандагон барои оянда дар амал истифода бурдан аз манфиат орӣ нестанд. Қобили қайд, ки ин бозиҳои дидактикӣ на танҳо хусусияти маърифатӣ доранд, балки барои васеъ намудани ҷаҳонбинӣ ва рушди шахсияти муҳассилин хеле муассиранд.

Бояд таъкид кард, ки бозиҳое, ки ҳолатҳои имитатсионӣ ё ҳолатҳои воқеии моделкардашуда ё фарзкардашудаи ҳаётиро инъикос менамоянд, хароҷот, вақти зиёд ва саъю кӯшиши махсусро талаб мекунанд. Омӯзгор рафти ташкили онро ба таври моделсозӣ пешакӣ омода мекунад ва мушкилоти эҳтимолан бавуқӯъояндаро пешакӣ муайян менамояд. Дар синфхона баробари пешниҳод намудани бозии дидактикӣ пурра хонда додани дастуру нишондодҳои бозиро бо мақсади ба вуҷуд овардани вазъият(ҳолати мушкилотӣ) қатъи назар менамояд. Нақшҳоро метавонад омӯзгор ҷудо кунад ё худи таълимгирандагон интихоб намоянд. Барои аз худ кардани нақшҳо вақти муайян лозим аст, ҳоалтҳое талаб карда мешавад, ки ба худи нақш, яъне ба образ ворид шудани иштирокчиро талаб мекунад. Тибқи нақша, муҳокимаи рафти бозӣ ва натиҷаҳои он бояд аз тарафи худи таълимгирандагон сурат гирад.

Чуноне ки мушоҳидаҳои ҳамарӯза дар факултетҳои ғайризабонӣ нишон медиҳанд, бозиҳои дидакатикии компютерӣ дар дарсҳои забони англисӣ яке аз воситаҳои ташаккули саводнокии компютерӣ, шиносоӣ бо забонҳои барномасозӣ, ташаккули малакаҳои муошират ва фаъолият маҳсуб меёбанд.

Дар дарсҳои забони англисӣ ташкил намудани бозиҳои тиҷоратӣ хеле манфиатнок мебошанд. Ин бозиҳо аслан ба таври тақаллуб, моделсозии соҳаҳои истеҳсолот ба роҳ монда мешаванд. Онҳо аслан дар дар доираи донишҷӯёни муассисаҳои олӣ, ба хусус олии касбӣ доир мегарданд, яъне дар он ҷое, ки таълим ба самти ташаккул ва такмили малакаҳову маҳорати конкретӣ дар ҳаёти воқеӣ равона карда шудааст. Шартҳои он фавран ба таври оҷилӣ дида баромадани ҳолати ягон кор, ҷустуҷӯ намудани иттилооти лозима, ҳалли масъалаҳои баногоҳ бавуқӯъояндаро дар бар мегиранд. Махсусияти ин бозиҳо дар пешниҳод намудани маводи таълимӣ, бозсозии сохтор ва ҷузъҳои фаъолияти функсионалии он тавассути модел дарҷ мегардад. Маҳз ба туфайли ин хусусиятҳояшон бозиҳои тиҷоратӣ барои истифода гардиданашон дар фаъолияти воқеӣ имконият пайдо менамоянд.

Дар ин зимн бояд қайд кард, ки доир намудани бозиҳое, ки ба самти касбу кор равона гардидаанд, бештар дар муаассисаҳои касбию техникӣ сурат мегиранд ва ҷиҳати асосии усули

самаранокии таълимро ташкил медиҳанд. Чунин бозиҳо барои ташаккули салоҳиятҳои касбию коммуникативӣ, худмаърифатнамоӣ, масъулиятшиносӣ нақши назаррасе дошта барои дар оянда ҳамчун мутахассис тарбия ёфтани муҳасиллин мусоидат менамоянд.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки вақтҳои охир чи дар байни хонандагони макотиби миёна ва чи донишҷӯёни муассисаҳои олӣ, ба хусус дар факултаҳои ғайризабонӣ ташаккули дурусти малакаҳои дарк кардан, яъне шунида фаҳмидан, гуфтор, хондан ва навиштан мушоҳида карда намешавад. Ин мушкилӣ сабабҳои объективӣ ва субъективӣ доранд. Бо мақсади бартараф намудан ин ҳолатҳо омӯзгоронро лозим меояд, ки дар самти амалӣ намудани барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз худ намудану ҷорӣ намудани стратегияи рушди забонҳои русӣ ва англисӣ кӯшиши бештаре ба харҷ диҳанд. Барои самаранок ва натиҷабахш гардидани таълими забонҳои хориҷӣ, махсусан забони англисӣ, масъулият хосса эҳсос намоянд, роҳу усули беҳтарини забонаҳудкуниро ҷустуҷӯ намуда, барои ташаккули салоҳиятҳои касбию коммуникативии муҳассилин шароитҳои мувофиқу дастрасро фароҳам оваранд. Мақсади асосии таълим бояд дар он бошад, ки муҳассилин шавқу рағбати худро нисбат ба забономӯзӣ аз даст надиҳанд. Асосгузори сулҳу ваҳдат- Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои гуногун дар баромадҳои худ аз зарурияти омӯзиши забонҳои англисӣ ва русӣ ёдовар гардида ҷиҳати рушду такомули онҳо андешидани татбирҳои лозимаро дастур медиҳад:"Ҳанӯз соли 2003 Фармони Президенти кишвар дар бораи такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русиву англисӣ қабул шуда буд. Вале таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки натиҷаҳо дар ин масъала чандон қонеъкунанда нестанд.

Агар мо хоҳем, ки бо ҷомеаи пешрафтаи башар баробар қадам гузорем, бояд ба ин масъала эътибори ҷиддӣ диҳем. Аз ин лиҳоз, ба Ҳукумати мамлакат, вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, Академияи илмҳо супориш дода мешавад, ки дар нимсолаи аввали соли 2019 барномаи нави такмили таълими забонҳои русӣ ва англисиро барои давраи то соли 2030 таҳия ва пешниҳод намоянд.

Бори дигар хотирнишон месозам, ки мо ин корро барои худамон, яъне ба хотири баланд бардоштани сатҳи маърифат ва тавсеаи ҷаҳонбинии наврасону ҷавонони кишвар мекунем, на бо мақсади дигар."(9).

Аз пешниҳодоти муҳаққиқони соҳа ва таҷрибаву мушоҳидаҳои солҳои охир равшан мегардад, ки беҳтарин усул дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ методҳои коммуникативӣ ва интерактивӣ мебошанд . Дар дарсҳо ҷорӣ намудани ин усулҳо бояд ҳанӯз аз марҳилаҳои аввали таълим дар мактаб оғоз гардида, сипас дар донишкадаҳо такмил ёбанд. Умуман раванди омӯзиши забони англисӣ бояд вобаста ба тақозои ҷомеаи муосир, пешрафти босуръати илму техника, вусъати ҳамкорҳои дуҷониба байни давлату миллатҳои гуногун ба роҳ монда шуда, ҳамеша дар такомулу навовариҳо қарор дошта бошад. "Раванди дар мухлати кӯтоҳтарин омӯхтан ва омӯзонидани забонҳои хориҷӣ ба пайдоиши методҳои "интенсивӣ" – босуръат ё сареъ оварда расонд"(16). Аз ин рӯ, принсипи асосии кори омӯзгори имрӯза на танҳо аз таъсири маъқсаднок расонидан ба ҳар як донишҷӯ иборат бошад, балки ӯ бояд барои ба роҳ мондани фаъолияти якҷояи муҳассилин талош намояд.

**АДАБИЁТ:**

1. Бабкина Н.В. Использование игр и упражнений в учебном процессе // Начальная школа, 1988.-№4.

2.Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004ғ2014.

3.Гальскова Н.Д. Современная методика обучения иностранным языкам: Пособие для учителя.-М.;АРКТИ 2003.-192 с.

4.Зиёӣ Х.М. Муносибати босалоҳият ба таълим: Масъалаҳои умуминазариявӣ ва роҳҳои татбиқи амалӣ. Душанбе, 20018.-110 с.

5.Зиёӣ Х.М. Роҳҳои татбиқи таҳсилоти босалоҳият дар зинаи касбӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таълимӣ. Душанбе, "Ирфон", 2018, с.19.

6. Зимняя И. Ключевые компетеции как компонент личностно-ориентированной парадигмы образования. Народное образование-2003.№2.

7. Концепция коммуникативного обучения иноязычной культуре в средней школе. Поосбие для учителей/под ред. Е.И.Пассова, Н.Б.Царьковой.-М.-Просвещение,1993.-127 с.

8. Ливингстоун К. Ролевые игры в обучении иностранным языкам – М.: Высшая школа, 1988.-101 с.

9. Паёми Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. http://www.president.tj/ru.

10. Семенова Т.В. Дидактические игры как средство обучения иностранному языку обучающихся начальной школы.Москва-2011.

11.Стронин М.Ф. Обучающие игры на уроке английского языка (Из опыта работы). Пособие для учителя. М.: Просвещение, 1981.

12. Теплякова, О.Н. Развивающие игры. Оникс 21 век ,2010 г.

13.Туронов С.Муносибати босалоҳият дар таҳсилоти касбӣ.Душанбе,2018.126с.

14.Шанский Н.М., Резниченко И.Л., Кудрявцева Т.С., Клименко Г.В. Что значить знать язык и владеть им. Лениград "Просвещение", 1989. С.155.

15.Якушина Л.З. Методика построения урока иностранного языка в средней школе.Москва-Педагогика-1974. .98 с.

16.Сомонаҳои интернетӣ: www.gumer.info/bibliotek_Buks/Pedagog/russpenc/05.php

**Ҳасанов Ф.**

## РОҲУ УСУЛҲОИ САМАРАБАХШИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ

Дар мақолаи мазкур истифодаи роҳу усули анъанавӣ ва муосир дар омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таълимӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф ибрози ақида намудааст, ки бозиҳои дидактикӣ барои омӯзиши забони хориҷӣ мавқеи хосса дошта, ҷихати асосии самаранокии таълимро ташкил менамоянд. Амалан истифода бурдани онҳо дар раванди дарсҳо барои ташаккули малакаи забономӯзӣ ва салоҳиятҳои коммункативӣ-муоширатии донишҷӯён самарабахш ва қобили қабул аст.

**Калидвожаҳо:** таҳсилот, таълим, муошират, раванд, забони англисӣ, коммуникатсия, салоҳият, донишҷӯ. бозӣ, дидактика, грамматика, имло, забоншиносӣ.

**Хасанов Ф.**

## МЕТОДИКА ЭФФЕКТИВНОГО ОБУЧЕНИЯ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА В ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ

В данной статье рассматривается традиционные и современные методы обучения английского языка в образовательных учреждениях. Автор подчеркивает, что использование игры в прцессах обучения английского языка имеет большое значение для формирования новых умений и навыков, также формирования лингвистических и коммуникативных компетенциях.

**Ключевые слова:** образование, обучение, коммуникация, общение, процесс, английский язык, компетенция, лингвистика, лексика грамматика, дидактика, игры, студент.

**Hasanov F.**

## METHOD OF EFFECTIVE TRAINING OF ENGLISH LANGUAGE IN EDUCATIONAL INSTITUTION

In this article it is considered traditional and modern methods of training of English language in educational institutions. The author underlines that game use in process training of English language is of great importance for formation of new skills, also formations linguistic and communicative competence.

**Keywords:** formation, training, communications, dialogue, process, English language, the competence, linguistics, lexicon grammar, didactics, games, the student.

**Сведения об авторе: Хасанов Фарход Зикруллоевич**- сосикатель Дангаринского Государственного Университета **988125156**

**Information about the author: Khasanov Farhod Zikrulloevich** - job seeker to the Dangara State University 988125156

**Дж. РАХИМОВ**
**С. ЗАРДИЕВА**

# РОЛЬ ИНОСТРАННЫХ ЯЗЫКОВ В СОВРЕМЕННОМ МИРЕ

Вследствие глобальных изменений в обществе, как в Таджикистане, так и во всем мире, изменилась и роль иностранного языка в системе образования, и из простого учебного предмета он превратился в базовый элемент современной системы образования, в средство достижения профессиональной реализации личности. Современная система обучения иностранному языку, согласно новой языковой политике, характеризуется тем, что, во-первых, практическое владение иностранным языком стало насущной потребностью широких слоев общества, и, во-вторых, общий социальный контекст создает благоприятные условия для дифференциации обучения иностранному языку. В данной работы заключается в том, что в ней рассматриваются современные методы и технологии обучения иностранному языку в школе и в вузах на основе требований ТГОС нового поколения (Таджикского Государственного Образовательного Стандарта). Новая социально-экономическая и политическая ситуация требует реализации в обществе языковой политики в области иноязычного образования, нацеленной на удовлетворение как общественных, так и личных потребностей по отношению к иностранным языкам. Если в предыдущие десятилетия 20 века круг людей в Таджикистане, у которых была необходимость общаться на иностранном языке, был достаточно узок, то в настоящее время ситуация изменилась. Коммуникационные и технологические преобразования в обществе вовлекли как в непосредственное, так и опосредованное общение (например, через систему Интернет) довольно большое количество людей самых разных профессий, возрастов и интересов. Соответственно возросли и потребности в использовании иностранного языка. Приоритетную значимость приобрело обучение языку как средству общения и обобщения духовного наследия со изучаемых стран и народов. Тем не менее, интегративный подход к обучению родному и иностранным языкам в школе и в вузе далеко не всегда реализуется должным образом, особенно в области развития культуры речи (развития таких компетенций, как речевая, коммуникативно-стратегическая, дискурсивная, социокультурная и некоторые другие).

Цель обучения иностранному языку в настоящее время - это развитие коммуникативных умений и навыков обучаемых, то есть практическое владение иностранным языком. Главную цель подготовки также составляет такое владение иностранным языком, которое позволяет использовать его для устного и письменного общения, как в процессе будущей профессиональной деятельности, так и для дальнейшего самообразования. В совокупности с другими компетенциями иноязычного общения учебная компетенция в дальнейшем даст каждому из выпускников возможность быть успешным в профессиональной сфере и полностью реализовать себя как личность. Задача преподавателя состоит в воспитании личности, способной к общению, к самообразованию. Необходимым для современного процесса обучения иностранным языкам является создание оптимальных условий для того, чтобы сделать этот процесс содержательным, эффективным и интересным для обучаемых [3, с. 118].

Знание языков помогает не только общаться, но и изучать культуру, историю, традиции иноязычных стран. Обучение иностранным языкам стало предметом обсуждения в международном масштабе. Об этом свидетельствуют материалы научно-методических конференций, научно- экспериментальная разработка методических проблем, проводимая в нашей стране и за рубежом. С этой целью преподавателями используются различные методы и приемы, которые помогают активизировать работу учеников. При этом неоценимую помощь в этом процессе оказывает использование компьютерных технологий и ресурсов сети Интернет. Существует множество учебников, словарей, руководств, методик, учебных программ по изучению иностранных языков. Преподаватели нового поколения должны уметь квалифицированно выбирать и

применять именно те технологии и пособия, которые в полной мере соответствуют содержанию и целям изучения дисциплины, способствуют достижению гармоничного развития обучаемых с учётом их индивидуальных особенностей[5, с.331].

Содержание обучения должно быть направлено на развитие мотивации студентов к изучению иностранных языков и на формирование умений во всех видах иноязычной речевой деятельности, развитие общих учебных умений и навыков. Получение учащимися опыта учебной, познавательной, коммуникативной, практической и творческой деятельности.

Диалог культур ориентирует на усиление культуроведческого аспекта в содержании обучения иностранному языку, приобщая школьников к культуре своей собственной страны и развивая у них умения ее представлять средствами иностранного языка. Моделирование ситуаций диалога культур на уроках позволяет сравнивать особенности образа жизни и стилей жизни людей в нашей стране и странах изучаемого языка, обычаев и канонов культуры в этих языковых сообществах.

Сегодня в центре внимания - студент, его личность, неповторимый внутренний мир. Поэтому основная цель современного учителя - выбрать методы и формы организации учебной деятельности учащихся, которые оптимально соответствуют поставленной цели развития личности.

В последние годы все чаще поднимается вопрос о применении новых информационных технологий в школе и в вузе. Это не только новые технические средства, но и новые формы и методы преподавания, новый подход к процессу обучения. Основной целью обучения иностранным языкам является формирование и развитие коммуникативной культуры школьников или студентов, обучение практическому овладению иностранным языком [ 4, с.3-4].

Вследствие глобальных изменений в обществе, как в Таджикистане, так во всем мире, изменилась и роль иностранного языка в системе образования, и из простого учебного предмета он превратился в базовый элемент современной системы образования, в средство достижения профессиональной реализации личности.

*Естественный метод.* Целью обучения является достижение обучающимися среднего уровня владения иностранным языком. Педагог никогда не обращает внимания обучаемых на ошибки в речи, так как считается, что это может затормозить развитие речевых навыков. Ранний продуктивный период начинается с момента, когда пассивный словарь учащихся достигает около 500 словарных единиц.

С точки зрения педагогики, главными составляющими инновационного подхода к обучению являются *деятельностный подход*. В основе данного подхода лежит представление о том, что функционирование и развитие личности, а также межличностные отношения учеников опосредуются целями, содержанием и задачами социально значимой деятельности.

